**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФИ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳукми дастнавис*

**ТДУ:372.800.8(575.3)**
**ТБК:74.202(2т)**
**К -12**

**ҚАЮМОВА ҲУРИЛИҚО ТАҒАЙЕВНА**

# НАҚШИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ТАШАККУЛИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарефти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ**
**аз рӯи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ,**
**таърихи педагогика ва таҳсилот**

**Мушовири илмӣ: Лутфуллозода Муҳаммад – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон**

**ДУШАНБЕ – 2025**

# МУНДАРИҶА

**Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ.........................................4**

**МУҚАДДИМА...........................................................................................5**

**БОБИ 1. ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР АСОСИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИЮ ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН.......................................................................................................24**

1.1. Асарҳои мутафаккирон ва педагогикаи халқӣ дар бораи тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ.........................................................................................24

1.2. Моҳияти иҷтимоии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ...........................................63

1.3. Мавқеи мавзуи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар стандартҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои тарбиявӣ.......................................................................................................84

**Хулосаҳои боби якум........................................................................100**

**БОБИ 2. ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ҲАМГИРОИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ,СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР АСОСИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК** ..........................................................104

2.1. Тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ,сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ..............................................104

2.2. Аҳаммияти ҳамкории педагогӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ...........................................................................................128

2.3. Таъсири тарбияи дастаҷамъӣ дар тарбияи мафҳумҳои асосии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ...........................................................................................151

**Хулосаи боби дуюм**.........................................................................168

**БОБИ 3. ИСТИФОДАИ УСУЛҲО ВА ВОСИТАҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР АСОСИ МЕРОСИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК**..........................................................171

3.1.Восита ва усулҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси ғояҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқӣ.................................171

3.2.Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълиму тарбия ..........................................193

3.3. Фаъолияти роҳбари синф оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ...............215

**Хулосаи боби сеюм........................................................................240**

**БОБИ 4. ҲАМКОРИИ ҶОМЕА, МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОИЛА ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ**.....244

4.1. Аҳаммияти муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.............. 244

4.2. Таъсири ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила ба тарбияи сифатҳои асосии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҷараёни тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ............................................. 274

4.3. Ҷамъбасти кори таҳқиқотию озмоишӣ .......................................300

**Хулосаи боби чорум**..................................................................312

**Хулосаи умумӣ**........................................................................317

**Рӯйхати адабиёт ва маъхазҳои истифодашуда**...............................323

# НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

АТТ – Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

ПРМ – Пажӯҳишгоҳи рушди маориф

КОА– Комиссияи олии аттестатсионӣ

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

СММ - Созмони Миллати Муттаҳид

МТМУ – муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

МТ - муассисаҳои таълимӣ

ГН – гурӯҳҳои назоратӣ

ГО – гурӯҳҳои озмоишӣ

ДДК – донишгоҳи давлатии Кӯлоб

ИШ – Иттиҳоди Шуравӣ

ИҶШС - Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустаъқил

НБО-и Роғун – нерӯгоҳи барқию обии Роғун

АШ - Артиши Шуравӣ

АВО – ассотсиатсияи волидон ва омӯзгорон

ЮНЕСКО – муассисаи махсуси Созмони Миллали Муттаҳид оид ба маориф, илм ва фарҳанг аст, ки мавзеъҳоро ба Феҳристи мероси умумиҷаҳонӣ шомил мекунад. (ЮНЕСКО 16 ноябри соли 1945 дар СММ таъсис ёфтааст).

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Зиндагии кунунӣ дар назди илми педагогикаи муосир проблемаҳои навро ба миён гузошта, равишҳои навинро дар татбиқи онҳо тақозо менамояд. Проблемаи тарбияи насли наврас дар ҳамаи марҳилаҳои таърихию иҷтимоии рушди ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи олимони соҳаи педагогика қарор дошта, на танҳо дар асарҳои илмию адабӣ, балки дар мероси педагогикаи халқӣ низ инъикос ёфтаанд. Дар ин робита, барои омӯзиши ҳаматарафаи афкори педагогӣ ва рушди он таҳқиқоти ақидаҳои педагогии маорифпарварони гузашта, олимон, нависандагон, инчунин ғояҳои дар эҷодиёти хаттӣ ва шифоҳии мардумӣ инъикосёфта аз аҳамият бархӯрдор мебошанд.

Проблемаи тарбияи насли наврас ҳамеша барои кишварҳои дорои иқтисодиёти давраи гузариш мубрам мебошад, зеро дар он кишварҳо ҳамзамон бо тағйирот дар соҳаи ҷамъиятию сиёсӣ дар шуури инсонҳо ҳам таҳаввулоти назаррас ба вуқуъ меоянд. Бинобар ин, ба масъалаи тарбияи ахлоқии насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад.

Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва масъалаҳои ҳимояи манфиатҳои миллии давлат, хизмат ба Ватан дар қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" инъикос ёфтаанд, ки дар он сиёсати давлат дар соҳаи тарбияи насли наврас муайян карда мешавад. Санади мазкур моҳият, ҳадаф, вазифаҳо ва муҳтавои тарбияро дар марҳилаи нави таърихӣ ба низом даровардa, нақш ва аҳаммияти онро дар ташаккули шахсияти инсони муосир муайян менамояд.

Шукуфоии ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарбияи шахсияти дорои дараҷаи баланди ахлоқӣ, олами ботинии ғанӣ, бо эҳсосоти волои ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва таҳаммулпазирӣ вобастагӣ дорад.Дар бораи аҳаммияти тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, такмилёбии сифатҳои мазкур дар низоми таҳсилот санадҳои меъёрӣ ва қонунҳо аз қабили Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Консепсияи миллии таҳсилот” ва “Консепсияи миллии тарбия” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак”, ки қабул гардидаанд, шаҳодат медиҳанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин барномаҳои ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба тасвиб расидаанд, ки дар онҳо вазифаҳои асосӣ ва самтҳои ояндадор дар ин бобат муайян карда шудаанд.

Аҳаммияти мавзуи таҳқиқот дар он аст, ки дар ҷанбаҳои гуногуни мероси педагогии халқии мардуми тоҷик ба сифати мавзуъ ва ҳадафи асосӣ тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас интихоб гардидааст ва дар мероси педагогикаи халқӣ (хаттию шифоҳӣ) назария ва амалияи тарбияи инсон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ эҷод шудаанд. Ба инсон барои мулоҳиза кардан ва меҳру муҳаббатро нисбат ба кишвар эҳсос намудан, дар ӯ эҳсоси эҳтиром ва ҳамдардӣ нисбат ба дигар инсонҳоро бедор намудан басо муҳим аст. Мунокишаю ҷангҳо, муқовимат ва ҳамин гуна падидаҳои манфӣ дар давоми ҳазорсолаҳо ҳамсафари насли башар будаанд. Имрӯз ҳам онҳо аз ҷумлаи проблемаҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ба шумор меравconfigured. Аз ин рӯ, созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили СММ, ЮНЕСКО, Шурои Аврупо ҳуҷҷатҳои сершуморро оид ба ин масъала қабул кардаанд, ки дар мубориза бо таҳаммулнопазирӣ, хурофоти динӣ, табъизи нажодӣ ва этникӣ, инчунин бо бадбинӣ, бегонатарсӣ ва антисемитизм саҳми назаррас гузоштаанд. Соли 1993 Созмони байналмилалии ЮНЕСКО барномаи таҳти унвони “Дар роҳи фарҳанги сулҳ” –ро омода намуда, ба тасвиб расонд. Ҳадафи ин барнома, ки барои солҳои тулонӣ пешбинӣ шудааст, ташаккул ва татбиқи ғояҳои сулҳпарварона, фарҳанг, таҳаммулгароӣ ва ғайризӯроварӣро ташкил медиҳад. Дар ин робита, илми педагогика бояд бо замони муосир ва талаботи тарбияи ахлоқӣ ба дараҷаи хеле бештар алоқамандӣ дошта бошад. Бо замони муосир мушкилӣ дар пайдо кардани арзишҳои мушаххаси педагогӣ дар

шаклҳои гуногуни мероси педагогии халқӣ ва онро ба педагогикаи кунунӣ дар амал наздик намудан мебошад. Нақши фарҳанги педагогӣ дар педагогикаи муосирро баррасӣ намуда, мо бояд ба таносуби умумии назария ва амалияи ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилотӣ такя намоем. Ҷанбаҳои гуногуни мероси педагогии халқи тоҷик маводи педагогие мебошад, ки тибқи мантиқи дохилӣ аз қонуниятҳои инкишофи фарҳанги педагогӣ, умуман ҷудонопазир аст, дар ниҳояти кор, он бо қонуниятҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас вобастагӣ дорад. Ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун такомули маънавии насли наврас бояд дар маркази таваҷҷуҳи илми педагогикаи муосир қарор дошта бошад. Танҳо чунин тарзи гузориши масъала қодир аст, ки ба зиндагии мо, ба инсони навин, ба мавҷуди маънавии муосир, ба амалияи педагогӣ масъалаҳои назариявӣ ва амалии дорои аҳаммияти мубрамдоштаро, махсусан дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ наздик намоянд.

Нахуст асоси проблемаи таҳқиқшаванда дар мероси пешқадами педагогикаи халқии тоҷикон дар китоби муқаддаси Авесто матраҳ шудааст. Дар ин қомуси ба худ хоси мероси педагогикаи халқӣ тасаввурот, ақидаҳо ва меъёрҳои тарбияи ахлоқӣ ҳифз шудаанд. Дар Авесто муносибатҳои ахлоқӣ, аз қабили оила, Ватан, дӯстӣ, эътибор, ифтихор, меҳру муҳаббат, меъёрҳои тарбиявӣ сарвати маънавӣ ва покизагии ахлоқ ба шумор мераванд. Ҷанбаи инсонӣ ва башардӯстонаи мавзуъ ва таъйиноти китоби Авесто “инсон дар замон”, “инсон дар ғояҳо” ва ба вуҷуд овардани ҳолатҳои “инсонӣ”-и зиндагӣ мебошанд.

Назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни анъанаҳои халқӣ тоҷик эҷодгардида ҷанбаи муассир дошта, нақши тарбияро дар ташаккули хислати инсон ба назар мегирад. Ин, махсусан дар зарбулмасалу мақолҳои сюжетдор, рубоиёти халқӣ, ривоятҳо, чистонҳо, тимсолҳои (сурат, нақш, расм), мардумӣ, ҳикояҳо, достонҳо ва

қиссаҳо инъикос гардида, дар мафҳумҳое ба монанди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ифода ёфтаанд.

Назми тоҷику форс дар давраи асримиёнагӣ ба дараҷаи хеле баланд расид, чунки он саросар аз ормонҳои умумибашарӣ ва башардӯстона иборат буд. Дар шароити гуногун инкишоф ёфта, назми тоҷику форс ба шукуфоӣ муваффақ гардид, зеро он ягона равиши таҷассуми андешаҳо, психология, ормонҳо, орзуҳо ва омоли мардум буд. Ба туфайли он, назм ба чунин арзиши баланди педагогӣ барои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар давраи асрҳои миёна муваффақ гардид.

Назм дар асрҳои миёнаи Шарқ бо сабаби дастрасӣ, тағйирпазирӣ ва отифавӣ будан ба неруи бузургӣ тарбиявӣ мубаддал гардид. Дар ғанитарин мероси мардуми тоҷик бисёр тавсияҳои арзишманди педагогӣ мавҷуданд, ки дар онҳо дар шакли тамсилию (мисол овардан, ташбеҳ кардан) адабӣ ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас таъкид карда мешавад.

Таҳлили мероси педагогии халқи тоҷик мутмаин месозад, ки тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди тарбияи ахлоқӣ ба таври густарда таҷассум ёфтааст. Дар рисолаҳои гуногуни назмию насрӣ ва анъанаҳои халқӣ мисолҳои назария ва амалияи тарбия хеле зиёданд. Дар ин робита таҳлили ҳамаҷонибаи назария ва амалияи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар мероси педагогикаи халқии тоҷикон имкон медиҳад, ки самти педагогӣ ва дидактизми он нишон дода шавад. Дар мероси педагогии халқии давраи асрҳои миёна муяссар гардид,ки консепсияи умумибашарӣ ва башардӯстона эҷод ва таҳия карда шавад. Он ба афкори педагогии асрҳои минбаъда то ба замони мо таъсири мусбат мерасонад.

Таҳлили мероси педагогикаи халқи тоҷик дар шароити ислоҳоти низоми таҳсилот беш аз пеш зарууртар мегардад. Дар ин росто илми педагогика аҳамияти боз ҳам бештар пайдо менамояд, зеро таъйиноти асосии он дар омӯзиши мероси педагогии замонҳои гузаштаи ғанӣ аз ғояҳои умумибашарӣ ва башардӯстона мебошад.

Ҳамин тавр, мубрамии таҳқиқот бо мавҷудияти омилҳои зерин дар воқеият вобаста мебошад:

-набудани таҳқиқоти кофии назариявӣ ва методологии проблемаи таълиму тарбияи хислатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

-тағйирёбии муносибат ба мероси пешқадами халқи тоҷик дар даврai муосир;

-тавсеаи таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа ба проблемаҳои тарбияи ахлоқии насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ;

-зарурати мулоҳизаи илмию амалии ғояҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқи тоҷик;

-мақсаднокии истифодаи ғояҳои педагогии мутафаккирони гузашта ва анъанаҳои халқӣ барои ҳалли мушкилоти тарбияи ахлоқии насли наврас дар раванди таҳсил;

-талаботи табиии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди таҳсили ибтидоӣ, ки ба вижагиҳои синнусолии хонандагони синфҳои ибтидоӣ вобаста буда, натиҷаи дарозмуҳлати таълиму тарбияро таъмин менамояд;

- набудани равишҳо ва воситаҳои нави асоснокшуда бо маълумоти илмӣ дар бораи равишҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- аҳамияти илмию амалӣ ва методологии мавзуи мазкур дар шароити такмилёбӣ ва ислоҳоти таҳсилот.

Дар ҳамин ҳол, равишҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва ба ин мақсад истифода намудани анъанаҳои халқӣ ҳанӯз ҳам ба қадри кофӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита мавриди ба даст овардани истиқлолияти кишвар зарурати таҳқиқоти ҳамаҷониба ва таҳлили интиқодии мероси педагогии халқи тоҷик вобаста ба

тарбияи ахлоқии хонандагон дар баробари проблемаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба миён омадааст. Донишмандон шароити ташаккули ин сифатҳои неки инсонӣ на танҳо ҳамчун маҷмуи омилҳо ва ҳолатҳое, ки самаранокии раванди ташаккулёбии муносибат бо ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон аз он вобастагӣ дорад, балки ҳамчун муҳите, ки дар он ташауккули ахлоқ амалӣ мегардад, муайян мекунанд.

Проблемаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар ғояҳо ва ормонҳои волои намояндагони адабиёти тоҷику форс, маорифпарварони маъруф, олимон ва педагогҳо инъикос ёфтаанд. Бинобар ин, дар ҳалли масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ истифодаи эҷодкоронаи мероси мутафаккирони барҷастаи миллат Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Саъдӣ, Камоли Хуҷандӣ, Хайём, Ҷомӣ, Восифӣ, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон ҷойи муҳимро ишғол мекунанд. Ин маводи пурғановати мероси адабии халқи тоҷикро бояд барои ғанигардонӣ ва тарбияи маънавию ахлоқии насли наврас истифода намуд.

Бояд зикр намуд, ки донишмандони халқи тоҷик дар омӯхтани ҷанбаҳои гуногуни проблемаи тарбияи ахлоқии хонандагони МТМУ саҳми арзишманд гузоштаанд. Чунончи, асарҳои М.Лутфуллозода, ки ба проблемаҳои педагогикаи миллӣ бахшида шудааст [242;243], дар таҳқиқоти И.Х.Каримова асосҳои назариявии тарбияи башардӯстонаи хонандагони мактаби тоҷикӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст[155]. Муҳаққиқ Ф. Шарифзода назарияи таҳсилоти ҳамгирошударо бо назардошти тарбияи хонандагон дар руҳияи меҳру муҳаббат ба забони модарӣ ва адабиёти Ватан таҳқиқ намудааст [454]. К.Абдураҳимов [6], Қ.Б.Қодиров [215;217], М.Орифӣ (М.Орипов) [295], А.Паҳлавонов, А. Халимов- назарияи пайдоиши афкори педагогии халқи тоҷикро дар давраҳои гуногун [301] , Х.Раҳимзода, С.Сулаймонӣ - проблемаҳои тарбияи оилавӣ ва омодагии ахлоқии ҷавононро барои ҳаёти оилавӣ[344], Б.Маҷидова -таъсири анъанаҳои мардумӣ дар тарбияи кӯдакони синни томактабӣ [257], А.Нуров – кори

якҷояи оила ва мактаб дар тарбияи ахлоқии мактаббачагони хурдсол [289], Б.Раҳимов - фарҳанги рафтори хонандагони хурдсол дар оила [346], Ш.А.Сафаров – асосҳои педагогии ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагони хурдсол таввасути бозиҳои миллии тоҷикӣ (дар асоси маводи синфҳои I-IV мактаби миёна) [366], Д.Я.Шарипова - проблемаҳои тарбияи ахлоқию ватандӯстии хонандагони хурдсол дар асоси рушди тафаккури интиқодӣ [451], Ф.Гулмадов - асосҳои назариявии ташаккули эътиқоди анънавию ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ [110], Қ. Ходжаев – ақидаҳои педагогии мутафаккирони халқи тоҷик дар асри XI [446], Х. Сабурӣ –асосҳои концептуалӣ-методологии мазмуни стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ ва технологияи ҷорӣ намудани он дар фаъолияти синфҳои ибтидоии мактабҳои Тоҷикистон [456], Ҷ. Давлатзода – низоми муосири педагогии тарбияи шаҳрвандӣ – ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон [112], Ҳ.Т. Қаюмова -тарбияи фарҳанги сулҳ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ (дар асоси маводҳои анъанаҳои халқи тоҷик) - ро [210], мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Аммо, сарфи назар аз вусъат ва гуногунии таҳқиқоти проблемаҳои илмию техникӣ, проблемаи тарбия ва рушди чунин хислатҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз қабили ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ то кунун мавзуи таҳқиқи махсус набудааст.

Дар ҳоли ҳозир талаботи мубрам дар рушди муносибати мусбат нисбат ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ фаро расидааст, ки метавонем омӯзиши дарозмуҳлатро барои таълиму тарбия таъмин намоем. Дар шароити такомул ва ислоҳоти таҳсилот омӯхтани проблемаи мазкур ҳам аз лиҳози илмию амалӣ ва ҳам аз ҷиҳати методологӣ аҳамияти мубрам дониста мешавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ё мавзуъҳои илмӣ.**Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳишгоҳи

рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024 дар мавзуи “Роҳҳо ва воситаҳои рушди ҳисси ватандӯстии насли наврас ва ҷавон дар раванди таълиму тарбия”, муқаррароти асосии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон” ва Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ ва таҳкими худшиноии миллии ҷавонон барои солҳои 2019-2022 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот -** асосноксозии методологияи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик.

**Вазифаҳои таҳқиқот –** ҳадафи таҳқиқот водор сохт, ки чунин вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шаванд:

1) омӯхтан ва ба таври назариявӣ асоснок намудани мафҳум, сохтор ва тавсифоти сифатии ҷузъиёти тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик;

2) муайян кардани шароити педагогии таъминкунандаи тарбияи самаранок ва рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди тарбия;

3) коркард ва татбиқ намудани амсилаи раванд барои асосҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни анъанаҳои халқи тоҷик;

4) ошкор намудани сабабҳои монеъкунандаи рушди пурмаҳсул ва тарбияи шахсият - ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва тавсиф намудани сарчашмаҳои пайдоиши онҳо;

5) таҳлил намудани таҷрибаи педагогӣ, равишҳои назариявӣ ва методологӣ нисбат ба масъалаҳои тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ оид ба асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар мисоли

анъанаҳои пурғановати педагогии халқи тоҷик ва бо ҳамин таҳқиқ ва мушаххас намудани муҳимтарин нуқтаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар замони муосир дар бораи зарурати навсозии муҳтаво, методҳо ва воситаҳои тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

6) такмил додани сифати таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асоси ҷамъбасти ғояҳои мазкур аз рӯйи асарҳои мутафаккирони гузашта ва таҷрибаи омӯзгорони навовари кунунӣ ҷиҳати тарбияи ахлоқии хонандагон;

7) ба таври интиқодӣ таҳлил намудани ғояи тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва сифатҳои волои инсонии ба он вобастабуда дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ;

8) муайян кардани асосҳои педагогии ташаккул ва рушди ғояҳои педагогии мутафаккирони тоҷику форс ва педагогикаи халқӣ дар раванди тарбия  ва таҳсилоти муосир;

9) муайян намудани робитаи ақидаҳои тарбиявии мутафаккирони тоҷику форс ва педагогикаи халқӣ бо амалияи муосири таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ;

10) таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи ғояҳои педагогии классикони адабиёти тоҷику форс дар раванди тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва рушди шавқу рағбати онҳо ба анъанаҳои  халқи тоҷик.

**Объекти таҳқиқот –** раванди нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот –**нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

**Фарзияи таҳқиқот -** тарбияи хислатҳои барои шахс ва ҷомеа арзишманд - ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони

синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои педагогикаи халқи тоҷик самарабахш мегардад, агар:

-имконоти вазифавии машғулиятҳои дарсии ба тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронидашуда ба таври ҳадафмандона ва бонизом истифода шаванд;

- қонуниятҳои педагогӣ ва психологии тарбияи сифатҳои ахлоқии барои шахс ва ҷомеа арзишманди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки ҳамчунин ба баланд бардоштани нишондиҳандаҳои фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ имкон медиҳанд, тадбиқ гарданд;

- иштироки хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар восита ва навъҳои фаъоли таълим, ки вижагиҳои фардию шахсӣ ва синнусолии хонандагон ба назар гирифта шаванд;

- воситаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро, ки дар педагогикаи халқӣ истифода гардида ва дар асоси анъанаҳои муосири халқи тоҷик инъикос ёфтаанд, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор дода шаванд;

- падидаҳо ва рӯйдодҳои зиндагиро бо роҳи истифодаи воситаҳои муосир дар раванди тарбия, татбиқ карда шаванд;

- дар раванди таълими фаъол дарсҳои ғайристандартиро ки ба ташаккули унсурҳои тафаккури бонизоми хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва қонеъгардонии талабот ва рағбатҳои маърифатии онҳо нигаронида шудаанд, истифода карда шаванд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот -** таҳқиқот дар чор марҳилаи бо ҳам алоқаманд гузаронида шудааст:

**Марҳилаи якум (**солҳои 2015-2016**) –** назариявӣ. Дар ин марҳила адабиёти таърихӣ, педагогӣ ва методӣ оид ба мавзуи таҳқиқот мавриди омӯзиш қарор дода шуд; омӯзиши моҳият, мухтаво ва вижагиҳои тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи асарҳои мутафаккирон, анъанаҳо ва фарҳанги миллии халқи тоҷик анҷом дода шудаанд; мубрамии мавзуи таҳқиқот, асосҳои

назариявии он, равишҳои илмӣ ба ташкили таҳқиқот муайян карда шуд; омӯзиш ва тавсифи сарчашмаҳои барои таҳқиқот зарурӣ ба амал баровარда шуд.

**Марҳилаи дуюм** (солҳои 2017-2018) – таҷрибавӣ. Дар ин давра таҳлили таҷрибаи педагогии муассисаҳои таҳсилотӣ, омӯзгорони алоҳида гузаронида шуда, камбудиҳо дар раванди тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуданд. Коркарди маводи барои таҷрибаи педагогӣ пешбинишуда оид ба проблемаҳои тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии халқи тоҷик амалӣ гардидаанд; таҷрибаи ташкилдиҳандаи иборат аз воридсозии ғояҳои ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ баргузор карда шудаанд.

**Марҳилаи сеюм** (солҳои 2019-2021) – ба коркарди натиҷаҳои кори таҷрибавӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалияи кори омӯзгорон, таҳлили маълумоти бадастомада, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот, оммависозии натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқот бахшида шуда буд.

**Марҳилаи чорум** (2022-2024) – хотимавӣ. Дар марҳилаи мазкур маълумоти бадастомада мавриди коркард қарор гирифта, матни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба расмият дароварда шуд.

**Асоси назаривӣ ва методологии таҳқиқот:** дар муносибати арзишӣ дар фаъолияти таълимӣ, ки ғояҳои он хусусиятҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули он тавсиф мекунанд. Бо ёрии ин равиш баъзе донишҳои илмӣ дар бораи анъанаҳои халқи тоҷик, тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ (М.Лутфуллозода [242;243], Ф.Шарифзода [454], И.Х.Каримова [157], Б.Маҷидова [257], А Нуров [289], Ш.А.Сафаров [366], Д.Я.Шарипова [451], Ф.Гулмадов [110], Ҳ.Т.Қаюмова [210]), мушаххас карда шудаанд. Муносибати аксиологӣ, ки имконият медиҳад, ки дар кӯдак шуури арзишманди шахсро тарбия кунад. Ақидаҳои олимону педагогон,

мутафакирон ва олимону ходимони барҷастаи ҷамъиятии нимаи дуюми асри XVIII - ибтидои асри XIX (В.А.Сухомлинский [388], Л.С.Выгодский [91], К.Д.Ушинский [424], Я.А.Коменский [177], А.С.Макаренко [262], А.Н. Радищев [329], Т.С.Комарова [176]) имкон медиҳанд, ки тарбияи ватандӯстӣ ва сулҳпарварию таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик ҳамчун арзише дар ҷараёни фаъолияти якҷояи оила, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҷомеаи муосир мавриди таҳқиқ баррасӣ карда шавад.

Барои татбиқи ғояҳо ва вазифаҳои дар боло зикршуда методҳои таҳқиқоти педагогии зерин интихоб карда шуданд:

**-назариявӣ**: таҳлил ва ҷамъбасти ақидаҳои педагогии мутафаккирони барҷаста ва анъанаҳои халқи тоҷик, тавсифномаҳои комили бо ҳам иртиботдошта; далелҳо ва падидаҳои педагогӣ, ғояҳо ва ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, таҳлил ва ҷамъбасти адабиёти равоншиносӣ, педагогӣ ва методӣ, усулҳои мушаххассозӣ, пешгӯӣ ва моделсозӣ;

**-таҷрибавӣ**: озмоишҳои ташхисӣ ва таълимӣ, мушоҳидаҳои илмӣ, пурсишнома, санҷиш ва ғ.

**Сарчашмаҳои маълумот:** Ҳамчун сарчашмаҳои таҳқиқот хизмат карданд:

- асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба масъалаҳои тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, инчунин таҳқиқоти педагогон, равоншиносон, методистон ва таҷрибаи кори омӯзгорони ҷумҳурӣ;

- санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилот: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикисон “Дар бораи маориф”, ”Консепсияи мактаби миллӣ”, “Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак” ва дигар санадҳои меъёрӣ;

- Эъломияи Вена ва Барномаи амали Конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба ҳуқуқи инсон; Изҳорот ва Барномаи амал, ки дар Мулоқоти умумиҷаҳонии сатҳи олӣ ба манфиатҳои рушди иҷтимоӣ, ки дар Копенгаген баргузор шудааст; Изҳороти ЮНЕСКО дар бораи нажод ва боқимондаҳои нажодӣ; Конвенсия ва Тавсияи ЮНЕСКО дар бораи мубориза бо табъиз дар соҳаи таҳсилот.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Дар таҳия ва гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ абзорҳои методологии зерин истифода шуданд, ки маҷмӯи усулҳои сатҳи назариявӣ ва амалии дониши илмиро дар бар мегиранд, аз ҷумла:

- таҳлили назариявии адабиёти илмӣ, психологию педагогӣ ва илмию методологӣ оид ба масъалаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ;

- таҳлили барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, васоити методӣ ва маводи дидактикӣ барои синфҳои ибтидоӣ;

- ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи фаъолияти таълиму тарбиявии коллективҳои педагогӣ оид ба ташкили кор бо хонандагон ва волидони онҳо, омӯзгорони алоҳидаи навовар;

- методикаҳои ташхисӣ: пурсишномаҳо, санҷишҳо, суҳбатҳо;

- мушоҳидаҳо тибқи фаъолияти хонандагон, суҳбатҳо бо падару модарон, таҳлили натиҷаҳои иҷрои корҳои иҷронамудаи синфҳои ибтидоӣ;

- ташкили таҷрибаи педагогии шомили марҳилаҳои муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ;

- коркарди миқдорӣ ва сифатии маълумоти таҷрибавӣ бо истифодаи методҳои математикӣ.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ дар синфҳои 1-4 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 35, 15, 27,79, 55 шаҳри Душанбе ва №№5,13-и шаҳри Кӯлоб баргузор карда шуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** иборат аст аз:

- кӯшиш ба харҷ дода шуд, ки масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси истифодаи анъанаҳои халқи тоҷик ва ташаккули он ошкор шавад;

- равишҳои консептуалӣ ва тавсияҳои методӣ барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар заминаи мафҳумҳои "ватандӯстӣ", "сулҳпарварӣ" ва "таҳаммулпазирӣ" таҳия карда шудаанд;

- хусусиятҳои асосҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим ва дар давраи фаъолияти беруназмактабӣ ва беруназсинфӣ ошкор гардидаанд;

- шароити тарбияи босамари ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо далелҳои илмӣ асоснок карда шудаанд;

- афзалиятҳо дар амалисозии вазифаи педагогии тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шудаанд;

- муҳтавои асосӣ ва хусусиятҳои ташкили намудҳои гуногуни муассири фаъолияти тарбиявӣ ҳамчун воситаи самараноки тарбияи ахлоқии кӯдакон дар вазъияти кунунии иҷтимоию фарҳангӣ муайян карда шуданд;

- роҳҳои мақбул ва равишҳои ҷорӣ намудани мафҳумҳои ахлоқӣ дар амалияи фаъолияти ҳамарӯзаи кӯдакон бо назардошти хусусиятҳои психологӣ ва синнусолии хоси хонандагони синфҳои ибтидоӣ муайян карда шуданд;

- роҳҳои бештар муассир ва воситаҳои кори тарбиявӣ, технологияи усулҳои ҳавасмандсозии хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои идроки арзишҳои ахлоқии анъанаҳои миллӣ таҳия карда шуданд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Асоноккунии низоми назариявӣ ва методии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик яъне мероси педагогикаи халқии тоҷик.

2. Омили муҳтавоии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси мероси анъанаҳои халқии тоҷик.

3. Тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси анъанаҳои педагогикаи халқи тоҷик, асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс раванди мураккаб, бонизом ва муттасили педагогие мебошад, ки ба ташаккули меҳру муҳаббат ва эҳтиром ба Ватан, падару модар, таърихи диёр, забони модарӣ, халқи худ, анъанаҳо ва ормонҳои он нигаронида шудаанд.

4. Самаранокии тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар робита бо ҳамкории оилаю мактаб, якҷоягии корҳои таълимию берунazмактабӣ ва берунasинфӣ таъмин гардида, ташкили маҷмуиро бо шумули самтҳое аз қабили таърихӣ-кишваршиносӣ, адабию мусиқӣ, қаҳрамонӣ ва хотиравӣ талаб менамояд.

5. Тарбияи сифатҳои тақозошавандаи ахлоқӣ - ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазиро бояд дар маҷмуъ бо малакаҳои рафтори боадабона, эҳтиром ба калонсолон, бо назардошти хусусиятҳои синнусолии кӯдакон, ҳамзамон бо тавсеаи донишҳо дар бораи ҷаҳон бояд амалӣ сохт.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки:

- мавқеи муаллиф дар қаринаи ҷустуҷӯ ва дарёфти воситаҳои самаранок ва усулҳои муносиби тарбияи ғояи ахлоқӣ ва ақидаҳо нисбат ба ҷаҳони муосир дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ исбот карда шудаанд;

- заминаҳои педагогии тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бо назардошти шавқу рағбати ботинӣ, худмуайянкунӣ, худнамоӣ ва ҳадафмандӣ дар расидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои пешбинигардида ошкор карда шуданд;

- тарзи гуфтори омӯзгор дар вазъияти интихоби шакл ва усулҳои мусбат ва анъанавии этнопедагогӣ бо мақсади дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ татбиқ намудани сифатҳои волои инсони хушахлоқ муайян карда шудаанд;

- хусусияти дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ тарбия намудани арзишҳои ахлоқӣ дар раванди таълиму тарбия ошкор карда шуда, тавсифномаи муфассали ҷузъиёти чунин фаъолият фароҳам оварда шудааст;

- ягонагии шуури ахлоқӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо мақсади азхудкунии қоидаҳо ва меъёрҳои одоб ва ахлоқ ба даст оварда шудааст;

- амсилаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидои ба талаботи вазъияти муосири иҷтимоию фарҳангӣ ҷавобгӯ буда таҳия карда шудааст;

- бо кори озмоишию таҷрибавӣ меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое муайян карда шуданд, ки имкон медиҳанд динамикаи рушди дараҷаҳои дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккулёбии малакаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик дар раванди таълиму тарбия пайгирӣ карда шаванд;

- равишҳои азхудкунии арзишҳои ахлоқӣ ва истифодаи онҳо дар ҳама гуна ҳолатҳо ва вазъиятҳои мушаххас ба тасвиб расидаанд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** иборат аст аз:

- таҳияи асосҳои назариявию методологии мақоми анъанаҳои халқи тоҷик дар ташаккули тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- истифодаи ҷанбаҳои муҳтавоӣ ва техникӣ дар раванди таҳсилот оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, таъмини дониш ва маҳоратҳо, ки имкон медиҳанд самаранокии раванди таълиму тарбия ба таври назаррас баланд бардошта шавад;

- таҳияи тавсияҳо ва васоити таълимии татбиқгардида дар амалияи кори оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик.

Баъзе аз маводи таҳқиқотиро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ барои омодасозии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар робита бо

амалисозии раванди тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мавриди истифода қарор дод. Тавсияҳои илмию методии таҳияшуда тасаввуроти унвонҷӯён ва магистрҳоро оид ба проблемаи мазкур густариш медиҳанд.

Барномаи озмоишию таҷрибавӣ ва амсилаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ зимни нақши анъанаҳои халқи тоҷик, таҳиягардидаи муаллиф дар синфҳои ибтидоии як қатор муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ метавон дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотӣ мавриди истифода қарор дод.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии нуқтаҳои дар таҳқиқот пешниҳодгардида ба тариқи зайл таъмин мегардад:

- бо равишҳои назариявӣ ва методологӣ, асоснокии онҳо ва мувофиқат доштан ба проблемаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот;

– ҷараёни тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асосӣ анъанаҳои халқи тоҷик;

- бо натиҷаҳои таҷрибаи омӯзишӣ, ки бо истифодаи воситаҳои самараноки санҷиш, таҳлил ва ҷамъбаст дар асоси баҳисобгирии маълумот оид ба тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба даст омадаанд;

-истифодаи маҷмуи усулҳо, ҳадафҳо, вазифаҳои мувофиқ ба мавзуи таҳқиқот, такмили мутақобили методикаи таҳқиқот, такя ба амалияи муассисаи таълимӣ, бо назардошти намояндагӣ дар интихоби омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми анкетакунонӣ ва пурсишҳои шифоҳӣ.

**Мутобиқатии диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *ба банди 3* – Антропологияи педагогӣ низомҳои педагогӣ /шароит/ рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот), *ба банди 5* - Назария ва консепсияи тарбия (шароити иҷтимоию фарҳангии тарбия; қонуниятҳо, принсипҳои

тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба воя расидан; асосҳои арзишии бунеди раванди тарбия, низомҳои педагогии тарбия;) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми муаллиф дар таҳқиқот аз банизомдарории маълумоти илмӣ оид ба мавзуъ,ҷамъоварии маълумоти озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳо, коркард ва ироаи хулосаҳои асосии диссертатсия иборат аст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар интишороти муаллиф дарҷ гардидаанд, ки як қисми онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА маҷаллаҳои тақризшавандаи назди Вазорати таҳсилот ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф дар конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии Пажуҳишгоҳи рушди таҳсилоти ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (соли 2016), дар конференсияи илмии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (соли 2017), дар конференсияи илмии Донишгоҳи педагогии Москва (ФР, соли 2013), дар конференсияи ҷумҳуриявии олимони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон “Мактаби сулҳофарии Пешвои миллат- роҳи дурахшони ҷавонон бароиояндаи шукуфон”, бахшида ба 20-солагии ваҳдати миллӣ дар Соли ҷавонон (соли 2017), дар конференсияи байналмилалии Маркази рушди забони ишора ва таълими ношунавоёни ҷумҳурии Тоҷикистон зери унвони “Моҳияти ахлоқ ва сифатҳои ахлоқии шахс дар тарбияи сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ” (2023), Хусусиятҳои ташаккули кӯдакони хурдсол дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ. дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ (шаҳри Душанбе,08 апрели соли 2025) дар мавзуи “Масъалаҳои муосири таълими томактабӣ тамоюлҳои рушди он ва самтҳоиислоҳот дар партави Паёми Асосгузорӣ сулҳу ваҳдатӣ миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28.12.2024”. Филиалӣ давлатии донишкадаи ҷумҳуриявии  такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе баромад кард.

Дар маводҳои таълимӣ, тавсияҳои методӣ, рисолаҳои илмӣ ва мақолаҳои мунташирнамудаи муаллиф ғояҳои асосии таҳқиқот ва воситаи истифодаи онҳо дар фаъолияти амалии омӯзгорон инъикос ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос намуда, дар шакли 36 интишороти илмӣ: аз он ҷумла, 25 номгӯй мақолаҳои илмии дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба таъб расида, 6 номгӯй манография ва дастурҳои таълимиву методӣ ва 9 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, чор боб, хулоса ва рӯйхати адабиети истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 370 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳаруфчиншуда иборат буда, 3 диаграмма, 8 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рӯйхати адабиёт фарогири 478 номгӯй мебошад.

# БОБИ I. ХУСУСИЯТҲОИ НАЗАРИЯВИЮ МЕТОДОЛОГИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР АСОСИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИЮ ПЕДАГОГИКАИ МИЛЛИИ ТОҶИКОН

## 1.1. Асарҳои мутафаккирон ва педагогикаи халқӣ дар бораи тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ

Тайи солҳои тулонӣ тарбияи кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дур аз арзишҳои миллии маънавию ахлоқие қарор дошт, ки бахуссус аз мутафаккирони гузашта ва педагогикаи халқӣ мерос гузошта буданд. Халқи тоҷик дар ҳамаи давру замонҳо бо таъриху фарҳанг ва осори адабиёти классикии худ ифтихор намуда, ин донишҳоро дар тарбияи насли ҷавон истифода менамуданд. Аммо дар замони ҳукмронии Иттиҳоди Шуравӣ, тарбияи насли наврас дар ҷумҳурии Тоҷикистон зимни анъанаҳо ва педагогикаи халқи тоҷик аз байн рафта буд. Имрӯзҳо бошад, талабот ба эҳёи педагогикаи халқӣ, мулоҳиза ва барқарорсозии тарбия дар асоси анъанаҳои халқӣ, ки метавонад худвижагӣ ва зеҳнияти мардуми тоҷикро ҳифз намояд, ба таври ҷиддӣ эҳсос мегардад.

Аз замонҳои қадим инсонҳо ба тарбияи насли наврас машғул буданд. Ф.Энгелс дар асарҳои худ “Пайдоиши оила, моликияти хусусӣ ва давлат”, ”Нақши меҳнат дар раванди ба одам табдилёбии маймун”, қайд менамояд, ки одам дар раванди меҳнат ташаккул ёфтааст. Инкишофи малакаҳои меҳнатӣ аз лаҳзаи офаридани олати меҳнат оғоз гардидааст. Истифодаи малакаҳои меҳнат боиси талаботи воқеии интиқоли онҳо аз калонсолон ба кӯдакон гардид. Ҳамин тавр тарбия арзи вуҷуд намуд. Ҳамзамон бо рушди ҷомеа таҷрибаи меҳнатӣ ва ҳаёти инсонҳо зиёдтар, раванди тарбия бошад, мураккабтар ва муҳтавои он васеътар мегардад.

Калонсолон ба кӯдакон меҳнат кардан, нишон додани маҳорати меҳнатӣ ва малакаҳои меҳнатиро меомӯзонданд, ба онҳо зиндагӣ, урфу одатҳо, анъанаҳо, қоидаҳои маросими динӣ ва меъёрҳои рафтори инсониро, ки аз тарафи гузаштагон дар асоси ҷамъбаст ва мулоҳизаи шароити зист андухта мешуд, муррифӣ мекарданд. Ҳамин тавр этика (илми одоб) ба вуҷуд омад. Барои тарбияи наслҳои нав асарҳои фолклорӣ – қиссаҳо ва афсонаҳо дар бораи қаҳрамонон истифода мешуданд. Қиссаҳои пурмоҷаро, афсонаҳо, махсусан, зарбулмасалҳо васила ва неруи пурзӯр дар тарбия буданд, чунки дар онҳо таҷрибаи зиндагии одамон ҷамъбаст гардида, истеъдоди педагогии мардум таҷассум меёфт. Ин ҳама қадамҳои нахустини педагогикаи халқӣ ба шумор мерафт.

Пешқадамтарин одамони асрҳои гузашта нерӯи тавонои тарбиявии анъанаҳо ва эҷодиёти халқро эҳсос мекарданд. Онҳо дар асарҳои худ ривояту қиссаҳои шифоҳии мардумиро истифода мекарданд ва гузашта аз ин, ғояҳои эҷодиёти мардумиро инкишоф медоданд. Дар асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Румӣ, Ҷомӣ, Восифӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон эҷодиёти шифоҳии халқ ба таври густарда истифода шудааст, ки дар он ба масъалаҳои тарбияи насли наврас таваҷҷуҳи зиёд дода мешуд.

Педагоги бузурги рус К.Д.Ушинский (1823-1870) аҳаммияти тарбиявии осори шифоҳии халқ ва анъанаҳои мардумиро таъкид карда, тавсия менамояд, ки дар дарсҳо асарҳои адабиёти халқӣ - қиссаҳо, ривоятҳо, ҳикояҳо ва зарбулмасалҳо мавриди омӯзиш қарор дода шаванд. Ӯ менависад: “Дар эҷодиёти шифоҳии халқ дониши илм, истеъдод, ахлоқ ба таври бадеӣ инъикос ёфтаанд ва дар тарбияи насли наврас беҳтарин сифатҳоро талқин мекунанд” [423,с.415;416].

Халқи тоҷик дар тули асрҳо барои тарбияи фарзандони худ гуфтаҳои хирадмандонаи фолклориро ҳамчун ҳақиқати бебаҳс ба кор мебурд. Ягон хонаводаи тоҷик вуҷуд надорад, ки дар он аъзои калонсоли оила зарбулмасалҳоро надонанд ва дар зиндагии рӯзмарра дар ҳолатҳои доркорӣ

онҳоро ба кор набаранд. Ҳамчунон бояд таъкид намуд, ки на ҳамаи зарбулмасалҳои халқӣ маънии пештараи худро нигоҳ доштаанд. Як қисми онҳо бо мурури замон маънои аслии худро гум кардаанд, баъзеи онҳо бо тағйирёбии низоми давлатдорӣ маънои худро тағйир додаанд ё аз истеъмол баромадаанд ва ба ҷойи онҳо зарбулмасалҳои нави мансуб ба низоми шуравӣ пайдо шудааст.

Азбаски яке аз ҳадафҳои таҳқиқоти мо омӯзиши имконоти педагогии жанри фолклории зарбулмасал дар бораи сулҳу оромӣ мебошад, ки дар педагогикаи халқӣ истифода мешавад, мо дар бораи зарбулмасалҳои қадимии тоҷикӣ, ки то имрӯз аҳаммияти тарбиявии худро гум накардаанд, ибрози назар хоҳем кард.

Педагогикаи халқӣ дорои маънии амиқ мебошад, ки дар он мафҳумҳои гуногун аз қабили ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва садоқат, башардӯстӣ ва меҳру муҳаббат ба халқ, хоксорӣ, ростӣ, мардонагӣ, эҳтироми калонсолон, ҷасорат ва ғайра инъикос ёфтааст.

Ҷолибтарин нуқтаи назари доктори илмҳои фалсафа С.Ю.Иванова дар он аст, ки ӯ дар бораи тарбияи ватандӯстӣ чунин иброз намуда буд: “Дар мавриди шикасти кишвар, вақте, ки тамоюли арзишҳо тағйир меёбад, мавқеъ ва манфиатҳои иҷтимоии тамоми қишрҳо ва гурӯҳҳо тағйир меёбад, муҳаббат ба Ватан ва дӯст доштани он меҳвари он мегардад, ки қувваҳои солими ҷомеа дар атрофи он мутаҳҳид мешаванд. Маҳз ӯ ба ҳаёт ва фаъолияти мардум маъни мебахшад ва ба муттаҳид шудани онҳо мусоидат мекунад” [143, с.10].

Инчунин файласуф И.А.Ильина қайд кардааст, ки “мардуми бе ватан ба ғубори таърихӣ, баргҳои сиёҳи тирамоҳие мубаддал мегардад, ки аз ҷой ба ҷой ронда шуда, ба доми ғариби гирифтор мешаванд” [147, с.333].

Ба фикри профессор Г.В.Гнездилова, як ҷанбаи муҳим ин ҳамкории мутақобила бо оила мебошад. Зеро оила дар тарбияи ватандӯстӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад. Зеро дар он ҷараёни ташаккули шахсият, парваридани муҳаббат ба хешу табор ва наздикони худ, хона, боғча,

муҳаббат ба деҳа ё шаҳри зодгоҳ, табиати ватан оғоз меёбад. Аз ин рӯ оила сарчашма ва ҳалқаи интиқоли таҷрибаи иҷтимоию таърихии кӯдак ба назар мерасад [103, с.22].

Ватандӯстӣ дар мубориза барои ташкил додани давлатҳои миллӣ, дар набарди зидди истилогарони аҷнабӣ истифода мегардад. Ҳарчанд ки халқи тоҷик то замони соҳибихтиёрии худ соҳиби давлати миллӣ набуд, вале ба мисли дигар халқҳо, фарзандони худро дар руҳияи мубориза бар зидди ишғолгарон, зарурати ҳифзи озодию истиқлолияти худ тарбия мекард. Талош барои озодӣ дар эҷодиёти шифоҳии халқ инъикос ёфтааст. Дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ дар бораи муҳаббат ба Ватан, дурии он, ғурбати ҷудоӣ аз он ва ғарибӣ маъниҳои зиёдеро пайдо мекунем:

- Азизтар аз ҳама чиз Ватан аст.
- Озодӣ, тақдир ва хушбахтӣ аз Ватан вобаста аст.
- Ватан ҳаётбахш аст.
- Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар.
- Шахси беватан мисли булбули бечаман аст [436, с.174;175].

Ё ин ки:

- Тарки Ватанкарда фақиру залил аст.
- Ғарибафтода бандӣ мебошад.
- Ба туфайли гардиши тақдир, инсон ба Ватан бармегардад.
- Агар садсола хок шуда бошад ҳам, ёди Ватан зинда гардонад.

Бо ҳамин гуна суханони педагогикаи халқӣ ҳазорон ҷавонон ва наврасон дар руҳияи ватандӯстӣ тарбия гирифтаанд ва дар набарди зидди истилогарон руҳбаланд гардиданд. Қаҳрамононе чун Спитамен, Муқаннаъ, Маҳмуди Торобӣ ва Темурмалик аз ҷумлаи чунин далерон мебошанд.

Дар фолклори тоҷик ба масъалаҳои таълиму тарбияи фарзанд таваҷҷуҳи бештар дода мешавад. Аз ин рӯ эҷодиёти халқ дар атрофи ин масъала хело зиёд аст. Масалан:

Бачагӣ - давраи касби донишу одоб аст.

Омӯхтани илм дар бачагӣ ба мисли нақш дар санг аст.

Дарахти каҷро дар вақти ниҳол будан метавон рост кард.

Он чиро ки дар ҷавонӣ наомӯхтӣ, дар пирӣ намедонӣ [295,с.67].

Дар дигар зарбулмасалҳои халқӣ масъалаҳои дӯстӣ инъикос ёфтаанд. Дар зарбулмасалҳои тоҷикӣ панду андарзҳо ба кӯдакон дар бораи тавзеҳ додани неку бад, ки идроки ин мафҳумҳо ба такмили сифатҳои ахлоқии онҳо мусоидат мекунанд хеле зиёданд. Чунончи:

Аз бадӣ-бадбахтӣ, аз некӣ- хушбахтӣ.

Аз одамони нек -ифтихор, аз бадон- фалокат.

Бо бадон бад шавӣ, бо некон наку.

Бо моҳ шинӣ-моҳ шавӣ, бо дег шинӣ-сиёҳ шавӣ [295, с.78].

Инчунин дар асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва фолклори халқӣ зарбулмасалҳои ба масъалаи таҳаммулгароёна ба атрофиён мансуббуда низ мавҷуданд:

Сабр намоӣ аз ғӯра ҳалво мепазад.

Сабр - калиди дари ганҷинаи хоста бошад.

Сабр – калиди кушоиш аст.

Сабр ба ту ганҷ оварад, бесабрӣ-ранҷ.

Сабру таҳаммул шуҷоати инсон аст [437,с. 45].

Ҳамчунин шоири тоҷику форс Саъдии Шерозӣ дар бобати таҳаммул чунин мисраъҳоро меоварад:

Ангури хоми туршлаззатро,

Ду се рӯзи сабр ширин кунад.

Сабр талх аст, аммо меваи ширин дорад [360, с.56 ].

Ҳамин тавр Ҳофизи Шерозӣ ҳам навишта буд:

Ҳар ҷо ки сабр бошад, аз санг лаъл бароядъ.

Сабру пирӯзӣ – ду ёри тавъаманд

Аз паси сабр ояд фатҳу нусрат [295, с.105].

Мутафаккири барҷаста Ҷалолиддини Румӣ чунин ҳисоб мекард, ки: “Сабр талх аст, вале меваи ширин дорад”.

Ҳамин гуна андешаҳоро дар бораи дӯстӣ, сулҳдӯстӣ, башардӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ маорифпарварони барҷастаи асрҳои миёна, арбоби адабиёти тоҷику форс Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдии Шерозӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон дар осори адабии худ овардаанд.

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: “Дӯстро дар бадбахтӣ шиносанд”.

Абулқосими Фирдавсӣ: “Дӯстиро мустаҳкам намо бо он ки дар сахтӣ мададгорат бувад”.

Носири Хусрав мегӯяд: “Бародар мешавад бо ту, он ки дар бадбахтӣ ҳамроҳат бувад”.

Саъдии Шерозӣ: ”Дӯст он бувад, ки айби дӯсти худро чун оина рӯ ба рӯ гӯяд, на он ки чун шона аз пасаш мӯ ба мӯ гӯяд”.

Хусрави Деҳлавӣ: “Дӯст он бошад, ки дар шодию ғам бо ту бувад”.

Бадриддини Ҳилолӣ: “Саги вафодор беҳтар аз он, касе, ки аҳди дӯстӣ бишканад”.

Абдураҳмони Ҷомӣ:

Аз баҳри дӯстон ҷонро фидо соз,
Аммо душман аз дӯст ҷудо соз.

Дар байтҳои боло мутафаккирон дӯстиро тараннум мекунанд, зеро дӯстӣ дастоварди бузург дар робитаи байни инсонҳо мебошад. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки маънӣ ва аҳаммияти ин мисраҳоро ба таваҷҷуҳи ҳар як хонандаи  хурдсол расонда тавонад.

Бахши муҳими таркибии фарҳанги халқ анъанаҳои халқӣ иҷрои мусиқии сурудҳо мебошад. Созҳои мусиқӣ дар рӯзгори тоҷикон ва саҳнаи консертӣ ҷойгоҳи намоён доранд.

Адиби бузург неру ва қудрати ваҳдати халқро хуб шинохта буд ва бо ифтихор мегуфт, ки агар халқ бихоҳад метавонад осмонро ба замин фарорад. Бинобар ин, ҳар як сокини кишвар барои ваҳдат ва истиқлоли миҳани худ барои мубориза омода бошад.

Албатта, имрӯз ҳам овози Бедил ба гӯши ҷаҳониён мерасад. Проблемаи ҷангу сулҳ бошад, яке аз проблемаҳои асосии сокинони сайёра мебошад. Барои ҳимояи сулҳ ҳамеша мубориза мебаранд. Он чи ки шоир орзу мекард дар замони мо орзуи тамоми инсонҳост.

Ҳар ки бо душмании халқ равон аст чу бахр,
Дер бошад, ки сари хеш чу гирдоб хӯрад [9,с.80].

Сайидои Насафӣ халқи оддиро эҳтиром мекард ва дар бораи он ғамхорӣ менамуд.

Ман подшоҳаму хазон андӯҳ овард ба барг,
Ман чу арра будаму суҳон кард маро ҳамвор [357, с.70].

Суҳон ин олоти фулодии дандонадор аст, ки барои тез кардани асбобҳои буранда корду дос ва ғайра истифода мешавад. “Суҳони умр”- дар ин ҳолат ин ибораи маҷозӣ аст. Зиндагӣ ҳамчун суҳон аз инсон ҳамаи ноҳамвориҳоро ҳамвор мекунад, яъне ҳамаи ноҳамвориҳои фардие, ки бо инсон дар натиҷаи имтиҳонҳои дарднок ва ногувор мегузаранд.

Сайидо тарафдори сулҳ ва ҳокимияти мутамарказ буд, бинобар ин ӯ феодалҳоро маҳкум менамояд, ки барои ба даст овардани ҳокимият роҳи ҷангу хунрезиро интихоб мекунанд. Хунрезӣ, ба андешаи шоири файласуф сабаби асосии харобии кишварҳо ва халқҳо мебошад.

Талоши салтанат кардан хароб созад раъиятро,
Агар ин тоҷ бошад, сулҳ сарнагун гардад [357, с.201].

Сулҳдӯстии Сайидо дар асари ӯ “Баҳориёт” аз ҳама қавитар инъикос шудааст. Дар симои мӯрча бахши заҳматкаши халқ, дар симои шер бахши болонишини он – ҳокимон дар назар дошта мешавад. Шоир чунин ҳисоб мекунад, ки иқтидори мурчагон дар иттиҳод ва ваҳдати онҳо мебошад. Сайидо бавоситаи чунин истиора тавонист неруи деҳқононро нишон диҳад.

Агар деҳқонон ба мисли мӯрчагон муттаҳид шаванд, он гоҳ онҳо неруи бузурги мағлубнашаванда гардида, метавонанд душманони худро мағлуб намоянд. Мо метавонем дар шакли наср ҳикоя дар бораи шер ва мӯрчагонро ба хонандагон нақл намоем, то ки хонандагони хурдсол фаҳмида тавонанд, ки сухан дар бораи чи меравад.

Ё ки Сайидо ба таври масал ҳайвонотро ба ҳам оштӣ медиҳад ва ин гувоҳи он аст, ки шоир тарафдори сулҳ аст [357, с.207].

Мавзуи дигари адабиёти классикии тоҷик проблемаи ахлоқ мебошад. Вай инчунин бо сифатҳои асосии инсон – ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ иртибот дорад. Мутаассифона, дар миёни мардум шахсятҳое ҳастанд, ки ба дасисакорӣ ва маҳалгароӣ машғул мешаванд, дар натиҷаи амалҳои онҳо оромӣ аз байн рафта, ихтилофот оғоз мегардад. Махсусан, риёкории рафтори одамон сабаби оғози хатарҳо ва зиндагии ноором мебошад.

Дар ҳақиқат ҳар як шахс бояд сулҳдӯст бошад ва ҳама мекӯшанд ба арзишҳои марбут ба сулҳу амонӣ ноил бишаванд. Он касоне, ки оташдиҳандагони ҷанг буданд, ба бадбахтӣ дучор мешаванд ё умуман бенасибанд. Бинобар ин, мо бояд насли наврасро сарфи назар аз он, ки дар кадом оила таваллуд шудааст, тарбия намоем.

Ғояи тахайюлии шоҳи одил ва деҳқони дар фаровонӣ зиндагидошта дар тули муборизаи мардумони Осиёи Миёна дар давраи низоми феодалӣ пайдо шуда, махсусан дар ашъори шоирони пешқадами тоҷику форс Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ инъикос ёфта, дар достонҳои шоири бузург Низомии Ганҷавӣ инкишоф ёфтааст.

Чунин ғояро Фирдавсӣ дар ҳамосаи безаволи худ "Шоҳнома" аввалин бор дар омадани Искандар ба шаҳри бараҳманиҳо инъикос кардааст: дар ин кишвар баробарӣ буд ва шоҳи одил ҳукмронӣ мекард. Аз инъикоси мамлакати намунавӣ шоир ба хулосаи хеле ҷолиб омад. Искандар ин шаҳри ормониро дида, тахти таассуроти он чунин мегӯяд:

Нахоҳам дигар дар ҷаҳон бигардам,  
Дигар дом баҳри шикор нагзорам.  
Шояд ин хулқи колбади ман аст,  
Агар ман қабл медидам чунин тоифа,  
Намегаштам ба рӯйи ҷаҳон.

Абдураҳмони Ҷомӣ озодии халқро ба андешаи худ идрок намуда, расидан ба он сулҳу амниятро барои инсонҳо шарти ҳатмӣ ҳисоб мекард. Шоир ормони ҳаёти иҷтимоии худро дар охири достони “Хираднномаи Искандарӣ” инъикос намудааст. Ин ҷомеаест, ки зулму тааддӣ, истисмор ва дигар беадолатиро намедонад. Ин ҷомеаи бесинф мебошад.

Низомӣ дар шароити нави таърихӣ  дар “Искандарнома” ин ғояро инкишоф дод:

Сикандар, чу мегашт гирди ҷаҳон,
Хабарпурси ҳар ошкору ниҳон.
Дар аснои рафтан ба шаҳре расид,
Дар он шаҳр қавми писандида дид [302,с.125].

Дар порчаи дигари достон дар бораи ободии кишвар ва озодии халқе, ки аз рӯйи виҷдон ва адолат зиндагӣ мекунад, гуфта мешавад:

Шаҳру деҳ ободу маъмур ҳама қонеанд,
Ҳама хушнуд зеро адл тантана дорад.

Ин инъикоси орзуи мардум аст. Мутафаккирони гузашта адлро беҳтарин хислати шоҳон ва вазифаи асосии онҳо мешумориананд. Шайх Аттори Нишопурӣ дар эҷодиёти худ ба ин масъала таваҷҷуҳ дошта чунин иброз намудааст:

Дар ҷаҳон адл аст беҳтарин меъмор,
Авлотар аз адл меъмор набошад.

Агар адл аст, мулк ором аст,
Агар адл дар кишвар кор ҳам пайдост.

Шоир амалдоронро ҳушдор медиҳад, ки адл асоси идоракунии давлат ва обрӯи беҳтарини ҳукумат дар кишвар аст. Чунин андешаҳо мардумро ба мубориза ба муқобили шоҳони истисморгари онҳо даъват мекарданд:

Зулм дар идораи давлат мақбул нест,
Давлат бо уламо улфат набошад [429, с.92].

Фаридаддини Аттор зулмро дар кишвар ва идораи давлат яке аз нишонаҳои мусбат медонад. Барои ободии кишвар танҳо адл дуруст ва муҳимтар аз ҳама чиз мебошад. Танҳо адл ба ҳокимон номи некро насиб мегардонад. Танҳо адл метавонад хотираи некро абадӣ ба мисли Анушервон нигоҳ дорад. Нушервон оқил ва одил буд, бинобар ин, номи ӯ то рӯзҳои мо бо лақаби “Анушервони одил” омада расидааст.

Туро мамлакат эҳё намуд,
Агар ифтихор мадад кунад.
Нушервон адлро пеша кард,
Номи некаш то абад боқист.

Подшоҳи одил бояд дар бораи раъият бияндешад, зеро дар зиндагӣ чизе болотар аз адл набошад, - гуфтаанд мутафаккирони башардӯст. Шунидани овози мардум, ба доди раъият расидан ин уҳдадории шоҳ аст, зеро оҳи фақирон – ин нурест, ки дар замину об боқӣ хоҳад монд.

Агар мазлум зи дил барорад оҳ,
Шуълаи нури он бисӯзад замину об [427, с.115;116].

Ин андешаҳои шайх Фаридаддини Аттор, ки дар онҳо дар бораи таъсири виҷдон, адл, ҳамдардӣ ва меҳрубонӣ сухан меравад, дар тарбияи

насли наврас метавонад нақши мусбат дошта бошад. Дар онҳо роҳҳое нишон дода мешаванд, ки ба сулҳу осоиштагӣ боис мегарданд.

Анъанаҳои халқӣ ва педагогикаи халқӣ, ки аз тарафи ниёгон мерос монда аст дар ҳоли ҳозир бояд дар консепсияҳо ва назарияҳои муосири педагогӣ инъикос ёфта бошанд. Зеро онҳо таҳти таъсири асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқӣ ташаккул ёфтаанд. Бо ақидаҳои худ мутафаккирони гузашта ба тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баланд бардоштани эътиқодоти ахлоқӣ, ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таъсири бузург расонидаанд.

## 1.2. Моҳияти иҷтимоии ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Сулҳ ин вожаи муқаддас аст, ки барои инсонҳои тамоми ҷаҳон хеле азиз мебошад. Ин калимаро пиру ҷавон дар маҷлисҳо, чорабиниҳо ва маҳфилҳо ба забон меоваранд. Ба мазмуни ин калима шеъру сурудҳо бахшида шудааст. Тавре ки ба ҳамагон маълум аст, рушди ҷомеа ва фарҳанг ба сулҳу амният вобастагӣ дорад. Аммо ҷангу муҳориба (набард) ба ҷомеа зиён меоварад, фақат боиси тарсу ваҳшат мегардад, зеро ҷанги шуму зишт дар як лаҳза боиси хароб гардидани садҳо шаҳру деҳот ва ҳамаи он неъматҳое мегардад, ки бо дастони инсонҳо бо кумаки саъю талошҳои беандозаи ақлонӣ ва ҷисмонии онҳо бунёд гардидаанд. Халқи пешқадам, сулҳдӯст ва заҳматқарин барои ободии манзилу маъвои худ, хушбахтии хешовандон ва фарзандон орзу мекунанд ва ба он мекӯшанд. Муаллиф бар он ақидааст, ки “ғояи сулҳ- ин ҷунбиши тавоноест, ки ҳамаи халқҳоро муттаҳид месозад” [210, с.50].

Ҷанговарони тоҷик дар сафҳои Артиши Сурх то шаҳри Берлин – пойтахти Олмон рафта, дар мудҳиштарин ҷанги дуюми ҷаҳон дар асри XX пирӯзӣ ба даст оварданд. Баъди тамом шудани ҷанги дуюми ҷаҳон, аскарони

тоҷик барои барқарор намудани кишвар ба Ватан баргаштанд ва ҳамроҳи халқ дар киштзорҳо ва водиҳои Тоҷикистон кор карда, неругоҳҳои обию барқӣ бунёд намуданд, то ки зиндагии мардум равшантару зеботар шавад, каналҳо канданд, то ки заминҳоро обшор созанд. Аскари тоҷик орзуи муқаддаси обод кардани сарзаминашро дар дил мепарварид, то ки инсон дар он зиндагии хушбахтона дошта бошад. Ба андешаи муаллиф “Дар сари ӯ аслан фикри ҷанг кардан набуд, фақат дар бораи некуаҳволӣ ва ҳаёти осоишта андеша мекард, бинобар ин, ӯ тарафдори ватандӯстӣ, сулҳу, осоиштагӣ ва таҳаммулпазирии халқи заҳматкаш буд  [210, с.51].

Миллати тоҷик бо ҳамин нишон дод, ки тарафдори сулҳу демократия аст. Чаро инсонияти пешқадам ва ҳамаи онҳое, ки кор мекунанд, бо як роҳ равонанд - онҳо тарафдори сулҳу хушбахтианд ва таҳаммулпазирӣ зоҳир мекунанд? Чунки сулҳу таҳаммулпазирӣ, барои зиндагӣ кардан, кор кардан, дӯст доштан, таҳсил кардан, парвариш намудани фарзандон, маҳбуб будан, хушбахт будан, аз фаровонҳосилии замин хушҳолӣ кардан имконият медиҳад.

Ҷанг - ин амали ғайриқонунӣ аст. Барои одамон замони баъдиҷангӣ ҷанг бегона мебошад. Замоне, ки ҳанӯз ашки чашмони модарон хушк нашудаанд, захмҳо сиҳат наёфтаанд, ҳанӯз фалокату харобиҳо фаромӯш нашудаанд, танҳо одамони бадахлоқ ба ҷанг даъват мекунанд [210, с.60].

Модарон фарзандони худро барои хушбахтӣ дар зиндагӣ парвариш ва тарбия мекунанд, аммо на барои он ки қурбонии ҷанг бишаванд. Халқҳои ҷаҳон ҷангро намехоҳанд. Мардуми тоҷик аз ҷангҳо, ки зарари ҳангуфт дидааст, бинобар ин сулҳу таҳаммулгароиро сарвати бебаҳо медонад. Классики адабиёти точик Сайидои Нафасӣ мегӯяд:

Ҳар ки бар душмании халқ равон аст чу баҳр,
Дер набошад, ки сари худ чу гирдоб хӯрад [357, с.148].

Бигзор душманони халқ, оташдиҳандагони ҷанг дар ин маврид андеша намоянд. Ҳар ки хоҳони ҷанг аст, албатта дар оташи он хоҳад сӯхт, зеро халқ ҳамеша тарафдори сулҳу осоиштагӣ аст. Халқ – неруи муқтадир аст. Консепсияи миллии тарбия – ин тасмими муосири сиёсӣ аст, ки қишрҳои васеи аҳли ҷомеа ва аҳолӣ, махсусан насли наврасро фаро мегирад. Моҳият, мақсад ва муҳтавои тарбияи миллӣ дар марҳилаи нави таърихӣ ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ карда шудаанд. Онҳо нақш ва мавқеи худро дар ташаккули шахсияти инсон муайян мекунад.

Вожа-мафҳумҳои худшиносӣ, иттиҳод, ҳамбастагӣ, сулҳ ва таҳаммулпазирӣ, ватандӯстӣ ва амният, истиқлол – муҳим ва муқаддасанд. Инсонҳо, халқ ва миллат, ҷомеа, ки муҳтавои ин истилоҳотро мулоҳиза менамояд, метавонад бисёр чизҳоро идрок намояд [210, с.65].

Маърифати решаҳои худ, маншаи халқи тоҷик дорои мазмуни амиқ аст ва мо ҳанӯз ҳам худро дуруст нашинохтаем. То ҳол нишонаҳои дар боло зикршударо пурра дар ихтиёр надорем. Аз рӯйи шароити кунунӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва умуман, низоми маориф вазифаи дар шаҳрвандон ташаккул додани хушахлоқӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, моҳияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодии афкор, мавқеи мустаҳками шаҳрвандӣ ва ташаббускорӣ матраҳ мебошад.

Шаҳрванд бояд ба нафъи давлати худ кор ва зиндагӣ намояд, бо мушоҳидаи камбудиҳои иҷтимоӣ дар кишвари худ онҳоро ба таври танқидӣ арзёбӣ намояд, аммо барои ислоҳи онҳо кору заҳмат бикашад. Шаҳрванд бояд ватани худро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳифз намояд ва ҳамчун ҳомии худвижагии миллӣ ва фарҳангӣ бояд дар рушди ҷомеа саҳми худро гузорад. Ба ақидаи муаллиф, рӯйдодҳои ҷаҳони имрӯза ҳар як шахсро водор месозад, ки тамоми кӯшиши худро барои ободонии Ватани аҷдодӣ харҷ намуда, муқаддас донистани хоки Ватан, пойдории сулҳро дар сарзамини аҷдодӣ ва таҳаммулпазирии халқро мустаҳкам намояд [210, с.68].

Агар ҳамаи ҳодисаҳои дар ҷаҳон рӯйдиҳандаро тасаввур намуда, хуб ба андеша биравем, он гоҳ тазоди аҷиберо метавон мушоҳида намуд.

Фаҳмидан мумкин аст, ки баъзе мамлакатҳо барои ба даст овардани ашёи хом ҷиҳати рушди саноати худ, зӯргӯӣ ва таҳдидро нисбат ба кишварҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ заифбуда ба кор мебаранд. Онҳо ба давлатҳои дар ҳоли рушдбуда имкон намедиҳанд, ки ашёи хоми дар ихтиёр доштаашонро барои рушди кишвари худ истифода намоянд. Як қисми халқҳои сайёраи мо кушиш мекунанд, ки робитаҳои дӯстонаро бо давлатҳои сулҳпарвар роҳандозӣ намуда, талош меварзанд, ки сулҳу осоиштагиро дар рӯйи замин ҳифз намоянд. Баъзе кишварҳои нисбатан пешрафта барои амалисозии мақсадҳои нангини худ мунокишаҳо ва низоъҳоро роҳандозӣ мекунанд. Ин гуна ғояҳо дар охири асри гузашта ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ворид карда шуда буданд, ва таърих гувоҳ аст, ки ҷанг ба сари халқи тоҷик чи гуна бадбахтиҳо овард ва боиси талафоти хеле зиёди инсонӣ ва хисороти моддӣ дар кишвари мо гардид [210, с.70].

Вижагиҳои ҳаёти иҷтимоию сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони пош хурдани иттиҳоди шуравӣ дар он аст, ки ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум фақру нодориро дар кишвар табоҳтар сохт. Зарари умумӣ аз ҷанги бародаркуш ба андозаи 7 миллиард доллари ИМА муҳосиба шудааст. Талафоти махсусан вазнин дар минтақаи Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон, ноҳияҳои гурӯҳи Каротегин ва шаҳри Душанбе ворид карда шуданд.

Тибқи маълумоти оморӣ, дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ 55 ҳазор нафар кӯдакон ятим монда, 26 ҳазор нафар занон шавҳарони худро аз даст дода ва бесаробон монданд, 195 ҳазор нафар одамон ба кишварҳои дигари ИДМ муҳоҷират карданд. Натиҷаҳои таҳқиқоти Сандуқи Байналмилалии Асъор ва Бонки Умумиҷаҳонӣ нишон додаанд, ки тақрибан 20 % мактабҳои ҷумҳурӣ хароб ва валангор гашта буд [337,с.72].

Ҳамин тавр, нимаи аввали солҳои 90-уми асри XX солҳое буданд, ки тоҷикон ҳама руҳияи худро аз даст дода буданд ва орзую ҳавасҳо ба ғаму андуҳ мубтало шуданд. Аммо дар ҳамин солҳои фалокатбору фоҷеанок ҳам халқи тоҷик дар хотима бахшидани ҷанги шаҳрвандӣ аз хиради азалии худ истифода намуданд.

Ба шарофати кӯшишу талошҳои хастагинопазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муқовимати шаҳрвандӣ хотима пазируфта, ниҳоят соли 1997 ба сарзамини тоҷикон сулҳу оштӣ фаро расид [210, с.76].

Академик М.Лутфуллозода таҳкид бар он дошт:"Агар ҷанги шаҳрвандӣ бо сулҳ тамом намешуд, агар Президенти маҳбуби тоҷикон миллат ва халқи парокандаи кишварашро муттаҳид ва сарҷамъ намесохт, то имрӯз ашки ҷонсузӣ модарон хушк нашуда буд" [242, с.69].

Дар таърихи давлати бостонии тоҷикон ба арсаи сиёсат ва ба сари қудрат омадани Эмомалӣ Раҳмон барои ҳалли сарнавишти халқи тоҷик нақши бориз дошт. Аз нахустин рӯзҳои ба сарварии давлати тоҷикон интихоб шудани худ мегуфт: "То замоне, ки ҳатто як нафар тоҷик дар берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ боқӣ мемонад, ман ором буда наметавонам". Ӯ ба мардум барои зиндагӣ, хушбахтӣ ва ояндаи нек умеду итминон дод. Ӯ дар руҳу қалби мо ва ҳазорҳо ҳамватанонамон шарораи эътимодро равшан сохт, роҳи эҳёи миллатро ҳамвор сохт. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавонист ҷинни ҷангро ором намояд, ҳамон ҷиннеро, ки душманон аз кӯзаи таърих раҳо карда буданд, дубора ба зиндон андохт. Дар оғози ҳазораи дуюм Тоҷикистон тавонист аз вартаи ҳалокат наҷот ёбад, ба туфайли ин, чароғҳои орзуҳои халқи тоҷик бо рангҳои дурахшон ба партавфишонӣ даромаданд:

Рӯзи оштии мо - ҳамзистии сулҳомез аст,
Ҷашни истиқлол - саодату шаҳомати мост [210, с.80].

Имрӯзҳо ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибистиқлол аст. Аз баракати сулҳ тоҷикон истиқлолият ба даст оварданд. Истиқлол – ин неъмати ҳаётбахш ва тавоно аст. Пеш аз ҳама, вай ба халқҳои ҷаҳон ҳуқуқи мавҷудияти миллатҳоро дар мамлакати озоди шукуфон нишон медиҳад.

9 сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати мустақил ва соҳибихтиёр –Ҷумҳурии Тоҷикистон арзи ҳастӣ намуд.

Тоҷикон аз ҷумлаи қадимтарин халқҳои ҷаҳон буда, ба таърихи тамаддуни ҷаҳонӣ робита доранд ва соҳиби мероси пурғановати фарҳангӣ мебошанд. Аммо ин миллат пас аз таназзули сулолаи Сомониён дар муддати ҳазор сол аз давлатдории худ маҳрум буд. Бинобар ин 9 сентябри соли 1991 барои мо на танҳо рӯзи Истиқлол, балки санаи барқароршавии адолати таърихӣ ҳам мебошад. Тавре ки дар суханронии худ Пешвои миллат ҳангоми мулоқот бо зиёиён ва ҷавонони фаъоли кишвар дар рӯзҳои таҷлили ҷашни 100 - солагии давлати Сомониён ва 90-солагии фарзанди бузурги миллат Бобоҷон Ғафуров таъкид намуданд: “Истиқлолият ин рамзи давоми миллат ва рамзи ҳаёти Тоҷикистони соҳибистиқлол аст. Ҳарчанд, ки дар оилаи бузурги одамони шуравӣ тоҷикон аз самараи меҳнати худ лаззат мебурданд, инчунин илму техника, саноат, сохтмон ва дигар соҳаҳои кишоварзӣ рушд мекарданд, ҷумҳурӣ ба таври мутлақ мустақил набуд. Имрӯз ҳарчанд душвор аст, Тоҷикистон дар роҳи сулҳу таҳаммулпазирӣ, оштию ваҳдат, ба рушди хоҷагии халқ, инкишофи илму фарҳанг қадам мезанад” [336, с.68].

Ба Тоҷикистони соҳибистиқлол, мутаассифона, аз тарафи гурӯҳҳои иҷтимоии алоҳида ҷанги шаҳрвандӣ таҳмил карда шуд, ки робитаҳои иқтисодӣ ва фарҳангиро дар худи Тоҷикистон ва дар хориҷи он қатъ намуд. Ин ҷанг ба мисли ҳар гуна задухӯрд қурбониҳо ва харобиҳои зиёд ба бор овард. Ҳазорон одамон гуреза шуданд ва ин дар навбати худ кишварро ба бухрони иқтисодӣ гирифтор намуд.

Тавре ки яке аз шоирони машҳури тоҷик, Қаҳрамони Точикистон вассофи сулҳу амонӣ Мирзо Турсунзода мегӯяд:

Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт,
Душманӣ орад ба мардум рӯзи сахт [414, с.301].

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз минбари баланди СММ дар ин маврид изҳори ақида намуд, ки ҳоло вақти он расидааст, ки халқи тоҷик дигар бозичаи дасти кишварҳои манфиатҷӯ нест [338, с.78].

Доираҳои ифротгарои дини ислом, ки боиси сар задани ҷанг гардида буд, ва ба нобудшавии миллат хизмат мекарданд, наметавон онҳоро болотар аз манфиатҳои худ гузошт. Кишвар бояд роҳи адолат ва таҳаммулпазириро интихоб намояд. Имрӯз кишвари тоҷикон соҳибистиқлол аст, бинобар ин, ҳар як шаҳрванди арзандаи он бояд барои хушбахтӣ ва шукуфоии Тоҷикистон ва халқи он саъю кӯшиш намоянд. Барои мавҷудияти сулҳ ва таҳаммулпазирӣ, пеш аз ҳама, якдигарфаҳмӣ лозим аст. Агар халқи тоҷик бо ранҷиш хайрбод намекард ва ҳамаи таҳқирҳои дидаашро намебахшид, дар бораи ободии меҳанаш андеша намекард, даст ба дасти ҳамдигар дода, бо фидокорӣ кор намекард, имрӯз Тоҷикистон дар радифи давлатҳои ҷаҳон қарор намедошт.

Сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон дар баромадҳои худ пайваста такрор мекунанд, ки парокандагӣ ва маҳалгарой, рақобат ва нафрат то кунун ҳеҷ давлатро ва ҳеҷ як миллатро ба мақсад нарасонидааст [333,с.25].

Маҳз ба хотири сулҳ ва таҳаммулпазирӣ, бехатарӣ, ваҳдати мардуми Тоҷикистон санади сулҳу оштии миллиро бо кӯшишҳои хастагинопазири Пешвои миллат, роҳбарони баъзе созмонҳо ва ҳизбҳои мухолиф дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ба имзо расониданд ва ҷанги шаҳрвандӣ хотима ёфт. Ин иқдом ва нияти нек лозим бар он буд, ки баъзе неруҳои сиёсии мақсади ободии меҳандоштаро ба ҳам пайваст намуд [210, с.97].

Дар натиҷаи чунин тасмими оқилона ҳар як шаҳрванди ҷумҳурии Тоҷикистон сарфи назар аз мансубияти миллӣ бо тамоми вуҷуд дарк менамуд, ки сарнавишти Тоҷикистон тақдири ӯст.

Имрӯзҳо дар МТМУ, пеш аз ҳама, бояд ба проблемаҳои сулҳ ва таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳ намояд, зеро ҳаёти некуаҳволонаи ҷомеа дар ҳар лаҳза ва дар ҳар замон ба он эҳтиёҷ дорад. Ин нуқтаи назар дар раванди таълиму тарбия бадеҳӣ ва шарти баҳснопазир мебошад. Дар ин маврид

академики Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ, профессор М. Лутфуллозода дар истиноди худ чунин менависад:

“Таҳсилот ва ватандӯстӣ - моҳияти оштӣ аст, ифтихори миллиро бошад, бояд тарбия намуд. Ин ахлоқ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар байни халқҳои миллатҳои гуногун ташаккул медиҳад” [240, с.90].

Мавриди зикр аст, ки Владимир Путин, Президенти Федератсияи Россия нисбати тинати сулҳпарваронаи Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ва барқарор намудани сулҳу осоиштагӣ дар Ватан чунин иброз намуд: “Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони кишварҳои Иттиҳод яке аз мавқеъҳои асосиро ишғол менамояд. Ва ин амри тасодуф нест. Тамоми саъй ва кушишҳои ӯ нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ идома дорад. Шабоҳати ин раванд дар кишварҳои олам намунаи ибрати хуб аст” Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар таърихи 9 сентябри соли 1991 истиқлолияти давлатии худро ба даст овард [2 М, с.157].

Дар ин марҳила кишварҳои мо зери таъсири баъзе нерӯҳои харобиовари дохиливу берунӣ ба вартаи ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд, ки боиси талафоти зиёди инсонӣ, ҳисороти беандозаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, маънавӣ ва инчунин моливу ҷонӣ гардид, ки тамоми ниҳодҳо ва заминаи ободкорӣ ва бунёдкориро фалаҷ кард. Дар тамоми манотиқи кишвар бенизомӣ ва бесарусомонӣ ҳукмрон шуд. Дар чунин шароити душвори сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ 16 ноябри соли 1992 Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Иҷлосияи мазкур заминаи воқеии созандагӣ дар таҳкими давлатдорӣ, таъмини истиқлолияти миллӣ ва дар муайян намудани самтҳои рушди ҷомеа дар солҳои наздик ва бунёди сулҳу осоиштагии кишвар нақши хотирмон ва таърихи гардид [337,с.88].

Зимни ҳадафҳои муҳимтарини иҷлосия дар маддӣ аввал дар кишвар хунрезӣ хотима ёфта ва сарвари муносиб барои идораи давлат интихоб гардид.

Самимият ва ҳисси баланди ризоияти Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар назди халқу Ватан, тавоноии ҳамфикрӣ бо рақибони сиёсӣ бо амри

тақдир ба ӯ имкон доданд, ки дар як муддати кӯтоҳ ҳамчун шахсияти маъруф шинохта шавад ва аз нуфузу эҳтироми бузург бархӯрдор гардад. Сифатҳои неки инсонгароии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа ҳамчун як шахсияти сиёсӣ, Пешвои хирадманду дурандеш ва Пешвои ҳақиқии халқи тоҷик маъруф гардид.

Бо шарофати ин марди абарқудрат пеш аз ҳама ҷанги бародаркуши бемаънӣ, оворагии мардуми гуреза хотима ёфта, фирориён ба макони зисти худ баргаштанд. Муҳимтар аз ҳама таҳдиди аз байн рафтани давлати тоҷикон хотима ёфт. Ғояи сулҳу ваҳдати миллӣ, ки аз ҷониби Сарвари давлат ба миён гузошта шуда буд, аз ҷониби халқу миллатҳои муқимии ҷумҳурӣ ҳамаҷониба пазируфта шуд [2 М, с.158].

Созишномаи истиқрори сулҳу ваҳдати миллӣ бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ба имзо расид. Далели мазкур дар амалияи ҷаҳонӣ ба ҳайси падидаи нодир шинохта шуд, ки имрӯзҳо дар тамоми ҷаҳон ба корнамоиҳои ин марди беназир мароқ зоҳир намудаанд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар даврони оғози истиқлоли кишвар вазъи низомии кишвар дар ҳолати ногувор қарор дошт. Он аслиҳаву лавозимот, ки аз Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ ба мерос боқӣ монда буд, барои таъмини иқтидори ҳарбӣ кифоя набуд. Аз ин рӯ, давлати тозаистиқлол барои ҳимояи марзу буми кишвар аз заминаи фронти халқӣ оғоз намуд. Баъдан тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эъломияи соҳибихтиёрӣ аз 18 декабри соли 1992 Президуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Точикистон таҳсис ёфт. Ин санад оғози раванди воқеии таъсиси артиши миллӣ буд, ки эъмор ва бунёди он ба зимаи худи Сарвари давлат қарор дошт [2 М, с.159].

Сарвари давлат сарфи назар аз вазъи мураккаби ҳарбиё сиёсӣ ва мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ба сохтори ташкилию кадрии артиш ва қобилияти ҷангии он барои ҳифзи самараноки манфиатҳои миллӣ таваҷҷуҳи

зиёд зоҳир намуд, то ки қодир ба ҳифзи Ватан ва амнияти шаҳрвандони кишвар бошад.

Боиси ифтихори мо тоҷикон аст, ки имрӯзҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар ҳаёти байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, кишвари тоҷиконро дар байни 140 давлати ҷаҳон муаррифи намуда, бо аксари ин кишварҳо робитаҳои ҳамаҷонибаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳанги барқарор намудааст [2 М, с.159].

Тавре, ки руйдодҳои минбаъдаи таърихи нишон доданд, интихоби Президенти кишвар Эмомали Раҳмон дар ҳифзи давлатдории тоҷикон ва муттаҳидшавии халқи тоҷик нақши муҳим дошт. Ӯ ҳамчун меъморе амал намуд, ки бунёди давлатдории нави тоҷикон бар души ӯ бар пояи устувори ваҳдати сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик такя намуд. Президенти кишвар Эмомали Раҳмон дар оғози фаъолияти кории хеш дар ин кишвари фалаҷгардида ба халқи азияткашидаи ин сарзамин чунин иброз намуд: “Барои барқарор намудани сулҳ дар кишвар ва баргардонидани ҳама гурезагон ба Ватан омодаам, ки ҷонамро фидо кунам”. Қадами нахустин дар роҳи барқарорсозии сулҳ дар иҷлосияи тақдирсоз гузошта шуд ва тавре ки ҳамватанони мо хуб дар хотир доранд, баъди музокироти бисёр мушкилиҳо 27-уми июни соли 1997 бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба анҷом расид [210, с.85].

Дар он рӯзҳои мудҳиш дигар санади муҳим, ки аз ҷониби Президенти тозаинтихоби халқ ба имзо расида буд: Қонун “Дар бораи гурезаҳо” имкон фароҳам овард, ки шахсони хонаву маҳалли зист ва ҷойи кори худро тарк кардаанд, ба ҷойҳои зисти доимии худ баргардонида шаванд.

Албатта ба роҳбарияти мамлакат дар як муддати кӯтоҳ барқарор намудани ҳокимияти маҳалӣ, ташкили тартиботи қонунӣ, танзими фаъолияти вазорату идораҳо ва ниҳодҳои давлатии кишвар чандон осон набуд. Аммо ба ин марди нексиришт ин ҳама дар як муддати кутоҳ муясар гардид. Аз ин рӯ халқ ба ҳукумат, устувории он ва қобилияти таъмини амнияти ҷамъиятии кишвар ба пуррагӣ эътимод пайдо кардаанд. Зеро дар оғози давраи ба

истиқлол расидани ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи фурӯпошии давлати абарқудрат сурат гирифт, кишвари мо гирифтори буҳрони шадиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсиву гуманитарӣ ва ҳодисаҳои фоҷеабор гардид. Ниҳоди халқро ноумедиву парешонӣ то он дараҷае фаро гирифта буд, ки онҳо ба зинда мондан ва раҳои ёфтан аз ин вартаи ҳалокатбор бовар надоштанд. Дар чунин шароит эътимоди мардум ба Ҳукумат амалан аз байн рафта, кишвар дар вазъи ниҳоят вазнин бе роҳбару роҳнамо монда буд.

Таърих гувоҳ аст, ки таҷрибаи талхи ҷангҳои дохилӣ дар ҷаҳон шаҳодат медиҳанд, ки ягон давлат рақиби сиёсӣ ва ҳарифони қудратталабашро аз сангарҳои ҷанг берун оварда, бо силоҳи ҷангию лавозимоти ҳарбӣ ва сарбозони ҷангозмудааш дар сари дастгоҳи давлатию сохторҳои идоракунӣ ва мақомоти низомӣ ҷойгоҳи қудратӣ нададааст. Чунон ки дар Тоҷикистон Пешвои миллат-Эмомалӣ Раҳмон дар он рӯзҳои сангин барқарор намуда буд [2 М, с.157].

Иброз бояд намуд, ки ана ҳамин табиати сулҳҷуёнаи Пешвои муаззами тоҷикон буд, ки мо халқи тоҷик аз он рӯзҳои мудҳиш ба чунин рӯзҳои неку хушбахтона расидем, ки ин нуқтаро собиқ Котиби Генералии СММ (Созмони Миллалӣ Мутаҳид) Кофи Анан, чунин тавсиф намуда буд: “Тоҷикистон дар ҳалли ихтилофи дохилӣ барои бисёр кишварҳо намунаи ибрати беназир гардид. Гумон мекунам, ки ин саҳми Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар барқарор намудани мусолимати мардуми кишвар мебошад”.

Хотирмон аст, ки ҳарчанд Тоҷикистон истиқлолияти худро 9-уми сентябри соли 1991 эълон намуда буд, аммо ҳодисаҳои баъди он баамаломада нагузоштанд, ки мардуми мо ба бунёди давлати соҳибихтиёри худ оғоз намоянд [2 М, с.157].

Кишвари соҳибистиқлоли мо барасари бесарусомонӣ ва кашмакашиҳои дохилӣ беш аз як сол рамзҳои давлатдории худ, аз ҷумла Парчами давлатӣ надошт.

Яъне мо Конститутсия, на Суруди миллӣ ва на Парчаму нишони давлати соҳибистиқлоламонро доштем. Аз ин лиҳоз, рӯзи қабули Парчами

давлатӣ, яъне 24-уми ноябр ҷашни умумимиллӣ эълон карда шуд, ки ҳар сол аз ҷониби мардуми Тоҷикистон бо ифтихори бузург таҷлил мегардад.

Баъдан, бо кумаку дастгирӣ ва саъю талоши Сарвари сулҳпарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон раванди барқарорсозии баъдиҷангӣ оғоз гардид ва дар як муддати кӯтоҳ садҳо ҳазор манзили истиқомативу муассисаҳои иҷтимоии сухтаву харобшуда, пулҳо ва дигар иншооти инфрасохтории валангор гардида таъмиру барқарор гардид.

Дар ин мавридиз, Президенти кишварро муяссар гардид, ки бо заҳматҳои шабонарӯзӣ, кӯшишҳои пайваста вазифаҳои асоситарину мураккаби дар наздаш қарордоштаро давра ба давра ҳаллу фасл намоянд [2 М, с.157].

Масъалаҳои муҳими сиёсиву ҳуқуқӣ ва иқтисодиву иҷтимоӣ, дар мамлакат барқарор намудани шохаҳои ҳокимият ва мақомоти идоракунии фалаҷгардида, баргардонидани гурезаҳо, ба роҳ мондани фаъолияти муътадили мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар тамоми қаламравӣ кишвар, таъсиси Артиши миллӣ, пурзур гардонидани ҳимояи сарҳади давлатӣ, барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо давлатҳои хориҷӣ ва дигар масъалаҳои муҳимме, ки дар мустаҳкам намудани соҳибистиқлолии давлатамон нақши муассир бозиданд, ҳадафҳои барқароргардидаи ин марди сулҳхоҳу раиятпарвар буд.

Аз таърихи кишвар дар ёд дорем, ки бо сабабу омилҳои дар боло зикршуда қариб даҳ соли аввали таърихии давраи соҳибистиқлолӣ сарфи кашмакашу низоъҳо ва мухолифатҳои мусаллаҳона гардид, сарвари кишварро лозим омад ба масъалаҳои таъмин намудани рушди муназзами иқтисодӣ миллӣ ва корҳои ободониву созандагӣ амалан аз оғози солҳои 2000-ум машғул шавад. Дар ин давра дар кишвар зиёда аз 2000 корхонаи гуногуни истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба солҳои аввали соҳибистиқлолӣ қариб 4 баробар зиёд гардид [2 М, с.158].

Аз ин лиҳоз солҳои 2022-2026-ро Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон солҳои рушди саноат эълон намуд, зеро саноаткунонии босуръати кишвар имкон медиҳад, ки рушди устувори соҳаи саноат, садҳо ҳазор ҷойи нави корӣ

ташкил карда ва ҳамчун тавлидкунандаи арзиши баланди иловашуда таъмин гардид.

Дар самти соҳаи кишоварзӣ ҳуқуқи истифодаи замин ба деҳқон ва ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ба деҳқон ва ҷиҳати истифодаи самараноки обу замин ва ҳифзи амнияти озуқавории мамлакат яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳеҷ гоҳ бояд фаромуш насозем, ки оғози замони соҳибистиқлолӣ хатари гуруснагӣ бо сабабҳои маълум халқро таҳдид мекард [210, с.90].

Бо эътимоди комил иброз медорем, ки имрӯзҳо Сарвари кишвар тамоми саъю талоши ватандӯстонаи худро минбаъд низ ба хотири амалӣ намудани нақшаву барномаҳои қабулшуда, ободониву созандагии Ватани маҳбубамон ва ҳамасола дар истиқболи арзандаи ҷашни муборaку муқаддаси миллӣ рӯз аз рӯз иқтисодиёти кишвар дар пешрафти шароити зисту зиндагонии мардум рӯ ба тарақӣ ниҳодааст.

Зикр бамаврид аст, ки аз хиради ин марди бошараф Эмомалӣ Раҳмон сиёсати сулҳ, ки ҷавҳари сиёсати хориҷии мо мебошад, маҳз дар Иҷлосияи таърихии шонздаҳуми Шурои Олӣ эълон гардид ва аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пуштибонӣ ёфт [210, с.95].

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз минбари бонуфузи иҷлосия эълон намуд, ки Тоҷикистон ҷонибдори ба роҳ мондани муносибатҳои судманд бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон дар асоси таъмин намудани ҳаёти орому осоишта ва арзандаи ҳар як шахсро вазифаи аввалиндараҷаи хеш мешуморид.

Имрӯзҳо Тоҷикистон бо 180 давлати хориҷӣ муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуда, узви комилҳуқуқ ва фаъоли Созмони Миллали Мутаҳид ва тамоми ташкилоту созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ гардидааст. Аз ин лиҳоз дар шароити ниҳоят пурпечутобу мураккаб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ, махсусан, мубориза бо терроризму ифротгарои саҳми арзишманд гузошта истодааст, ки собиқ Президенти Иёлоти Муттаҳидаи Америко Ҷорҷ Буш, дар

ин масъала ба унвони Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон чунин ибраз намудааст: “Халқи Амрико аз Тоҷикистон барои саҳми калонаш дар мубориза‌и зидди терроризм сипосгузор аст. Басо хушнудам,ки муносибатҳои мо беш аз пеш таҳким ёфтаанд. Изҳори умед мекунам, ки мо минбаъд низ барои озодии бештар ва амнияти тамоми минтақа ҷидду ҷаҳд хоҳем кард”.

Ин масъалаи доғи рӯз дар ақидаҳои сиёсии Йоханнес Рау, собиқ Президенти Ҷумҳурии Федералии Олмон чунин садо дода буд: “Тоҷикистон ба сафи иттиҳоди зиддитерористӣ бетаъхир ворид гардид, мо барои ин сипозгузорем. Тамоми кушишҳои ҳамарӯзаи Эмомалӣ Раҳмон барои суботи вазъи сиёсӣ ва ризоияти миллӣ дар дохили мамлакат намунаи ибрати давлатҳои дигар мебошад” [2 М, с.158].

Аз ин рӯ Президенти кишвар мудом таҳкид бар таҳкид иброз медоранд: “Вазъи кунунии ҷаҳон ва минтақа моро водор месозад, ки ҳатто як лаҳза ҳам аз масъалаи ҳифзи соҳибихтиёри,таъмини амнияти давлату миллат, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ғофил набошем”. Ӯ дар робита ба ин гуфтаҳои хеш боз илова месозад: “Ҳар як фарди бонангу номуси миллатро бори дигар даъват менамоям, ки бо дарки амиқи масъулияти шаҳрванди ва қарзи фарзандии худ дар назди халқу Ватан минбаъд дар рушду тарақиёти бомароми давлати соҳибистиқлоламон ва раванди созандагии сарзамини муқаддасу биҳиштосоямон боз ҳам бештар ҳиссагузор бошад” [2 М, с.159].

Зикр бомаврид аст, ки тинати сулҳдӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 23 сентябри соли 2024 аз минбари бонуфузи Созмони Миллалӣ Мутаҳид таваҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба мавзӯъи бениҳоят муҳим яъне сулҳ ҷалб намуданд. Ин ташаббуси башардӯстонаи роҳбари давлати тоҷикон ба мавқеъгирии Тоҷикистон дар ин самт сархати бисёре аз расонаҳои дунё гардида буд.Ташаббуси мазкур имрӯз аввалин шуда аз ҷониби худи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқ гардид.

Ин марди хирадманд гуфтаҳои Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозиро ҳамеша сармашқи кори худ дар сиёсати дохилию хориҷии худ медонад:

“Агар пилзурӣ в-агар шерчанг”,
Ба наздики ман сулҳ бештар, ки ҷанг...” [360,с.56].

Зеро имрӯз дар фасли баҳори соли 2025 дар натиҷаи сафари давлатии Пешвои миллат ба ҷумҳурии Қирғизистон созишномаи марз тибқи сулҳу салоҳ имзо шуда,Тоҷикистону Қирғизистон гузаргоҳҳои марзиро ки тақрибан дар тули чор сол баста буд, боз карданд. Аз давраи барқарор гардидани муносибатҳои дипломатӣ робитаҳои дуҷонибаи Тоҷикистону Қирғизистон ба таври анъанавӣ дар самти ҳамкориҳои мутақобилан судманд ҷараён гирифта, дар маҷмуъ дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, илмию техникӣ ва фарҳангӣ бомувафақият рушд карда истодааст. Албата ин орзуи ҳар як фарди ватандӯст ва сулҳпарвар мебошад [339].

Албата ин орзуи ҳар як фарди миллати ҳамсояи ҳамсарҳад қирғиз низ аст, ки дар Тоҷикистону Қирғизистон сулҳу осоиш ва ваҳдату ягонагӣ пойдору ҷовидон бошад. Омӯзгорро лозим аст, дар ин маврид тибқи таълиму табияи насли наврас ҳамеша таҳкид бар он созад, ки барои ободонии ватани аҷдодиамон ва пойдории сулҳу осоиштагӣ бояд ҳар як фарди ватандӯсту ватанпарвар бо заҳмати содиқонаи хеш паҳлуи Сарвари сулҳпарвару ободкори хеш такя намуда, аркони давлату давлатдории мустақиламонро устувор гардонида, барои ояндаи ободу осудаи сарзамини куҳанбунёдамон саъю талоши бештар намояд [2 М, с.159].

Набояд он рӯзҳои мудҳишро фаромуш сохт. Он рӯзҳо дарси ибрат барои тарбияи насли навраси имрӯзаи мо бояд ҳамеша бимонад. Аз ин рӯ мустақилияти Тоҷикистонро наметавон натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ номид. Истиқлолияти Тоҷикистон – ин қонунияти ташаккули ҷомеа мебошад.

Душманони дохилӣ ва хориҷӣ бо истифода аз заиф шудани сохторҳои давлатӣ, дар натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ва арзи вуҷуд намудани давлати тоза истиқлол бо номи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлати ҷавон дар давраи ҳанӯз вуҷуд надоштани артиши худ ҳамла овარданд ва мамлакати тозатаъсис ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд.

Неруҳои ватандӯст хатари азбайнравии кишварро эҳсос намуда, ба муқобили ин ҷанги бемаънӣ бархостанд [210, с.97].

Ҳодисаҳои талхи солҳои 1991-1997 нишон дод, ки вайрон кардани қонун халқи тоҷикро ба азобу сарсонӣ ва гуруснагию бадбахтӣ гирифтор намуд. Баъди гуфтушунидҳои тулонӣ беҳтарин намояндагони аҳли хиради кишвар, ниҳоят, имконияти 16 ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд баргузор намудани иҷлосияи 16-уми Шурои Олӣ фароҳам гардид. Дар ин иҷлосия муроҷиатнома бар халқ дар бораи зарурати оштӣ ва ваҳдати миллати тоҷик садо дод. Дар таърихи Тоҷикистон давраи нав оғоз гардид. Тоҷикистони ба хун оғушта гардида роҳбаририи давлатро ба ин шахсияти бузург Эмомалӣ Раҳмон бовар кард, давлате ки дар ҳоли ҷанг қарор дошта. ба буҳрони амиқи иқтисодӣ гирифтор буд. Эмомалӣ Раҳмон роҳбари давлате, гардид, ки баъди ҷанги бемаънӣ дар вазъияти яъсу ноумедӣ қарор дошт.

Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои ба мансаби Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шудани худ аз минбари иҷлосия ба мардуми ташнаи сулҳу оромӣ ваъда дода буданд: ”Ман ба Тоҷикистон сулҳ меоварам, ё ҷонамро дар ин роҳ фидо мекунам” [212, с.19].

Дар он давра вазъият хеле душвор буд, зеро дар кишвар муборизаи байни бародар бо бародар, падару писар идома дошт. Як қисми аҳолӣ гуреза гардид. Қисми дигари он зану фарзандони худро аз даст дода, дар назди тӯдаи хокистар, ки аз манзили як замон ободи ӯ боқӣ монда буд, мунтазири барқарории сулҳ, бо мушкилиҳо умр ба сар мебурданд [210, с.99].

Аммо Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ваъдаи худ вафо карданд ва тавонистанд, ки дар ин вазъияти душвор сулҳро барқарор намуда, ҳамаи

тарафҳои даргирро сари як миз нишонанд ва ба онҳо оштиро пешниҳод намоянд.

Халқи тоҷик таҳти раҳбарии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳамзистии осоишта муваффақ гардида, корҳои зиёдеро дар бобати барқарорсозии кишвари ҷангзада анҷом дод. Бо фарорасии сулҳу оштии миллӣ ҳаҷми бузурги корҳо анҷом дода шуданд: шоҳроҳи Кӯлоб-Қалъаи Хумб, Қулма - Қароқурум сохта шуда, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб ба истифода дода шуд. Неругоҳи барқи обии Помир-1 бунёд гардида, дар дили кӯҳҳо тунелҳои “Истиқлол”, ”Шаҳристон” ва “Чормағзак” бунёд ва ба истифода дода шуданд. Кони гази Хоҷа Сартез ба истихроҷ омода карда шуд. Ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён ботантана таҷлил гардид ва ба муносибати ин ҷашн дар маркази пойтахт муҷассамаи асосгузори давлати тоҷикон Исмоили Сомонӣ гузошта шуд. Инчунин 80- солагии пойтахти Тоҷикистон – шаҳри Душанбе, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб ва 3000- солагии шаҳри Ҳисор ҷашн гирифта шуд. Дар шаҳри Душанбе садҳо биноҳои ҳозиразамон, осорхонаҳо ва дигар иншоот сохта шуданд, ки ба шаҳр ҳусни тоза бахшиданд. Боғҳо ва гулгаштҳо шукуфон шуданд [212, с.21].

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, таҳсилоти томактабӣ, муассисаҳои таълимии типпи нав аз қабили литсейҳо, гимназияҳо ва беморхонаҳо сохта шуда, бо таҷҳизоти нав ва муосир муҷаҳҳаз гардида шудаанд. Парчами ҷумҳурии Тоҷикистон дар маркази пойтахт шаҳри Душанбе бо баландии 165 метр барафрохта шуд. Калонтарин китобхонаи миллии ҷумҳурӣ дар пойтахт сохта шуд, ки дар Осиёи Марказӣ ҳамто надорад. Бисёр роҳҳои автомобилгарде сохта шуданд, ки ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ мебошанд, аквапаркҳо, биноҳои баландошёна сохта шуданд, ки пойтахтро зебу зинат медиҳанд. Бояд иброз намуд, ки ин ҳама аз тиннати ватандӯстона, сулҳпарварона ва таҳаммулпазиронаи халқи тоҷик бо роҳбарии Президенти раиятпарвар маъша гирифт. Аз ин рӯ бояд насли наврасро дар ин рӯҳияи ахлоқи аҷдодони хеш тарбия намоем. Яъне ҳамеша бо таъкидҳо ва таълиму тарбияи худи омӯзгорон ба умқи кӯдакон, хонандагон, наврасон

расонида шавад, ки ин ватани зебову обод бо осонӣ ба даст оварда нашудааст. Дар ин роҳ заҳмату талошҳои меҳандӯстонаи халқ сарфа шуд.

Фурудгоҳи байналмилалӣ дар пойтахт навсозӣ гардид, ки ба ҳамаи талаботи муосир ҷавобгӯ мебошад. Акнун ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳангоми парвоз кардан ба бисёр кишварҳои ҷаҳон дар сатҳи хеле баланд хизмат расонида мешавад. Аз шаҳри Ваҳдат то ноҳияи Ёвон ва бо хатсайри шаҳри Кӯлоб роҳи оҳани нав бунёд гардид, ки имкон медиҳад интиқоли борҳо ва мусофирон аз шаҳри Душанбе ба вилояти Хатлон ва баръакс амалӣ карда шавад [210, с.101].

Соли 2018 дар беҳтаршавии робитаҳои байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯйдоди фаромӯшнашаванда ба ҳисоб меравад. Акнун шаҳрвандони ҳар ду кишвар бидуни раводид метавонанд аз кишварҳои якдигар дидан намоянд. Ин рӯйдоди хеле бузург дар байни давлатҳои ҳамсоя имкон дод, ки халқҳои бародар ба ҳам наздик шаванд ва хешу таборон метавонанд бидуни монеа ба боздиди якдигар бираванд ва муоширати озодона дошта бошанд. Барқарор кардани роҳи оҳан аз вилояти Хатлон ба шаҳри Тирмиз имкон дод, ки аҳолии шаҳри Кӯлоб ва дигар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ ба кишварҳои ИДМ мусофират намоянд. Халқҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон аз ин рӯйдод изҳори хушнудӣ намуданд, зеро дар зарфи 25 сол робитаҳои муътадили дӯстонаи байни давлатҳо қатъ шуда буданд. Робитаҳои иқтисодӣ ҳам ҷоннок гардиданд, маҳсулоти ҷумҳурии бародари Ӯзбекистон дар бозорҳои Тоҷикистон пайдо шуданд, маҳсулоти Тоҷикистон ҳам ба кишвари ҳамсоя содир мегардад [210, с.112].

Корхонаҳои муштарак ба хотири нашъу намои ду кишвари дӯст таъсис мегарданд. Роҳҳои автомобилгарди ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ аз қабили Душанбе - Чанок, Душанбе – Панҷакент сохта шуданд. Ба туфайли чунин роҳҳо дар соатҳои бошумор метавон то Хуҷанд, Самарқанд ва Тошканд расид. То имрӯз ҳазорон шаҳрвандони Тоҷикистон аз шаҳрҳои бостонии Ӯзбекистон боздид намудаанд, халқҳои Ӯзбекистон бошанд, ба Тоҷикистон сафар кардаанд. Президентони ҳар ду давлати дӯст Эмомалӣ

Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев дар пойтахти Тоҷикистон боғи дӯстии ба номи Алишери Навоиро асос гузошта, муҷассамаи мутафаккирони барҷастаи классик Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоиро ифтитоҳ намуданд. Тайи солҳои тулонӣ ин ду мутафаккири бузургро дӯстии самимӣ ба ҳам пайваст намуда буд ва Абдураҳмони Ҷомӣ мураббӣ, дӯст ва муаллими Алишери Навоӣ буд. Лозим ба ёдоварист, ки асарҳои ин мутафаккирон ифтихори ҳар ду халқи дӯст буда, барои тарбияи ахлоқии насли наврас аз аҳаммияти бузург бархӯрдор мебошад. Шоирони муосири тоҷик ва ӯзбек ва бастакорону оҳангсозон дар ин мавзуъ ашъор, сурудҳо эҷод кардаанд, ки барои мустаҳкам кардани дӯстии байни ҳар ду халқ нақши бориз доранд [2 М, с.157].

Соли 2018 рӯзҳои фарҳангии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд, ҳунарпешагон ва беҳтарин ходимони фарҳанги мамлакати дӯсти ҳамҷавор, дар майдонҳои консертии шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои ҷумҳурӣ ҳунарнамоӣ карданд. Сокинони пойтахт бо руҳбаландии зиёд дар ин консертҳо ва чорабиниҳои фарҳангӣ иштирок намуданд. Ҳунарпешагони Тоҷикистон ҳам дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон рӯзҳои фарҳангии худро бо муваффақият баргузор намуда, аз тарафи тамошобинони кишвари ҳамсоя хуб истиқбол гардиданд [210, с.113].

Моҳи ноябри соли 2018 чархаи якуми НБО-и Роғун ба истифода дода шуд. Дар сохтмони неругоҳ беш аз даҳ ҳазор нафар коргарону мутахассисон иштирок доштанд. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар ифтитоҳи ботантана ва ба кор даровардани ҷархаи якуми НБО-и Роғун ба ҳамаи сохтмончиёне, ки дар сохтмони неругоҳ иштирок намуданд, изҳори ташаккур ва таъкид намуданд, ки дар сохтмон, асосан коргарон ва мутахассисони маҳаллӣ иштирок доштанд. Ба истифода додани чархаи навбатии неругоҳ дар охири сол ба нақша гирифта шудааст – изҳор намуданд Сарвари кишвар Эмомалӣ Раҳмон. Бисёр мутахассисон сазовор бо мукофотҳои давлатӣ гардиданд. Муовини вазири корҳои хориҷии кишвари Италия иброз дошт , ки НБО –и Роғун шоҳкори афкори муҳандисӣ мебошад. Дар гирдиҳамоӣ ба муносибати баистифодадиҳии НБО-и Роғун

намояндагони Хитой, Русия, Ӯзбекистон ва кишварҳои дигар иштирок намуданд. Онҳо ба сифати сохтмон баҳои баланд доданд. Дар маросими ифтитоҳи НБО-и Роғун ҳазорон одамон, аз ҷумла кӯдакон иштирок доштанд. Корномаи бинокорон барои тарбияи кӯдакон намунаи боризи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мебошад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ чунин андешаро изҳор намуданд, ки акнун Тоҷикистон метавонад худро бо неруи арзони барқ таъмин намояд ва қисми онро ба кишварҳои ҳамсоя содир намояд. Ба шарофати ин марди оқил кишвар сол аз сол ободу зебо мегардад. Дар мамлакат сулҳу оромӣ ҳукмфармо аст, ки бидуни сулҳу оромӣ ҳеҷ гуна пешравӣ имконнопазир аст [210, с.114].

Имрӯзҳо телевизиони тоҷик бо низоми моҳворавии муосир муҷаҳҳаз мебошад ва дорои телевизионҳои “Сафина”, “Баҳористон”, “Тоҷикистон”, ”Варзиш” инчунин ҳар як шаҳру ноҳия дар ҷумҳурии Тоҷикистон дорои шабакаҳои телевизионӣ буда, тариқи он метавонанд тамоми фаъолияти хешро пешниҳоди тамошобин гардонад. Имкони тамошои барномаҳои телевизиони тоҷик тариқи моҳпора аз дигар кишварҳо фароҳам гардидааст. Акнун дар бораи Тоҷикистон дар бисёр кишварҳо иттилоот доранд. Аз ин имконият бисёр тоҷиконе, ки дар кишварҳои дигар зиндагӣ доранд истифода мебаранд, онҳо метавонанд барномаҳои телевизионии ҷумҳуриявиро тамошо карда, дар ҷараёни рӯйдодҳои кишвар бошанд. Телевизиони Тоҷикистон дар тарбияи кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳҷӯӣ ва таҳаммулпазирӣ нақши назаррас дорад. Дар натиҷаи барномаҳои маърифатӣ дар телевизион дар бораи диёри худ хонандагони синфҳои ибтидоӣ барои ошно шудан ба дастовардҳои муосири ҷумҳурӣ имконият пайдо мекунанд [210, с.115].

Мавриди назар аст, ки дар соҳаи таҳсилот бошад, асарҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон нақши муҳим доранд, зеро ҳамаи таълифоти ӯ аз кӯшиш ба сулҳу ризоият шаҳодат медиҳанд. Ин асарҳо бояд дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳам дар дарсҳо ва ҳам дар чорабиниҳои беруназсинфӣ мавриди омӯзиш қарор дода шаванд, ки онҳо ба тарбияи

кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат мекунанд [210, с.117].

Стратегияи сулҳ ва ризоияти сиёсии тоҷикон қисми таркибии суханрониҳои Президенти Тоҷикистон ба шумор меравад. Баромадҳои асосии Пешвои миллат ба мубориза бо терроризми байналмилалӣ нигаронида шудаанд. Ҷавонон ва кӯдакон мавриди таъсири гурӯҳҳои ифротгаро аз тариқи шабакаҳои иҷтимоӣ қарор мегиранд. Омилони ифротгаро саъй мекунанд, ки ҳар чи бештар ҷавононро ба муборизаи зидди империализм ҷалб намуда, бар зидди тамоми башарияти мутараққӣ ҷиҳод эълон намоянд. Онҳо ба ҷавонон талқин мекунанд, ки мубориза бо кофирон ба шукуфоии ҷомеа мерасонад ва ҳар ки ҷони худро дар роҳи дину имон фидо мекунад, ба биҳишт меравад. Аммо ба ҳамагон маълум аст, ки  гурӯҳҳои ифротгаро ба ин мубориза ҳазорон ҷавононро сафарбар намуд ва аксарияти онҳо дар ҷангҳои Сурия ҷон бохтанд. Ҷавонони аз ҷанги давлати Сурия баргашта, баъди ҷангҳои давлати Сурия чунин ҳисоб мекунанд, ки онҳоро пешвоёни давлати исломӣ фиреб додаанд. Аз ин рӯ Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳои худ дар назди кормандони соҳаи таҳсилот масъалаи тарбияи ватандӯстонаи насли наврасро матраҳ менамоянд. Ӯ тибқи ҳидоятҳои хеш иброз менамояд, ки “Танҳо сулҳу ризоият метавонад ҷомеаи моро ба шукуфоӣ ва бунёди давлати воқеии дунявии демократӣ расонад”. Мардуми Тоҷикистон дар атрофи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардида, ҳамакнун дар сулҳу оромӣ умр ба сар мебаранд [210, с.118].

## 1.3. Мавқеи мавзуи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар стандартҳои таълимӣ, барномаҳо, китобҳои дарсӣ, васоити методӣ ва тарбиявӣ

Бухрони иқтисоди ва сиёсӣ, маъмулан соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи башариро фаро гирифта боиси коҳишёбии маънавиёти инсон мегардад. Аз ин

рӯ, аҳли ҷомеаи ҷаҳонӣ, талош меварзад, ки андешаҳои солим ва ҳақиқатро дар ҳамаи гӯшаю канори олам таъмин намояд.

Ҷомеаи муосир уҳдадор мешавад, ки ин гуна ғояҳоро дар муҳтавои таълиму тарбия ворид сохта, бехатарии ҳаёти инсонҳо, ҷомеа ва табиатро таъмин намояд.

Тоҷикистон ба ҳайси узви ҷомеаи ҷаҳонӣ тамоми неру ва хиради худро ба ҳалли проблемаи дар боло зикршуда равона месозад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 июни соли 1993 “Эъломия дар бораи ҳуқуқи кӯдак” - ро тасдиқ намуд. “Ба кӯдак аз рӯйи қонун ва дигар воситаҳо бояд ҳифзи иҷтимоӣ таъмин карда, имконот ва шароити мусоид муҳайё гардад, ки рушди ҷисмонӣ, ақлонӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва аз лиҳози иҷтимоӣ саломатиро бо роҳи муътадил ва дар шароити озод ва сазовор фароҳам оварда шавад”- гуфта мешавад  дар асли “Эъломия дар бораи ҳуқуқи кӯдак” [472, с.40 ].

Ҳадафи асосии санади мазкур ба вуҷуд овардани чунин шароит аст, ки кӯдак битавонад шахсияти комилҳуқуқи ҷомеа гардад. Давлате, ки ин созишномаро тасвиб намудааст, бояд ба кӯдакон ғамхорӣ ва некуаҳволиро таъмин намояд.

Мо хуб дарк менамоем, ки дар ҷое, ки сулҳу оштӣ вуҷуд надорад, ҳимояи сулҳ риоя намегардад, дар он ҷо ҷанг оғоз мегардад. Сулҳ ҳамеша бо меҳру муҳаббат ва дӯстӣ тавъам мебошад. Ҷанг нафрату бадбахтиро ба вуҷуд меоварад. Мо сулҳро ба туфайли тафоҳум, эҳтиром ва муносибатҳои некбинона ҳифз мекунем ва метавонем тавассути садоқат ва дӯстӣ онро нигоҳ дорем. Сулҳу оромӣ - ин кафолати рушди иқтисодии ҳар як кишвар мебошад. Проблемаи тарбияи хонандагон дар руҳияи сулҳдӯстӣ пеш аз ҳама дар оила, дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бахусус синни хурди мактабӣ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Дар моддаи 11 Конститутсия гуфта мешавад: ”Тоҷикистон сиёсати сулҳдӯстона дорад ва истиқлолияту соҳибихтиёрии дигар давлатҳои ҷаҳонро

эҳтиром мекунад ва робитаҳои хориҷии худро дар асоси муносибатҳои байналмилалӣ муайян менамояд. Таблиғи ҷанг манъ аст” [79.с.10].

Ин ғояҳои асосӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ барои муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва стандарти таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар барномаҳои фанҳои гуногун, дар китобҳои дарсӣ ва васоити таълим, инчунин дар маводи дидактикӣ инъикос ёфтааст. Ғояҳои некӣ ва сулҳ, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба барномаҳои таълимӣ ворид карда шудаанд. Аммо агар дар китобҳои дарсӣ ин мавзуъҳо мавқеи камро ишғол намоянд, ҳам дар тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ – ҷавонони ояндаи кишвар дар руҳияи башардӯстона хизмат мекунанд [210, с.120].

Ҳеҷ шакку шубҳа нест, ки тағйирёбии сиёсат ва иқтисодиёти давлат, ивазшавии шароити зиндагии инсон дар назди назарияи таълиму тарбия вазифаҳои навин мегузорад, ки бояд боиси тағйирёбии барномаҳои таълимӣ гардад. Қобили қайд аст, ки ҳар як давраи таърихӣ талаботи вижаи худро дар назди муассисаи таълимӣ мегузорад. Тазодҳои замони муосир, идомаи раванди ҷаҳонишавӣ проблемаи ҳифзи сулҳ ва осоиштагӣ масъалаи мубрам мебошад. Зеро муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ наметавонад ба даъвати ҳифзи давлат дар бораи зарурати тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ посух надиҳад. Дар барномаҳои таълимии фанҳои асосии таълимӣ - фанҳои давраи гуманитарӣ проблемаи ташаккулёбии сулҳпарварӣ, осоиштагӣ ва инсондӯстӣ падидаи нав нест. Ҳадафи мазкур ҳанӯз солҳои 50-уми асри XX дар барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ аз рӯйи фанҳои забони модарӣ, хониш, таърих, суруд, расмкашӣ инъикос меёфт [210, с.123].

Барнома барои синфҳои ибтидоӣ, ки дар ҷумҳурӣ соли 1997 ба табъ расида буд, аз дигар барномаҳои таълимӣ тафовути хеле калон дорад. Дар барномаҳои қаблӣ, ки солҳои 60-70 дар мактабҳои ибтидоӣ (дар синфи чорум) дар дарсҳои забони модарӣ, табиатшиносӣ, таърих география, расмкашӣ, суруд дар раванди таълим ба педагогикаи халқӣ мавқеи асосӣ ва муҳим ҷудо карда намешуд [210, с.123].

Дарси забони модарӣ ба ду бахш тақсим мешавад: як бахш –хониш, бахши дигар – дастури сарфу наҳв (грамматика) ва имло. Мутаассифона, дар ин барномаҳо дар номи бахшҳои (давраҳо) дарсҳо мавзуъҳои бахшида ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нишон дода намешуд. Ғояи сулҳу амният дар ин барномаҳои таълимӣ ба бахши ғайриасосӣ мансуб дониста мешуд. Аммо дар замони шуравӣ дар синфи чорум фанни “Таърих” тадрис мешуд. Мақсади асосии ин фан бо шакли барои хонандагони синфҳои ибтидои дастрасбуда додани донишҳо дар бораи таърихи халқи шуравӣ, дар бораи гузаштаи мамлакати шуравӣ буд [210, с.125].

Хонандагон инчунин дар бораи таърих дар дарсҳои хониш тасаввурот ба даст меоварданд. Аз ҳикояҳо дар бораи таърих, ки дар китобҳои хониш мавҷуданд ва аз ҳикояҳои омӯзгор бояд тавзеҳ гардад, ки дар таърих ҷангҳо зиёд буданд, оромию амният набуд, одамон маҷбур буданд, ки барои истиқлолияти худ, ба хотири адолат пайкор намоянд. Ин муборизаи синфӣ ном дошт - муборизаи байни заҳматкашон ва истисморгарони онҳо буд.

Бояд дар назар дошт, ки дар барнома барои синфи IV, ки дар замони шуравӣ нашр гардида буд, ба хонандагон донишҳои дастрас дар бораи таърихи Ватани мо дода мешуд. Дар синфҳои I, II ва III, аз сабаби он ки дар ин давраҳо ҳадафи муҳимтарин саводомӯзӣ - хондан ва навиштанро тавонистан буд, курси муназзами таърих вуҷуд надошт. Барномаи мазкур ба талаботи баланди ба хонандагон омӯзондани ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар он вақт дошт [210, с.126].

Дар баъзе бахшҳои ин фан мавзуъҳо оид ба сулҳ ва ҷанг, дар бораи ғалаба нишон дода шудаанд. Масалан:

1. Кӯдакии Пётри I. Сафари Пётри I ба хориҷа.

2. Оғози ҷанг бар зидди Шветсия.

3. Бунёдгузории Петербург. Муҳорибаи Полтава. Сулҳ бо Шветсия. [саҳ.67].

Мавзуи дигар таҳти унвони “Муборизаи Шуроҳо барои сулҳ. Ташкилёбии Артиши Сурх ва аввалин муваффақиятҳои он” [саҳ. 69] чунин

бахшро дар бар мегирифт: “Иттиҳоди Шуравӣ дар мубориза барои демократия, сулҳ ва амният” [саҳ.70].

Барнома барои синфҳои ибтидоии солҳои таҳсили 1962-1963 аз барномаи соли 1950, ки дар ҳаҷми 185 саҳ. нашр шуда буд, тафовут дошт. Дар дарсҳои хониш азёд кардани шеърҳо тавсия мешуд. Рӯйхати шеърҳо барои азёдкунӣ дар бахши алоҳида дода шуда буд, ки дар он шеъри Т. Пулодӣ “Суруди сулҳ” [саҳ.29] ҷой дошт. Дар синфи IV дар байни дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ мавзуи “Сохтмони коммунизм дар кишвари мо ва мубориза барои сулҳ дар эҷодиёти шоирон ва нависандагон” [саҳ. 38] дида мешуд.

Фанни “Расмкашӣ” дар синфи IV. Дар чаҳорчӯбаи ин фан муҳокимаи манзараҳои Ф.П. Решетников “Барои сулҳ” ва Г.И.Левитская “Кореягидухтар барои сулҳ имзо ҷамъоварӣ мекунад” [саҳ.111].

Дар дарси мусиқии синфи II аз рӯйи барнома мавод барои шунидани мусиқӣ дар патефон ё дастгоҳи сабти овоз (интихоб бо муаллим аст): суруди ҳиндии “ Мо муборизони сулҳ” ва дар синфи III – суруди халқӣ “Боғи сулҳ” [саҳ. 126]. Дар синфи IV кӯдакон мавод барои якҷоя сароиданро шуниданд (интихоб бо омӯзгор аст) З. Шаҳидӣ “Суруди сулҳ” (шеъри Т.Пӯлодӣ). А.Лепин “Мо ҷангро намехоҳем” [саҳ. 127].

Дар барномаҳои синфҳои ибтидоӣ соли хониши 1964-1965 ва 1965-1966 чопи нашриёти “Ирфон“ дарсҳои хониш, хониши беруназсинфӣ, мусиқӣ, расмкашӣ бо барномаҳои солҳои 1962-1963 мувофиқат доранд, аммо фақат дарсҳои таърихи ИҶШС фарқ мекунанд. Дар ин солҳо фанни мазкур дар синфҳои ибтидоӣ тадрис мешуд ва мавзуи сулҳ дар он васеъ инъикос ёфта буд.

Тибқи қарори Ҳукумат аз 8 октябри соли 1959 “Дар бораи тағйирот дар таълими таърих дар мактабҳо” дар синфи IV омӯхтани эпизодии ҳикояҳо аз таърихи кишвар пешбинӣ гардид ва ин дар барномаҳои таълимӣ инъикоси худро ёфт.

Омӯхтани ҳикояҳо аз таърих барои ба раванди таълим ворид сохтани вазифаҳои тарбиявӣ ва наздик намудани таълим ба масъалаҳои ҳаётии давлат судманд буд, зеро он имкон медод, ки дар асоси маводи дастрас дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ахлоқ, эҳсоси муҳаббат ба Ватан, ба халқ, эҳсоси дӯстию эҳтиром нисбат ба заҳматкашони ҳамаи кишварҳо, муборизони сулҳ ташаккул дода шавад [с.161]. Бо ин мақсад дар барнома ва китоби дарсии таърих боби “Дӯстии халқҳои мамлакатҳои сотсиалистӣ. Ҳаёти меҳнаткашон дар мамлакатҳои капиталистӣ. Мубориза барои сулҳ” ворид карда шуд.

Барномаи синфҳои ибтидоии соли 1968 бо барномаҳои солҳои 1964-1965 ва 1965-1966 мувофиқат мекард. Барномаи синфҳои ибтидоии соли 1969 такрори барномаи соли 1968 аст, дар он тағйирот ба назар намерасад.

Дар барномаи синфҳои ибтидоии соли 1970 дар  мавзуи бахшида ба Рӯзи Артиши Шуравӣ – 6 соат ворид карда шуд. Дар он ҳикояҳо дар бораи қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дар бораи Артиши Шуравӣ - артиши халқӣ ва сулҳдӯст пешниҳод гардида, ашъор ва сурудҳо дар бораи Рӯзи Артиши Шуравӣ ҷой дода шуда буд.

Дар ин барнома нахустин бор боби бахшида ба Рӯзи Байналмилалии занон (имрӯз Рӯзи Модар) дида мешавад, ки барои он 6 соат ҷудо карда шудааст. Муҳтавои он аз ин қарор буд: “Ҳикояҳо ва қиссаҳо дар бораи озодии занон, ҳуқуқҳо ва вазъияти занон то Инқилоби Октябр. Муборизаи занон барои озодӣ ва демократия. Н.К.Крупская ва К.Сеткин”.

Дар синфи III дар дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ боби “Сулҳ” (3 соат) ҷудо шуда буд. Муҳтавои он аз ҳикояҳо ва шеърҳо дар бораи сулҳ, яъне матнҳо барои хониш ва азёд кардани шеърҳои Ф.Ансорӣ “Мо толиби сулҳем”; А.Лоҳутӣ “Суруди тарафдорони сулҳ”; Раҳим Ҷалил “Абадӣ бош”; О.Аминова “Суруди сулҳ”; А.Қаҳҳорӣ “Гулулаҳо, ором бошед!”; М.Қаҳҳоров “Кабутари сулҳ”. Дар барнома барои хонандагон чунин корҳо тавсия мешуд: тартиб додани албоми афсонаҳо, сурудҳо, чистонҳои мамлакатҳои дигар.

Дида баромадани харитаи мамлакатҳои ҷаҳон. Мукотиба бо бачагони мамлакатҳои дигар.

Дар синфи IV дар дарсҳои хониш ва инкишофи нутқ боби "Сохтмони коммунизм дар мамлакати мо ва мубориза барои сулҳ дар эҷодиёти нависандагон".

Барномаи синфҳои тайёрии амалии мактабҳои тоҷикӣ бо таълими панҷрӯза тавсия менамояд, ки як дарс ба иди 1-уми Май - иди дӯстии халқҳо, рӯзи байналмилалии якдилии заҳматкашон гузаронида шавад. Дар "Роҳнамо барои омӯзгор" ин мавзуъро дар чунин самтҳо кушодан пешниҳод мегардад: "Мубориза барои сулҳ. Ба мамлакати мо аз мамлакатҳои дигар фиристодагони дӯстӣ меоянд".

Аз соли 1992 то имрӯз дар синфҳои ибтидоӣ (синфҳои I – IV) забони модарӣ ба таври комплексӣ, ҳамгироӣ омӯхта мешавад, яъне фанни таълимии мазкур иборат аз хониш, таълими хат ва инкишофи нутқ иборат аст. Бинобар ин, мавзуъҳои хониш дар ҳамаи синфҳо, амалан яксон мебошад. Ин мавзуъҳо барои хониш дар синфҳои алоҳида нишон дода намешаванд.

Дар барномаи соли 1992 боби "Сулҳ" чунин дода шудааст: Сулҳ ва дӯстӣ, рафоқат ва бародарӣ. Дар дарсҳои мусиқӣ дар синфи III (чоряки сеюм) омӯхтани "Суруди сулҳ" (ба шеъри М.Искандар, оҳанги Ф.Баҳор) тавсия дода мешавад.

Барномаи синфҳои ибтидоии соли 2002 чунин бобҳои ба ватандӯстӣ сулҳпарварӣ, дӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ бахшидашударо дар бар мегирад:

1. Сулҳ ва дӯстӣ, рафоқат ва бародарӣ.

2. Муроҷиат, ҳамдигарфаҳмӣ, муносибат бо якдигар, робита бо халқҳо ва одамони миллатҳои дигар.

Мураттибони барномаҳои таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ оид ба забони модарӣ дар соли 2007 ба барнома чунин ҷузъи пурмуҳтаворо ворид намудаанд: "Талаботи ҷомеаи инсонӣ – ин асоси мулоҳизаҳо дар бораи зиндагӣ дар шароити сулҳ ва осоиштагӣ". Дар синфи якум дар мавзуи "Сулҳ, дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ" 16 соат ҷудо карда шудааст. Аммо беҳтар мебуд,

агар дар синфҳои III ва IV мавзуъҳои мазкур бо маводи мувофиқи дидактикӣ таъмин карда мешуданд. Аз ин рӯ, проблемаи сулҳу амният, оромӣ дар рӯйи замин ва дар давлат – ин мавзуъҳо, ки чун обу ҳаво зарур аст ва аз тамоми раванди таълим мегузарад.

Мавзуи мазкур, бешубҳа, бо назардошти шароите, ки дар он умр ба сар мебарем, барои тарбияи хонандагони хурдсол бештар аз ҳарвақта хеле муҳим ба назар мерасад.

Мавзуи ҳаёт дар шароити сулҳу амният дар китобҳои дарсӣ ва васоити таълимии солҳои гуногун мавқеъҳои мухталиф дошт. Масалан дар китоби хониши соли 1992 [синфи IV, муаллифон Амонов Р., Абдувалиева А., мавзуи мазкур ба зермавзуъҳо тақсим карда шудааст, ки дар он чунин бобҳо ҷудо карда шудаанд: “Бигзор сулҳу дӯстӣ бехалал бошанд”; шеъри А.Шукуҳӣ ”Сулҳ”; матни «Кабутар», муаллиф И. Туричин; шеъри Лоҳутӣ «Суруди сулҳхоҳони ҷаҳон»; О. Аминзода «Суруди сулҳ».

Дар китобҳои дарсии забони модарӣ барои синфи III тарбияи кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар ҳаҷми кофӣ инъикос наёфтааст. Ҳарчанд, ки дар солҳои истиқлолият ҷумҳурӣ бо сабабҳои маълум бухрони иқтисодиро аз сар мегузаронд, яке аз вазифаҳои муассисаи таълимӣ тарбия намудани насли наврас дар руҳияи эҳсоси башардӯстӣ, эҳсоси шаҳрвандӣ дар ободии кишвар ва нигоҳ доштани сулҳу осоиштагӣ буд, то ки кӯдакон ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро дар назди Ватан ва ҷомеа бидонанд. Ин вазифаҳоро Пешвои миллат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар машварат бо кормандони соҳаи маориф 25 августи соли 1995 ба пуррагӣ матраҳ намуда буданд [210, с.129].

Тавре ки дар боло зикр гардид, аз соли 1992 то имрӯз дар синфҳои ибтидоӣ (I – IV) фанни “Забони модарӣ” иборат аз курси ҳамгирогардида мебошад, ки он омӯзиши савод, хониш ва инкишофи нутқро дар бар мегирад. Аз ин рӯ воҳиди сохтории ҳар гуна боб ҳамчун “Дарс” ҷудо карда шудааст, ҳар як дарс ба хониш ва саводомӯзӣ бахшида шудааст Мавзуи сулҳ ва сулҳпарварӣ дар асоси педагогикаи халқӣ, анъанаҳои халқӣ таълим дода

мешавад. Масалан, дарси 25, ки дар он матни “Мурғи зирак” (афсонаи халқӣ) дар саҳифаи 21 китоби дарсӣ дода шудааст.

Дарси 29 аз рӯйи матни “Одоби салом додан” (муаллиф Ҳоҷӣ Содиқ) дар саҳифаи 25 китоби дарсӣ ба ҳамин иттилоот такя мекунад. Аҳамияти салом доданро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ дар бораи интишори дини ислом дар Хуросони бузург чунин шарҳ дода буданд: Вожаи “Салом” маънои “сулҳ, оштӣ, амният, оромӣ, субот ва хушбахтиро дорад”. “Ассалому алайкум” –ба шумо сулҳ мехоҳам”.

Дарси 35 оид ба мавзуи “Ватандӯстӣ ва шуҷоат” ба омӯхтани байтҳои Абулқосими Фирдавсӣ аз “Шоҳнома” бахшида шудааст, ки дар саҳифаи 28 китоби дарсӣ ҷой дода шудааст. Дар дарси 53 шеъри Т. Пулодӣ “ Суруди сулҳ” дар саҳифаи 44 ҷой дода шудааст. Дар дарси 138 кӯдакон шеъри Боқӣ Раҳимзода “Сулҳ”-ро меомӯзанд.

Дар китоби дарсии забони модарӣ барои синфи дуюм [1] мавод оид ба проблемаи “Сулҳ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ” ба таври зайл ҷой дода шудааст:

Чоряки I .

Дарси 1. Рӯзи дониш, дарси сулҳ.

Дарсҳои 7-8.Ватани мо.

Дарсҳои 45-46. Матни «Деваштич». Қисми I.

Дарсҳои 47-48. Матни «Деваштич». Қисми II.

Чоряки III

Дарсҳои 33-34. Шеъри Г. Сулаймонова «1 Май».

Чоряки IV .

Дарсҳои 35-36. Шеъри Саттор Шокирзода «Сулҳ».

Дарсҳои 37-38. Шеъри Абдухалил Сатторӣ «Посбон мешавам».

Дар китоби дарсии забони модарӣ барои синфи 3 проблемаи тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асоси чунин маводи дидактикӣ ҳаллу фасл мегардад.

Дарсҳои 1-2. «Якуми сентябр – Рӯзи дониш ва сулҳ».

Дарсҳои 3-4. «Суруди миллии Тоҷикистон», матни Г. Келдӣ.

Дарсҳои 5-6. «Тоҷикистони соҳибистиқлол».

Дарсҳои 25-26. «Диёри мо – Ҷумҳурии Тоҷикистон». Матни Б. Боронов «Душанбе».

Дарсҳои 49-50. Матни Асрор «Инсон ва башардӯстӣ».

Дарсҳои 107-108. Масали «Падар ва фарзандони ӯ» аз суханони Луқмони Ҳаким.

Дарсҳои 115-116. «Рафиқи бевафо», «Сангпушт ва каждум» ( аз китоби “Калила ва Димна»).

Дарсҳои 161-162. Шеъри М.Турсунзода «Дӯстӣ», «Дӯстонро гум макун».

Дар дигар китоби забони модарӣ барои синфи 3 чунин масъалагузориро барои ҳалли масъалаи асосии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро пайдо мекунем.

Дарси 1. Дарси сулҳ.

Дарсҳои 25-26. Диёри мо – ҶумҳурииТоҷикистон. Душанбе – пойтахти мо (муаллифи матн Б. Боронов).

Дарсҳои 49-50. «Инсон ва башардӯстӣ». Муаллифи матн Асрор).

Дарсҳои 123-124. Масали «Падар ва фарзандони ӯ» аз суханони Луқмони Ҳаким.

Дарсҳои 161-162. Шеъри М.Турсунзода «Дӯстӣ», «Дӯстонро гум макун». Одобнома.

Воситаи таълимӣ барои синфҳои 3-4  ҳамчунин проблемаи сулҳпарвариро дар мисоли қоидаҳои саломдиҳӣ баррасӣ менамояд: Вожаи “салом” чи маънӣ дорад? Салом инсонҳоро муттаҳид менамояд. Қоидаҳои салом додан. Одоби салом додан. Дар бораи саломдиҳӣ [210, с.140].

Китоби дарсии забони модарӣ барои синфи якум ҳамчунин якчанд мавзӯъҳои ба сулҳдӯстӣ бахшидашударо дар бар мегирад.

Дарси 1. Матни «Суруди миллии Тоҷикистон», (матни Г. Келдӣ, оҳанги С. Юдаков).

Дарси 3. Шеъри Бобо Ҳоҷӣ «Тоҷикистон».

Дарси 5. Афсонаи «Хурусаки доно».

Дарси 28. Матни «Сулҳ» Аминҷона Шукуҳӣ. Иҷро кардани вазифаҳои 1-3 дар саҳифаи 27, ки ҳамчунин ба тарбияи сулҳдӯстӣ бахшида шудааст.

Китоби дарсии забони модарӣ барои синфи 2 дорои чунин маводи дидактикӣ мебошад:

Дарсҳои 7-8. Ватани мо.

Дарсҳои 9-10. 9 сентябр – Рӯзи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон. Матни «Суруди миллии Тоҷикистон», (матни Г. Келдӣ, оҳанги С. Юдаков).

Дарсҳои 21-22. «Кабутар» Исломи Абдусалом. Иҷро кардани машқҳои 162-164.

Дарсҳои 23-24. Шеъри Ҳадиса Қурбонова «Шукрона».

Дарсҳои 27-28. «Каждум ва сангпушт» А. Ҷомӣ. «Озоррасони мардум» Саъдии Шеразӣ.

Дарсҳои 45-46. «Деваштич» Ҳазрат Сабоҳӣ.

Дарсҳои 47-48. «Ҳалокати Деваштич» Ҳазрат Сабоҳӣ.

Дарсҳои 49-50. 23 феврал – Рӯзи ташкилёбии Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон.

Дарси 55. Шеъри Ш. Ёдгорӣ «Ватан».

Дарсҳои 33-34. «1 Май» Ш.Т. Сулаймонов.

Дарсҳои 35-36. Шеъри И.С. Шокирзода «Сулҳ», иҷро кардани машқҳои 397-400.

Дарсҳои 37-38. Шеъри Абдухалил Сатторӣ «Посбон мешавам».

Дарсҳои 39-40. «Пораи нон», текст Абдулқосим Сатторов.

Дар китоби забони модарӣ барои синфи 4, ки соли 2005 чоп шудааст, мавзуи сулҳдӯстӣ мавқеи калонро ишғол мекунад. Мавзуи сулҳ дар мисоли эҷодиёти халқ, қиссаҳо, ҳикояҳои педагогикаи халқӣ, аз корнамоиҳои қаҳрамононаи башардӯстонаи мардумони қадими сокини минтақаи бузурги

Осиёи Марказӣ, ки соҳиби ғояҳои сулҳ дар шароити дунёи қадим буданд. Ин ривояту масалҳои халқи тоҷик, ки дорои муҳтавои тавсияи давлатдорӣ, тавсифи фарҳанги он, ҳаракати сиёсӣ, сарчашмаҳои ин ҳаракат аз ғояҳои "Пиндори нек,", "Гуфтори нек " ва "Рафтори нек" мебошанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ мубопизаи муқаддаси халқи моро барои озодӣ ва истиқлолияти худ хотирнишон намуданд. Аз ҷумла таъкид намуданд, ки: "гузаштагони мо- ин халқи таърихан мубориз, инҳо ватандӯстони содоқатманд ба ғояҳои истиқлолиятталабӣ буданд, ки шиори онҳо ин байти Абулқосим фирдавсӣ аз "Шоҳнома" будааст:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ ки кишвар ба душман диҳем [7, с.145].

Ин ғоя дар китоби дарсӣ чунин амалӣ мегардад:

Чоряки 1-ум.

Дарсҳои 1-2. Шеъри Садриддин Айнӣ «Булбулакони боғи дониш. Дар бомдод».

Дарсҳои 3-4. Матни «Исмоили Сомонӣ».

Дарсҳои 5-6. Матни «Шоҳи одил».

Дарсҳои 9-10 Матни "9 – сентябр - Рӯзи истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шеъри Г. Келдӣ "Дар канори меҳан"

Дарсҳои 23-24. Матни «Адиби дӯстдоштаи шарқ Садриддин Айнӣ».

Дарси 35. Шеъри Мирзо Турсунзода «Чароғи абадӣ».

Дарси 39. «Суханвари Панҷруд».

Дарси 43. «Фирдавсӣ».

Дарси 45. «Ҷанги Рустам».

Дарси 51. «Борбад».

чоряки II.

Дарси 1. Саъдии Шерозӣ.

Дарси 8. Муҳаммад Авфии Бухороӣ. «Баҳроми Гӯр».

Дарсҳои 35-36. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. «Гуфтугӯи зоғҳо бо кабутарҳо».

Дарсҳои 37-38. «Шаъну шарафи иттиҳод».

Дарсҳои 39-40. «Дар истиқболи некуаҳволӣ».

Дарсҳои 41-42. «Зоғ ва муш»

чоряки III.

Дарси 16. «Зинда бод сулҳ».

Дарси 22. «Сангпушт ва каждум».

Дарси 24. «Зардушт» Ҳазрат Сабоҳӣ.

Дарсҳои 26-27. « Шераки шуҷоъ».

Дарси 28. «Зарина».

Дарси 30. «Сиёҳҷомагон».

Дарси 32. «Сумбоди муғ».

Дарси 36. «Муқаннаъ» Ҳазрат Сабоҳӣ.

Дарси 38. «Пешвои халқи тоҷик» Ҳазрат Сабоҳӣ.

Дарси 40. «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» Садриддин Айнӣ.

Дарси 44. «Шӯриши Восеъ».

Дарси 55. Ҷашни Наврӯз.

Шояд дар ин боб саволе ба миён ояд, ки ҷашни «Наврӯз» бо сулҳ чӣ муносибат дорад? Наврӯз яке аз қадимтарин ва азизтарин ҷашнҳои миллӣ буд, ки пайдоиши ориёӣ дошт ва ҳамеша ҳамин гуна хоҳад буд. Наврӯз рамзу намоди хушнудӣ, хушҳолӣ, хушбахтӣ, робитаҳои дӯстона, зебоӣ, ҷашни оғози корҳои кишоварзӣ, зиндашавии табиат мебошад, ки ба ҳар як инсон руҳбаландии тоза меоварад. Ҳар сол Президенти кишвар тамоми тоҷикони ҷаҳонро ба муносибати ин ҷашни миллӣ табрик мекунанд. Ниёгони мо чунин андеша доштанд, ки дар рӯзҳои ҷашни «Наврӯз» ба замин фариштагон фуруд меоянд, онҳо ба инсонҳо саодат ва фаровонӣ меоваранд. Аммо онҳо ба он манзилҳое ки дар байни сокинони онҳо ранҷидахотирӣ ва нафрат вуҷуд дорад, дар ҷойе ки одамон дар сулҳу ризоият зиндагӣ надоранд, ворид

намешаванд. Анъанаҳо ва ғояҳои ин ҷашн аз покизагии руҳонии ниёгони мо, аз саъю кӯшиши онҳо барои сулҳ ва оштӣ шаҳодат медиҳад. Ин сифатҳои наҷибона дар инсонҳое, ки чандин асрҳо пеш аз қабули дини ислом умр ба сар мебурданд, арзиши басо бузург доштанд.

Чоряки IV.

Дарси 3. Матни Адаш Истад «Дар як авлод».

Дарси 30. Матни Раҳмон Сафаров «Набарди охирин».

Бояд қайд намуд, ки баъзе матнҳо дар китобҳои дарсӣ такрор мешаванд, дар матнҳои ҷудогона бошад, воқеиятҳои кӯҳнашудаи ҳаётӣ оварда шудаанд.

«Омӯзгор – ин хирад, шараф ва ифтихори ҷомеа, ӯ симои ҷомеа мебошад. Ӯ донишу истеъдод, гармии дили худро бедареғ ба фарзандони халқ мебахшад ва худро хушбахт ҳисоб мекунад, зеро тарбия ва ташаккули сифатҳои инсонӣ дар насли наврас дар дасти ӯст. Насле, ки ба оянда менигарад, баъд аз муддати кӯтоҳе ба такягоҳи фарҳанги миллӣ дар тамаддуни пешқадами ҷаҳонӣ мубаддал мегардад. Ин ҳама аз омӯзгор ва мураббӣ вобастагӣ дорад», - чунин ҳисоб мекунанд Пешвои муаззами миллат. Баъди чунин суханони Роҳбари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон омӯзгор бояд идрок намояд, ки ҳамеша дар ҷустуҷӯ бошад, уҳдадор аст, ки методҳо ва равишҳои нави тарбиявӣ ва методиро пайдо намояд, бояд методҳои истифодаи онҳоро мавриди таҳлил қарор диҳад [210, с.141].

Ғояҳои педагогикаи халқии тоҷик – ин соҳаест, ки дар он фарҳанги халқ, эҷодиёти бисёр мафкурасозони гузашта, махсусан, андарзҳо дар бораи сулҳ ва амният мавқеи намоёнро ишғол мекунад. Оид ба ғояҳои сулҳдӯстӣ, ки дар эҷодиёти шифоҳии халқ, дар эҷодиёти Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, дар андарзномаҳои Саъдии Шерозӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ, дар ақидаҳои маорифпарваронаи Аҳмади Дониш ифодаи худро ёфтаанд, шаҳодат медиҳанд. Дар дарсҳо истифодаи ин асарҳои педагогӣ хеле бамаврид аст, ҳамчунин суханон аз баромадҳои Пешвои миллат Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон истифода бурда мешаванд.

Ёдгориҳои илмию адабии ниёгони тоҷикон куҳна намешаванд ва насли оянда ҳам аз ин ганҷинаи абадзинда андарзҳои навро барои худ ва барои зиндагии худ ба даст меоваранд.

Тавсияҳои методии омӯзгорон М.Қосимов ва Р.Ҳамидова «Кори тарбиявӣ дар мактаб», ки зери таҳрири доктори илмҳои педагогӣ, профессор М.Лутфуллозода ба табъ расидааст, дорои иттилооти арзишманд дар шароити кунунӣ мебошад, зеро ки Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди истиқлоли ба даст оварда, на танҳо дар низоми сиёсии давлат, балки дар низоми маориф ҳам таҳаввулот ворид намудааст. Дар тавсияҳои методии омӯзгорон қайд карда мешавад, ки мутаассифона, дар ҳоли ҳозир наметавон гуфт, ки кори тарбиявӣ пурра бо муваффақият амалӣ мегардад. Омӯзгорон ва волидон, мутаассифона, ба тарбияи фарзандон ва хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд, ки дар натиҷа насли наврас аз одитарин қоидаҳои одоб ва ахлоқ бехабар мондаанд [210, с.141].

Барои беҳтар намудани кори тарбиявӣ дар раванди таъсиррасонии педагогӣ ба хонандагон бояд тамоми ҳайати педагогӣ, падару модарон, аҳли ҷомеа, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои беруназмактабӣ иштироки фаъолона дошта бошанд. Бояд суҳбатҳо, суханрониҳо, шабнишиниҳо, таҷлили ҷашни одамони хизматнишондода ё рӯйдодҳои қаҳрамонона ва дигар чорабиниҳо бо иштироки хонандагон дар муассисаи таълимӣ баргузор гардад. Омӯзгорон, роҳбарони синф, аъзои ҷамъиятҳо, иттиҳодияҳои методӣ, намояндагони АВО, шуроҳои падару модарон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва оила бояд роҳҳои гуногунро барои тарбияи кӯдакон истифода баранд. Бо ҳамин мақсад омӯзгор бояд дар ҷараёни корҳои тарбиявӣ бояд ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таваҷҷуҳи бештар намояд. Инчунин дар онҳо ҳам сифатҳои умумибашарӣ ва ҳам беҳтарин хислатҳои миллии ахлоқиро тарбия намояд: бахусус росткор ва одил будан, нону обро муқаддас донистан, калонсолон ва хурдсолонро эҳтиром намудан. Ҳамчунон зарур аст талқин намуд, ки сифатҳои манфӣ: бесаводӣ, дуздӣ, хиёнаткорӣ, фиреб, рашк, бадзабонӣ,

мумсикӣ, хушунат ва ғайра набояд дар ҷомеа дар байни насли наврас ҷой дошта бошанд. Имрӯзҳо ин дастурамали дар кори тарбиявии хонандагон нақши муҳим ва бузурги худро аз даст надодааст.

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ тавсияҳо дар шакли дастури "Таълими сулҳдӯстӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо" ба чоп расиданд. Дастури мазкур бо дастгирии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндагии ЮНЕСКО дар Тоҷикистон мунташир гардид. Ин тавсияҳои методиро корманди ходими илмӣ - муҳаққиқ, номзади илмҳои педагогӣ Орлова Людмила Александровна омода намудааст.

Ба ифтихори 1100-солагии давлати Сомониён ва 90-солагии зодрӯзи академик Бобоҷон Ғафуров конференсияи илмӣ баргузор гардид, ки дар он ҳамчун мавод маҷмуаи "Тарбияи худшиносӣ ва ифтихори миллӣ" мавриди истифода қарор гирифт. Маҷмуаи мазкур аз ду қисм иборат буд. Дар қисми якум матни фармонҳои Роҳбари давлат, қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф дар бораи ҷашнҳои давлатӣ, матнҳои суханрониҳо ва қарорҳо ҷой дошт. Дар қисми дуюм матнҳои гузоришҳои иштирокдорони конференсия ҷойгир шуда буданд. Ғояҳо ва мухтавои гузоришҳо ва қарорҳо проблемаи барои имрӯз махсусан муҳим - тарбияи худшиносӣ, ифтихори миллӣ, ғояҳои сулҳдӯстӣ ва ризоияти халқ, робитаҳо бо кишварҳои наздику дур будаанд. Дар рисолаи мазкур муаллифон саъй намуданд, ки зимни моҳияти тарбияи кӯдакон, мубориза Исмоили Сомонӣ, Рӯдакӣ, Садриддин Айнӣ, академик Бобоҷон Ғафуров ва дигар фарзандони баруманди халқи тоҷикро барои озодӣ ва истиқлолияти давлати тоҷикон, эҳёи забон, таърих, адабиёт, фарҳанг ва анъанаҳои миллиро ошкор намуда, масъалаи таҳқиқшавандаро дар ин асарҳо таҳлил намояд.

Проблемаҳои сулҳу амният дар дастурҳои илмию методӣ дар китобҳо, инчунин дар 5 мақолаи академик М. Лутфуллозода мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Ба омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва мураббиён китобҳои ин муаллиф "Дидактикаи муосир", "Эҳёи педагогикаи аҷам", "Паёми шарафи миллӣ" ва мақолаҳои "Тоҷикистони соҳибистиқлол ва проблемаҳои тарбия",

“Андарзҳо аз ёдгории Ҷалолуддини Балхӣ”, “Оштинопазирии халқи тоҷик ва ташаккулёбии он” шинос мебошанд.

Мулоҳизаҳо оид ба ёдгориҳои оштинопазирӣ ва сулҳдӯстии педагоги асил, М.Лутфуллозода аз он шаҳодат медиҳанд, ки истифодаи ҳар як ҷумлаи он дар дарс ба муҳтавои як асар баробар аст. Рисолаи илмии педагогӣ шомили омӯзиши проблемаҳои китоби муқаддаси “Авесто”, таърихи ташаккули раванди таълиму тарбия дар асарҳои классикони тоҷику форс, ҷойгоҳи педагогикаи халқӣ дар тарбияи ахлоқии хонандагон, инчунин фарогири дигар проблемаҳои педагогикаи муосири тоҷик мебошад. Рисолаи мазкур, аз як тараф, кори банақшагирии роҳбарони синф ва ташкилотчиёни тадбирҳои тарбиявӣ, аз сӯйи дигар, он дар тарбияи сулҳдӯстӣ, ҳифзи сулҳу амонӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Китоби С.Маҳкамов “Истифодаи асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар раванди таълими фанҳои гуманитарӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ”, ҳам дар ҳоли ҳозир аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст. Истифодаи он дар соатҳои тарбиявӣ ва дарсҳои маъмулӣ ҳангоми баргузории корҳои тарбиявӣ дар синфҳо самараи мусбат медиҳад, зеро муҳтавои тамоми асарҳои Сарвари давлат аз тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ иборат мебошад.

Стратегияи сулҳ, ризоияти сиёсии тоҷикон қисми таркибии суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ташкил медиҳад. Ба қалами Сарвари давлат даҳҳо асарҳои алоҳида мансубанд, ки интишороти гуногун ба табъ расонидаанд. Мутаассифона на ҳамаи ин китобҳо ба хонандагони сершумор дастрас мебошанд.

Ба илми педагогика чунин асарҳои Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми басо бузург гузоштаанд: “Бо роҳи ваҳлат ва бунёдкорӣ”,”Бунёди ояндаи Тоҷикистони соҳибистиқлол”, “Ваҳдати миллӣ - мароми мо”, Душанбе –шаҳри дӯстӣ ва

бародарӣ”, “Ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ”, “Ваҳдат, сулҳ ва бародарӣ мароми мост”, “Истиқлолият- меваи бебаҳо”.

Гузориши илмии “Аҳаммияти сулҳ” дарси сулҳ гардид, ки Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор намуд. Ин баромади Сарвари давлат дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе 1 сентябри соли 2006 буд.

Ҳамин тавр, дида мешавад, ки дар махзани омӯзгор-роҳбари синф ва омӯзгори ин ё он фан, махсусан омӯзгори фанни забони модарӣ миқдори муайяни адабиёти таълимию методӣ ва ҳамчунин адабиёти педагогию психологӣ мавҷуданд, ки бо ёрии онҳо метавон дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ мафҳумҳои асосии ахлоқии ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро ташаккул дод.

## Хулосаи боби якум

Дар асоси таҳлили амиқи педагогикаи тоҷику форс, фолклори мардумӣ ва анъанаҳои мардумии халқи тоҷик, инчунин китобҳои дарсӣ, дастурҳои педагогӣ, барномаҳои таълимӣ ва маводи дидактикӣ метавон ба хулоса омад, ки тарбияи сифатҳои арзишманди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ муҳимтарин вазифаи низоми таҳсилот мебошад. Ин сифатҳои шахсӣ калидӣ ба ҳисоб мераванд, зеро тамоми низоми тарбияи башардӯстӣ ба онҳо асос ёфтааст.

Тарбия намудан ва рушд ёфтани ин сифатҳои хонандагон дар тамоми давраи таълим дар муассисаи таълимӣ воқеъ мешавад. Аммо синну соли аз 7 то 11-солагӣ барои тарбияи ахлоқӣ, аз ҷумла тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ давраи мусоидтарин барои бачаи хурдсол мебошад. Ғояҳои ватандӯстӣ ва эҳсосоти ба он пайвастаи сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба хонандагон хеле наздик буда, ҳам тавассути муҳтавои марбутаи таълим ва ҳам дар раванди кори тарбиявии ҳамарӯза ба осонӣ ташаккул меёбад.

Омилҳои муваффақиятнокии тарбияи сифатҳои ахлоқӣ, аз ҷумла муносибати мусбат доштан ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол фаъолнокӣ, рағбати маърифатомӯзӣ, қобилият ва хоҳиши омӯхтани анъанаҳои халқи тоҷик мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ошкор гардид, ки кӯдакон ҳангоми таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар синфҳои ибтидоӣ таҷрибаи насли башарро аз асарҳои адабиёти тоҷику форс, ки аз шуҳрати ҷаҳонӣ бархӯрдор буда ва дар худ анъанаҳои ғанӣ ва хислатҳои зеҳнияти халқи тоҷикро инъикос мекунад, дарки маъно карда ва азхуд мекунанд.

Тарбияи эҳсоси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон дар раванди таҳсил амалӣ мегардад. Омӯзондани фанҳои забони модарӣ, сурудхонӣ, санъати тасвирӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра дар тарбияи сифатҳои калидии номбурдаи ахлоқӣ аҳаммияти вижа дорад. Дар муҳтавои фанҳои мазкур захираи тавоно ва қобили мулоҳизаи тарбиявӣ аз қабили матнҳои назмӣ ва насрӣ, сурудҳо дар бораи Ватан, гузаштаи корнамоиҳои қаҳрамононаи халқи он, дар бораи қаҳрамонони халқи тоҷик, ки Ватанро аз истилогарон наҷот додаанд, нақшҳои манзараҳои диёри худ, анъанаҳои миллӣ ва бозиҳои варзишии миллӣ мавҷуданд.

Барои равшан намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои раванди тарбия, ки ба ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, ба омӯзгорон лозим аст, ки дар бораи сифатҳои ахлоқӣ ва вижагиҳои хонандагон, муносибатҳои онҳо ба зиндагӣ тасаввурот дошта бошанд, зеро заминаҳои ибтидоии ахлоқӣ дар раванди таълиму тарбия нақши муҳим доранд.

Барои истифодаи тахассусии шаклҳо ва методҳои гуногуни тарбияи ахлоқии хонандагон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ – омодагии ҳаматарафаи худи омӯзгорон зарур мебошад. Дар ин робита зарур аст, ки омӯзгорон усулҳо, методҳо ва шаклҳои корҳои дастаҷамъиро пайдо намоянд ё эҷод намоянд, ҷойгоҳи онро дар миёни дигар равишҳои пешбурди

раванди таълимӣ дуруст муайян намоянд. Баъди омӯхтани методҳо, услубҳо ва шаклҳои кори тарбиявӣ оид ба фарогирии анъанаҳои халқӣ дар асарҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, метавон иброз дошт, ки бо роҳи матраҳ сохтани вазифаҳои амалии мушаххас дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ муносибати мусбатро нисбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди таълим ба вуҷуд овардан мумкин аст. Ин сифатҳои калидии ахлоқӣ барои тарбияи мавзуни кӯдакон, фароҳам овардани шароит барои рушди сифатҳои шахсӣ, барои тарбияи қобилиятҳо ва хислатҳои маърифатӣ, ки оянда дар зиндагии онҳо ба кор меоянд. Вижагиҳои синнусолии кӯдакони синфҳои ибтидоӣ - тафаккури мушаххас, қобилиятҳои тақлидии хуб рушдёфта, талош барои маърифати ҷаҳон, кунҷковӣ ва ғайра – ба тарбияи бомуваффақияти онҳо мусоидат менамояд. Бинобар ин, барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ фаъолияте, ки ба тарбияи сифатҳои ахлоқӣ ва хислатҳои шахсии кӯдак ва муфиди ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, аз аҳаммият бархӯрдор аст.

Кори тарбиявӣ оид ба такмили эҳсоси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди дарсҳои гуногун наметавонад бидуни роҳбарии доимии педагог амалӣ гардад. Бинобар ин, аҳли кормандони педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахусус омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ бояд шаклҳои дастаҷамъии кор бо хонандагонро, ки ба тарбияи сифатҳои ахлоқии онҳо дар раванди таълим на танҳо дар синф, инчунин дар муассисаи таълимӣ ва берун аз муассисаи таълимӣ низ нигаронида шудааст, ба нақша гиранд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар муқоиса бо таълими анъанавӣ, равишҳои психологӣ ва педагогии муосир дар ҷараёни таълим имкон медиҳад, ки ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони хурдсол дар муносибати мусбат беҳтар рушд дода шавад.

Метавон якчанд омилҳои педагогиеро ҷудо намуд, ки ба тарбия ва рушд додани эҳсосоти ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст. Чунин омилҳо иборатанд аз:

- аввалан, методҳои педагогии пешбурди раванди таълиму тарбия, ки нақши ташаббуси худи хонандагонро ба таври назаррас тақвият медиҳад;

- сонияи, методҳои мазкур дар раванди таҳсилот ба беҳтаршавии муносибатҳои байнишахсӣ дар миёни коллективи хонандагон таъсир мерасонанд, яъне имкони ташаккули коллективро имконпазир месозад;

- инчунин, дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ рушд намудани эҳсосоти ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳавасмандии онҳоро баланд мебардорад, зеро бидуни ҳавасмандӣ раванди таълим, ба мисли ҳама гуна фаъолият матлуб нахоҳад буд.

Муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дорои вижагиҳои худ мебошад, ки дар гуфтаҳои боло ба онҳо равшанӣ андохта шуда буд.

# БОБИ 2. ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ҲАМГИРОИИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРӢ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР АСОСИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## 2.1. Тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ

Дар замони муосир тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба такмил эҳтиёҷ дорад, ки он бояд раванди таълиму тарбия ва муносибати омӯзгорро бо коллективи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва бо ҳар як хонанда дар тарбияи инфиродӣ фарогир бошад. Аммо кори тарбиявии масъалаи мазкур дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ на танҳо дар чаҳорчӯбаи синф амалӣ гардад, инчунин он ҳамчун тадбири асосӣ дар сатҳи болотар, яъне дар чаҳорчӯбаи худи муассисаи таълимӣ низ бояд баррасӣ гардад. Муассисаи таълимӣ ба мисли хонаи калон, як хонаводаест, ки дар он ҷо ба мисли оилае, ки кӯдакон бояд калонсолонро эҳтиром намоянд, хоҳиш ва супоришҳои онҳоро иҷро кунанд. Инчунин хурдсолон ҳам дар хонавода ҳастанд, ки аз калонсолон эҳтиром ва адолатро мехоҳанд. Яъне ҳурмату эҳтироми калонсолон аз ҷониби хурдсолон ва инчунин эҳтироми калонсолон хурдсолонро яке аз ҷиҳатҳои неки тарбияи халқи тоҷик ба шумор меравад. Агар дар муассисаи таълимӣ адолат набошад, ошкорбаёнӣ ва ёрии ҳамдигарӣ, эҳтироми байниякдигарӣ ва муҳаббат нахоҳад буд ва ҳеҷ гуна талоши коллективи педагогӣ оид ба тарбияи мақсадноки ин ё он сифатҳои арзишманди шахсӣ вобаста ба ташаккули тарбияи ахлоқии онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон ба натиҷаи мусбат нахоҳад расонид  [209, с.14].

Ҳангоми баррасии моҳияти тарбияи ахлоқии кӯдакон бояд пеш аз ҳама, моҳияти мафҳуми мазкур муайян карда шавад. Ахлоқ дар адабиёт ва назарияи одоб ба таври гуногун баррасӣ мегардад. Ахлоқ – мафҳуми

муродифи одоб аст. Ҳамзамон бо айёниятдиҳии мафҳумҳои ахлоқ ва одоб дигар нуқтаи назарҳо мавҷуданд. Тибқи яке аз онҳо одоб - шакли шуур, ахлоқ бошад, соҳаи рафторҳои амалӣ, одатҳо, хулқу атвор мебошад. Инчунин одоб – ин танзими рафтор тавассути меъёрҳои ба таври ҷиддӣ муқаррааргардидаи иҷбории берунии психологӣ ва назорат, меъёрҳои гурӯҳӣ ва афкори ҷомеа мебошад. Ахлоқ бошад, соҳаи озодии ахлоқии шахс, дар ҳоле ки талаботи ҷамъиятӣ ва умумибашарӣ бо ангезаҳои дохилӣ, соҳаи худфаъолиятӣ ва эҷодиёти инсон, тарбияи ботинӣ ба туфайли шуурнокии шахсии гузаранда ба тамоюл ва ангезаи эҷоди накукорӣ мувофиқат мекунанд. Тибқи дидгоҳи дуюм мо ахлоқро шакли инфиродии мавҷудияти одоби ҷомеа, ки дар он афрод вуҷуд доранд меҳисобем. Бахусус вақте ки қонуни ботинии инсон ӯро маҷбур менамояд, ки амалҳо ва кирдорҳои худро бо меъёрҳои ҷамъиятии рафтор мутаносиб намояд. Шуури ахлоқии фард метавонад дар сатҳҳои гуногуни рушд қарор дошта бошад, зеро инсоне хушахлоқ ҳисоб карда мешавад, ки қоидаи ахлоқии зеринро ба роҳбарӣ мегирад: Бо дигарон чунин рафтор намо, ки мехоҳӣ дигарон бо ту чунин рафтор дошта бошанд [209, с.16].

Тарбияи ахлоқии кӯдакон – коркарди расмӣ ва беандешаи одатҳои рафтор дар муносибатҳои фишоровардани омӯзгор ба кӯдак нест. Ахлоқ – ин раванди муҳими муносибатҳо, ҳамкориҳо ва фаъолият мебошад. Ахлоқ – ин раванди доимии қабули қарорҳо, интихоби амалҳои гуногун, раванди худмуайянкунӣ мутобиқ ба онҳо мебошад. Танҳо дар муборизаи воқеӣ бартараф намудани зиддиятҳои ботинӣ ва  рафторӣ имконпазир аст, танҳо дар ҳолати интихоб кӯдакон метавонанд худро ахлоқан неруманд эҳсос намоянд. Таъкид кардан зарур аст, ки раванди педагогии тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни тарбияи ахлоқӣ самтгирии тарбияи насли наврас ба бартарафсозии душвориҳо ва ҳалли зиддиятҳо ва муноқишаҳои ҳаётӣ мебошад [209, с.17].

Тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ яъне кӯдакони хӯрдсол – ин омили калидии рушди муътадили давлат, таъмини ваҳдати халқ ва арзишҳои ахлоқии муттаҳидсозандаи устувории сиёсӣ ва иқтисодӣ мебошад. Иқтисоди муосири инноватсиониро наметавон бидуни инсон, ҳолати ботинӣ ва сифатҳои ҳаёти дохилии ӯ бунёд намуд. Таъкид намудан бамаврид аст, ки рушди ҷомеа бевосита аз мавқеи шаҳрвандии инсон, соҳаи ангезавию иродавӣ, афзалиятҳои ҳаётӣ, эътиқодоти ахлоқӣ ва меъёрҳои одоби ӯ вобаста мебошад. Тарбияи ахлоқӣ ва рушди фард раванди мураккаби бисёрдараҷа ва сермарҳила мебошад. Ахлоқ – ин хислати ҷудонашавандаи инсон аст, ки аз омилҳое чун урфу одат, анъанаҳо, маросим, фарҳанг ва ғайра вобастагӣ дорад. Барои баланд бардоштани ахлоқи кӯдак, худшиносӣ, худифодакунии насли навраси замони истиқлол моҳияти тарбияи ахлоқии кӯдакон нақши муассисаҳои беруназмактабӣ, бахусус, марказҳои эҷодии кӯдакон, маҳфилҳои гуногун, бахшҳои варзишӣ, китобхонаҳо, театрҳо ва ғайра хеле бузург аст [209, с.20].

Бунёди давлати пешрафтаи соҳибихтиёри демократӣ барои халқи тоҷик муҳим аст, зеро кӯдаконро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ тарбия мекунанд.

Қобили қайд аст, ки дар зиндагӣ на танҳо хушиҳо балки нохушиҳо ва ногуворихо ва падидаҳои манфӣ ҳам рух медиҳанд. Пеш аз ба воя расидан кӯдак бояд ёд гирад, ки ба атрофиён бо некӣ ҷавоб диҳад ва ба ҳамаи атрофиён бо рафтору кирдори мусбати худ хушҳолию хушнудӣ бахшад. Агар кӯдакии наврас беҳуда, бидуни манфиат, бидуни таълими нексириштона сипарӣ гардад, он гоҳ имкони инсони сазовор шудани ӯ ба дараҷаи ҳадди ақал мерасад, рафтори ахлоқии кӯдак дар оянда аз даст меравад [209, с.20].

Кӯдакон на ҳамеша маънии вожаҳои “ватандӯстӣ”, “сулҳпарварӣ” ва “таҳаммулпазирӣ”, “ҷавонмардӣ” ва ғайраро идрок мекунанд. Дар ин робита зарур аст, зимни тарбия кӯдакон аз синни хурдӣ эҳсоси хушҳолӣ ва андуҳро ҳамроҳи калонсолон дарк намоянд. Барои бомуваффақият тарбия намудани ҷаҳонбинӣ ва ватандӯстӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ, лозим аст, ки

онҳо мафҳумҳои “давлат”, “Нишони давлатӣ”, “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” –ро азхуд намоянд.

Робитаи гузашта бо имрӯз ва орзӯи фардо ба кӯдакон кумак мерасонад, ки сарзамини худро дӯст доранд, бинобар ин, кӯдаконро ҳамеша бояд ба мавзуъҳои “Ман фарзанди диёри худ ҳастам”, “Кишвари ман-ҷони ман аст” ва ғайра мутаваҷҷеҳ намудан лозим аст. Омили асосии тарбияи ҳар як кӯдак эҳтиром ба рамзҳои давлатии кишвар мебошад. Рамзҳои кишвари мо дорои маънӣ ва мазмунҳои амиқ мебошанд ва дар хонандагон эҳсоси ифтихор намудан аз кишвари хешро бедор мекунанд. Омӯзгорон хонандагонро бо “Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак”, ки соли 1989 қабул шуда буд, ошно месозанд. Дар ин ҳол чунин нуқта муҳим аст, ки бояд дар хулқу атвори кӯдакони хӯрдсол сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мустаҳкам ҷойгир шаванд [209, с.20].

Дарки сифатҳои меҳру муҳаббат, ҳамдардӣ ва ҳамфикрӣ ба инсонҳои дигар аз ҷониби кӯдакони хурдсол ҳам муҳим мебошанд. Қабл аз ҳама, зарур аст, ки дар ахлоқи кӯдакон сифатҳои неки инсонӣ ташаккул дода шавад. Таъкид бояд кард, ки баъзан бо сабаби камтаҷрибагӣ дар зиндагӣ, шарму хиҷолат хонандагони синфҳои ибтидоӣ наметавонанд рафтори мусбати ахлоқиро анҷом диҳанд. Азхудкунии меъёрҳои асосии рафтори ахлоқӣ дар кӯдакон бо маҳорати амалисозии онҳо дар рафтори худ ва роҳандозии чунин хусусиятҳои дар асоси усули ягонагии қавл ва амал иртибот дорад.

Агар мо бихоҳем, ки тарбияи ахлоқӣ самарабахш бошад, омӯзгор бояд ҳар як машғулияти таълимиро бо ҳусни тафоҳум ва эҳтиром мукаммал намояд. Дар чунин лаҳзаҳо муҳим аст, ки кӯдак ҳусни тафоҳуми миёни худ ва омӯзгорро эҳсос намояд ва як бахши эҷодиёти худро ба зиндагии ҳамсинфон ворид созад [209, с.21].

Омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 шаҳри Душанбе М.Худойдодова чунин мешуморад, ки дар хонандагон тарбия додани эҳсоси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ вазифаи муҳими омӯзгорон дар якҷоягӣ бо падару модарон мебошад.Ӯ қайд менамояд, ки хонанда метавонад

дӯстони воқеӣ пайдо намояд, агар бадбахтии онҳоро ба дил наздик қабул намояд. Дар ҳолати дигар, агар кӯдак нисбат ба тақдири инсонҳои дигар, ки бо онҳо ҳар рӯз муошират мекунад, бетафовут бошад ва худро дар ҷойи онҳо тасаввур накунад, ӯ ҳеҷ гоҳ инсони комилу мусбат ба воя нахоҳад расид ва шахси таҳаммулпазир ва самимӣ нахоҳад шуд.

Дар ин таҳқиқот мо ба хулоса омадем, ки дар ин робита бояд кӯшид, ки кӯдак барои анҷоми корҳои нек талош варзад. Кӯдакро бояд тавре тарбия намуд, ки ӯ эҳсос кардани ҳолати руҳии дигаронро ёд гирад ва худро дар ҷойи онҳо гузошта тавонад. Ба он бояд муваффақ гардид, ки кӯдакон корҳои некро на ба хотири таъриф кардани онҳо, балки аз рӯйи хоҳиши худ иҷро намоянд. Муҳим он аст, ки кӯдакон табиатан дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия шуда бошанд.

Тарбияи сифатҳои мусбат қисми таркибии тарбияи рафтори ахлоқии кӯдакони хурдсол мебошад. Омӯзгорон уҳдадоранд, ки саъй намоянд, аз ибтидои таълим ба хонандагон эҳсоси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро талқин намоянд.

Ба андешаи мо кори таълиму тарбияи самаранок дар он зоҳир мегардад, ки кӯдакон дарси ҳаёт гирифта, битавонанд мушкилоти инсонҳои дигарро эҳсос намоянд. Танҳо дар ҳамин ҳолат онҳо дӯстони хуб, таҳаммулпазир ва сулҳпарвар шуда метавонанд.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ, ки дар кори таҷрибавию озмоишӣ иштирок мекунанд, чунин ҳисоб мекунанд, ки ташаккули сифатҳои ахлоқиро дар хонандагон тавре ташкил додан зарур аст, ки ин сифатҳо ба қисми таркибии ҷаҳони маънавии кӯдакон мубаддал шаванд.

Кӯшиш бояд намуд, ки донишомӯзон дар муошират андозаи масъулияти худро барои қарорҳое, ки қабул мекунанд, эҳсос намоянд. Дар ҳолате, ки кӯдак чӣ будани меҳнатро намедонад, ӯ соҳиби малакаҳои муошироти инсонӣ бо инсонҳои дар зиндагии ҳамарӯза дар атрофи ӯ буда шуда наметавонад. Аз ин рӯ омӯзгорони дар кори таҷрибавию озмоишӣ иштирокдошта чунин ҳисоб мекунанд, ки дар ин ҳолат кӯдак

идоранашаванда мегардад, нисбат ба ӯ чораи таъсиррасонии ҷазо истифода мегардад. Бинобар ин, бояд эҳсоси таҳаммулпазирии хонандагон рушд дода шавад.

Ҳоло волидон ва омӯзгорон мегӯянд: “Дар замони мо тарбия кардани кӯдакон хеле душвор аст”. Омӯзгорон ва падару модарон андеша намекунанд, ки чунин ҳолат натиҷаи таназзули ахлоқ аст, онҳо намедонанд, ки кадом усулҳо ва равишҳои муассирро ҳангоми тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода намудан зарур аст.

Аммо эҳтироми шахсияти хонанда дар ҳолати муошироти педагогӣ уҳдадории асосии омӯзгор ба шумор меравад. В.А.Сухомлинский навишта буд: “Ворид гардидан ба гӯшаҳои бештар осебпазири қалб, дахолати беэҳтиётона ба он чи ки хонанда иҷро кардан мехоҳад, таъсиррасонӣ бо ҳар гуна воситаҳои зӯроварӣ – инҳо ҳама нишонаҳои дар омӯзгор набудани фарҳанги оддии педагогӣ мебошад. Агар бихоҳед, ки тарбиятгиранда барои кумак ба шумо муроҷиат намояд, бо эҳтиёт маҳз ба ҳамон гӯшаи қалби ӯ муносибат намоед, ки дахолат метавонад кӯдакро ранҷонад” [390, с.57].

Дар кори таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ аз ҷониби омӯзгор маҳорати шахсияти кӯдакро тарбия карда тавонистан, воситаи муҳими педагогӣ мебошад, ки омӯзгорон бо ёрии он саъй мекунанд, ки кори имрӯз аз дирӯз беҳтар ва кори фардо аз имрӯз беҳтар шавад, то ки хонандагони ӯ ба ин боварӣ дошта бошанд, то ки тамоми низоми тарбия самаранок гардад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти худ мо муқаррар намудем: хонандаи хӯрдсолро барои ошно сохтан ба алифбои ахлоқ зарур аст, ки онҳоро бо меҳнати одамоне, ки дар атрофи онҳо мебошанд ошно созем. Кӯдакон барои тарбияи ватандӯстӣ бояд ба ҷойҳое бурда шаванд, ки онҳо чи гуна кору меҳнат кардани калонсолонро барои ободӣ ва шукуфоии кишвар ва ватани хеш бо чашмони худ бубинанд. То ки дар ин маврид дарки ватандӯстӣ дар кӯдаки хӯрдсол пайдо шавад.

Омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 шаҳри Душанбе И.О. Обидова чунин мешуморад, ки агар хонанда аз дидани рафтори манфии

ин ё он шахс ба хашму ғазаб ояд, пас ӯ ҳатман қодир ба анҷом додани корҳои хуб мегардад.

Кӯдакон дар худ сифатҳои ахлоқии барои ҷомеаи муҳити худ хосбударо ҷазб намуда, онҳо ба дарки моҳияти ахлоқ ҳамчун низоми ғояҳо ва ақидаҳои фарогирандаи намунаҳои мусбати рафтори ахлоқии атрофиён омода мешаванд. Агар хонанда сифатҳои ахлоқии ҷомеаи муҳити худро азхуд накард, ӯ наметавонад аз чаҳорчӯбаи нодонӣ дар сари роҳи рушди ахлоқии худ берун равад.

Ахлоқ танҳо замоне дар зеҳн ва хулқи кӯдак ҷойгир мешавад, ки агар дар хона ва дар муассисаи таълимӣ ӯ дар иҳотаи муносибатҳои оддии маънавиёт дар зиндагии худ бошад. Дар солҳои тифлӣ ҳар як кӯдак мехоҳад, ки атрофиён ба ӯ муносибати хуб дошта бошанд, аммо агар ӯ дар иҳотаи муносибати дағалона қарор дошта бошад, ин гуна муҳит дар ташаккули шахсияти ӯ инъикоси номатлуб пайдо хоҳад намуд. Дар кӯдакон аз айёми тифлӣ бояд эҳсоси ҳамдардӣ ба он инсонҳое, ки ба кӯмак ниёз доранд (ҳамчунин ба ҳайвонот) тарбия карда шавад ва ин рафтори мусбат хоҳад буд. Эҳсоси ҳамдардӣ, ҳамдаркӣ ба дарди дигарон – ин эмпатия аст.

Бояд таъкид намуд, ки фарҳанги ахлоқии халқ иборат аз неруи сулҳофар мебошад ва онро бояд дар миқёси тамоми кишвар, инчунин дар раванди таҳсилот бояд ба кор бурд.

Ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва муҳаббат ба атрофиён барои сулҳу ризоият муҳим аст. Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд маркази фарҳанг ва ризоият, ифодаи ҳусни тафоҳум бо кумаки манбаъҳои гуногуни тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бошад.

Барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ин ҳолат боиси пайдоиши равандҳои мураккаб мегардад. Омӯзгорро зарур аст, ҳамдигарфаҳмии фарҳангиро омӯхта, кӯдаконро низ омӯзонад. Инчунин лозим аст, ба кӯдакон пайдо кардани созишҳоро ҳамеша омӯзонд, ин раванди тарбия, такмили методҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро тақозо менамояд.

Омӯзгор методҳои тарбия ва рушди назарияи педагогиро дар мадди аввал омӯхта ва баъдан зарур медонад, ки педагогикаи ҳамкории ба ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нигаронидашударо бештар истифода барад.

Вақтҳои охир мушкилоти тарбияи эҳсосоти ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар шароити тарбияи ахлоқӣ дар педагогикаи тоҷик аҳамияти вижа пайдо намуд. Дар ҷомеаи муосир, имрӯзҳо аз сабаби истифодаи ғайрмақсаднокӣ шабакаҳои иҷтимоӣ ва расонидани таҳсири рафторҳои манфии атрофиён шароити зарурӣ барои тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ чандон таъсири мусбат расонида наметавонад.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳсилот бояд наврасонро ба як фазои воҳиди иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳиду якпорча созад. Дигаргунсозӣ ва такмилдиҳии низоми таҳсилот муҳимтарин шароити ташаккули низоми арзишҳои иҷтимоӣ мебошад. Зеро дар он таъсири муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеа бояд дастаҷамъона суръат гирад.

Классики адабиёти тоҷику форс Абулқосими Фирдавсӣ мутафаккири бузурге мебошад, ки ашъори ӯ ба тарбияи насли наврас таъсири назаррас расонидааст. Бисёр муҳаққиқони таҳлили эҷодиёти Фирдавсӣ бар он назаранд, ки ҳамосаи “Шоҳнома” аз ҷумлаи беҳтарин шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон аст, ки онро бояд барои тарбияи насли наврас ба таври муассир истифода намуд. Бояд қайд намуд, ки шоир зимни тасвири тимсолҳои қаҳрамонони достон олами ботинии инсонҳо, хислатҳои онҳоро ошкор сохта, масъалаҳои тарбияи ахлоқии насли наврасро ба миён мегузорад.

Эҳсоси ватандӯстӣ ва меҳру муҳаббат ба Ватан ба андешаи Фирдавсӣ яке аз арзишҳои асосӣ мебошад. Шоир таъкид мекунад:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ ки кишвар ба душман диҳем [7, с.361].

Дар ҷойи дигар мегӯяд:

Набояд ҷаҳонро ба бад биспарем,
Аз он беҳ ҳамроҳ ба некӣ барем [7, с.364].

Ҳамин тавр, ба доираи мафҳумҳои ахлоқӣ бисёр сифатҳои мусбат ва пурфазилат шомил мешаванд, аммо эҳсосоти ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳамчун сифатҳои муҷовири шахсӣ бояд аз давраи кӯдакӣ тарбия карда шаванд. Дар ин амр раванди тарбиявии ҳадафмандгардида, ки дар таълими синфҳои ибтидоӣ бо роҳбарии омӯзгор амалӣ мегардад, нақши махсус дорад.

Қабл аз таҳқиқот ва озмоиши асосҳои методологӣ ва вижагиҳои ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути ҷашну идҳои миллӣ, бояд муфассалтар дар таърифи мафҳумҳои «Ватанпарастӣ» , «Сифатҳои ватандӯстӣ» ва «Ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ» таваққуф кунем.

Дар тарбияи тамоми таърихи башарият масъалаи ватандӯстӣ, муносибат ба Ватан мавзӯи рӯзмарра буда, таҳти диққати доимии мутафаккирон, ходимони ҷамъиятӣ, олимон, омӯзгорон қарор дошт. Нерӯи маънавии идеяҳои ватанпарастӣ дар маъхазҳои хаттӣ ва аслии халқҳои мамлакати мо, инчунин тамоми мамлакатҳои ҷаҳон инъикос ёфтааст. Наслҳои ходимони ҷамъиятии тоҷикон дар идеяи ватандӯстӣ ибтидои маънавӣ-ташкилкунандаи ҳаёти халқи тоҷикро дида, онро ҳамчун идеяи ваҳдати миллӣ, сулҳпарварӣ ва тарбияи ватандӯстӣ, созиш, ҳифзи сарзамин, идеяи баробарӣ, адолат, баробарҳуқуқии одамон ва идеологияи халқ меҳисобид [209, с.21].

Ватанпарастӣ ҳамчун яке аз арзишҳои муҳимтарин, бесобиқа, ки ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат тааллуқ дорад, муҳимтарин мероси маънавӣ, моддӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Ватанпарастӣ дар мавқеи фаъоли шахсият, омодагӣ ба худшиносии миллӣ ба манфиати халқу Ватан зоҳир мешавад. Ватандӯстӣ - эҳтиром ба Ватан, ҳамбастагӣ бо таърих, фарҳанг, дастовардҳо ва арзишҳои миллии хешро ифода мекунад.

Дар педагогикаи классикии тоҷик ва Шарқ бисёр масъалаҳое инъикос ёфтаанд, ки дар замони ҳозира ҳам арзишманд мебошанд. Проблемаи ҷанг ва сулҳ ҳанӯз дар асри Х классикони моро ба ташвиш оварда буд. Дар ҳоли ҳозир, дар сайёраи мо насли башар бештар дар бораи ҳифзи сулҳ андеша меронад. Мутафаккирони бузург, шоирону нависандагони замони қадим дар асарҳои худ дар бораи ҷанг ҳамчун воситаи сарватмандшавии одамони алоҳида қазоват мекарданд. Онҳо, инчунин медонистанд, ки ҷанг – ин рамзи фақру бадбахтии инсоният дар рӯи ҷаҳон аст [3-М, с. 90].

Қайд кардан зарур аст,ки дар раванди таълим талоши хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба таҳсил гуногуншаклии ҳамкориҳои омӯзгор ва хонандаро афзоиш хоҳад дод. Саъю кӯшиши хонандагон ба таҳсил шаклҳои гуногуни машғулиятҳоро: “дарси таърих”, “дарси сулҳ”, “дарси сайри илмӣ” ва дигар навъҳои дарсҳо дар раванди таълиму тарбия ба роҳ монда мешавад.

Барои таълимгиранда ташвиқи омӯзгор, ки дар хонандагон дилбастагиро барои беҳтар азхудкунии дарсҳо баланд мебардорад, хеле муҳим мебошад. Дар раванди ҳамкории педагогӣ омӯзгор барои рушди хонандагон бо назардошти тавсифномаи инфиродии онҳо шароит фароҳам меоварад. Омӯзгор ҳамеша вақте ки ба дарсҳо омода мешавад, дараҷаи мураккабии дарсро барои ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ, ҳам барои хонандагони пешқадам ва ҳам ақибмонда ба назар мегирад. Дониш ва маҳорати омӯзгор ба тарбиятгиранда талқин менамояд, ки ӯ ба таҳсили фаъолона қодир аст ва ин омили хеле муҳим дар раванди таҳсил мебошад.

Дар муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №13 шаҳри Кӯлоб мо ҳамроҳ бо шуъбаи маорифи шаҳри Кӯлоб барномаи корҳои тарбиявиро дар самти баланд бардоштани ахлоқи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ амалӣ намудем. Барнома таҳти унвони “Ҷаҳони мо” ба равиши бонизоми ҳадафманди барномавии ҳамкории педагогӣ асос ёфта буд. Аҳамияти ин барнома аз он иборат буд, ки ба

омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ имкон медод, то натиҷаи ниҳоии кори тарбиявиро бубинанд ва ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилотро дар синф барои ба даст овардани натиҷаи зарурӣ сафарбар намоянд. Ҳадафи ин барнома ба вуҷуд овардани чунин низоми тарбиявӣ дар синф мебошад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак мусоидат намояд. Расидан ба ин ҳадаф, ҳалли масъалаҳои зеринро имконпазир месозад:

- дар синф ба вуҷуд овардани муҳити ахлоқӣ ва отифавии мусоид, ки боиси рушд ва худамалисозии ҳар як хонандаи синфҳои ибтидоӣ мегардад;

- ҷалб намудани волидон дар корҳои тарбиявӣ барои ошкорсозӣ ва дар кӯдак рушд додани сифатҳои беҳтари ахлоқӣ, ки барои худмуайянкунӣ ва худамалисозӣ даркор мебошанд;

- ташаккул додани якдигарфаҳмӣ ва дӯстию рафоқат дар коллективи синф, дар синф рушд додани худидоракунии хонандагон;

- ба вуҷуд овардани низоми мониторинги рушди раванди тарбиявӣ.

Вижагии барномаи ҳамкории педагогии "Ҷаҳони мо" самтгирӣ барои эҷоди муҳити отифавии ҷолиб барои хонандагон дар муассисаи таълимӣ, ки рушди ҳаматарафаи шахсияти кӯдакро таъмин менамояд. Ин кор танҳо дар сурати дуруст ташкил гардидани фаъолияти муштараки волидон, хонандагон ва омӯзгорон имконпазир мегардад. Кори тарбиявӣ дар чорчӯбаи Барнома аз инҳо иборат буд:

- фаъолияти лоиҳавӣ ва таҳқиқотӣ;

- ташкили сайрҳои илмӣ ва сафарҳои ҳамгирошудаи таҳсилотӣ;

- ташкили саёҳатҳо ба гӯшаю канори диёр;

- баргузории ҷашнҳои миллӣ;

- ташкил намудани маҳфилҳои гуногун ва ғайра.

Ҳамкории наздики педагогии омӯзгорон, падару модарон, хонандагон ва омӯзгорон, фаъолияти муштараки онҳо дар раванди таълиму тарбия махзи баландшавии босамари хушахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мебошад [3-М, с.101].

Дар раванди ҳамкории педагогии омӯзгорон ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ муттаҳидшавии коллектив сурат гирифта, ҳамкорӣ ва эътимоди мутақобил дар миёни иштирокдорони раванди таҳсилот мустаҳкам мегардад. Равишҳо ва методҳои гуногун дар ташкили раванди таълимӣ- педагогӣ кумак мекунанд, масалан, мубоҳисаҳои гуногун ва ҳаллу фасли масъалаҳои мушкилдошта, ки дар раванди таълим ба миён меоянд.

Барои танзими муносибатҳои нав бояд дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ иқлими мусоид ба вуҷуд оварда шавад, ки ба натиҷаҳо ва беҳдошти саломатии хонандагон хуб таъсиррасон бошад. Фазои ором ва хушбинона дар дарс ва берун аз дарс, дар ҳар гуна ҳолат муошируати педагогӣ нақши мусбат дорад. Дар ин ҳол бояд вижагиҳои синнусолӣ ва психологии хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба назар гирифта шавад, методҳои муошират барои ҳар як ҳолати мушаххас тағйир дода шуда, технологияи ҳамкории педагогии миёни омӯзгор ва хонандагон бояд ба кор бурда шавад [3-М,с.115].

Дар чомеаи муосир талаботи асосӣ нисбат ба омӯзгор сифатҳое аз қабили муҳаббат ба кӯдакон, донистани фанни худ, накукорӣ, росткорӣ, фазилат ва адолат мебошад. Ин талабот на танҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба хонандагон дониши хуб диҳанд, инчунин дар онҳо хислатҳои асосии ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ва хоҳиши муҳофиз ва созандаи Ватани худ буданро тарбия намоянд.

Ба омӯзгорон маслиҳат додан мушкил аст, зеро ҳар як омӯзгор низоми ақидаҳои худро на танҳо нисбат ба тарбияи кӯдакон, балки ба зиндагӣ низ дорад ва ҳар яке аз онҳо дар шароити беназир ва такрорнашаванда кор мекунад. Аммо талаботи барои ҳар як омӯзгор муштарак дар ташкили муошируати таълимӣ дар миёни ӯ ва хонандагон хеле муҳим аст: он бояд шахсӣ ва барои ҳар як омӯзгор табиӣ бошад. Сухани омӯзгор бояд ҳақ ва воқеӣ бошад.

Барои муошируати байнишахсӣ дар чаҳорчӯбаи вазъи педагогӣ ба омӯзгор лозим аст, ки хонандаро дар дарс ёрӣ расонида ва онҳоро руҳбаланд

гардонад. Вазифаҳои эҷодкорона супурдан, ба ин ё он фаъолияти барои ӯ дастрас буда ширкат намудан, истифода намудани бозиҳои дидактикӣ, чистону муаммоҳо ва инчунин муносиб донистани ҳазлу шӯхӣ дар мавридҳои заруриро беҳдошти фаъолияти педагогии худ шуморад. Зеро ин шакли фаъолият хонандагонро дар синф муттаҳид месозад. Вазифаҳои маърифатӣ ва эҷодиро якҷоя иҷро намуда, дар ҷараёни муошират ба назар гирифтани андешаҳои ҳамсинфонашонро омӯзанд.

Набудани якдигарфаҳмӣ дар муошırати хонандагон бо омӯзгорон дар ҷараёни дарс ва берун аз дарс вазъияти хонандаро мушкил месозад ва боиси ҳолатҳои гуногуни низоъӣ ва ихтилофот мегардад. Муассисаи таълимӣ ба макони иҷрои ҷазо мубаддал мегардад. Назорати нокифояи фарҳанги муошират бисёр вақт боиси сар задани низоъҳои байни омӯзгор ва хонандагон ва баъзан тамоми синф мегардад. Муътадил нигоҳ доштани фазои сулҳу оромӣ дар коллективи синф аз фаъолияти умумии психологию педагогии омӯзгор вобастагии калон дорад.

Ба назар гирифтан лозим аст, ки меъёрҳои асосии ахлоқӣ ба муносибатҳои эътимодбахши омӯзгор бо хонандагон асос меёбад: ин эҳтироми ҳар як хонандаи хурдсол, муносибати бодиққат ба ҳолати равонии онҳо, зуҳуроти боназокатӣ ва меҳрубонӣ ба кӯдакон аст. Дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ташаккул ёфтани меъёрҳои одобу ахлоқ, аз ҷумла ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳадафи зарурии тарбия дар раванди таҳсилот мебошад [3-М, с. 108].

Ҳамкории омӯзгорон ва хонандагон яке аз намудҳои асосии фаъолияти педагогӣ дар мактаби муосир мебошад. Чунин ҳамкорӣ на танҳо ба рушди равандҳои маърифатӣ, соҳаи отифавию иродавӣ мусоидат мекунад, балки ба ташаккули шахсияти хонанда таъсир мерасонад: бовиҷдон будан, адолатпарвар, сулҳпарвар, таҳаммулпазир нисбат ба ҳамаи одамон ва ватандӯсти Ватани худ бояд бошад.

Ҳамкории педагогӣ батадриҷ ташаккул меёбад. Кӯдакон нахустин бор ба муассисаи таълимӣ омада, на ҳамеша равишҳои фаъолияти маърифатиро

доро мебошанд. Онҳо худ наметавонанд дар коллектив фаъолияти таълимиро ташкил намоянд. Аммо кӯдак на ҳамеша дорои хусусиятест, ки дар бораи мушкилоти худ ба омӯзгор нақл кунад, зеро ӯ гумон мекунад, ки дар натиҷа дар муошират бо омӯзгори худ душвориҳо ба миён меорад.

Муошироти таълимӣ фаъолияти бисёрҷиҳата ва бисёрфункционалии лафзии омӯзгор мебошад, ки аз ӯ таваҷҷуҳи ҳар як хонандаро талаб мекунад. Дар асоси таҳлили методҳои гуногуни муошират дар педагогикаи муосир муқаррар гардидааст, ки барои шароити муосири таҳсилот сабки озодонаи муошират мувофиқат менамояд.

Самтҳои саъю кӯшиши омӯзгор-ин инкишофи ҳамкорӣ, ҳамофарӣ бо хонандагон мебошад. Таҷрибаи ҳалли якҷояи мушкилот, шаклҳои муштараки фаъолияти омӯзгор ба хонанда имкон медиҳанд, ки худро дар коллективи синф қабулшуда, дарккунанда ва даркшаванда дар байни ҳамсинфҳо эҳсос намояд. Хонанда бояд мавриди эътимоди омӯзгор қарор дошта бошад, аз кумак ва ғамхории ӯ истифода намояд.Чунин ҳамрафоқатӣ дар ташаккулёбии сифатҳои шахсиятӣ ва ахлоқии хонандагон инъикос меёбад ва муносибатҳои дар ин вазъият бавуҷудомада метавонанд, табиӣ бошанд.

Танҳо омӯзгор метавонад дар синф шароити мусоиди муошироти таълимиро фароҳам оварад. Оё омӯзгор вазъияти ҳоли хонандагонро эҳсос мекунад? Аксар вақт эҳсос намекунад. Омӯзгор аксар вақт хонандагонро метарсонад, ки ба қариби комиссия барои санҷиш меояд ва нисбат ба хонандагоне, ки ба дарс тайёр набошанд, чораҳои таъсиррасонӣ андешида мешаванд. Бояд ба хонандагон имкон фароҳам овард, ки ин муаммоҳоро худашон ҳал намоянд ва албатта ба онҳо дар ин кор кумак бояд кард – ин барои тарбия хеле муҳим мебошад.

Вақте ки хонанда рафтори манфӣ мекунад, ӯ бояд эҳсос намояд, ки омӯзгор аз ин кирдори ӯ норозӣ аст. Омӯзгор ҳамеша бояд андеша намояд, ки суҳбат бо хонандагон чи гуна мегузарад, то ки он ба натиҷаи тарбияи педагогӣ таъсир расонад, то ки хонанда аз рафтори ношоистаи худ изҳори пушаймонӣ намуда, дигар он рафторро такрор накунад. Ин аз таҷрибаи

педагогии омӯзгор шаҳодат медиҳад, зеро дар педагогикаи ҳамкорӣ шахсияти омӯзгор нақши бузург дорад.

Дар ҳоли ҳозир омӯзгороне ҳастанд, ки ба хонандагон бо истифода аз методҳои кӯҳнаи идрок таъсир мерасонанд. Аммо имрӯз психология, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури кӯдакони кунунӣ аз кӯдакони замонҳои гузашта хеле тафовут доранд. Инро бояд ба назар гирифт, то аз иштибоҳҳои ҷиддӣ дар тарбияи кӯдакон пешгирӣ гардад.

Дар раванди дарс омӯзгор метавонад ҳамкориро бо хонандагон ба таври оқилона ташкил намояд, дар кӯдакон саъю кӯшиш ба таълимро тарбия намуда, инчунин ахлоқи онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ баланд бардорад.

Бояд қайд намуд, омӯзгороне ҳастанд, ки ҳамеша фақат як гурӯҳи муайяни кӯдаконро ҳавасманд намуда, доимо нисбат ба гурӯҳи дигар хӯрдагирӣ мекунанд. Ин ба он оварда мерасонад, ки хонандагони пешқадами гурӯҳи кӯдакон ба таҳсил бадтар муносибат мекунанд, кӯдакони дар таҳсил ақибмонда бошанд, ба таҳсил рағбати худро аз даст медиҳанд.

Дар фаъолияти таълимии омӯзгор чизи асосӣ на танҳо дар он аст, то ки ҳар як кӯдак аз таҳсил изҳори хушӣ намояд, балки боз дар он аст, то ки ҳар як кӯдак эҳсоси хушҳолӣ намояд ва ин хуширо бо дӯстон ба ҳам бинад.

Омӯзгори ҷавон, муаллими синфҳои ибтидоии МТМУ№5 шаҳри Кӯлоб ба хонаи яке аз хонандагони худ рафт. Ин хонанда дар таҳсил муваффақ набуд ва аксар вақт ба дарсҳо намерафт. Дар хона омӯзгорро модари хонанда пешвоз гирифт. Омӯзгор якбора шикоятро аз болои хонанда назди волидайн оғоз карда, хонандаро аз ҷиҳатҳои бад тавсиф намуд, ки модар аз ин рафтори писараш хеле хиҷолат кашид. Вақте ки сухани омӯзгор тамом шуд модари хонанда ба омӯзгор муроҷиат карда, гуфт: “Ман як зани бесавод ҳастам, падари фарзандон дар Русия муҳоҷири меҳнатӣ аст. Ман фикр мекардам, ки омӯзгорон дар мактаб ба писари ман таълиму тарбияи хуб медиҳанд ва аз ӯ инсони босаводро мебароранд. Агар ман ҳамчун модар тарбияи фарзандамро ба Шумо омӯзгорон бовар накунам, пас минбаъд ба ки бовар кунам.Акнун бо

писарам намедонам чи кор кунам. Аз имрӯз эҳтиборан писарамро назорат мекунам, ки ӯ аз дарсҳо ақиб намонад. Ман боз ду фарзанди хурдсоли дигар дорам, ба онҳо ҳам нигоҳубин лозим аст. Лутфан, ёрӣ расонед, ки писари ман хуб таҳсил намояд”. Пас аз ин, омӯзгори ҷавон шарм дошта, дигар ҳарфе ба забон наоварда, хонаи волидони хонандаро тарк намуд.

Хонандаи синфи 3-юм бо фалахмон шишаи тирезаи синфро зада шикаст. Омӯзгор ба хонаи волидони хонанда раҳсипор гардид, то ки ин ҳодисаро муҳокима намояд. Дар манзили хонанда бо модари хонанда дучор омад. Маълум шуд, модари хонанда ҳамсинфи омӯзгор будааст. Омӯзгор дар бораи шишаи тирезаро шикастани хонанда ҳарфе назад ва бо модари хонанда суҳбати дӯстона намуд. Худи ҳамон рӯз падари хонанда шишаи тирезаи шикастагиро таъмир кард. Ин мисол аз касбияти баланди омӯзгор шаҳодат медиҳад.

Мисоли дигар. Хонандаи синфи 2-юм муддати як моҳ аст, ки ба мактаб намеравад. Омӯзгор, муаллифи таҳқиқоти мазкур ба хонаи он хонанда рафт. Дар хона танҳо хоҳари калонии хонанда ва ду кӯдаки хурдсол буданд. Ба саволи: “Бародарат дар куҷо аст? Чаро ба мактаб намеравад?” Хоҳараш ҷавоб дод, ки бародарам дар пахтазор ба модарам дар пахтачинӣ кумак мерасонад, бинобар ин, ба мактаб рафта наметавонад. Омӯзгор бегоҳирӯзӣ боз ба хонаи он хонанда рафта, бо модараш суҳбат гузаронид. Омӯзгор ба модари хонанда дар бораи таҳсил дар мактаб ва гирифтани маълумоти агрономӣ ва мутахассиси хуб шудани писараш суҳбат намуд. Омӯзгор таъкид намуд, ки писараш бояд дар мактаб ҳамроҳи дигар хонандагон бошад ва инсони тарбиятдида ба воя расад. Рӯзи дигар хонанда ба мактаб омад.

Ин мисол нишон медиҳад, ки омӯзгор нисбат ба тақдири кӯдак бетафовут набуд ва қарори дуруст қабул кард. Дар маркази диққати омӯзгор бояд ғамхорӣ дар бораи кӯдак, дар бораи рушди қобилиятҳои ақлонӣ ва эҷодии ӯ, яъне тарбияи шахсияти комил ва таҳсилкарда қарор дошта бошад. Агар сухан дар бораи педагогикаи ҳамкорӣ дар ташаккули сифатҳои ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ биравад, набояд

нақши омӯзгорро фаромӯш намуд, ки ӯ роҳбари синф ҳам мебошад. Тамоми кори таҳсилотие, ки омӯзгорон ташкил менамоянд, бояд ба талаботи педагогикаи ҳамкорӣ мувофиқатӣ дошта бошад.

Дар ин робита, мавриди дар кӯдакон ташаккул додани дастуроти ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бояд кори тарбиявии ҳадафманд ташкил карда шавад.

Ба уҳдаи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ масъулияти тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагон гузошта шудааст, чунки хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳанӯз таҷрибаи ҳаётӣ ва тасаввурот дар бораи риояи қоидаҳои рафтори қабулшуда дар ҷомеаро надоранд. Дар вазъиятҳои мураккаб омӯзгор бояд бевосита ба кӯдак барои пайдо намудани роҳи баромадан аз чунин вазъият кумаки назаррас расонад.

Педагогикаи ҳамкорӣ – ин чунин фаъолияти таълиму тарбиявии омӯзгор аст, ки дар он дар кори омӯзгор вазифаи асосӣ ба кӯдакон фароҳам овардани шароитест, то хонандагон аз дарсҳо қаноатмандӣ ва аз гирифтани дониш ризоият ба даст оваранд. Ба омӯзгорон зарур аст, ки на танҳо аз кори иҷро намудаашон эҳсоси қаноатмандӣ дошта бошанд, балки барои ин кор фазои заруриро дар синф ба вуҷуд оваранд. Омӯзгоре, ки шахсияти хонандаро наомӯхта бошад, дар тарбияи ӯ ба муваффақият ноил нахоҳад гардид. Омӯзгор уҳдадор аст, ки шогирди худро бо сухан ва намунаи шахсии худ тарбия намояд ва ин далели муҳим дар раванди таълиму тарбия ба шумор меравад [3-М, с.125].

Тарбияи иҷтимоии кӯдакон бо иштироки омӯзгор мегузарад, ки ӯ бояд соҳиби обрӯ ва дорои фарҳанги баланд, инчунин устоди кори худ бошад, ба ӯ бояд волидон ва хонандагон эътимод дошта бошанд. Дар муносибат бо кӯдакон омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд тавре рафтор намояд,ки хонандагон ба ояндаи неки худ умедвор бошанд.Дар чаҳорчӯбаи педагогикаи ҳамкорӣ робитаи байни омӯзгор ва хонандагон бояд наздик ва некбинона бошад. Агар ба хонанда кӯмак расонида шавад, худи ӯ метавонад баъзе мушкилотро ҳаллу фасл намояд.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар якҷояги бо омӯзгор дар кори рӯбучини ҳавлии мактаб, шинондани дарахтон дар майдончаи наздимактабӣ, нигоҳубини одамони калонсолу беморон, собиқадорони Ҷанги Бузурги ватанӣ, ҷанговарони интернатсионалист, маъюбони садамаи неругоҳи атомии Чернобил ва ғайра иштирок мекунанд. Чунин амалҳо боиси дар кӯдакон ташаккул ёфтани сифатҳои мусбат: сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳамдардӣ нисбат ба одамони атроф, муҳаббат ба диёри худ, ватандӯсти кишвари худ ва манфиатовари он мегарданд.

Омӯзгор уҳдадор аст, ки ба кори таълиму тарбия эҷодкорона муносибат намояд. Омӯзгор бояд ҳамеша дар ҷустуҷӯи равишҳо ва методҳои нави таълиму тарбияи хонандагон бошад. Омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35 шаҳри Душанбе М.Худойдодова чунин мешуморад, ки ҳар як омӯзгор бояд ба таври худ боистеъдод бошад, бояд қобилияти ташкилотчигӣ дошта бошад, ҳамеша дар пайи такмили кори худ бошад, ба кӯдакон мустақилиятро омӯзонад, то ки хонандагон дар оянда тавонанд мушкилоти сершумори зиндагиро мустақилона дар муҳити ҳамсолон ҳаллу фасл намоянд [2-М, с.125].

Вазъияти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муҳити ҳамсолон метавонад гуногун бошад, зеро баъзе хонандагон бештар хушмуомила ва хушсуҳбат мебошанд ва доираи муошироти онҳо васеътар аст. Аммо дар байни коллективи синф хонандагони бошарму ҳаё, камгапу хомуш ҳам дучор мешаванд, ки доираи муошироти онҳо чандон васеъ нест. Бинобар ин, вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки коллективи хонандагонро муттаҳид ва якпорча сохта фазои сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро ба вуҷуд оварад.

Ҳангоми кор бо коллективи хонандагон омӯзгор психологияи ҳар як хонандаро беҳтар шинохта, қобилиятҳои ӯ ва тавсифномаи шахсии ӯро қайд менамояд ва барои рушд ва баланд бардоштани ахлоқ ва маънавиёти ӯ тадбирҳо меандешад. Донише, ки омӯзгор дар раванди тамоси доимӣ бо кӯдакон дар бораи онҳо ҳангоми омӯхтани қобилиятҳо ва вижагиҳои онҳо ба

даст меоварад, ба ӯ имкон медиҳад, ки дараҷаи рушди ҳар як узви коллективро дониста, бо хонандагон ҳамкории наздиктар барқарор созад.

Лозим аст, ки дар тарбияи кӯдакон дар коллектив ва барқароркунии муносибатҳои байнишахсиятӣ шароит барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои пешбинигардида ба вуҷуд оварда шаванд. Дар асоси омӯзиши муқаддамотии хонанда омӯзгори синфҳои ибтидоӣ вазифаи роҳбари синфро иҷро намуда, метавонад ба тарбияи хонанда таъсири мусбат расонда, ба ӯ сифатҳои неки ахлоқиро талқин намояд [2-М, с.109].

Омӯзгор бояд барномаҳои чи гуна омӯхтани хонандагонро истифода намояд. Дар онҳо қайд карда мешавад, ки дар назария ва амалияи тарбия талаботи зерин оид ба омӯхтани хонандагони синфҳои ибтидоӣ вуҷуд дорад:

- барои  он ки омӯхтани вижагиҳои шахсии ҳар як хонанда ҳаматарафа сурат гирад, омӯзгор метавонад,ҳар гуна вазъиятҳои ҳаётиро ба вуҷуд оварда, аз рӯйи вокуниши хонанда манзараи равшантарро дар бораи хулқу атвор ва малакаҳои рафтории ӯ ба даст оварад. Агар омӯзгор чунин ҳисоб кунад, ки ба хонанда танҳо як соҳаи фаъолият таъсиргузор аст, масалан, таълимӣ, дар ин маврид ӯ иштибоҳ мекунад, зеро тасаввуроти ҳаётии кӯдак гуногунҷабҳа мебошад ва хулқу атвори ӯро танҳо дарсҳои таълимӣ ташаккул намедиҳанд;

- барои бодиққат омӯхтани шахсияти кӯдак ба омӯзгор лозим аст, ки тамоюлоти умумии ӯ, саъю кӯшиш ва хоҳишҳои ӯ, соҳаи ҳавасмандии ӯ, иртиботи ӯ бо одамони атроф ва танҳо баъд аз ин ба вижагиҳои хулқу атвори кӯдак бояд баҳо дод;

- хонандагон дар муддати тамоми марҳилаҳои таҳсил, инчунин дар раванди  фаъолияти худ малакаҳои гуногун ба даст меоваранд. Ба омӯзгор чунин талабот гузошта мешавад, ки тағйирёбии хулқу атвори шахсии хонанда ба таври доимӣ омӯхта шавад. Барои омӯхтани навъҳои нави рафтор ва хулқу атвори хонандагон бояд натиҷаҳои фаъолияти онҳо, ки дар бораи дараҷаи ангезанокии ин ё он навъи фаъолият шаҳодат медиҳанд, мавриди омӯзиш қарор дода шавад;

- истифодаи методҳои гуногуни объективӣ барои омӯзиши ҳамаҷонибаи кӯдак, аз ҷумла мушоҳида, ки бояд дар шакли сабтҳои рӯзномавӣ бо хулосаҳои дахлдор анҷом дода шавад, шарти зарурӣ мебошад. Ва танҳо дар сурати иҷрои ин шароит омӯзгор метавонад дар ташаккул додани сифатҳои ахлоқии кӯдак дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба баъзе муваффақиятҳо ноил гардад;

- ҳар қадар ки омӯзгор хонандагони худро беҳтар шиносад, ҳамон қадар таъсиррасонии педагогӣ ва дастури ташаккулёбии сифатҳои ахлоқии кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ самараноктар хоҳад гардид.

Истифодаи методҳо ва равишҳои гуногуни омӯзиши психология ва вижагиҳои шахсии хонандагон ба омӯзгор имкони онро фароҳам меорад, ки аз тағйирот дар шахсияти хонанда огоҳӣ дошта бошад, дигаргуние, ки дар соҳаи ангезавӣ ва рафтори хонанда ба вуқуъ меоянд, сари вақт ба қайд гирад. Бо мақсади омӯзиши ҳаматарафаи хонандагон зарур аст, ки бо ҳар яки онҳо робитаи инфиродӣ доир намуд, зеро ҳар як хонанда аз хонандагони дигар аз лиҳози хулқу атвор ва дигар сифатҳо фарқ мекунанд. Дар вақти таҳсил дар муассисаи таълимӣ кӯдакон бо роҳбари синф, ки дар ҳаёти хонандагони синф иштироки бештар дорад, робитаи хеле наздик доранд.

Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ рӯзномаҳои хонандагонро месанҷад, қайдҳои зарурӣро дар бораи азхудкунии дарсҳо ва рафтори кӯдак барои падару модарон таҳия мекунад, ба онҳо дар тарбияи фарзанд тавсияҳо медиҳад.Волидони хонандагон бошад, якҷо бо омӯзгор дар тарбияи фарзанди худ фаъолона иштирок намуда, эътиқодоти ахлоқии онҳоро такмил дода, саъй мекунанд, ки онҳо сулҳпарвар, таҳаммулпазир нисбат ба одамон ва ватандӯстони воқеӣ ба камол расанд.

Қайд кардан зарур аст, ки робитаи байниҳамдигарии омӯзгор ва хонанда дар муассисаи таълимӣ аз маҷмуи падидаҳои ба ҳам иртиботдошта: некбинӣ, муносибати боэҳтиромона, рафтори шоиста, лаҳн, нигоҳ, имою ишора, табассум ва ғайра иборат бошад. Дар омехтагӣ онҳо фарҳанги

муносибатҳои байниинсонии хоси маҳз муоширати педагогиро ба вуҷуд меоваранд.

## 2.3.Таъсири тарбияи дастаҷамъӣ ба тарбияи мафҳумҳои асосии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ

Дигаргунсозиҳои демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин бунёди давлати нави дунявии демократӣ барои тарбияи насли наврас шароити нав фароҳам овард. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюлоти мусбат дар ислоҳоти таҳсилот идома доранд. Махсусан, ин раванд ба таҳсилоти ибтидоӣ дахл дорад. Нақши олимони тоҷик дар ташкили раванди таҳсилот назаррас мебошад. Махсусан, асарҳои академик М. Лутфуллозода дар кори такмили таҳсилоти ибтидоӣ қобили қайд мебошанд. Дар асарҳои ӯ талаботи дӯстдори Ватани худ будан, хуб таҳсил кардан, таҳаммулпазир ва сулҳпарвар будан, дар ҳар гуна ҳолат худро идора карда тавонистан матраҳ карда мешаванд.

Синну соли хурди мактабӣ дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад, зеро дар ташаккулёбии шахсияти кӯдак густариши минбаъдаи донишҳои ӯ сурат мегирад, чунин хислатҳои шахсӣ аз қабили интизомнокӣ, сабру таҳаммул, мақсаднокӣ рушд мекунанд, дастурҳои нави ҳаётӣ ва дигар сифатҳои муҳими ахлоқӣ, ки дар зиндагӣ ба кор меоянд ташаккул меёбанд. Дар замони ҳозира ба роҳбари синф ҳам талаботи нав пешниҳод мешаванд. Ӯ бояд методикаи тарбияи дастаҷамъиро хуб фаро гирифта бошад, яъне дорои маҳорати ташкил кардани ҳамкории омӯзгорон ва хонандагонро, ки ба ташкили дастаҷамъии раванди таълим ҳангоми таҳсил такя мекунад, бошад, инчунин робитаи мутақобилаи хонандагонро дар коллективи кӯдакон тасҳеҳ ва ислоҳ карда тавонад.

Дар раванди баргузории кори тарбиявӣ дар синфҳои ибтидоӣ мо ошкор сохтем, ки дар хонандагон талаботи объективии муошират, фаъолияти

муштарак, ҳамдардиҳои муштараки отифавӣ, талабот ба коллективи ҳамсолон мавҷуд аст. Барои кӯдакон ин имконияти муттаҳидшавӣ дар асоси манфиатҳои муштарак ва талабот, натиҷаи ҳамкориҳои онҳо ва муҳити атрофи зарурӣ барои худифодакунӣ ва худтасдиқкунии шахсӣ ҷиҳати ифодаи фардият мебошад. Дар раванди кори тарбиявӣ мо аз методҳои интерактивии таълим бо корбурди технологияҳои муосир истифода намудем. Ҳангоми тартиб додани нақшаҳои таълимӣ методҳои муосири таълим мавриди истифода қарор гирифтаанд. Коллективи кӯдакон барои омӯзгорон зарур аст, зеро тарбияи кӯдакон бидуни такя ба коллективи кӯдакон, ягонагии ташкилотӣ ва умумияти психологии онҳо камсамара хоҳад буд. Мо ошкор сохтем, ки барои омӯзгорон тарбияи коллективӣ яке аз ҳалқаҳои фаъолияти онҳо, объекти ғамхории онҳо ва олоти ташкил ва такмили раванди тарбия мебошад, ки ба рушди шахсии кӯдакони аъзои коллектив нигаронида шудааст.

Коллектив вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

1) вазифаи тарбиявӣ, ки иборат аз ташкили муҳит барои тарбияи коллективизм, муносибатҳои инсондӯстӣ, ислоҳи рафтори кӯдакон тавассути андешаи ҷамъиятӣ, ҳифзи анъанаҳои халқи тоҷик, самтгириҳои арзишӣ мебошад;

2) вазифаи рушдоварӣ, иборат аз он аст, ки дар коллектив худшиносӣ рушд мекунад, худамалисозӣ ва худтакмилдиҳии шахс сурат мегирад.;

3) вазифаи ҳифозатӣ: коллектив кӯдакро аз падидаҳои манфии таъсири муҳит муҳофизат карда, аз лиҳози ахлоқӣ ӯро дастгирӣ мекунад;

4) вазифаи ташкилотӣ: кӯдакон малакаҳои муошират ва малакаҳои худамалисозиро ба даст меоваранд ва рушд медиҳанд.

Дар раванди таҳқиқот мо муайян намудем, ки коллектив барои дар он рушд ёфтани кӯдак созмон дода мешавад, бинобар ин, ҳадафи коллектив тарбия ва рушди шахсияти кӯдак, баланд бардоштани дастуроти ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки дар ин раванд, ҳамкории инсонҳои синну соли гуногун сурат мегирад. Дар ин ҷараён хонандагон чи будани муоширатро дарк мекунанд, муваффақият ва масъулиятро бо ҳамсолон ва бо дигар иштирокдорони раванди тарбия бо ҳам мебинанд.

Тарбияи муштараки дастаҷамъӣ равиши махсуси ташкили фаъолияти ҳамкориҳои кӯдакон ва калонсолон мебошад, ки ба беҳсозии фаъолияти муштарак дар ҷомеа нигаронида шудааст.

Тарбияи муштараки дастаҷамъии насли наврас муҳимтарин ҷузъи сохтории методикаи тарбияи коллективию эҷодии хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва баланд бардоштани ахлоқи онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мебошад.

Коллективҳои муштарак ин пеш аз ҳама, зиндагии муътадили хурдсолон ва калонсолон, омӯзгорон ва хонандагон ва дар айни замон ғамхории умумии онҳо дар бораи беҳсозии ҳаёти муҳити атроф, ки дар он омӯзгорон ҳамчун дӯстони калонсоли кӯдакон бо онҳо амал мекунанд ва дар сафи пеш қарор доранд. Ин ғамхории амалӣ дар бораи ҳаёт, дар бораи тарафҳои гуногуни он буда, аммо тарбияи онҳое нест, ки ҳама чизро аз рӯйи сенарияи омӯзгор бечунучаро иҷро намоянд.

Ҳаёти муштараки дастаҷамъӣ на барои кӯдакон ва на барои тарбияи онҳо аст, ин кори худи кӯдакон, кори коллектив, ки ҳам кӯдакон ва ҳам калонсолон аъзои он мешаванд, рушд мекунанд ба ташаккули шахсияти кӯдакон мусоидат мекунанд. Рафиқ, дӯст, корманд ва шаҳрванди ҷомеа ба воя мерасад.

Бояд қайд намуд, ки вижагиҳои асосии ҳаёти дастаҷамъӣ самтгирии амалӣ, ташкилоти муштараки коллективӣ ва ҷанбаи эҷодӣ доштани фаъолияти он мебошад.

Тарбияи дастаҷамъии муштарак ва фаъолияти коллективӣ, дар ниҳояти кор, зуҳуроти ғамхории амалии омӯзгорон ва хонандагон дар бораи ҳаёти муҳити атрофи онҳо мебошад. Дар ин робита, тарбияи дастаҷамъии муштараки хонандагон, кори сода нест, балки кори муҳими ҳаётӣ ва барои

ҷомеа зарур ба ҳисоб меравад. Тарбия дастаҷамъӣ аст, дар ин иртибот, ки дар якҷоягӣ бо хонандагон ва омӯзгорон банақшагирӣ, омода, иҷро ва муҳокима карда мешавад.Тарбияи дастаҷамъии муштарак ҷиҳати амалии онҳоро тавсиф менамояд.

Тарбияи дастаҷамъӣ (коллективӣ) хусусиятҳои вижаи муҳити тарбиявиро ошкор менамояд: вазифаҳои тарбиявӣ оид ба тарбияи дастаҷамъии кӯдакон аз тарафи омӯзгорон асосан барои хонандагон номаълум ҳаллу фасл мегардад, ҳангоми иҷрои вазифаи амалӣ ва ба дараҷаи муайян ҳангоми муҳокимаи натиҷаҳои кори иҷрошуда ба хонандагон ошкор карда мешавад.

Тарбияи дастаҷамъии кӯдакон аз чорабиниҳои тарбиявӣ: кори маҳфилҳо, суҳбатҳо, сайру саёҳатҳои илмӣ ва ғайра, ки барои онҳо дар раванди таҳсилот вазифагузории ошкоро хос аст, фарқ мекунад. Омӯзиш ва истифодаи тарбияи дастаҷамъии хонандагонро бидуни имконоти тарбиявӣ, бидуни дарки он ки чи гуна ин имкониятҳо дар ҳар намуди корҳои умумии дастаҷамъӣ ошкор мегарданд, амалӣ кардан имконнопазир мебошад. Ба ҳар як иштирокдори коллектив имкон дода мешавад, ки барои худ ҳиссаи иштироки худ ва масъулиятро барои кори қабулгардида, ки ӯ бояд иҷро мекард, муайян намояд. Тарбияи дастаҷамъии муштарак имкон медиҳад, ки дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ майдони махсуси бозӣ ташкил гардад, ки дар он ҳар як иштироккунанда дар вазъияти эҷодкорӣ, тахайюл ва сохтани чизи наве барои худ ва дигарон қарор дошта бошад.

Дар ҷамъбасти эҷодиёти муштараки тарбияи коллективӣ кӯдакон, пеш аз ҳама, малакаҳои гуногуни муошират, хуб фаъолият кардан, омӯхтан, ва инчунин муваффақиятро бо дӯстон ба ҳам диданро меомӯзанд. Бинобар ин, ҳамзамон ду раванди муҳим – тарбия ва муттаҳидшавии коллективи синф, ҳамчунин тарбияи шахсияти кӯдакон, рушди чунин сифатҳо ба монанди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба вуқуъ меоянд.

Дар раванди фаъолияти муштарак, як навъ якпорчагии одамони синнусоли гуногун сурат мегирад. Ҳангоми ташкил намудани тарбияи

муштараки дастаҷамъӣ омӯзгорон ва хонандагон таҷрибаи созмондиҳӣ ба даст меоваранд, ҳар як иштирокдори раванд метавонад фаъолияти ин ё он ғояро пешниҳод намояд, инчунин равиши комилан нави амалисозии марҳилаи муайяни фаъолиятро матраҳ созад. Ҳар қадар фаъолияти умумии ташкилкардашуда ҳадафмандтар бошад, раванди таълиму тарбия ва таъсири омӯзгорон,таъсири мутақобилаи худи тарбиягирандагон ба якдигар ҳамон қадар самараноктар мегардад. Дар тарбияи коллективӣ моҳияти педагогикаи ғамхории умумӣ ошкор мегардад.

Асли моҳияти ҳар як фаъолият - ғамхорӣ дар бораи коллектив, дар бораи якдигар, дар бораи одамони атроф ва дӯстон мебошад.

Фаъолият – ин кори эҷодии дастаҷамъӣ аст, зеро он иборат аст, аз ҷустуҷӯи роҳи ҳалли беҳтари масъалаи ҳаётан муҳим, чунки якҷоя эҷод кардан – на танҳо иҷро мешавад, балки ташкил меёбад, нақшагирӣ мешавад инчунин баҳогузорӣ мегардад. Фаъолият ин худ эҷод аст, зеро наметавонад ба чизи дигаре табдил ёбад ва аз рӯйи қолаб иҷро шавад, балки дар гунаҳои мухталиф ҳамеша имконоти нави худро зоҳир менамояд.

Корҳои муштараки дастаҷамъӣ, аксаран аз якдигар, пеш аз ҳама, аз рӯйи ҷанбаи ғамхории умумии амалӣ, ки дар навбати аввал баромад мекунанд: маърифатӣ ё бадеию эстетикӣ, варзишӣ ё фароғатӣ, инчунин меҳнатӣ ё ҷамъиятӣ фарқ мекунанд. Онҳо, махсусан, ҳангоми баргузор намудани бозиҳои варзишии “Офарин” ва дигар бозиҳои варзишӣ аз қабили футбол, волейбол ва баскетбол зоҳир мегарданд. Дар фаъолияти меҳнатӣ он ҳангоми дарахтшинонии ниҳолҳои мевадор дар майдончаи наздимактабӣ, гузаронидани шанбегиҳо дар рӯзҳои баҳорӣ падидор мешавад. Дар корҳои дастаҷамъӣ хонандагон, омӯзгорон ва падару модарон иштирок мекунанд.

А.С.Макаренко қайд намуда буд: “ ...Корҳои коллективӣ аз якдигар, пеш аз ҳама, аз рӯйи ҷанбаи ғамхории амалӣ, ки дар навбати аввал қарор мегирад, фарқ мекунанд. Аммо дар ҳар ҷомеаи коллективӣ як силсилаи вазифаҳои педагогӣ ҳал мешаванд, рушди асосҳои дастаҷамъӣ ва демократии ҳаёт, мустақилият, ибтикороти кӯдакон, худидоракунӣ, муносибати

фаъолонаи шаҳрвандӣ нисбат ба одамон ва ҷаҳони атроф сурат мегирад. Кори дастаҷамъӣ коллектив ва шахсиятро бо таҷрибаи иҷтимоии ғанӣ гардонда, ба ҳар шахс имкон медиҳад, ки беҳтарин захира ва қобилиятҳо, талабот ва робитаҳои инсонии худро зоҳир намояд ва такмил диҳад, инчунин хушахлоқ ба воя расад” [258, с.25].

Вазифаҳои фаъолияти тарбиявии омӯзгор дар тарбияи муштараки коллективӣ аксаран ба ин тартиб суръат мегирад:

1. Лозим аст, ки фаъолияти гуногуни отифавӣ ва эҷодии аҳамияти шахсӣ ва ҷамъиятидоштаи хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳамчун амсилаи ҳаёти минбаъдаи кӯдакон созмон дода шавад.

2. Зарур аст,ки шароит барои худамалисозӣ, худтакмилдиҳӣ ва худидоракунии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаи таҳсилотии миёнаи умумӣ ба роҳ монда шавад.

3. Дар коллективи муассисаи таҳсилотии миёнаи умумӣ фазои отифавӣ ва ахлоқию психологӣ бо мақсади таъмини шароити ҳифозатии ҳар як хонандаи хурдсол ба миён оварда шавад.

4. Барои тарбияи отифавӣ ҷаҳоншиносии хушбинонаро ташаккул бояд дод, дар мисоли худ кӯдаконро ба зиндагии мусбати ҳар як дақиқа, ҳар рӯзи ҳузур дар коллективи ҳамсинфон омӯзиш додан лозим аст.

Барои ҳалли масъалаҳои матраҳгардида шароити зеринро фароҳам намудан зарур мебошад:

1. Ғамхории умумӣ. Тарбия кардан - маънои ҳамроҳи кӯдакон ҳамчун кормандон оид ба ғамхории эҷодии онҳо амал карданро дорад. Дар чунин ғамхорӣ дар кӯдакон робита бо ҳаёти муҳит – фарҳанг, одамон, меҳнат, табиат ҳамчун сарчашмаи хушнудии умумӣ ва манфиат, муносибати масъулиятнок ба худ;

2. Муносибати эҳтиромона ва талабнокии рафиқона нисбат ба атрофиён. Омӯзгор бояд ҳамеша нисбат ба кӯдак ба мисли рафиқи худ эҳтироми ботинӣ дошта бошад. Бо мақсади чунин равобит эҳтироми рафиқона ва талабнокии рафиқона ба худ ва атрофиён хос мебошад.

Асоситарин нуқта эҳтироми рафиқона: эътимод ба неруи эҷодӣ, имконияти инсон ҳамчун иштирокдори бештар тавоно ва шавқманд – имрӯз ва фардо – ғамхории шаҳрвандии умумӣ; идроки ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи инсон, талоши ошкорсозӣ ва инкишоф додани ҷиҳатҳои хуб ва бартарафсозии камбудиҳо. Аз эҳтироми дӯстона талабнокии дӯстона бармеояд: барои хушнудии умумӣ ва манфиатнокӣ амал кардан, беҳтар намудани зиндагии атроф ва ҳамзамон такмил додани худ ба монанди дӯстии одамони дигар. Дар ҳамин ҳолат муносибати ҷавобии кӯдакон ва омӯзгорон ба вуҷуд меояд, обрӯи одами калонсол ба вуҷуд омада, ба ӯ эътимоди кӯдакон мустаҳкам мегардад;

3. Ягонагии андешаҳо ва амалҳо, ирода, эҳсосот, инчунин дигар сифатҳо.Таъсиррасонӣ ба коллективи кӯдаконро бояд чунин омӯхт, ки дар ягонагӣ ҷиҳатҳои хоси тарафи шахсияти кӯдак: маърифатию ҷаҳоншиносӣ, отифавию иродавӣ; ташаккулдиҳии донишҳои илмӣ, андешаҳо, ормонҳо бедоркунӣ ва мустаҳкамкунии ҳиссиёти баланд, манфиатҳо, саъю кӯшишҳо, талабот; рушд додани маҳоратҳо, одатҳо ва хислатҳои хулқу атвори барои ҳар як шаҳрванди ҷомеа зарурбуда, ки ахлоқро инкишоф медиҳад;

4. Коллективи якпорча. Тавре бояд таъсир расонид, ки равишҳои таъсиррасонии омӯзгорон ва кӯдакон, равиши таъсиррасонии омӯзгорон ба худ, инчунин равишҳои таъсиррасонии кӯдакон ба якдигар, ба омӯзгор ва ҳар як хонанда ба худ бошанд. Дар ин ҳолат раванди корҳои тарбиявӣ дар якҷоягии ҳамаи ҳалқаҳо мегузарад: шогирдони худро тарбия намудани омӯзгорон, худтарбиякунии хонандагон – мутақобилан ва шахсан, худтарбиякунии омӯзгорон, аз тарафи омӯзгорон тарбия шудани хонандагон. Дар ин ҳолат ҳар як шахс коллективи ягонаи омӯзгорон ва хонандагонро тарбия карда, ба ҳаёти умумӣ таъсир мерасонад, онро беҳтар намуда, дар ин амр натиҷаоварии тарбиявии онро таъмин мекунад.

5. Эҷодкорӣ, аммо на қолаб. Бояд тавре таъсир расонид, ки намудҳои гуногуни таъсиррасонии тарбиявӣ истифода шавад ва он, ҳатман ба таври эҷодӣ истифода шавад ва дар ин амри чиддӣ расмиятчигӣ роҳ наёбад.

Шахсияти таҳсилкарда, бофарҳанг, эҷодкор ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ фаъолро тарбия намуда, бояд олами зебоиро дарк ва идрок намуд, дар ин ҳол хушиҳои зиндагиро набояд фаромӯш кард, тафаккур ва эҳсосоти кӯдаконро ба таври зебоишиносӣ тарбия намуд, муносибаташонро ба Ватан, талоши ватандӯстона, сулҳпарварона ва таҳаммулпазирона нисбат ба атрофиён ташаккул дод. Инчунин бояд ба ҷомеа, табиат, меҳнат, оила хуб муносибат намуд.

Ҳангоми ташкил ва банақшагирии кори дастаҷамъӣ омӯзгорон ва хонандагон таҷрибаи қобили мулоҳизаи ташкилотчигӣ ба даст меоваранд: ҳар яке метавонад ин ё он ғояро пешниҳод намояд, равиши комилан нави амалро пешниҳод намояд, дар марҳилаи муайян ба амалисозии кори дастаҷамъӣ иқдом намояд. Масалан, хонандагони синфи 4-уми муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №13 шаҳри Кӯлоб ба шанбегӣ баромаданд ва ҳамроҳи падару модарон ва сокинони маҳаллӣ кӯчаҳоро рӯбучин карданд. Дар ин маврид корро бештар калонсолон анҷом доданд. амммо кӯдакон аз кори дастаҷамъии анҷомдодаашон қаноатмандӣ эҳсос намуданд.

Хонандаи хурдсол муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №13-и шаҳри Кӯлоб Саидов Абдулло бо навохтани сози халқӣ суруди ватандӯстона сароид, ки бо кафкӯбиҳо аз тарафи ҳамсинфон ва шунавандагон истиқбол гардид. Бо мисоли аёнӣ ӯ истеъдоди худро барои тақлид ба ҳамсолонаш нишон дод. Тарбияи ҳадафмандонаи кӯдакон аз тарафи омӯзгорон ва падару модарон метавонад ба андозаи қобили мулоҳиза ахлоқи онҳоро баланд бардорад, то ки онҳо ватандӯсти сарзамини худ, сулҳпарвар ва бо атрофиён таҳаммулпазир бошанд. Чунин равиш имкон медиҳад гузариши мавзун тавассути зебоӣ ба воситаи ҳамнавоӣ ба меҳрубонӣ, аз меҳрубонӣ ба амалҳои фаъоли иҷтимоӣ, ки ба ҷомеа манфиат меорад, амалӣ карда шавад.

Зимни мақсади фарзия, раванди ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ босамар хоҳад буд, агар аз ҷашну фароғати мардумӣ истифода кунем, мо таҳқиқоте гузаронидем, ки аз се марҳила иборат буда ва се давраро дар бар мегирад:

-Дар марҳилаи аввали таҳқиқот сатҳи ибтидоии ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ошкор карда шуд.

- Мақсади марҳилаи дуюми таҳқиқот ё худ озмоиш ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути идҳои мардумӣ ва фароғатӣ буд.

- Дар марҳилаи сеюм таҳлили муқоисавии натиҷаҳои кори озмоишӣ гузаронида шуда, инчунин хулосаҳо бароварда шуданд.

Таҳқиқоти озмоишӣ дар синфҳои ибтидоӣ (барои 20 хонандаи синфи 2-юм) муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 Дар мавриди таҳқиқот ду гурӯҳро ташкил намудем (гурӯҳи назоратӣ) "Офтобак" ном бурда шуд.

(гурӯҳи озмоишӣ), гурӯҳи "Дустӣ"- и ном бурда шудаанд, ки ин гурӯҳҳо низ аз 20 нафарӣ хонандаи синфи 2 иборат буданд.

Таҳқиқот чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки ба арзишҳои ахлоқию ватандӯстӣ нигаронида шудаанд. Ҳайати гуруҳи озмоишӣ, мазмуни ин гуна машғулиятҳо аз комплекси корҳои тартибдодашуда, ки ба ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудаaанд, васеъ карда шуд.

Омӯзгороне, ки дар гурӯҳи озмоишӣ фаъолият мекарданд, аз мақсад, вазифа ва музмуни кори таҳқиқот огоҳонида шуданд.

Дар мавриди гузарондани таҳқиқот манфиати шахсии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар вақтҳои лозима, зимни фаъолияти онҳо ҳангоми иҷрои шартҳои озмоиш бештар зери мушоҳида қарор гирифта шуд.

Мақсад: ошкор намудани сатҳи ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Вазифаҳо:

1.Усули ташхиси сатҳи ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоиро интихоб кунед.

2.Ташхиси сатҳи ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ гузаронида шавад.

3.Таҳлил ва ҷамъбасти натиҷаҳое, ки мавриди ташаккули сифатҳои

ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба даст оварда шудааст.

Дар ҳалли вазифаи якум дар асоси таҳлили адабиёт меъёру нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сатҳи ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз рӯи се ҷиҳат (маърифатӣ, эҳсосӣ ва рафторӣ) муайян карда шудааст.

Ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали зерин оварда шудааст.

Ҷадвали 1

Баҳодиҳии сатҳи сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ:

| **Қисматҳо** | **Нишондиҳандаҳо** |
|---|---|
| 1. Ҷузъи маърифатӣ | Намояндагӣ ва мафҳумҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар бораи номи кишвар, суроғаи он; дар бораи мавзеъҳои тамошобоб диёри зодгоҳ, шаҳр; дар бораи парчам, нишон, суруди миллӣ; сарватҳои табиии Тоҷикистон, минтақаҳои табиию иқлими он ва манзараҳои табиати кишвар. |
| 2. Ҷузъи эҳсосӣ | Қобилияти зоҳир кардани эҳсосоти мусбӣ нисбат ба ҳодисаҳо ва падидаҳои ҷамъиятӣ ва кори фоиданоки ҷамъиятӣ. |
| | Маҳорати ташаккулёфта ба табиати атроф ғамхорӣ кардан, наздик кардан, ба одамони атроф ёрӣ додан, дӯстӣ зоҳир кардан, манфиати дӯстро ба назар гирифтан, бо ҳамсолон бо хушмуомилагӣ гуфтушунид кардан. |

Дар ҳалли вазифаи дуюм дар асоси меъёру нишондиҳандаҳои интихобшуда дараҷаи хислатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ва хислатҳои онҳо муайян карда шуд (ниг. ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Хусусиятҳои дараҷаи хислатҳои ватандӯстӣ,сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ

| Сатҳи | Меъёр |
|---|---|
| **1. Баланд** | Кӯдак номи кишвар, суроғаи худро медонад; минтақаҳои сабзи зодгоҳ, парчам, нишон, суруди миллии ҷумҳурии Тоҷикистонро медонад ва меомӯзад; сарватҳои табии Тоҷикистонро ном мебарад, иқлими табиат, манзараҳои зебои табиатро медонад. нисбат ба ҳодисаҳои табии, ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҳамеша ҳиссиёти мусбат нишон медиҳад. Ба табиати гирду атроф ғамхорӣ зоҳир мекунад. Дар муошират рафтори худ ва дигаронро таҳлил карда метавонад. |
| **2. Миёна** | Кӯдак номи кишвар, суроғаи худро медонад; барои кӯдак парчам, нишон, суруди миллии Тоҷикистонро муайян кардан душвор аст; аттрактсионҳо, майдонҳои сабзу хуррам, кучаҳо, хиёбонҳои шаҳрро номбар кардан душвор аст; сарватҳои табиии Тоҷикистонро пурра номбар карда наметавонад. Дар он нисбат ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ на ҳамеша ҳиссиёти мусбат зоҳир мегардад. Аксар вақт дар бораи наздикон ғамхорӣ мекунанд, дӯстӣ нишон медиҳанд, аммо ба дӯст таваҷҷӯҳ надоранд, бо онҳо чӣ гуна гуфтушунид карданро намедонанд, кӯмак намекунанд; амалиёти онҳо ва дигаронро бо ёрии калонсолон таҳлил мекунанд. |
| **3.Паст** | Кӯдак номи кишвар, суроғаи худро намедонад, парчам, нишон, суруди миллии кишварро намедонад; дар бораи ҷойҳои ҷолиби зодгоҳаш маълумот надорад; номи кучаи ҷойи зисти худро дуруст намедонад; боигариҳои табиии Тоҷикистонро, минтақаҳои табиию иқлими кишварро номбурда наметавонад. Нисбат ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ҳиссиёти мусбат зоҳир намекунад. Ба табиати атроф эътибор намедиҳад, бо бачаҳо дӯстӣ зоҳир намекунад, манофеи дӯсти худро ба назар намегирад, бо онҳо чӣ гуна гуфтушунид карданро намедонад ва ёрӣ дода наметавонад. |

Ҳангоми ҳалли вазифаи сеюми марҳилаи зикршуда 3 вазифаи ташхисӣ барои баҳодиҳии сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ интихоб карда шуд:

Суҳбати ташхисӣ барои омӯзиши ҷузъи маърифатии сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода шуд.

Мақсад: муайян кардани шуур ва пуррагии намояндагӣ ва мафҳумҳои кӯдак дар бораи номи кишвар, суроғаи худ;дар бораи аттрактсионҳо, майдонҳои сабзу хуррами шаҳру деҳот, зодгоҳ, кӯча; дар бораи парчам, нишон, суруди милии тоҷикистон; дар бораи сарватҳои табиии ҷумҳурии Тоҷикистон, дар минтақаҳои табиию иқлимии он, бахусус манзараҳои дилписанди он маълумот дошта бошад.

Таҷҳизот: аксҳо бо аттрактсионҳо ва минтақаҳои табии деҳа; тасвирҳои парчам ва нишони ҷумҳурииТоҷикистон; сабти садои суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар навоҳои хоси Ватан; тасвирҳо бо минтақаҳои гуногуни табиию иқлимӣ ва манзараҳои Тоҷикистон.

Тартиби рафтор. Ба кӯдакон дар шакли инфиродӣ пешниҳод карда шуд, ки ба 9 савол ҷавоб диҳанд:

1. Номи кишваре, ки шумо дар он зиндагӣ мекунед?

2. Шумо дар кадом шаҳр зиндагӣ мекунед?

3. Дар кадом куча, дар кадом хона зиндагӣ мекунед?

4. Боз кадом кучаҳои шаҳрро медонед?

5. Кадом мавзеъҳо ва минтақаҳои табиии шаҳри моро медонед?

6. Ба тасвирҳо нигаред ва бигӯед, ки дар онҳо чӣ тасвир шудааст (расмҳои парчам ва нишони ҷумҳурии Тоҷикистон).

7. Ин порчаи мусиқиро гӯш кунед. Мазмуни онро чи гуна дарк мекунед? (Суруди миллии Тоҷикистон садо медиҳад).

8. Кадом сарватҳои табиии Тоҷикистонро медонед?

9. Ин мисолҳоро дида бароед ва бигӯед, ки шумо дар бораи иқлими кишвари мо чӣ медонед, одамон дар кадом шароити табиӣ зиндагӣ мекунанд, чӣ кор мекунанд?

Меъёрҳои арзёбӣ:

- баланд – 3 хол: дар бораи деҳаи худ, шаҳри худ, ё маҳали зисти худ, рамзи давлатӣ, табиати худ тасаввурот ва мафҳумҳои бошуурона ва мукаммал дорад;

- сатҳи миёна - 2 хол: муаррифӣ ва мафҳумҳои кӯдак пурра бошуурона ва пора-пора нестанд;

- паст -1 хол: бошуурона ва пурра маълумот надорад.Маълумот дар бораи деҳаи худ, шаҳри худ ё маҳали зисти худ, рамзҳои давлатӣ, табиати ватани худ надорад.

Барои омӯзиши сатҳи ҷузъи эҳсосотии сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз ҳолати таҷрибавӣ истифода бурда шуд.

Мақсад: баҳо додан ба қобилияти хонандаи хурдсол дар зоҳир кардани эҳсосоти мусбӣ нисбат ба рӯйдодҳо ва падидаҳои ҷамъиятӣ.

Таҷҳизот: тасвирҳо ва аксҳои таърихӣ рӯйдодҳое, ки барои сохтмони ватан муҳиманд (Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ, парвози Юрий Гагарин дар кайҳон, сохтмони нерӯгоҳои барқии Норак, Роғун, Сохтани муҷассамаи асосгузори Давлати Сомониён Шоҳ Исмоили Сомонӣ, баргузории чорабиниҳои оммавӣ дар шаҳр ё ноҳия.

Тартиби рафтор. Ба ҳар як кӯдак пешниҳод карда мешавад, ки ба ин тасвирҳо ва суратҳо нигоҳ кунанд, дар бораи он чизе, ки дар онҳо кашида шудааст, нақл кунад, муносибати худро ба тасвир баён кунад.

Меъёрҳои арзёбӣ:

- дараҷаи баланд - 3 хол: нисбат ба ҳодиса ва падидаҳои ҷамъиятӣ эҳсосоти мусбӣ доштан.

- дараҷаи миёна - 2 хол: на ҳамеша эҳсосоти мусбатро нисбат ба рӯйдодҳо ва падидаҳои ҷамъиятӣ дарк мекунад;

- сатҳи паст - 1 хол: нисбат ба ҳодиса ва падидаҳои ҷамъиятӣ эҳсосоти мусбатро дарк намекунад.

Барои омӯзиши ҷузъи рафтории сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз вазифаи иҷрои супоришҳои меҳнатии дорои хусусияти ҷамъиятӣ истифода бурда мешавад.

Мақсад: баҳо додан ба ташаккули хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар корҳои хоҷагӣ, ғамхорӣ дар бораи табиати атроф ва одамони наздик.

Усули: мушоҳидаи фаъолияти бачагон ҳангоми иҷрои супоришҳои меҳнатӣ (меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ).

Тартиби рафтор. Ба ҳар як кӯдак барои иҷрои вазифаҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1) пас аз бозиҳои гурӯҳӣ маводҳоро дар ҷевонҳо гузоранд (супориш ба як гурӯҳи хонандагон дода мешавад);

2) қитъаро аз гиёҳҳои бегона тоза кардан (дар мавсими тирамоҳ гузаронида мешавад; қитъа ба қисмҳо тақсим шуда, дар байни гурӯҳҳои

бачагон (барои 3—5 нафар) тақсим карда мешавад);

3) кӣ ба омӯзгорон барои оро додани толори мусиқӣ барои гузаронидани ҷашн (вазифа ба як чанд нафар бачаҳо дода шуда буд) ёрӣ мерасонанд.

Меъёрҳои арзёбӣ:

- баланд — 3 хол: ҳангоми иҷрои ҳар се супориши меҳнатӣ кӯдак маҳорати ба қадри кифоя инкишофёфтаи меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, ғамхорӣ дар бораи табиати атроф ва одамони наздикро нишон медиҳад.

- сатҳи миёна - 2 хол: кӯдак ҳангоми иҷрои ду супориши меҳнатӣ малакаи ташхисиро нишон медиҳад ё супоришро то охир иҷро намекунад (парешон мешавад, тарк мекунад ва ба дигар корҳо машғул мешавад);

- паст — 1 хол: бача ҳамаи супоришҳои меҳнатиро то охир иҷро намекунад ё тамоман иҷро намекунад.

Миқдори баланди холҳое, ки ҳар як хонандаи хурдсол метавонад барои иҷрои ҳама вазифаҳои ташхисӣ гирад, - 9 бал.

Тақсимоти хонандагон аз рӯи дараҷаҳои сифатҳои ватандӯстӣ тибқи ҷадвали зерин таҳия шудааст:

- сатҳи баланд - 8-9 балл;

- сатҳи миёна - 5-7 балл;

- сатҳи паст - 4 балл ва камтар.

Ҳамин тариқ, усулҳои марҳилаи ибтидоии корҳои таҷрибавӣ-ҷустуҷӯӣ бо мақсади ба даст овардани маълумоти воқеӣ дар бораи сатҳи ибтидоии сифатҳои ватандӯстӣ (аз рӯи меъёрҳои муайянгардида) он дар санҷишҳои ҷорӣ таҳия карда мешавад.

Натиҷаҳои ташхиси дараҷаи ибтидоии сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки ба протоколи ҷамъбастӣ дохил карда шудаанд. Натиҷаҳои ташхисии миқдорӣ оид ба ҷузъи маърифатии сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар марҳилаи ибтидоии корҳои таҷрибавӣ-ҷустуҷӯӣ нишон дода шудааст.

Таҳлили натиҷаҳои ташхисӣ нишон дод, ки хонандагоне, ки дорои чунин сатҳи ҷузъи маърифатии сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ

мебошанд, танҳо кишвари худ, ё манзили истиқоматӣ ва ё суроғаи манзили худро дуруст номбар карда тавонистанд. Аммо ба саволҳои боқимонда онҳо ҷавоби дуруст дода натавонистанд. Дамир П., Комрон К. ва Самад Ш. аз аттраксионҳо ва майдонҳои сабзу хуррами шаҳри зодгоҳ, ҷойҳои таърихии он хабар надоранд, бачагон номи кӯчаи худро гуфта наметавонанд. Ёсуман Р., Парвина Ф., Ясмина К. рангҳои парчами Тоҷикистонро намедонанд, дар бораи нишон низ маълумот надоранд. Мавриди суруди миллӣ садо додан (гуфтаанд: «Ин суруд аст, мусиқӣ ин қадар муҳим аст, тантанавӣ)». Ёдгори К., Мирсаид Б., Улмас А. дар бораи боигариҳои табиии Тоҷикистон, минтақаҳои табиию иқлимӣ, манзараҳои он нақл карда натавонистанд.

Тимур А. ба хотир овард, ки ин як парчам аст, аммо дар гурӯҳи миз бо гӯшҳо як парчами хурде ҳаст ва Умарҷон У. гуфт, ки дар бино ва маъмурияти маҳала чунин парчам овехта мешавад. Дар рафти бозиҳо бачаҳои зиёде парчами худро ёфтаанд, вале бе ёрии омӯзгор нишонро гузошта наметавонистанд ва баръакс — нишонро дурӯст гузоштанд, вале парчами дурӯстро ёфта натавонистанд.

Ёдгор К. ҳатто нишонро нишон дода гуфт, ки онро дар вақти тобистон ба назди модаркалонаш рафтан ба деҳа аз ӯ достони парчамро шунидааст. Якчанд бачагон шавқу ҳаваси бозиро зуд гум карданд, парешон шуданд.

Марям О. гуфт: «Мебахшед, либоси Аҳмад расми парчам дорад, ман онро дар боғ дидам».

Дар вазъияти таҷрибавӣ, ки ба хонандагон пешниҳод карда мешуд, ки ба тасвирҳо ва аксҳои гузашта ва имрӯзи Тоҷикистон назар андозанд, нақл кунанд, ки дар онҳо чӣ нақшҳо кашида шудаанд ва муносибати худро ба тасвир баён кунанд, ба аксари кӯдакон маъқул набуд. Онҳо воқеаҳои таърихии Ватани моро намедонанд (ҳатто бо ёрии саволҳои ба миёнгузоштаи калонсолон), дар муносибатҳои худ ҳиссиёти мусбат зоҳир намекарданд, Баъзе бачагон аз гуфтани чизе худдорӣ мекарданд, ё чунон ки мегӯянд, «Икром П.); ё ба таври нодуруст воқеаҳои таърихи номида шудаанд (Аслиддин С.,Самад Ш., АнгелинаЛ., Улмас А.).

Ёдгор П., Амина С., Парвина Ф., Камила К., Самира, Замира Б., Самира Р. на ҳамаи супоришҳои меҳнатӣ то охир иҷро карда шуд. Тимур А., Аҳмад У., Кафолат К. ва Комрон Г. умуман, аз зебу оро додани зали мусиқии идона даст кашиданд. Мирсаид Б., Дамир П., Комрон Т., пас аз бозиҳои гурӯҳӣ аз баровардани маводҳои дар бозӣ истифодакарда худдорӣ карда, гуфтанд: «Мо бо ин бозичаҳо бозӣ накардем, мо тоза намекунем». Амина М., Илҳом Д., Лола С. дар тоза кардани атроф иштирок накардаанд, чун фаҳмонда намедоданд, танҳо бо дигар корҳо машғул мешуданд. Хулоса, дар ин гуна хонандагон малакаҳои нигоҳубини табиати гирду атроф, наздик шудан бо ҳамсолон, кӯмак расонидан ба одамони гирду атроф то ҳануз чандон ташаккул наёфтааст.

Дараҷаи миёнаи хислатҳои ватандӯстӣ дар ҳар ду гурӯҳ 30 фоизи хонандагони хурдсолро ташкил медиҳанд. Зарина К., Ёдгор К., Тимур А., Парвина Ф., Самира Ш., Марям О., Умар У. Аз се супориш ба иҷрои ду супориши меҳнатӣ: тоза кардани бозичаҳои баъди бозии гурӯҳӣ ва ба ид тайёр кардани толори мусиқӣ ҷавоб дод. Аммо ин хонандагон ҳангоми тоза кардани қитъа масъулият нишон надоданд: онҳо бо хонандагони дигар бозӣ мекарданду суҳбат мекарданд, мегӯфтанд, ки ин бачаҳо хело танбаланд ва барои иҷрои супоришҳои омӯзгор чандон хоҳиш надоранд.

Маълумоте, ки аз рӯи ҳамаи қисматҳо ба даст оварда шудааст, аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дараҷаи пасти сифатҳои ватандӯстӣ вуҷуд дорад: он дар аксари хонандагони гурӯҳи назоратӣ ва озмоишӣ аз рӯи ҳамаи нишондодҳо мушоҳида мешавад. Дараҷаи миёнаи сатҳи ватандӯстӣ дар ҳарду гурӯҳ 6 нафарро ташкил медиҳад.

Як гурӯҳ хонандагони синфҳои ибтидоӣ, ки дараҷаи ватандӯстиашон паст буд, тасаввурот ва мафҳумҳои бошуурона ва мукаммал надоранд: номи кишвар ва суроғаи худро намедонанд, парчам, нишон, суруди миллии кишварро намедонанд; дар бораи ҷойҳои ҷолиби диққати деҳа ё маҳали худ, зодгоҳ, кучаҳои он кам маълумот доранд; ин бачаҳо сарватҳои табиии Тоҷикистон, иқлими табиати минтақа ва манзараҳои онро ном гирифта наметавонанд. Онҳо ба воқеаю ҳодисаҳои ҷамъиятии таърихии мамлакатамон, ба меҳнати

фоиданоки ҷамъиятӣ таҷрибаю мароқи мусбат зоҳир намекунанд. Дар муомила бо ҳамсолони худ ин хонандагон чандон аҳамият намедиҳанд, дӯстӣ зоҳир намекунанд, манфиати рафиқонро ба назар намегиранд, бо онҳо чӣ гуна гуфтушунид карданро намедонанд, ба онҳо ёрӣ расонидан намехоҳанд. Инчунин амалҳои худ ва ҳамсолони худро тавсиф карда наметавонанд.

Гуруҳи хонандагони синфҳои ибтидоие, ки дорои хислатҳои ватандӯстии дараҷаи миёна буданд, номи ҷумҳурии худ, суроғаи манзили худро медонанд; аммо муайян кардани маънои парчам ва маънои рангҳои онро, нишон ва таҷассуми он, суруди милли Тоҷикистон ва маънидод кардани матни он барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ чандон душвор буд;боғҳои фароғатӣ, майдонҳои сабзу хуррам, кучаҳо, хиёбонҳои шаҳри худро номбар кардан барои онҳо душвор аст (онҳо ин корро танҳо баъди ба камол расидан мекунанд); Ин хонандагони хурдсол нисбат ба ҳодисаҳои ҷамъиятӣ ва меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ на ҳамеша ҳиссиёти мусбат зоҳир мекунанд.

Онҳо кушиш мекунанд, ки дар ҳаққи наздикон ғамхорӣ кунанд, дӯстӣ зоҳир кунанд, вале дар айни замон худро ба дӯст манфиатдор намешуморанд, бо онҳо чӣ тавр гуфтушунид карданро намедонанд, дар айни замон ба онҳо ёрӣ намерасонанд. Ин хонандагони хурдсол намедонанд, ки чӣ тавр рафтори худ ва дигар амалҳои ҳамсолони худро таҳлил кунанд.

Ҳамин тариқ, дар асоси натиҷаҳои марҳилаи зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сифатҳои ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хуссус дар синфҳои ибтидоӣ дар ҳар се ҷузъ – маърифатӣ, эҳсосотӣ ва рафторӣ пурра ташаккул наёфтааст.

Сабабҳои эҳтимолии ин дар он аст, ки волидайн ба ин мушкил таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намекунанд, аз ҷониби омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ба ин масъала аҳамият намедиҳанд. Бисьёр бачаҳо моҳияти ҳодисаҳои ҳаёти ҷамъиятии деҳотро намефаҳманд. Дар бораи таърихи кишвари худ Тоҷикистон, рамзҳои давлатӣ ва нишонаҳои он руякӣ, бетартиб истифода мебаранд. Муносибати ҳиссиёт ба Ватан дар ин бачагон то ҳануз ташаккул наёфтааст. Бачаҳо ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ саъю кушиш намекунанд.

Албата инро бепарвоии падару модарон ва баъзе омӯзгорон дар бобати дурӯст ташкил намудани тарбияи ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва дар оила шарҳ медиҳанд. Ин аз зарурати тартиб додан ва ба амал баровардани барномаи тарбияи ватандӯстӣ дар тайёр кардани хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ шаҳодат медиҳад.

## Хулосаи боби дуюм

Механизмҳои психологию педагогии ташаккули ахлоқи хонандагони хурдсолро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҷамъбаст намуда, ба хулоса омадем, ки механизми асосии раванди мазкур ин ҳалли тазодҳои миёни кӯдак, худтасдиқшавии ӯ ва ҳаёт мебошад, яъне муҳим он аст, ки кӯдак дар ин ё он вазъияти ҳаётӣ интихоберо анҷом медиҳад.

Омили муҳими психологӣ ҳангоми тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар кӯдакон тақлид мебошад. Хонандагони хурдсол аксар вақт ба наврасони синфҳои болоӣ тақлид мекунанд, ба волидони худ, қаҳрамонони асарҳои бадеӣ тақлид мекунанд.

Тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар коллектив басо муҳим аст. Муқаррар намудани робитаҳои байнишахсӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои муайяншуда шароит фароҳам меоварад. Дар асоси омӯзиши муқаддамотии хонандагон омӯзгори синфҳои ибтидоӣ, дар зимни иҷро намудани уҳдадории роҳбари синф метавонад ба хонанда таъсир расонад, ба ӯ сифатҳои ахлоқиро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ талқин намояд. Омӯзгор фаъолияти худро бо омӯзиши бодиққати кӯдакон оғоз менамояд, то ки ба саволҳо дар бораи чигунагии хонанда, имконот ва қобилиятҳои ӯ посух гуфта тавонад.

Яке аз мураккабтарин ва муҳимтарин вазифаҳои тарбияи кӯдакон воридсозии онҳо ба дунёи калонсолон мебошад. Кӯдакони синни хурди мактабӣ наметавонанд бидуни меҳру муҳаббати падару модарон вуҷуд дошта

бошанд. Бинобар ин, омӯзгорону волидон ухдадоранд тадбирҳо андешанд, то ки айёми кӯдакӣ барои фарзандони онҳо хушбахтона ва хушҳолона гузарад. Аммо агар кӯдакӣ бидуни шодию нишот сипарӣ шуда бошад, он гоҳ имконият барои рафтори ахлоқии кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ аз байн хоҳад рафт.

Кӯдакон на ҳамеша маънои мафҳумҳои “ватандӯстӣ,” “сулҳпарварӣ“, “таҳаммулпазирӣ”, “ҷавонмардӣ” ва ғайраро дарк менамоянд. Бинобар ин, зарур аст, то ки онҳо ба таҳаммули хушҳолӣ ва андуҳ бевосита дар муоширот якҷо бо одамони дигар одат кунанд. Кӯдакон худро дар ҷойи одами дигар гузошта, олами ботинии худро дигаргун месозанд. Шахсони сулҳпарвар ва таҳаммулпазир мешаванд. Тадриҷан ба яке аз шахсони ватандӯсти кишвари худ мубаддал мешаванд.

Баъзан омӯзгор хонандагони синфи худро бо анқариб омадани комиссияи санҷишӣ метарсонад. Тасдиқ мекунад, ки нисбат ба он хонандагоне, ки ба дарсҳо тайёр намешаванд, чора дида мешавад. Дар ин ҳолат бояд ба хонандагон имкон дод, ки бисёр масъалаҳои ҳаётиро худашон ҳаллу фасл намоянд, вазифаи омӯзгор кӯмак расонидан дар ин кор ба онҳо мебошад. Ин гуна кумак хеле муҳим аст. Хонанда ҳатман онро қадр мекунад ва ба омӯзгор эҳтиром гузошта, ба ӯ бештар эътимод мекунад.

Дар  ҷараёни фаъолияти педагогӣ бо  коллектив, ки ба тарбияи чунин сифатҳои асосии ахлоқӣ ба мисли ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нигаронида шудааст, шакли муҳими кор ҳамкории педагогӣ ном дорад. Маҳз дар чаҳорчӯбаи ҳамкории педагогӣ созандагӣ, ҷустуҷӯи ва истифодаи методҳои гуногун ва равишҳои нави таъсиррасонӣ ба кӯдакон амалӣ карда мешавад. Ҳамкории педагогӣ – ин робитаи наздики омӯзгор бо хонанда дар раванди тарбия бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷиҳати дар ӯ талқин намудани дастуроти ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарвай ва таҳаммулпазирӣ мебошад.

Дар ҷараёни кори муштарак дар коллективи педагогӣ, ки дар он калонсолон ва кӯдакон ҳамкорӣ мекунанд, дар раванди тарбия иртибот ва

ҳамкории одамони синнусоли гуногун, яъне калонсолон ва хурдсолон сурат мегирад. Ҳама гуна фаъолияти дастаҷамъӣ ё кори муштарак ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири калон дорад, он тарзи ташкили равшани орзӯ ва хушиҳои зиндагии саршор аз меҳнат ва бозӣ ва дар айни замон омили асосии тарбия, эҷодиёт ва дӯстии миёни ҳамаи иштирокдорони раванди таҳсилот дар муассисаи таҳсилотии миёнаи умумӣ ба шумор меравад.

Ҳангоми ташкил ва банақшагирии кори дастаҷамъӣ омӯзгорон ва хонандагон таҷрибаи қобили мулоҳизаи ташкилотӣ ба даст меоваранд, ҳар яке аз онҳо метавонад ин ё он ғоя, равиши комилан нави амалкардро пешниҳод намояд, дар марҳилаи муайян ба амалисозии кори дастаҷамъӣ иқдом намояд. Равиши мазкур гузариши мавзунро тавассути зебоӣ ба ҳамнавоӣ, ба воситаи ҳамнавоӣ ба самимият ва аз он ба амалҳои фаъолонаи иҷтимоӣ, ки ба ҷомеа манфиатовар аст, имконпазир месозад.

# БОБИ 3. ИСТИФОДАИ УСУЛҲО ВА ВОСИТАҲОИ ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР АСОСИ МЕРОСИ АНЪАНАҲОИ ХАЛҚИ ТОҶИК.

## 3.1. Восита ва усулҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси ғояҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқӣ

Дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва дар натиҷаи ҷанги бемаънии шаҳрвандӣ ва бародаркуш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буҳрони амиқи иҷтимоию иқтисодии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаи кишвар фаро расид. Дар чунин вазъияти душвору мураккаб таваҷҷуҳ намудан ба тарбияи насли наврас, ки бояд ҳамаҷониба рушдёфта, дорандаи сифатҳои волои инсонӣ ва камолоти маънавӣ бошад, амри зарурӣ буд. Аҳаммияти масъалаи тарбияи ахлоқӣ дар он аст, ки ҷомеаи ба тозагӣ танҳо мувофиқ ба талаботи замон асосёфта санади ҳалкунандаи сарнавишти халқ – Конститутсияро, ки сарчашмаи арзишманди тарбияи ахлоқии хонандагон аст, қабул намуд.

Тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,“сарвати ахлоқӣ ва моддиро давлат ҳимоя мекунад” [182, с.15].

Дар натиҷаи буҳрони иқтисодӣ ва ҷанги дохилии харобиовар дар кишвар, маънавиёти ҷавонон ба дараҷае коста гардида буд, ки дар муассисаҳои таълимӣ умуман дар соҳаи маориф, боиси пайдо шудани мушкилоти гуногун гардид.

Оқибатҳои андӯҳовари ҷанг, музди ночизи меҳнати омӯзгорон, шароити вазнини таҳсил дар шароити буҳрони шадиди иқтисодӣ зоҳир мешуданд. Муаммои асосии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва маориф мушкилоти кадрӣ гардида, омӯзгорони шоиста муассисаи таълимиро тарк менамуданд.

Бухрони умумӣ ва номувофиқатии таъминоти моддии муассисаҳои таълимӣ ва норасогии омӯзгорон боиси коҳиш ёфтани ахлоқи насли наврас гардида буд. Сабаби асосии ба муассисаи таълимӣ нарафтан ва умуман муассисаи таълимиро тарк кардани баъзе хонандагон аз норасогии иқтисодиёти оилаҳо сар зада буд. Бинобар ин, тарбияи ахлоқии хонандагон дар он рӯзҳои мудҳиш вазифаи асосии ба пешгирии падидаҳои манфӣ – авбошию беинтизомӣ ва дигар рафторҳои номақбули дар байни наврасон ҷойдошта нигаронида шуда буд. Дар ин робита, мо мақсад гузоштем, ки ба туфайли таҳлили таълим ва таҳқиқоти анъанаҳои халқи тоҷик ва адабиёти илмии муосир симои ахлоқии хонандагонро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурии Тоҷикистон тағйир диҳем. Ин ҳадафи таҳқиқоти мо ба шароити бунёди ҳаёти имрӯзаи демократии ҷомеа ва давлати соҳибистиқлол мувофиқат дорад.

Методҳои ташкили таҳсилот ва равишҳои таъсиррасонии педагогӣ ба хонандагон дар раванди таълиму тарбия дар МТМУ-ии ҷумҳурии Тоҷикистон таърихи қадима дорад. Таҳти таъсири ҳаракати пешқадами маорифпарварии рус (дар замони сафарҳои Аҳмади Дониш ба Русия), ки сарчашмаи асосии такмили муассисаҳои таълимӣ ва умуман сохтори маориф мебошад, дар ҳудуди Осиёи Марказӣ маорифпарварии халқи тоҷик ташаккул меёбад. Маҳз ба туфайли педагогҳои барҷастаи рус аз қабили С.Т. Шатский, Н.К. Крупская, П.П. Блонский, А.В. Луначарский, А.С. Макаренко, Ф.Ф. Королёв, В.А. Сухомлинский ва дигарон ба рушди таълиму тарбияии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар соҳаи илми педагогика саҳми асосии пешқадам ворид карда шуд, педагогҳои рус методҳо ва равишҳои нави таълиму тарбияи хонандагонро фароҳам оварданд.

Педагоги бузурги рус А.С.Макаренко дар колонияи ба номи А.М.Горкий ба таълиму тарбияи наврасони ятиму бесарпараст ва нуқсони тарбия дошта, машғул шуда, тавонист исбот намояд, ки меҳру муҳаббат ва ватандӯстӣ, ғамхории омӯзгор нисбат ба тарбиятгирандагон эҳсоси инсондӯстиро бедор мекунад ва гарави муваффақият дар кори тарбия

мебошад. Ӯ чунин ҳисоб мекард, ки байни меҳнати фикрӣ ва ҷисмонӣ фарқи калон вуҷуд надорад.: “Дар ду намуди меҳнат тарафи асосӣ талоши меҳнатӣ ва мутташаккилӣ - сифати ҳақиқии инсонӣ аст” [261,с.62].

А.С.Макаренко таълиму тарбияро тавре ташкил карда буд, ки барои кӯдак меҳнати интихобгардида асоси ҳаёти ҷамъиятии ӯ гардад ва ба шавқу завқи ӯ муносиб бошад. Пас, он на меҳнати маҷбурӣ, балки меҳнати озод аст, меҳнатест, ки мувофиқ ба рағбати наврас аст. Бинобар ин, барои ташаккули шахсияти наврасон, муносибати инсондӯстонаи омӯзгорон, волидон, мураббиён ба хонандагон зарур аст, ки он ҳамарӯза дар ҳамаи намудҳои фаъолияти муштараки онҳо зоҳир гардад.

Ғояҳои башардӯстонаи таъсиррасонии некхоҳонаи педагогӣ дар асарҳои педагогии А.С.Макаренко инъикос ёфтаанд. Маҳорат ва қобилияти тарбиягирандагони ӯ ҳангоми иҷрои корҳои пудрадӣ аз тарафи наврасон зоҳир шуданд, дар баргузории бошуурона онҳо зоҳир гардида, ба коркарди малакаҳои нав мусоидат намуданд, зеро ин меҳнат ба манфиати ҳамагон, ба манфиати коллектив буд. Ҳамдардӣ, ғамхорӣ, адолат, садоқат, сахтгирӣ, дӯстӣ, меҳру муҳаббат ба кори худ ҳамзамон ташаккул ёфтаанд.

Минбаъд ғояҳои талиму тарбияро дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ В.А.Сухомлинский, ки дар вазифаи директори мактаби миёна деҳаи Павлиш кор мекард, тавсиф намуд. Ӯ тарафдори тарбияи коллективӣ бо такя ба таваҷҷуҳ ба кӯдаки аз коллектив дур монда буда, ба тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ инчунин чунин сифатҳои ахлоқӣ ба мисли одамият, накукорӣ, боназокатӣ, самимият, ҳамнавоӣ, муҳаббат ба модар ва дигар аъзои оила афзалият медод. Дар низоми педагогии худ Сухомлинский ба тарбияи ахлоқӣ бартарӣ медод, ки он бояд ба эҳсоси адолат такя мекард”. Адолат – ин асоси эътимоди кӯдак ба мураббӣ мебошад” [390, с.84].

Андеша оид ба одамият ҳамчун хусусияти доимии раванди таълим асоси тарбияи маънавии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асарҳои олимони бузург ва педагогҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар давраи Ҳокимияти шуравӣ донишмандон - Н.И. Болдирев,

Ю.К. Бабанский дар асарҳои худ ба чунин натиҷа расидаанд. Онҳо оид ба масъалаи тарбияи ахлоқ таҳқиқот гузаронидаанд.

Н.И.Болдирев назарияи тарбияи ахлоқиро ҳамзамон бо усули тарбияи маънавӣ амалӣ намуд. Ӯ нишон дод, ки дар маҷмуъ методҳои эътимод, машқҳои ахлоқӣ, интизом, мисоли шахсӣ, рафтори намунавӣ, боварии маънавӣ ва хушбинӣ чи гуна самараи тарбиявӣ мебахшанд [66, с.120].

Ю.К.Бабанский асоси илмию методолгии тарбияи маънавии хонандагонро баррасӣ намуда, равишҳо ва воситаҳои баланд бардоштани фаъолнокӣ, аҳаммияти муносибгардониро дар раванди таълим тавсиф кардааст. Ю.К.Бабанский методи тафриқай-ҷудокунандаи таълимро пешниҳод намуд, ки ба ҷумлаи методҳои муносибгардонии таъсиррасонии педагогӣ ва тарбияи маънавии хонандагон мансуб мебошад. Тамоми синф бояд муваққатан ба гурӯҳҳо барои иҷрои вазифаи муштарак тақсим шаванд. Хонандагон бояд вазифаро муҳокима кунанд, мустақилона роҳи ҳалли онро пайдо карда ва ҷамъбастро пешниҳод кунанд. Истифодаи чунин шакли кор ба монанди ба гурӯҳҳо тақсим кардани синф хонандагонро ба идроки дониш шавқманд намуда, рағбати онҳоро ба таълим меафзояд [47, с.80].

Ба ғояи оид ба зарурати нақши роҳбарикунандаи омӯзгор дар тарбияи башардӯстӣ дар раванди таълим, ки самти асосии тарбияи маънавии хонандагон мебошад, бештар аз ҳама педагоги барҷастаи рус А.С.Макаренко наздик будааст. Ӯ барномаи тартиби тарбияи ахлоқии хонандагонро танзим карда, онро ба амалияи фаъолияти таълим ворид намуд, ҳамчунин ташкили тарбияи маънавии хонандагонро мавриди таҳқиқ қарор дод.

Оид ба ин ё он ҷиҳатҳои истифодаи ғояҳои башардӯстона дар таълиму тарбияи хонандагон, тақрибан ҳамаи олимони соҳаи педагогикаи тоҷик аз қабили М. Орифӣ, М. Лутфуллозода, И.Х. Каримова, Ф. Шарифзода, Х. Раҳимзода, А. Паҳлавонов. Ш.А. Сафаров, Шарипова Д.Я. ва дигарон дахл намудаанд. Махсусан, дар ин самт таълифоти илмию таҳқиқотии И.Х.Каримова аҳамиятнок мебошанд.

Ӯ чунин менависад: “Натиҷаҳои омӯзиши ғояҳои асримиёнагии башардӯстона ва инсондӯстонаи шоироне ба монанди Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҷомӣ ва дигар шоирони тоҷику форсро метавон дар таълиму тарбияи хонандагон истифода намуд. Осори онҳо сарчашмаи ғании донишҳои гузаштагони мо дар бораи ахлоқ мебошад” [158, с.23].

Дар тарбияи ахлоқӣ назари аҳли коллективи синф, нисбат ба сухани омӯзгор ҳамеша афзалтар дониста мешавад. Ин таҷриба дар амалияи кори тарбиявии омӯзгорони пешқадами кишвар равшан айён мебошад ва дар шароити МТМУ-и ҷумҳурии Тоҷикистон ба исбот расидааст. Муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ – ин сарчашмаи иҷтимоии таълим ва тарбияи маънавӣ аст, ки дорои таҷрибаи ғанӣ ва имконоти гуногуни маънавию педагогӣ мебошанд.

Пеш аз ҳама, ин имкон дар муносибатҳои ҳаррӯзаи омӯзгорон, маъмурияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва роҳбарони синфҳо бо хонандагон дар чорабиниҳои беруназмактабӣ ва беруазсинфӣ ифода мегардад. Таъсиррасонии педагогӣ ба хонандагон дар ду шакл - дар дарсҳо ва дар раванди чорабиниҳои тарбиявӣ амалӣ карда мешавад. Ҳар як дарс – ин манбаи ташаккулёбии таъсиррасонии педагогӣ ва иҷтимоӣ, тарбияи башардӯстона ва маънавӣ аст. Илова бар ин, дар бинои муассисаи таълимӣ овезаҳо, шиорҳо, рӯзномаҳо, тасвирҳо, гӯшаҳои синфӣ, таҷҳизоти техникӣ, воситаҳои аёнӣ ва дигар маводи моддию техникӣ ва сарчашмаҳои тарбияи иҷтимоӣ мавҷуд аст, ки дар шуури хонандагон таҷассум меёбад ва дар ташаккули камолоти маънавии хонандагон таъсир мерасонад. Агар хонанда ба муассисаи таълимӣ намеравад, ӯ иттилооти ба рушди зеҳнӣ зарурбударо ба даст оварда наметавонад ва аз лиҳози иҷтимоӣ инкишоф намеёбад, яъне дар зинаи пасти таҳсил рушд меёбад.

Дар замонҳои буҳрони иқтисодӣ ва ноорумиҳо дар кишвар кӯдакони бепарастор хеле зиёд шуда буд. Дараҷаи хатар аз лиҳози оромии иҷтимоӣ ва муҳити атроф афзоиш ёфт. Кӯдакону наврасони бепарастор гурӯҳ-гурӯҳ ахлоттӯдаҳоро мекофтанд, гулхан дар мегиронданд, болои боми биноҳо

мегаштанд, кабутарҳоро меронданд, шохҳои дарахтонро мешикастанд, парандагони нодирро нобуд мекарданд, ҳайвоноти хонагиро безобита карда, ҳатто ба ҳалокат мерасонданд. Онҳо ба гурӯҳҳо тақсим шуда, дар байни ҳавлиҳо ҷангу ҷидол ва задухӯрд ташкил мекарданд. Чунин падидаҳоро бе таваҷҷуҳ гузоштан мумкин набуд. Лозим буд, ки ба чунин бозиҳои хатарнок ва саргармиҳо хотима дода шаванд. Наход, ки натавонем фарзандони худро аз чунин аъмол барҳазар дошта бошем. Кӯдакон азизанд, аммо онҳо хубанд, вақте ки ботарбия бошанд, тавре ки дар мақоли халқӣ омадааст: “Кӯдак азиз, вале одобаш аз ӯ азизтар аст”.

Ба кӯдакон ғамхорӣ кардан, ба тарбияи онҳо машғул шудан, таваҷҷуҳи онҳоро ба бозиҳои дигари ҷолиб ва даркорӣ ҷалб кардан лозим аст. Танҳо бо хоҳиши калонсолон, мураббиён, омӯзгорон, одамони калонсол, соҳибхоназанон, ки ба тарбияи чунин наврасон машғул буданд, шоҳидони чунин рафтори ношоиста мебошанд. Албатта педагоги асил метавонад бо таъсири ҷомеа ва ҳамкории оила пеши роҳи чунин авбошиҳои кӯдаконро гиранд ва ба он хотима диҳанд. Дар ин маврид факат шахсони ватандӯст метавонанд дар тарбияи насли навраси ватани худ камари ҳиммат банданд. Мо омӯзгорон дар ин сурат набояд мушоҳидони бетарафи ғайрифаъол бошем. Дар тарбияи насли наврас бояд бо падару модар, аҳли ҷомеа дастаҷамъона суҳбатҳо гузаронем ва дар замири бачаҳо рафтору ахлоқи дурустро таълиму тарбия намоем.

Масъулияти тарбияи наврасон дар вақти таътилҳо дар ҷойи истиқомат бар уҳдаи омӯзгор аст ва дар оянда барои он ки раванди тарбия дар ҷойи истиқомат босамар гузарад, омӯзгор бояд битавонад ба ин кори ҷамъиятӣ падару модарони кӯдаконро ҷалб намояд. Бинобар ин мо омӯзгорон, дар чунин ҳолатҳо набояд дар канор бошем. Дар назди ҷомеа, дар назди ҳамсоягон омӯзгор бояд худро ҳамчун тарбиятгари ҳақиқӣ нишон диҳад.

Дахолати мо барои ислоҳ кардани рафтори кӯдакон, ки ба ташкили фароғати онҳо нигаронида шудааст, зарур мебошад.

Имрӯзҳо бо ташабусу дастгирии Сарвари давлат ҷиҳати рушди соҳаи фарҳанг дар ҳамаи ноҳияҳо ва шаҳрҳо марказҳои омӯзишии наврасон амал мекунад. Мо тавонистем ба яке аз чунин марказҳо чанд нафар чунин наврасон (кӯдакони ҳамсояҳо)-ро фиристем. Дар ин маркази таълимию тарбиявӣ онҳо ба омӯхтани ҳунарҳои дастии анъанавии тоҷикон: кандакорӣ дар чӯб, кори дуредгарӣ, таъмири дастгоҳҳо (радио ва телевизион) машғул шуда, моделҳои ҳавопаймоҳо, киштиҳоро месохтанд, духтарон ба дӯхтудӯз машғул мешуданд. Ҳар як кӯдак бо тамоми кӯшишу ғайрат кор карда, саъй мекарданд, ки ягон чизро биёмӯзанд. Гурӯҳи дигари кӯдакони хурдсол ба урдугоҳҳои баҳории наздимактабӣ ҷалб карда шуда буданд. Баъди ношто кӯдакон ба бозиҳои футбол, волейбол, шоҳмот, шашка ва рустшавакон машғул мешуданд. Тааҷҷубовар аст, ки барои кӯдакон баъзе бозиҳо ошно набуданд. Баъзан, мо бо ин кӯдакон суҳбат мекардем ва ба сару либоси онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба онҳо тазаккур медодем, ки бояд тозаю озода бошанд. Кӯдакон ба кори фоиданок машғул буданд, дигар аз паси кабутарҳо болои бомҳо намедавиданд. Онҳо саъй мекарданд, ки ба падару модарони худ ёрӣ расонанд, барои парандагон аз чӯб хонача месохтанд, аз сим лона мебофтанд. Бегоҳирӯзӣ гирду атрофро рӯбучин мекарданд, экологияи муҳити зисти худро нигоҳ дошта,шохчаҳои дарахтонро намешикастанд ва ҳайвонҳои хонагиро низ озор намедоданд [2-М, с.57].

Барои кӯдакон боздиди Осорхонаи миллӣ ва ҷойҳои таърихии кишвар аз қабили қалъаи Ҳисор хеле ҷолибу хотирмон буд, ки ба туфайли фаъолияти омӯзгори ғамхор онҳо бо анъанаҳои миллӣ, ҳамаи навъи санъат ва ҳунарҳои мардумӣ ошно гардиданд. Онҳо маҳз дар осорхона бо зироаткорӣ, кашидадӯзӣ, корҳои дӯхтудӯзи занона ошно мешаванд. Онҳо дар ин ҷо юғу сипор бо барзаговонро дида, фаҳмиданд, ки аҷдодони мо барои шудгор ва киштукори зироатҳо  аз чи гуна олотҳои меҳнат истифода мекарданд.

Инчунин кашидадӯзии нақшу нигорҳои гуногуни занона, умуман, ҳунарҳои мардумӣ дар зеҳни наврасон шавқу рағбатро ба меҳнати модарон, ба урфу одатҳои мардумӣ, аз қабили тӯю сур, хатна, таваллуди кӯдакон,

суруди аллаи модарон, дӯхтани болишту кӯрпа, ки модарон бо талоши зиёд анҷом медиҳанд, бедор мекард. Ба туфайли ҳамин дар кӯдакон нишонаҳои хушахлоқӣ ташаккул ёфта, муносибатҳои инсондӯстона бо одамон рушд менамояд. Баргузории соатҳои тарбиявӣ дар мавзуъҳои муҳими таърихӣ, чорабиниҳои ҷашнӣ, иду ҷашнҳои анъанавӣ: Наврӯз, Меҳргон, Тиргон, Сада, ҷашни Тирамоҳи заррин низ мавриди таваҷҷуҳи кӯдакон қарор гирифт. Ҳамин тавр, дар таълимгоҳ дар хонандагон ҷаҳонбинии маънавӣ нисбат ба касбу кор, ҳунарҳои халқӣ, дӯхтудӯз, дуредгарӣ, наққошӣ, ошпазӣ ва боғбонӣ ташаккул меёбад.

Хонандагони синфҳои I-IV дар бораи меҳру муҳаббат, садоқат, адолат, некӣ, ки асоси тарбияи маънавӣ мебошанд, барои тарбияи ахлоқӣ шароит фароҳам меоваранд. Ба кӯдакон бояд талқин намуд, ки онҳо бояд муносибатҳои хуби байниҳамдигарӣ дошта бошанд, рафиқон, волидон, омӯзгорон, ҳамсинфонро эҳтиром намоянд, ба онҳо ғамхор бошанд, аз рӯйи виҷдон рафтор кунанд. Дар лаҳзаҳои зарурӣ омӯзгор бояд аз ҳаёти кӯдакон тафсилот оварда, дар бораи виҷдон, накукорӣ, адолат ва ғайра суҳбат намояд. Хонандагон бояд ҳикояҳои омӯзгорро ҳангоми бозӣ ё баъди тамом кардани ин ё он кор дарк намоянд. Омӯзгор бояд доимо аз кору рафтори хонандагон огоҳ бошад ва дар лаҳзаҳои даркорӣ ибораҳоеро аз қабили “Оё хиҷолат намекашӣ? Раҳмат намеояд? Ту ҳақ нестӣ! Одам ин тавр рафтор намекунад. Ана, ӯ тавре хуб рафтор кард. Ӯ инсони хуб аст, касеро намеранҷонад, ягон сухани бад намегӯяд”, ё ки баракс, рафтори ношоистаро мисол метавон овард, вақте ки меҳоҳи касеро сарзаниш намоӣ, дар байни кӯдакон рафтори шоистаро бояд таблиғ кард.Дар ҳолатҳои гуногун хонандагонро ҷамъ намуда, рафтори онҳоро оромона муҳокима ва таҳлил намуда, хулоса баровадра мешавад.

Баргузор намудани суҳбатҳо дар мавзуъҳое аз қабили: “Меҳрубонӣ, меҳру муҳаббат, некуӣ”, “Хубӣ ва бадӣ”, “Бо некон – нек, бо бадон -бадӣ”, “Аз бадӣ худдорӣ намо”, “Хубӣ кардӣ –хубӣ подош аст, бадӣ кардӣ- бадиро интизор бош”, “Аз некон боғ монаду аз бадон доғ”, “Дӯстон оинаи

якдигаранд”, “Дӯстӣ бояд беғараз бошад“ ва ғайра доимо байни хонандагон сурат гирад.

Барои ташаккули маънавиёти наврасон машғулиятҳои амалӣ аз қабили “Ба некӣ сухан гӯй, то некӣ бишнавӣ”, “Шарм – зебоии инсон аст”, “Манфиати ростӣ ва зарари дурӯғ”, “Ба дӯстон хиёнат намекунанд”, “Ахлоқи хуб ва хушзабонӣ”, “Бо ҳамдигар меҳрубон ва содиқ бошед, якдигарро фиреб надиҳед!” гузаронида мешаванд. Дар наврасон бояд эҳсоси ғамхорӣ ва раҳму шафқат ташаккул ёбад. Дар зеҳни онҳо бояд меҳру муҳаббат ҳукмрон бошад, то ки барои дурӯғ ва фиреб ҷой набошад. Онҳо бояд беғараз бошанд, ва бе мукофот ба якдигар некӣ кунанд. Дар чунин лаҳзаҳо бояд аз ҳаёти одамони деҳоту шаҳрҳо мисолҳо оварда, моҳияти хулқи некро бояд шарҳу эзоҳ дод. Наврасон бояд шеърҳо ва афсонаҳоро, ки мувофиқ ба синну солашон аст таҳлил намоянд, бештар ба хондани зарбулмасалҳо, ҳикматҳо, ибораҳои хирадмандона машғул шаванд. Бозиҳо ҳам ба рушди маънавиёти кӯдакон нигаронида шуда бошанд.

Хонандагон бояд дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия шаванд ва аз анъанаҳои мардумӣ огоҳ бошанд. Ба онҳо бояд мафҳумҳои башардӯстона ҳангоми гузаронидани суҳбатҳо дар мавзуъҳои “Ватан-модар”,“Забони модарӣ-забони Ватан”, “Фарҳанги сулҳ ва таҳаммулпазирӣ”, “Дар бораи маросим ва анъанаҳои миллӣ” шарҳу эзоҳ дода шаванд. Лозим аст, ки дар бораи чунин қаҳрамонон ба мисли Спитамен, Муқаннаъ, Шерак, Темурмалик, Восеъ маълумот дода шавад, бояд гӯшаҳое бахшида ба чунин мавзуъҳо: “Сурудҳо дар бораи Ватан”, “Тоҷикистони азиз” ва ғайра ташкил карда шавад, озмунҳои расмҳои беҳтарини “Деҳаи ман”, ”Диёри мо” ва ғайра баргузор гардад; бояд зарбулмасалҳои “Хоки Ватан аз тахти Сулаймон беҳтар”, “Шахси беватан чун булбули бечаман” ва ғайра шарҳу эзоҳ дода шаванд; тарбиятгирандагонро бояд бо истилоҳоти “ҳуқуқ”, “қонун”, “уҳдадорӣ”, ҳуқуқи ҳар як шахс, қоидаҳои ҳаракати роҳ шинос намуда дар мавзуъҳои “Қонун чист?”, “Ҳуқуқҳои мо аз чи иборатанд?” ва ғайра бояд суҳбатҳо ташкил намоем. Ҳамчунин хонандагон бояд дар бораи

сиёсат маълумот ба даст оваранд. Лозим аст, ки хонандагонро бо ҳаёти баъзе шоҳони асотирӣ ва бостонӣ ба монанди Каюмарс, Ҳушанг, Ҷамшед, Таҳмурас ва ғайра шинос намуд, дар бораи баъзе лаҳзаҳои таърихии ҳаёти халқи тоҷик маълумот дода,тарбиятгирандагонро бо истилоҳоти муқаддасоти миллӣ – Нишони давлатӣ, Суруди миллӣ, Парчами миллӣ, истиқлоли давлатӣ, озодӣ, демократия ва ғайра ошно бояд намуд; инчунин мафҳумҳои “шоҳи одил”, “шоҳи золим”-ро ба кӯдакон шарҳ дода, дар мавзуи “Дар бораи шароити салтанат” (аз “Қобуснома") суҳбат доир намуд. Оид ба мавзуъҳои зикршуда соатҳои тарбиявӣ ва суҳбатҳо гузаронида шаванд.

Дар назди хонандагон бояд ҳатман тасаввуроти пурра оид ба фарҳанги сулҳ ва таҳаммулпазирӣ, ахлоқи одамӣ, маънавиёт, эҳсоси миллӣ, дӯстии халқҳо, дар бораи маҳалгароӣ ва оқибатҳои нафратноки он, бедор намудани эҳсоси эҳтиром ба волидон, Ватан ва Ҳукумати кишвар ташаккул дода шавад. Ин кор ба тариқи зайл ифода мегардад:

- дар риояи меъёрҳои рафтори ахлоқӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва дар муносибатҳо;

- дар хонандагон бедор кардани меҳру муҳаббат нисбат ба кишвар, деҳа, диёр, халқ ва ба табиат;

- ба хонандагон ошно намудани қаҳрамонони халқӣ, (Спитамен, Муқаннаъ, Шерак, Темурмалик, Восеъ) классикони адабиёти тоҷику форс (Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Хайём, Ҷомӣ, Бедил, Зебуниссо, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, Сайидои Насафӣ), одамони муътабар ва дар онҳо тарбия намудани муносибати дӯстона бо одамони миллатҳои дигар, дар таълими кор ва зиндагӣ кардан дар коллектив;

- дар мавриди ғамхорӣ дар бораи калонсолон, нафақахӯрон, эҳтиёҷмандон, маъюбон ва иштирокдорони ҷанг;

- дар риояи қоидаҳои фарҳанги гуфтор;

-дар тарбияи якдилӣ, сабру таҳаммули хонандагон дар ҳолатҳои мушкилӣ, эҳсоси таҳаммулпазирӣ нисбат ба атрофиён.

Таърихи ҳазорсолаи халқи тоҷик ва мероси башардӯстонаи он дорои бисёр анъанаҳо мебошад. Бо ҳамин сабаб таҳқиқоти корбурди ин донишҳо дар раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, асосан, дар синфҳои ибтидоӣ ҷойгоҳи назаррас дорад.

Ҳанӯз дар таърихи қадим, дар давраи интишори дини зардуштӣ афкори педагогии зардуштиён барои тарбия аҳкоми “пиндори нек”, “гуфтори нек ” ва “рафтори нек” истифода мешуд, ки аз китоби муқаддаси Авесто иқтибос шудаанд. Минбаъд аҳкоми мазкур аз тарафи маорифпарварони мо қабул гардид, манбаи покизагии ахлоқи инсон гардиданд.

Ниёгони мо ба табиат, ивазшавии фаслҳои сол таваҷҷуҳи махсус медоданд. Чор фасли сол дар таърихи гузаштагони мо ҳар яке намуди худро дошт ва бо ҳар яки онҳо анъанаҳои мардуми заҳматкаш иртибот доштанд. Наврӯз – аввали баҳор айёми бедоршавии табиат ва ҳама чизи нав, дар фасли тирамоҳ таҷлили иди Меҳргон - ҷамъоварии ҳосил, фасли заррини сол, ороиш ва намоиши ҳосил, ки сабаби фаровонии дастархони деҳқон мегардад ва дар зеҳни кӯдакон намунаи робитаи маънавиро ба меҳнат бедор менамояд. Анъанаҳои хушбинонаи халқӣ дар меҳнат ҳанӯз аз замонҳои қадим дар эҷодиёти шифоҳии халқ мақсад ва нияти ҳамаи заҳматкашонро ифода мекард. Сурудҳои халқии меҳнатӣ дар жанрҳои гуногуни адабӣ (ғазалҳо, достонҳо, байтҳо, ҳикояҳо, афсонаҳо, рубоиҳо) эҷод гардида, аз даҳон ба даҳон мегузаштанд. Дар онҳо орзуҳои халқи меҳнатӣ инъикос меёфтанд, ки аз насл ба насл мегузаштанд. Меҳнати тоқатфарсо, зиндагии мушкилро деҳқонон ва косибон ҳамчун бори вазнин бар душ доштанд, бинобар ин, барои таскин ёфтан ва оромии хотир сурудҳо ва шеърҳо эҷод мешуданд.

Як қисми сурудҳои деҳқонон ба мисли суруд дар бораи ҷамъоварии ҳосили ғалладона ҳанӯз дар замони феодализм пайдо шуда буданд. Ин сурудҳоро бо овози баланд мехонданд. Инҳо сурудҳои “Ман доғ” ва “Дарди дили ман” мебошанд. Дар онҳо халқ норозигӣ аз тақдири бади худро ифода мекард, даъват менамуд, ки ба чунин зиндагии тоқатфарсо тоқат бояд овард.

Масалан, дар суруди “Майдаё”, ки дар он меҳнати вазнини деҳқонон инъикос меёбад, раванди хирманкӯбии деҳқонони меҳнаткаш азобу машаққат ва шикояти ӯ тасвир шудааст:

Хирмане дорему аз он як дон намегирем майдаё, майдаё,
Лаби оби равон аз ташнагӣ мемирем майдаё, майдаё,
Дарди дандон дораму дандон ба дандон мезанам майдаё, майдаё
Дарди дил дорам забонам баста аст майдаё, майдаё [438, с.136].

Дар ин суруд ошкор мегардад, ки чи гуна деҳқонон дар бораи озодӣ, зиндагии ҷолиби маънавӣ орзӯ мекунанд, чи гуна онҳоро дар ҳолати зулму истисмор нигоҳ медоранд. Ин сурудҳо дар бораи ваҳдат ва озодӣ мебошанд.

Сурудҳои халқӣ, ки дар васфи меҳнат эҷод шудаанд, аввали сол дар давраи таҷлили Наврӯз иҷро карда мешаванд, онҳоро деҳқонон бо беқарорӣ интизоранд, зеро хондани ин сурудҳо ба онҳо хушҳолӣ меоранд. Чунин эҳсосот дар рубоиҳои халқии ба ин муносибат эҷодгардида бештар ифода меёбанд. Дар ҷашни Наврӯз намоиши анъанаҳои миллӣ; мусобиқаҳои аспдавонӣ, бузкашӣ, гуштин, мусобиқаҳои пухтупаз, тайёр кардани хӯроки миллии суманак ва гулгардонии кӯдакон намоиш ва гузаронида мешуданд.

Дар рубоии зерин, ки ба иди Наврӯз бахшида шудааст, дар он душвории халқи заҳматкаш дар айёми баҳор бо тамоми зебоиаш тасвир карда мешавад. Мавриди хондани ин рубоиҳо хонандагон ҳаётро аз мавқеи ахлоқӣ идрок намуда, малакаҳои меҳнатиро ва эҳтироми анъанаҳои ниёгонро арзёбӣ мекунанд. Масалан:

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
Мурғони чаман ҷумла бикарданд парвоз,
Мурғи дили ман аз қафаси танг баромад [441, с.137].

Тавре ки мебинем, бо фарорасии баҳор атроф ҳама гулпӯш мешавад дар дашту саҳро лола мерӯяд. Овози хониши мурғон ва чаҳ - чаҳи булбулони хушилҳом, бӯйи матбуъи алафҳо ва юнучқаи марғзорӣ ба машом мерасад. Ин ҳама руҳи одамонро ба ваҷд ва умеду муваффақиятҳо, ба фаровонӣ умедвор месозад, бинобар ин, чунин анъанаҳо ҳар сол дар тамоми маҳалаю муассисаҳои таълимӣ аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ таҷлил мегардад. Иди "Наврӯз" ҳар сол рӯзҳои 21-22 март ҷашн гирифта мешавад. Омӯзгорон ба таҷлили ҷашн аз оғози моҳи март омодагӣ мегиранд. Ин чорабиниҳо то охири моҳ идома меёбанд.Дар соатҳои тарбиявӣ хонандагон бо дастури омӯзгорон шеърҳо ва рубоиҳо ба муносибати иди "Наврӯз" аз ёд мекунанд. Бо таърихи пайдоиши ин ҷашн ошно мешаванд. Дар ин рӯз хӯрокҳои миллӣ тайёр мекунанд, ва ҳар кас мехоҳад, маҳорату истеъдоди худро нишон медиҳад. Кӯдакон аз гули сияҳгӯш гулдастаҳо омода мекунанд ва шеърҳои наврӯзиро мехонанд. Ба ҳамдигар тухфаҳо ҳадя медиҳанд ва ҳадяҳо қабул мекунанд. Роҳбарони синфҳо мутобиқи имконот ва шароит хонандагонро ба сайру саёҳатҳои ҷойҳои таърихии кишвар мебаранд. Дар тамошои чорабиниҳои гуногун, бузкашӣ ва гуштини миллӣ иштирок мекунанд.Ҳамин тавр, айёми киштукор, оғози соли нав ҳамчун соли фаровонӣ, таърихи маишат, фаъолияти анъанавии миллӣ кӯдакон маҳорати меҳнатӣ ва санъатро меомӯзанд. Дар чунин рӯзҳои идонаи ботантана дар таҷлили ҷашни Наврӯз мусиқӣ ва сурудхонӣ асоси ид мебошад, хурсандона иҷро мекунанд. Фарҳанг ва санъати миллии халқи тоҷик барои хонандагон як дунёи комилан навро мекушояд, бо гуногунрангии худ ҳамаро мутаҳаййир месозад ва ин лаҳзаҳо тамоми умр дар хотири онҳо боқӣ мемонад.

Тавре ки маълум аст, моҳияти асосии иди Наврӯз – ин таҷассуми неруҳои маънавии табиат, тарбияи зебоишиносӣ, тарбияи меҳру муҳаббат ба меҳнат ва ҳунар мебошад. Иди Наврӯзро дар амалияи корҳои тарбиявии муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии №13 шаҳри Кӯлоб хеле ҷолиб ва рангоранг истиқбол мекунанд. Тамоми сол кӯдакон дар қитъаи замини назди муассисаи таълимӣ корҳои муайянро анҷом медиҳанд.

Дар оғози кишти баҳорӣ, дар моҳи март хонандагон дар раванди шинондани ниҳолҳо дар замини наздимактабӣ бо одитарин намуди меҳнат ошно мешаванд. Онҳо методҳои нигоҳубини растаниҳо ва зироатҳои кишоварзиро азхуд мекунанд. Бо эҳсоси шавқу завқ онҳо ба ниҳолшинонӣ ва пайванд кардани дарахтҳои мевадиҳанда машғул мешаванд, хишова кардани ҷӯякҳо, нигоҳубин ва ҷамъоварии ҳосилро меомӯзанд. Омӯзгорони пуртаҷрибаи шаҳри Кӯлоб ба ин корҳо роҳбарӣ мекунанд. Дар натиҷаи ин тадбирҳо хонандагон бо истифодаи олоти меҳнат, ба кишт кардан, омодасозии тухмиҳо, шудгори замин, донишҳои асосӣ оид ба киштукори зироатҳоро азхуд карда, меъёрҳои истифодаи нуриҳоро ёд гирифта, ҳангоми истироҳат ба пӯхтани таомҳои гуногун машғул мешаванд. Ин ҳама дар ҳудуди муассисаи таълимӣ бо меҳнати хонандагон гузаронида мешавад, дар он ҷо намоишгоҳ ҳам ташкил карда мешавад. Аъзои маҳфили санъатдӯстон дар лаҳзаҳои истироҳат порчаҳои мусиқӣ пешниҳод мекунанд. Хонандагон ҳамчунин чистонгӯӣ мекунанд, дар мазуъҳои гуногун шеърҳо мехонанд. Ҳамин тавр, чорабиниҳое, ки ба талаботи маънавии хонандагон мувофиқ аст, гузаронида мешаванд. Дар муассисаи таълимии шаҳри Кӯлоб соатҳои тарбиявӣ дар шакли озмунҳо гузаронида мешаванд. Ҳар синф ба таври худ ороиш дода мешавад. Сипас аз рӯйи барнома, тибқи нақша интихоби ширкаткунандагони шабнишинӣ гузаронида шуда, барномаи он тартиб дода мешавад. Дар ин чорабиниҳо падару модарон, собиқадорони меҳнат, омӯзгорони пешқадами собиқадор даъват карда мешаванд. Хонандагон ба меҳмонон ва аъзои ҳакамон таъомҳои миллии бо дастони худ тайёркардаашонро болои миз мегузоранд. Дар синф баъд аз хотима ёфтани озмун ба ғолибон туҳфаҳо супорида мешаванд ва баъдан дар моҳи май сайру саёҳати илмӣ, боздид намудани шаҳр ва ҷойҳои таърихии шаҳр бо роҳнамоии омӯзгор оғоз мегардад.

Қурбонова М. – омӯзгори пешқадами муассисаи таҳсилоти миёнаи №13 шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон чанд сол аст, ки дар синфҳои ибтидоии МТМУ-ии мазкур кор мекунад. Ӯ дар ин чорабиниҳо аксаран ба ҳадафи худ

ноил мешавад. Номбурда “Аълочии маорифи халқ” мебошад. М.Қурбонова бо хонандагони синф ҳар сол иди Наврӯзро бо маҳорати баланд ва тайёрии хуб истиқбол менамояд. Дар гузориши ӯ дар бораи таърихи пайдоиши Наврӯз гуфта мешавад, ғайр аз ин ороиш додани синф, ташкил додани порчае аз маросими халқии пешвози баҳор (духтарбачаҳо дар тимсоли баҳор), хондани шеърҳо ба муносибати Наврӯз, омода кардани писарак барои хатна, нишон додани деҳқон дар вақти кор, гулгардонӣ, тайёр кардани суманак дар дегҳо ба нақша гирифта мешавад. Ин ҳама таҳти навои мусиқии миллӣ сурат мегирад. Омӯзгор синфро хеле зебо ороиш медиҳад. Дар назди ҳамаи тирезаҳо гулдонҳо гузошта шудаанд, деворҳоро бо лавҳаҳо ва газетаҳои деворӣ ва шиорҳои ба Наврӯз бахшидашуда оро дода буданд. Натиҷаҳои озмун нишон дод, ки синфи чоруми Қурбонова М дар миёни ҳамаи синфҳо аз ҳама фаъолтар буд ва дар озмун сазовори ҷойи аввал гардид. Коллективи синф уҳдадор гардид, ки дар ободсозии диёри худ саҳми сазовор гузошта, дар чорабиниҳои муассисаи таълимӣ фаъолона ширкат намоянд.

Дар охири моҳ семинар баргузор гардид, ки дар он ҳамаи директорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Кӯлоб иштирок доштанд. Барномаи семинар гуногунмазмун буд. Як бахши семинарро дарсҳо ва соатҳои тарбиявии кушода ташкил медоданд, баъдан маҷлис баргузор гардид, ки дар он маводи таълимӣ муҳокима гардиданд. Дар толор намоишгоҳ-осорхонаи корҳои хонандагон “Дастони боҳунар”, ”Дастони моҳир”, “Кани духтарон” корҳои эҷодии хонандагон кашидадӯзӣ ва кандакории болои чӯб ташкил шуда буд. Дар лавҳаҳои намоишгоҳ маросими ҷашни арӯсӣ, кашидадӯзӣ, либосҳои миллии занона ва мардона ба тамошо гузошта шуда буданд. Дар толор рамзҳои Тоҷикистон – Парчам, Нишони давлатӣ ва дар лавҳа матни Суруди миллии Тоҷикистон гузошта шуда буд. Ин натиҷаи меҳнати чандинрӯзаи хонандагон буд. Дар толори МТМУ гӯшаҳое бо номҳои “Бародарӣ - баробарӣ”, “Бигзор дӯстӣ ҷовидон бошад!”, “Сулҳу оромии диёри соҳибистиқлол”, “Зинда бод сулҳу амният!” ташкил шуда буд. Ин ҳам як навъ ифодаи анъанаҳои мардумӣ гардид. Дар гӯшаи

алоҳида корҳои эҷодии ғолибони озмунҳо таҳти унвони “Зинда бод сулҳ!”, “Мо толиби сулҳем”,“Кабутари сулҳ”, “Наққошии нигоришӣ”, “Одоби саломдиҳӣ”, “Мо сулҳро ҳимоя мекунем!”, иншоҳои дигари ба ин мавзуъҳо бахшидашуда насб шуда буданд. Дар ин МТМУ ҳамасола баргузории чорабинӣ таҳти шиори “Ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш нашудааст” бахшида ба хотираи хатмкунандаи ин муассисаи таълимӣ Амиршо Самадов ва дигар хатмкунандагоне, ки дар мавриди хизмати модар ватан дар хоки Афғонистон ҳангоми иҷрои қарзи интернатсионалӣ ҷон мебозад гузаронида мешавад. Ин муассисаи таълимӣ ба номи ӯ гузошта шудааст. Дар ин муассиса ҳафтаҳои поси хотира баргузор карда мешаванд. Гӯшае бо номи “Шаҳидони роҳи озодӣ” созмон дода шудааст ва инчунин муҷассамаи нимпайкараи Амиршо Самадов гузошта шудааст. Ҳамеша дар назди муҷассама бо ёрии омӯзгорону донишҷӯён гулҳои тару тоза гузошта мешавад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Консепсия дар бораи мактаби миллӣ”, “Консепсияи тарбияи миллӣ”, барномаҳои таълимӣ, ки роҳнамои кормандони соҳаи маориф ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Санадҳои мазкур итминон медиҳанд, ки лозим аст методҳои куҳнаи тарбияро тарк намоем ва методҳои навро мутобиқ бо шароити маҳал, анъанаҳои миллӣ ва педагогикаи халқӣ бо истифодаи адабиёти ғании ниёгон эҷод намоем.

Масалан, дар муқаддимаи барномаи тарбиявии “Кори тарбиявӣ дар муассисаи таълимӣ” (соли 2020) чунин ақидаи бамаврид мавҷуд аст: “Дар раванди таълиму тарбия кор бояд тавре ташкил карда шавад, ки кӯдакони мо на танҳо таълим гиранд, ҳамзамон бо азхудкунии илм ба беҳтарин сифатҳои инсонӣ низ соҳиб шаванд. Хонанда набояд ноқобил, балки аз лиҳози маънавӣ рушдёфта, эҷодкор, бовиҷдон, ватандӯст, сулҳпарвар ва инсондӯсту таҳаммулпазир ба камол расад. Дар ҷараёни таълим бошад, ӯ пеш аз ҳама бояд инсони мустақил ва эҷодкор бошад.

Мақсад: баланд бардоштани сатҳи ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Вазифаҳо:

1. Маҷмӯи ид ва фароғат, ки ба шиносоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни таълиму тарбия бо анъанаҳои халқи тоҷик нигаронида шудааст, таҳия карда шавад.

2. Идҳои халқӣ ва фароғатӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

3. Натиҷаҳои миёнаравро пайгирӣ кунед, агар лозим бошад, ислоҳ кунед.

Таҳқиқот ба меъёрҳои асосии методологӣ асос ёфтааст: ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну соли хонандагони хурдсол, мавҷудияти маводҳо ва иштироки саривақтии хонандагон. Давраи асосӣ ба фаъолияти якҷояи калонсолон ва бачагон: идҳои халқӣ, бозиҳои халқӣ, фаъолияти меҳнатӣ, ҳунармандӣ, фолклорӣ мусиқию назмӣ бахшида шуда буд, ки дар онҳо арзишҳои асосии ахлоқӣ, ахлоқу одоб, ахлоқу рафтор гузошта шудаанд.

Инкишофи муҳити фанҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тартиби шароитҳое мебошанд, ки ташаккули ҳаматарафаи фаъолият ва шахсияти хонандагони синфҳои ибтидоиро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таъмин менамоянд, ки дар марҳилаи аввал омӯзиши эҷодиёти фолклор таъсирбахш аст. Вазифаи асосӣ на ба вуҷуд овардани муҳити осорхона, балки имконияти бо дониши воқеии он шинос кардани кӯдакон ба олами махсуси анъанаҳои халқӣ мустақил мебошад. Аз ин рӯ, бисёр мавқеҳои табиӣ дидаву дониста дар зери объектҳои воқеӣ услубӣ таҳқиқ карда мешаванд.

Дар ин ҷараёни омӯзиш омӯзгорро зарур аст дар як гӯшаи синфхона осорхонаи хурди фолклорӣ ташкил намояд. Ба бачаҳо дидани амали чархи ресандагии ҳақиқӣ, ба болои лухтак ҷаҳидан, сурохии гандум кофтан хеле шавқовар аст. Дар бозии «Малика» ашёи зиндагии тоҷикон: оҳан, чархи ресандагӣ, сандуқ, самовар, зарфҳои чӯбӣ ва гилӣ, дастмолҳои гулдӯзӣ, либоси миллии мардумӣ ва ғайра ҷамъ оварда шудаанд.

Аксари қисмҳои асосии дарсҳо барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ аз фарҳанги миллӣ дар «Духтарон» гузаронида мешаванд. Тарбиягар дар нақши занҳои хонанишин баромад мекунад, ки ба таври табиӣ фарзандонро ба кору

бори ҳаррӯзаи худ (дузандагӣ, пазандагӣ, ресандагӣ, чодардӯзӣ, гулдӯзӣ, қуроқдӯзӣ, зардӯзӣ, қаламкашӣ ва ғ.) шинос мекунанд.

Низоми машғулиятҳо дар осорхонаҳо фаъолона шинос кардани бачагон бо санъати анъанавии халқӣ тоҷик ва санъати ороишӣ-амалиро дарбар мегирад. Аксар вақт машғулият дар «Духтарон» бо хӯроки ошдон ё мувофиқи мақсад табобат барои кӯдакон анҷом меёбад. Дар рафти амалӣ гардондани ин машғулият омӯзгорон қайд карданд, ки бисёр бачагон ба фарҳанги халқи тоҷик бахусус ба анъанаҳои халқӣ шавқу ҳаваси калон доранд, ки ин танҳо барои машғулиятҳои пешбинишуда кифоя нест.

Асоси тақвими миллии хоҷагии қишлоқи халқи тоҷик тақвими миллии бачагон мебошад, ки бо идҳои тақвимӣ ва рӯзҳои ид, ҳафтаҳои тематикӣ қайд карда мешаванд.

Ҷашнвораҳои мардумии тақвимӣ барои кӯдакон ва калонсолон имкони беҳамтоест, ки дар ҷаҳони суруду рақсҳо, расму оинҳо, бозиҳои халқӣ ғарқ мешаванд. Рӯзҳои ид ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар як амали ҷолиб ва диқатҷалбкунанда репертуари бузурги сурудҳои мардумӣ, иҷроиши ананаҳои халқӣ аз тариқи ташкили тую сурур, бозиҳои халқӣ, хонишҳои бадеӣ рӯҳбаланд гарданд.

Тартиби гузаронидани ид барномаи педагогии пай дар пай таҳияшудаи ташкили фаъолияти идро ифода мекунад.

Аз сентябри соли 2023 то моҳи феврали соли 2024 якҷоя бо мураббиён мувофиқи тақвими миллии бачагон якчанд ид ва фароғат: иди «Маликаи тирамоҳӣ», «Меҳргон», «Садда», “Сад ранги чакан” ҷашни “Наврӯз”,“Сайри гули Лола”  гузаронида шуд.

Дар тартиб додани барномаи идона ва фароғатҳои халқӣ ба интихоби асарҳои шифоҳӣ-мусиқӣ, драмавӣ, бозию хореографии фолклори маросимию тақвимӣ диққати махсус дода мешавад.

Асарҳо ба мазмуни ид мувофиқ буда, дорои сатҳи бадеии баланд, шавқовар ва дастраси бачагон мебошанд. Нишондиҳандаи асосии бомуваффақияти ид ранги эҳсосиии муҳит мебошад. Ин муҳитро табии будани

рафтори бачагон, кунҷковӣ, ҳиссиёти шодмонӣ, рафтори таваллуди характер муайян мекунад. Чӣ қадаре ки намоишҳои идона дар ид зиёд бошанд, ҳамон қадар ид ба ҳадафи асосӣ - шод кардани кӯдакон мувофиқат мекунад.

Бо импровизатсияи эҷодӣ, лаҳзаҳои ногаҳонӣ ба намоиш баровардани ҷашни умумихалқӣ шавқу ҳаваси бачаҳоро бедор мекунад, таассуроти онҳоро афзун мегардонад ва инчунин дарки бадеӣ ва эстетикиро ғанӣ мегардонад ва шавқи онҳоро нисбат ба анъанаҳои халқӣ зиёд мекунад.

Ҷадвали 3. Нақшаи чорабиниҳо оид ба ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

| № | Мавзӯъ | Бо кӯдакон кор кунед! |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | Сентябр.<br>«Тирамоҳи заррин». | Иди «Тирамоҳи заррин» - ба кӯдакон хоҳиши иштирок дар ҷашнҳои миллӣ, омӯхтани анъанаҳои мардумӣ, таърихи расму оинҳо ва ҷашн гирифтани ҷашнҳои миллию идҳои халқиро омӯзонем. |
| 2 | октябр.<br>"Либоси миллӣ". | Вақтхушии кӯдакон, васеъ намудани дониш дар бораи ҷашнҳои миллӣ Меҳргон, Садда, Наврӯз, ташаккули фарҳанги муошират дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик ва таърихи ҷашнҳо дар деҳа, дар бораи кишту кори тирамоҳӣ дар фасли тирамоҳ. |
| 3 | ноябр.<br>«Дастони пур<br>Зи меҳнат —<br>рӯзи ид». | Тамошои «Чӣ барои чӣ», муаммоҳо дар мавзуъҳои меҳнат — ғанӣ гардондани дониш дар бораи мавзуъҳои зерин, меҳнати халқи тоҷик, инкишоф додани қобилияти таҳлили матни муаммоҳо. |
| 4 | декабр.<br>«Ширини ба ӯ, ки<br>дар хона ин<br>қадар зиёд дорад». | Вақтхушӣ «Ҷашнҳои миллӣ» - барои ғанӣ гардонидани нутқи кӯдакон бо ифодаҳои образноки шаклҳои хурди фолклори тоҷик, ташаккул додани малакаҳои муошırати озод бо калонсолон ва хӯрдсолон. |
| 5 | январ.<br>— Соли нав –Иқболи нав хуб шуд, ки ба мо омад! | Вақтхушӣ "Мо ба ҳамкорӣ меравем" - барои осон кардани муоширати суханронии пешгӯинашаванда дар асоси фаъолияти муштарак; маданияти ҳамзистии идонаро ривоҷ диҳанд.<br>Вақтхушӣ « Бозиҳои зимистона» - васеъ намудани дониш дар бораи идҳои мардумӣ, ташаккули фарҳанги муошират дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик,дониш дар бораи идҳои мардумӣ, ташаккули фарҳанги муошират дар асоси анъанаҳои халқи тоҷик. |
| 6 | феврал.Март<br>Иди садда,<br>иди Наврӯз | Иди «Тоҷикон зимистонро чӣ гуна ҷашн гирифтанд, баҳорро пешвоз гирифтанд» - бо мақсади шиносоӣ бо таърихи бедоршавии табиат,омӯзиши кори бобои деҳқон ва анъанаҳои ҷашни Наврӯз – чӣ тавре ки ин ҷашн дар Осиёи миёна қайд карда мешавад, аҳамияти ин ҷашн хело зиёд аст. Гулгардонии кӯдакон, Наврӯз муборак бошад!». — дар бораи далерӣ, шуҷоат, матонат, шуҷоати муҳофизони Ватан, дар бораи анъанаҳои халқи тоҷик аз ҷониби далерон муҳофизони сарзамини аҷдодӣ. |

Ба барномаи таълимӣ ворид намудани ҷашну анъанаҳои миллӣ идҳои халқӣ дар бачаҳо мусбат таҷассум ёфтаанд — онҳо дар бораи эҷодиёти мардуми тоҷик бисёр чизҳои нав пайдо кардаанд: мусиқӣ, суруд, рақсҳо, таронаҳо, рубоӣ, тезгӯяк, афсона, қисса ва ғайра.

Ягона камбудиҳои таҷрибаи ташаккулёбӣ маҳдуд будани вақти саҳна буд. Ба барнома дохил кардани комплекси ид ва фароғати халқӣ шарти ҳатмӣ мешуморем, яъне. мушоҳидаҳои бачагон ҳангоми таҷлили ҷашнҳои миллӣ ва фароғат, ҳангоми шиносоӣ бо шаклҳои гуногуни ҳунари суннатии мардумӣ ва шаклҳои хурди мусиқии мардумӣ ба ин раванд таваҷҷӯҳи зиндаи онҳоро нишон дод.

Идҳои мардумӣ ифодаи эътиқоди мардум, расму оинҳои анъанавӣ, ҳаёти ҳаррӯзаи деҳқонони тоҷикро ғанӣ гардонданд. Онҳо маорифпарваронро ба эҳтиёткорӣ, нисбат ба табиат, ба меҳнат, ба диёри зодгоҳ, ба расму оинҳои ниёгон, таърихи халқ муносибати боэҳтиромона доштан ташвиқ менамуданд. Кӯдакон бо эҳсоси масъулиятшиносӣ, эҳсосотӣ, таваҷҷуҳ ба расму оин ва фарҳанги мардум ба дунё омадаанд, ки таҷасумгари ин арзишҳои миллии мардумӣ ба ҳисоб меравaнд: таҷассуми некӣ, зебоӣ, ростиву вафодорӣ, ки онҳо ба даст меоранд, дар онҳо ва дигар наслҳо ташаккул меёбанд.

Намудҳои гуногуни эҷодиёти мардумӣ — мусиқӣ, рақс, суруд, бозиҳои ҳаракати халқӣ — ҳамаи ин ба ҳолати психофизикии бачагон таъсири мусбат мерасонад. Иҷрои сурудҳои мардумӣ ба саҳна гузоштани нафаси дуруст мусоидат мекунад. Иҷрои рақсҳои халқӣ - ташаккули ҳолати дуруст, ба инкишофи ҳисси мушакҳо ва ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо мусоидат мекунад.

Бозиҳои гуногуни миллӣ ба ташаккули сифатҳои ахлоқии бачаҳо, фаъолсозии хотираи онҳо, таваҷҷӯҳ, ҳалли масъалаҳои психокоррексионӣ, рафъи тарси хонандагони хурдсол ёрӣ мерасонад. То ин ки кӯдакон азишҳои ахлоқию фарҳангии анъанаҳои мардумии худро дарк карда ва урфу одатҳои онҳоро пурра омӯзанд.

Зимни озмоишҳои таҳқиқотӣ дараҷаи ташаккули хислатҳои ватандӯстии

хонандагони синфҳои ибтидоӣ дорои чунин вазифаҳост:

1) Ташаккули хислатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

2) Коркард ва таҳлили натиҷаҳои ташхиси такрорӣ.

3) Дар бораи самарабахшии идҳои халқӣ тахмин кардан ва ташкили фароғат дар ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ.

Бо мақсади санҷиши самаранокии ҷашнҳои миллӣ ва фароғатӣ дар ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ таҳлили муқоисавии маълумоти гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишии хонандагони хӯрдсол гузаронида шуд.

Воситаҳои таҷрибаи назоратӣ бо воситаҳои қисми озмоишии кори назоратӣ якхела буд. Барои ҷамъоварӣ ва таҳлили ин таҷрибаҳои озмоишӣ аз ҳамон меъёру нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сатҳи ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ истифода шуданд.

Дараҷаи сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ аз рӯи меъёрҳои рафтор дар марҳилаи назоратӣ, ба ҳисоби фоиз нишон дода шудааст.

Натиҷаҳои ташхиси миқдорӣ оид ба ҷузъи рафтори сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар марҳилаи назоратӣ нишон доданд, ки бо сатҳи пасти ташаккули сифатҳои ватандӯстӣ 30 % хонандагон дар гурӯҳи озмоишӣ ҳамагӣ 14 % хонандагон боқӣ мондаанд.

Сатҳи миёна дар 59 % ва 52 % хонандагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ  нишон дода шудааст. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ нисбат ба идҳо ва чорабиниҳои оммавӣ, меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ на ҳамеша эҳсосоти мусбӣ зоҳир мекунанд. Онҳо аксар вақт дар ҳаққи наздикони худ ғамхорӣ мекунанд, вале онҳоро на ҳама вақт ба ҷойи дӯст мешуморанд, бо онҳо чӣ тавр гуфтушунид карданро намедонанд, ёрӣ расонида наметавонанд; Онҳо бояд амалиёти худ ва дигаронро бо ёрии калонсолон таҳлил кунанд.

Дар гурӯҳӣ озмоишӣ мазмуни ин гуна машғулиятҳо аз ҳисоби маҷмӯи корҳои тартибдодашуда, ки ба ташаккули сифатҳои меҳнатдӯстӣ ва ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ нигаронида шудааст, васеъ карда

шуд.

Ҳамин тариқ, татбиқи маҷмӯи чорабиниҳо ба ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути ҷашнҳои миллӣ ва фароғатӣ нигаронида шудаанд, ки бо сатҳи воқеии ташаккули сифатҳои хоси ватандӯстӣ алоқамананданд. Гузаронидани идҳои халқӣ ва фароғатӣ воситаи муваффақиятноки ва ташаккули хислатҳои ватандӯстии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошанд.

## 3.2. Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълиму тарбия

Мавзуи сулҳ, таҳаммулпазирӣ, осоиштагӣ ва оромӣ – ин қисми таркибии сиёсати давлатии Тоҷикистон мебошад. Нуқтаи мазкур дар банди 11 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин тавр ифодаи худро ёфтааст: “Тоҷикистон, сиёсати сулҳдӯстонаро пайгирӣ намуда, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти дигар давлатҳоро эҳтиром менамояд, сиёсати хориҷии худро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян мекунад” [182, с.82].

Проблемаи ватандӯстӣ, ҳифзи сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва башардӯстӣ дар дигар санадҳо, махсусан, дар Консепсияи миллии тарбияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос меёбад: “Маориф бояд худшиносии маънавии инсонро таъмин намояд. Он бояд донишҳои заруриро омӯзонад ва маълумот дар бораи арзишҳои миллӣ ва умумибашариро диҳад, шаҳрвандони ояндаро ба ҳимояи Ватан, миллат, фарҳанг ва забон тайёр намояд.

Эҳтиром ба фарҳанг, анъанаҳои миллӣ, забони халқҳои дигарро тарбия намояд ва ҳамин тарбияро дар амал барорад” [183,с.6].

Тавре ки мебинем дар ҳамаи ҳуҷҷатҳо мушкилоти тарбия дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ инъикос меёбад. Табиист, ки ин ҳадаф дар маркази барномаҳои таълимӣ қарор доранд. Сулҳ, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ асоси барномаи синфҳои ибтидоиро бояд ташкил кунад.

Маъмулан, барнома якчанд мавзуъҳоро дар бар мегирад, ки ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мансуб бошанд. Ин фасл дар барномаи синфҳои ибтидоӣ “Сулҳ” номида мешавад. Мавзуи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар таълим ҷойгоҳи қобили мулоҳизаро ишғол менамояд.

Мо таҳқиқот ва таҷрибаи худро дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии №№ 35, 15, 27, 79, 55 шаҳри Душанбе ва дар мактабҳои № 13 ва №5-и шаҳри Кӯлоб роҳандозӣ намудем.

Барои бо муваффақият гузаронидани таҷриба (барои кор дар синфҳои озмоишӣ) мо омӯзгорони дорандаи собиқаи калони кориро ҷалб намудем, зеро омӯзгори ботаҷриба дар раванди таълим дар таҷассум додани ғояҳои консепсияи миллӣ ва азхудкунии барномаи таълимӣ аз тарафи хонандагон нақши асосиро иҷро мекунад.

Дар бахши таҷрибавии таҳқиқот омӯзгорони зерин иштирок намудаанд.

Ҷадвали 4. Маълумот дар бораи омӯзгороне, ки дар гузаронидани таҷриба иштирок доштанд.

Ҷадвали 4.

| **№т/р** | **Ном ва насаби омӯзгорон** | **МТМУ** | **Таҳсилот** | **Собиқаи кори омӯзгорӣ** |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| 1. | Маҳмадбекова М. | № 35 | олӣ | 29 сол |
| 2. | Худойдодова М. | № 35 | олӣ | 28 сол |
| 3. | Назархудоева Ч. | № 35 | олӣ | 27 сол |
| 4. | Бобоева С. | № 35 | олӣ | 25 сол |
| 5. | Темурова М. | № 35 | олӣ | 20 сол |
| 6. | Исматшоева И. | № 35 | миёна | 18 сол |

Ҳамчунин дар раванди таҳқиқот ва таҷрибаи муқарраркунанда таҳлили пешакӣ, методи таҳқиқи муайянкунандаи ташаккулёбии ахлоқ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси осори классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқи тоҷик дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии №35-и шаҳри Душанбе, ки

минбаъд дар он ҷо таълими таҷрибавӣ ва бо хонандагони синфҳои назоратии муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии шаҳри Душанбе №№ 15, 27, 79, 55 ва шаҳри Кӯлоб №13 ва №5 гузаронида шудаанд. Маълумоти бадастомада дар ҷадвалҳои 5; 6 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 5. Муайян кардани дараҷаи идроки мафҳумҳои асосӣ дар синфҳои таҷрибавии МТУ №35 ш.Душанбе

| № | Ному насаби омӯзгороне, ки дар синфҳои таҷрибавӣ дарс медиҳанд | Синфҳои таҷрибавии дар таҳқиқот иштирокдошта | Шумораи хонандагони синф | Дараҷаи идроки мафҳумҳои асосии ахлоқӣ бо % |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | Маҳмадбекова М. | синфҳои II-IV | 30 | 38 |
| 2. | Худойдодова М. | Синфҳои II-IV | 30 | 38 |
| **3.** | Назархудоева Ч. | Синфҳои III-III | 30 | 34 |
| **4.** | Бобоева С. | синфҳоиII-III | 30 | 32 |
| **5.** | Темурова М. | синфҳои III-IV | 30 | 36 |
| **6.** | Исматшоева И. | Синфҳои III- IV | 30 | 32 |
| | Арзиши баҳо: миёна: | | | 35,0 |

Ҷадвали 6. Муайян кардани дараҷаи идроки мафҳумҳои асосӣ дар синфҳои назоратии муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва шаҳри Кӯлоб

| № | МТМУ (мактабҳо) | Синфҳои таҷрибавии дар таҳқиқот иштирокдошта | Шумораи хонандагони синф | Дараҷаи идроки мафҳумҳои асосии ахлоқӣ бо % |
|---|---|---|---|---|
| 1. | МТУ №15 ш.. Душанбе | синфҳои I-IV | 30 | 38 |
| 2. | МТУ №27 ш. Душанбе | синфҳои I-IV | 30 | 34 |
| **3.** | МТУ №79 ш. Душанбе | синфҳои I-IV | 30 | 32 |
| **4.** | МТУ №13 ш. Кӯлоб | синфҳои I-IV | 30 | 28 |
| **5.** | МТУ №5 ш.. Кӯлоб | синфҳои I-IV | 30 | 27 |
| **6.** | МТУ №55 ш. Душанбе | синфҳои I-IV | 30 | 37 |
| | Арзиши баҳо: миёна: | | | 32,7 |




**Диаграмма 1.**

Дар натиҷаи гузаронидани марҳилаи якуми кори таҷрибавӣ, ошкор гардид, ки дараҷаи идроки мафҳумҳои асосии ахлоқии “ватандӯстӣ”, ”сулҳпарварӣ” ва “таҳаммулпазирӣ”-и хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳатто ба 50 % нарасида, нишондиҳандаи миёна дар синфҳои назоратӣ 32,7, дар синфҳои таҷрибавӣ бошад, 35,0 % -ро ташкил медиҳад.

Чунин натиҷаҳоро метавон бо он шарҳ дод, ки дар синфҳои ибтидоӣ фасли “Сулҳ” мустақилона омӯхта намешавад. Хеле хуб мешуд, агар дар оянда мураттибони барномаҳо ва муаллифони китобҳои дарсӣ ин масъаларо ба инобат мегирифтанд. Мактаби кунунӣ бояд имрӯзҳо ба проблемаи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таваҷҷуҳи бештар диҳад. Зеро ҷомеаи кунунӣ дар ин ҷаҳони пуртазод ба ҳалли ин масъала эҳтиёҷ дорал. Тарбияи сулҳпарварӣ бояд моҳияти таҳсилотро ташкил диҳад. Академик М. Лутфуллозода дар асарҳои худ менависад: “Таҳсилот дар инсон ватандӯстӣ, худшиносӣ, моҳият, ваҳдат, ифтихори миллиро тарбия менамояд, дар инсон одоби сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ва ҳамчунин муносибатҳои мутақобилан қобили қабули байналмилалиро ташаккул медиҳад” [242.с.95].

Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки ғояи тарбияи кӯдакон ва ба ҳаёт омода сохтани онҳо дар ҷомеаи озод, ки дар он якдигарфаҳмӣ, баробарҳуқуқӣ,

таҳаммулпазирӣ ва эҳтиром ба якдигар ҳукмрон бошад, аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” ва Консепсияи миллии таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Яқин аст, ки барномаҳои фаннӣ бояд ин вазифаи муҳимро инъикос намоянд.

Тавре ки нишон дода шуда буд, муҳтавои таълим дар синфҳои ибтидоӣ дар худ проблемаи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро инъикос менамояд. Дар барномаи фанни таълимӣ мавриди назар ба асарҳои классикони адабиёти тоҷик ҷойгоҳи зиёд ҷудо карда шудааст. Дарс асосан аз мавзуъ, мақсад ва дастуру воситаҳои зарурии аёнию таълимӣ иборат мебошад. Дарсе, ки ба мавзуи сулҳпарварӣ бахшида шудааст бояд чунин мақсад дошта бошад:

1.Барқароркунии муносибатҳои дӯстона дар байни хонандагон ;

2. Аз байн бурдани эҳсоси нафрат дар миёни онҳо нисбат ба дигарон, яъне тарбияи таҳаммулпазирӣ;

3.Кумак дар ташаккул додани коллективи синф ва ташаккули дӯстӣ дар байни хонандагони муассисаи таълимӣ;

4.Тарбия намудани муносибатҳои дӯстона, сулҳпарварона ва таҳаммулпазирона дар байни ҳамдигар ва рушд додани маҳорати муоширати боодобона бо ҳамдигар.

Омӯзгоронро лозим аст, ки матнҳои ба сулҳ ва таҳаммулпазирӣ бахшидашударо дар соатҳои тарбиявӣ бештар истифода намоянд. Дарс бояд бо суҳбат оид ба масъалаҳои сулҳ ва таҳаммулпазирӣ оғоз гардад. Аз хонандагон дар бораи сулҳ бояд шеърҳоро пурсид, сипас маънии калимаҳои “сулҳ” ва “таҳаммулпазирӣ”-ро шарҳу эзоҳ дод. Аз алифбои бурида хонандагон калимаи “сулҳ”- ро тартиб медиҳанд ё расми кабутар ва гулу курачаҳо, ки рамзи сулҳ мебошанд, мекашанд. Пас аз он дарс оғоз мегардад.

Дар тахтаи синф лавҳаи “Ба дарс омода мешавем” насб шудааст. Масалан, дар дарсҳои 27-28 аз рӯйи мавзуи “Мурғи зирак” (синфи 1) расми мурғ дар болои дарахт ва шағол дар зери он истифода мешавад. Методикаи гузаронидани дарси мазкур дар китоби устод М.Лутфуллозода “Методикаи

таълими ибтидоӣ” тавсиф шудааст [244.с.24]. Бо ёрии чунин аёният омӯзгор ҳикояро нақл мекунад: Шағоли гурусна аз роҳ мегузашт (болои тахта расми мурғро ва болои дарахт шағолро насб менамояд). Ногоҳ шағол дид, ки болои дарахт мурғи фарбеҳ нишастааст (ботақлиди овози шағол) мепурсад: “Мурғаки зебо, ту аз овозаҳои нав оё хабар дорӣ? Дар бораи сулҳ дар байни мурғон ва дарандагон. Аз шохи дарахт ба замин фаро, бо ҳам дӯст мешавем!”. Омӯзгор гардани мурғро ба тарафи дигар гардонда, боз ба овози шағол тақлид намуда, мепурсад: “Он ҷо чи хабар аст? Чаро ту ба он тараф нигоҳ мекунӣ?” Омӯзгор таваҷҷуҳи кӯдаконро ба мурғ ҷалб кунонида ва ба мурғ тақлид карда, ҷавоб медиҳад: “Аз он тараф ба тарафи мо галаи сагон наздик шуда истодаанд”. Шағол хабари сагонро шунида, мегурезад.

Пас аз шунидани ҳикоя хонандагон ба саволи “Шағол ба мақсади худ расид?” ҷавоб медиҳанд. Аҳмад фикрашро чунин ифода мекунад: “Шағол фиребгар аст. Ман инро аз нақли падарам медонам. Вай мехост мурғро хӯрад”. Сино чунин посух дод: “Ман аз телевизор дидам, ки чи гуна ҳайвонот якдигарро мехӯранд. Шағол ҳам мехост мурғро бихӯрад.” Садаф бошад, ин тавр ҷавоб дод: “Ман дар ҳавлии худамон дидам, ки чи гуна гурба бо гунҷишк бозӣ кард ва ниҳоят онро хӯрд”.

Омӯзгор : “Бачаҳо, аз рӯйи ҳикояҳои шумо метавон хулоса кард, ки дар байни гунҷишк ва гурба дӯстӣ буда наметавонад. Чаро? ”Чӣ тавр мурғи зирак ба доми фиреби шағол наафтод?”Хонандагон андешаҳояшонро баён месозанд. Омӯзгор суханони онҳоро шунида, ба чунин хулоса меояд: “Бачаҳо, мурғи зирак боақлона рафтор кард. Пас бояд андеша намуд, ки чӣ тавр бояд аз дасти душман халос шуд”.

Метавон дар оғози дарс ба хонандагон чунин савол дод: “Шумо дар бораи сулҳ чи медонед?” Чунин савол андеша ва тафаккури кӯдаконро фаъол месозад. “Сулҳ – ин оромӣ, некуаҳволӣ, осмони соф, табассуми кӯдакон, дастурхони пур аз нозу неъмат, хонаи гарм, дӯстии ҳамаи кӯдакон мебошад”- чунинанд посухҳои эҳтимолии кӯдакон. Ҳангоми иҷрои машқи 2 якҷо бо хонандагони синфи 1 мо шеъри “Сулҳ”-ро мехонем ва таҳлил менамоем.

Сулҳ – ин роҳи дурахшони оянда
Сулҳ – ин бахту саодат
Сулҳ – ин лабханди кӯдакон
Сулҳ – ин навои дилҳои модарон.

Ин шеър ба қалами Аминҷон Шукуҳӣ тааллуқ дошта, барои хушбахтии кӯдакон эҷод шудааст. Машқҳо барои хонандагони синфи якум оид ба ин мавзуъ метавонанд гуногун бошанд: Аз байни якчанд расмҳои парандаҳои гуногун интихоб кардани парандае, ки рамзи сулҳро таҷассум мекунад, тасвири кабутар дар болои коғази сафед ва аз алифбои бурида тартиб додани калимаи "Сулҳ" ва ғайра.

Дар давраи таҳсил дар синфи дуюм, ки дар он ҷо инъикоси сулҳ ва дӯстӣ нисбат ба синфи якум мураккабтар аст, метавон кори тарбиявиро бо вазифаҳои таълимӣ ҳамгиро намуд. Масалан, дар дарсҳои 11-12 аз рӯйи матни "Дӯстӣ" мумкин аст вазифаи ба дафтар рӯйнавис кардани матн ва баъд таҳлил кардани ҳар як ҷумларо ба хонандаи хурдсол супориш доданан лозим аст.

"Агар бо мардум дӯстӣ карда тавонӣ, хуб аст. Дӯсти ҳақиқӣ ҳамеша бо ту вафодор аст. Ту набояд аз ӯ ҳеҷ чизро пинҳон дорӣ. Ӯ ҳамеша ҳозир аст ба ту ёрӣ расонад. Бо дӯсти хуб кори вазнин сабук мегардад".

Дӯстӣ – такягоҳи сулҳ ва таҳаммулпазир аст, бинобар ин, пеш аз ҳама, мо бояд кӯдаконро аз рӯйи ин назария тарбия намоем. Мо бояд ба кӯдакон барои дуруст дӯстӣ кардан ёрӣ расонем, дӯстон пайдо намоем ва дӯстони содиқ бошем. Омӯзгор маънои калимаҳои "дӯстӣ" ва "бародарӣ"-ро шарҳу эзоҳ дода, ба дӯстӣ на танҳо миёни кӯдакону калонсолон, балки дар миёни давлатҳо низ таваҷҷуҳ намояд: "Дар Ватани мо сулҳи пойдор ва дӯстӣ барқарор шудааст. Ҳамаи марду зан, пиру ҷавон бо як орзӯ ва бо як мақсад – яъне осоишта бо сулҳу салоҳ зиндагӣ ва кор кардан". Мисли ин ки байти зерин шиори онҳо гаштааст:

Эй бародар, мову ту ҳамватанем,
Булбулони ин боғу як чаманем.

Беҳуда намегӯянд, ки “Як кас барои ҳама ва ҳама барои як кас”. Ҳама меҳнат мекунанд, зеро тавре ки мегӯянд, аз як даст садо наояд.

Ё ки бо арра буридан агар ду нафар кор кунад, осонтар аст. Умуман, кори вазнинро танҳо иҷро кардан душвор аст, на ҳар кас онро карда метавонад. Бинобар ин, ҳеҷ гоҳ дӯстро фаромӯш накунед, ӯро азиз доред. Хуб аст, агар инсон дӯстони зиёд дошта бошад. Дар урфият мегӯянд, ки ҳазор дӯст кам, вале як душман бисёр аст. Барои суҳбат дар бораи таҳаммулпазирӣ метавон ба хонандагон саволҳои зеринро пешниҳод намуд:

1. Киро шумо дӯсти худ медонед?
2. Кадом хислатҳои дӯсти шумо ба шумо писанд аст?
3. Ту ягон бор аз дӯстат ранҷида будӣ?
4. Оё туро дӯстат ранҷонда буд?

Дар дарсҳои 13-14 дар синфи дуюм ҳикояе пешниҳод мегардад, ки баъзе тавзеҳотро талаб менамояд. Омӯзгор бояд онро ба таври оддӣ ва дастрас шарҳ диҳад, то ки тафаккури кӯдакон бедор гардад. Муҳтавои матн чунин аст:

Боре як шахс ҳикоят намуд, ки ба Хоразм бо ҳамсафаре мерафт, ки бо ӯ аз як коса таом мехӯрд. Ба онҳо аз куҷое як саг ҳамроҳ гардид ва онҳо ба пеши саг устухон мепартофтанд. Ногоҳ ду роҳзан ба онҳо наздик шуданд. Ҳамсафар роҳзанонро дида, рӯ ба гурез ниҳод, вале саг ба ҳимояи мусофир бархост ва ӯро аз роҳзанон наҷот дод. Вақте ки ҳамсафар гурусна шуд, дубора ба назди мусофир омад. Аммо мусофир гуфт: бо ин маъно чунин ҷавоб дод:

Нахоҳам мисли ту ноодам бошам, саг аз ту беҳтар аст. Пас аз ин соат бо ту муошират кардан ҳаром аст. Бо ту нахоҳам дигар дӯстӣ кардан.

Дар навбати аввал зарур аст, кори луғатомӯзӣ гузаронида шавад, баъдан омӯзгор бояд матнро бо забони ба кӯдакон дастрас нақл намояд. Метавон матнро басаҳнагузорӣ намуд. Ҳангоми иҷрои нақшҳо кӯдакон нутқи шифоҳии худро инкишоф медиҳанд. Ва албатта, бояд аз кӯдакон пурсид, ки рафиқ метавонад ҳамин гуна рафтор намояд. Барои равшан намудани идроки матн метавон матнҳо тартиб дод:

1. Дӯст бояд кадом сифатҳоро дошта бошад?

а) садоқат   в) ростгӯӣ   г) башардӯстӣ

д) дурӯғгӯӣ   е) бесадоқатӣ

2.Дӯстон бояд чи гуна бошанд?

а) содиқ   б) ростгӯ

в) накукор   г) бадкор

Барои дӯсти хуб будан ва дӯсти хубро пайдо кардан, пеш аз ҳама, дорои беҳтарин сифати инсонӣ – инсондӯст, накукор будан лозим аст. Унсурулмаолии Кайковус дар яке аз ҳикояҳои худ, ки дар китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи 2 оварда шудааст, менависад “Тундмизоҷ набош, забони тез надошта бош. Аммо зиёд нарм ҳам набош, ки худ зарар набинӣ. Аммо чунин дағал набош, ки касе барои навозиш ба ту даст дароз намояд. Бикӯш, ки бо ҳама одамон сулҳ ва таҳаммулпазириро нигаҳ дорӣ, зеро ба туфайли сулҳ метавон ба ҳадафи худ ноил гардид. Дар ҳар шахс зиштӣ наҷӯ. Бадӣ ҷустан ҳамон аст, ки зарар расонӣ. Агар касе туро ранҷонд, ту кӯшиш накун, ки ту ҳам ӯро ранҷонӣ. Зеро наранҷондан- ин беҳтарин сифати инсонӣ мебошад. Асоси одамият ин ҳамон аст, вақте ки ту ҳеҷ касро намеранҷонӣ”[221.с.76;77].

Кори луғатомӯзӣ аз маънидодкунии калимаҳои нав бо ёрии интихоби муродифҳо ва калимаҳои зидмаъно иборат мебошад:

Сулҳ – салом, оштӣ, ризоят, дӯстӣ, якдигарфаҳмӣ.

Адаб – муносибати боодобона.

Дағалӣ – бадқаҳрӣ.

Беандешагӣ – дағалӣ, бефикрӣ, беақлона рафтор кардан.

Наомӯз – азхуд накун.

Барои он ки панду насиҳат ба тарбияи инсондӯстона ва таҳаммулпазирона мусоидат намояд, матн бояд ба хонандагон фаҳмо бошад, аз ин рӯ эзоҳот лозим мебошанд. Масалан, “Ба таъҷил дар муҳокимаҳои худ одат накун, тундмизоҷ набош. Бо одамон меҳрубон бош. Густох набош, бо ҳама боназокат бош, то ки бо сухани хуб дар дили дӯсту душман ҷой дошта бошӣ. Ба дигарон рафтори бадро наёмӯз, чунки омӯхтани ин кор ҳам барои инсон хуб нест. Агар одами бегуноҳ туро ранҷонад, кӯшиш намо, ки ӯро наранҷонӣ. Ҳеҷ касро наранҷонидан – ин беҳтарин сифати инсон аст. Инсони ҳақиқӣ хеҷ гоҳ ҳеҷ касро намеранҷонад”.

Баъди чунин кор зарур аст, ки як бори дигар барои ноил шудан ба мақсади дарс бо хонандагон суҳбат гузаронида шавад:

1. Чаро Кайковус мегӯяд, ки дар андешаронӣ шитоб набояд кард?

2. Сулҳ, таҳаммулпазирӣ, ризоият бо дӯст ва душман чи маънӣ дорад?

3. Чаро инсоне, ки касеро намеранҷонад, эҳтиром мекунанд?

Агар саволҳои дар шакли дастрас додашудаи омӯзгор душвор бошанд, омӯзгор бояд ба онҳо ҷавоби дуруст диҳад. Дар ин ҳол, бояд таҳаммул кард, зеро мақсади мо аз он иборат аст, ки инсони ҳақиқиро тарбия намоем.

Дар дарси 216 китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи дуюм матни “Дӯстӣ” мавҷуд мебошад. Ба хонандагон пешниҳод мегардад, ки калимаи “дӯстӣ” шарҳу эзоҳ дода шавад, зеро дӯстӣ ин муҳтавои асосии мафҳуми сулҳ мебошад. Яъне ҳамеша пушти ҳамдигар “сулҳу дӯстӣ” такрор мешаванд.

Омӯзгор ва кӯдакон матни “Дӯстӣ”-ро мехонанд: “Дӯстӣ” – ин маънои онро дорад, ки ту рафиқи азиз, меҳрубон ва ғамхор дорӣ. Ҳеҷ гоҳ дӯстро фаромӯш накунед. Дӯстро бояд эҳтиром намуд, то ки дар шумо имкони пайдо шудани бисёр дӯстон муяссар гардад. Ба дӯстон бевафоӣ ва хиёнат накунед. Дӯстони воқеӣ дар бораи якдигар ғамхорӣ мекунанд. Агар шумо дар синф аълохон ҳастед ва дӯсти шумо аълохон набошад, пас саъй намоед, ки дӯстатон дар синф миёни ҳамсинфон аълохон шавад” Шарҳу эзоҳи омӯзгор

имкон медиҳад, ки муҳтавои матн дар ин ё он намуна, ҷиҳати дар зеҳни кӯдакон бедор шудани эҳсоси садоқат мусоидат менамояд. Карим дӯсти Саид аст. Карим аълохон аст, вале Салим сустхон мебошад. Азбаски Карим дӯсти Саид аст, ӯ ҳамеша ба Саид кумак мерасонад. Ё ки Ҷамила бепарво, дар дарс чандон бодиққат нест, Назира бошад, духтари боақл ва бомулоҳиза аст. Онҳо дӯст мебошанд. Назира бояд саъй намояд, ки Ҷамила одатҳои танбалиашро тарк намояд. Шариф – дӯсти Ҷамол аст. Ҷамол якчанд рӯз бемор шуд, ба мактаб нарафт. Шариф ҳар рӯз ба аёдати дӯсташ Ҷамол мерафт, онҳо ҳамроҳ дарс тайёр мекарданд, то ки Ҷамол аз рафиқонаш ақиб намонад. Агар омӯзгор чунин мисолҳои мусбатро оварад, он гоҳ ӯ ба наздикшавии кӯдакон бо ҳамдигар мусоидат мекунад. Аз рӯйи масъалаҳои зерин ҳатман бояд суҳбат гузаронида шавад:

1.Чаро дӯстро муҳтарам меноманд?

2.Дӯсти ҳақиқӣ аз дӯсти қалбакӣ бо чи фарқ мекунад?

3.Кадом мулоҳизаҳои шоиронро дар бораи дӯстӣ медонед?

Ашъори шоиронро дар бораи дӯстӣ қироат кардан бамаврид мебошад, масалан, ин мисраҳои Саъдии Шерозиро:

Дӯст машмор он ки дар неъмат занад,
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

Вазифаи минбаъда метавонад таҳлили байти машҳури Мирзо Турсунзода бошад “Дӯстонро гум макун”:

Дӯстон – исм.

Ро – пасоянд.

Гум макун - феъли фармоиш.

То тавонӣ, дӯстонро гум макун,

Дӯстони меҳрубонро гум макун.

Чунин намуди кор ва таҳлил дар хонандагон хоҳиши донистани моҳияти дӯстиро бедор мекунад. Ҳеҷ гоҳ дӯсти худро гум макун, махсусан дӯсти воқеӣ ва ҳақиқиро гум макун, зеро бе дӯст будан мушкил мебошад.

Омӯзгор бояд ба кӯдакони синни хурди мактабӣ тавзеҳ намояд, ки дӯстӣ аз чи оғоз меёбад. Барномаи синфҳои ибтидоӣ ба мо ин имкони хеле бузургро додааст. Чунончи, дар китоби дарсии “Забони тоҷикӣ “ барои синфи дуюм матни ҷолиб барои дарсҳои 159 – 160 мавҷуд аст:

Бародари ман Илҳом ва дӯсти ӯ Баҳром бисёр дӯстони хориҷӣ доранд. Онҳо бисёр мукотиба мекунанд. Ман ҳам бо онҳо тақлид кардам. Як бор онҳоро пурсидам, ки ба ман чи гуна мукотиба карданро нишон диҳанд. Охир дӯстони бисёр доштан – ин шараф ва ифтихор аст.

Аммо бародарам розӣ нашуд. Чаро? - пурсидам бо тааҷҷуб – Охир ман ҳам бехато хат навишта метавонам ва хонда метавонам- ку! Ӯ ҷавоб дод: Гап дар сари он нест, ки ту бехато менависӣ ва босаводона мехонӣ, гап дар сари он аст, ки ту дар байни ҳамсояҳо дӯст надорӣ, барои ту дӯст аз кишвари хориҷӣ чи лозим аст? Дӯстӣ аз меҳру муҳаббат ва эҳтиром нисбат ба хоҳар, бародар, ҳамсояҳои худ ва ҳамсинфон оғоз мегардад. Дар ибтидо ман ранҷидам, аммо баъд аз чанд муддат ман фаҳмидам, ки бародарам дуруст мегуфтааст. Воқеан ҳам дӯстӣ аз меҳру муҳаббат ба аъзои оила, ҳамсояҳо ва ҳамсинфон сар мешавад.

Дар ин матн ҷумлаҳо ва калимаҳо сода ва  фаҳмо мебошанд, калимаҳои ношинос вуҷуд надоранд, кори луғатомӯзӣ дода мешавад, ки дар зери матн мавҷуд аст:

Мукотиба – дӯстӣ кардан бо шахсе, мактуб навиштан ба дӯст.

Шараф – ифтихор.шӯҳрат

Меҳру муҳаббат – дӯстӣ, меҳрубонӣ.

Муҳтавои тамоми матнро омӯзгор нақл мекунад. Ба саволҳои баъди матн хонандагон бояд мустақилона посух омода намоянд. Агар ҷавоби хонанда ба омӯзгор писанд наояд, бояд методикаи дарс иваз карда шавад.

Масалан, саволи сеюм дар шарҳу тафсири андарзи Саъдии Шерозӣ ибораи “дар парешонҳолию дармондагӣ” эзоҳи махсусро мехоҳад, ки зарур аст аз кори луғатомӯзӣ оғоз намоем ва баъдан ба ҷавоб ба саволҳо пардозем. Дар ибтидо тавзеҳу тафсири ин луғатҳоро аз худи хонандагон мешунавем.

Парешонҳолӣ - ташвишу таҳлука доштан

Дармондагӣ – эҳтиёҷ, ниёзмандӣ.

Дар таълими забони тоҷикӣ дар синфи сеюм дарсҳое мавҷуданд, ки дар онҳо масъалаҳои сулҳ, ризоият ва башардӯстӣ ҳам дучор мешаванд. Истифодаи чунин матнҳо дар раванди таълим метавонад мушкилии маводи дидактикиро ҳал намояд.

Чунончи, матни дарси 15 арзиши амалӣ дорад: дар матни мазкур дӯстӣ хеле равшану возеҳ ифода ёфтааст. Дӯстӣ аз оила – дӯстӣ бо бародарону хоҳарон ва дигар аъзои хонавода оғоз мегардад. Дар оғози дарс омӯзгор бояд хотиррасон намояд, ки, дӯстӣ аз чи оғоз меёбад. Агар хонанда маводи дарсҳои гузаштаро хуб дар ёд дошта бошад, он гоҳ посух медиҳад, ки аз оила дӯстӣ оғоз меёбад. Дар матни дарс мо тасдиқи онро пайдо мекунем.

“Мӯйсафеде се писар дошт. Бародарон аксар вақт бо ҳам ҷангу ҷидол доштанд. Бинобар ин, падар хост, ки боре ба онҳо насиҳати падарона карда, ба сулҳу салоҳ даъват намояд.

Писаронашро даъват намуд ва фармуд, ки химчаҳои зиёде оваранд. Писаронаш химчаҳо оварданд. Мӯйсафед ба онҳо гуфт: “Акнун ҳамаи ин химчаҳоро якбора шиканед”

Писаронаш ҳарчанд кӯшиш карданд, ҳамаи химчаҳоро якбора шикаста натавонистанд. Баъд аз он падар аз баста химчаҳоро гирифта, якто-якто шикаст. Писарон фаҳмиданд, ин чи маъно дорад. Он вақт падар гуфт: “Бубинед, бо шумо чи хоҳад шуд, ба мисли ҳамин химчаҳо. Агар аҳлона зиндагӣ намоед, ҳеҷ гуна фалокат ба шумо ғолиб нахоҳад омад, аммо агар пароканда бошед, ба мисли ҳамин химчаҳое, ки ман ҷудо - ҷудо шикастам, шумо ҳам мағлуб хоҳед шуд”: ”Оре, бо иттифоқ ҷаҳон метавон гирифт!” (Аз ҳикматҳои Луқмони Ҳаким).

Калимаҳои зерин дар матн нав мебошанд:

Иттифоқ – муттаҳидӣ.

Хурдагирӣ – маломат.

Ҳадаф – вазифа, ният.

Заиф – суст, беқувват.

Баъд аз он, ки омӯзгор ин масалро нақл мекунад, ӯ метавонад басаҳнагузории онро ташкил намояд, ки дар он чор хонанда – яке дар нақши падар ва се нафар дар нақши писарон иштирок мекунанд. Ҳар як хонанда бояд тавзеҳ намояд, ки матнро чи гуна фаҳмидааст, зеро ҳар як калима ва ҳар як сухани дар матн ифодагардида ба таълиму тарбия ба таври мусбат таъсир мерасонад.

Метавон чунин байти Сайидои Насафиро мисол овард:

Мӯрчагон бишаванд иттифоқ.

Шери жаёнро бидаронанд пуст.

Агар мӯрчагон ҳамроҳ бошанд, ҳарчанд ки онҳо хеле хурданд, онҳо метавонанд шери даррандаро, ки ҳайвони қавӣ аст мағлуб кунанд. Пас дӯстӣ ва иттифоқ неруи бузург аст, ки ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз онро мағлуб натвонад кард.

Дар дарси 27 матни ба матни дарси гузашта монанд дода мешавад. Аммо ташкил ва гузаронидани дарс бояд ҷудогона бошад. Дар мавзуи “Дӯстӣ ва бародарӣ” бояд нақли хаттӣ навишт. Албатта, дарсҳои инкишофи нутқи хаттӣ - имтиҳони ҷиддӣ барои хонандагон мебошад, ки муайян мекунад, хонандагон ба кадом андоза мафҳуми “дӯстӣ” ро дарк намудаанд. Хонанда бояд матнро бихонад, зеро ин нақли хаттӣ бо унсурҳои иншо аст: хонанда бояд муҳтавои матнро нақл намояд ва дар нақли хаттӣ андешаи худро иброз дорад, дар бораи муҳтавои матни аввал ҳар чиро, ки фикр мекунад, менависад. Дар китоби дарсӣ нақшаи нақли хаттӣ дода шудааст:

1. Дӯст ва дӯстӣ.

2. Кори якҷоя осон аст ё душвор аст?

3. Фироқи дӯстони ҳақиқӣ.

4. На дӯсти зоҳирӣ, балки дӯсти ҳақиқӣ бояд шуд.

Омӯзгор ба ҳар нақли хаттӣ баҳо мегузорад. Кори хуби хонандагон бо овози баланд хонда мешавад, то ки онҳое, ки корро иҷро накардаанд, биёмӯзанд ва бифаҳманд, ки кор чи гуна иҷро карда мешавад.

Андарзҳо дар бораи одоби салом – яке аз дарсҳое мебошад, ки ба ҳамин мавзуъ мансуб мебошад ва он ҳам ба мавзуи сулҳ ва дӯстӣ иртибот дорад. Худи ибораи “ассалому алайкум” маънои “сулҳу саломатӣ барои шумо” – ро дорад. Ин мавзуи “Одоби салом” дар муҳтавои дарси 29 баррасӣ мегардад.

Дарси мазкурро бо саволи омӯзгор оғоз намудан мувофиқи мақсад мебошад: “Бачаҳо, дар синфи мо хонандагоне ҳастанд, ки бо якдигар мунокиша карда, бо ҳамдигар қаҳрӣ мебошанд”. Худи хонандагон ба омӯзгор кумак расонда, ҳамин гуна бачаҳоро муаррифӣ мекунанд. Масалан: Карим ва Саид чанд рӯз мешавад, ки бо якдигар қаҳрӣ ҳастанд. Аз якдигар ранҷидаанд. Омӯзгор Карим ва Саидро ба назди тахта даъват карда, сабаби мунокишаи онҳоро пурсида, ҳушдор медиҳад: “Бачаҳо, якдигарро ранҷонидан ё аз якдигар ранҷидан - ин кори хуб нест! Аммо агар дар байни шумо нофаҳмие рӯй дода бошад, пас аз якдигар бахшиш пурсида, метавонед боз байни ҳамдигар дӯстӣ барпо намоед. Бахшидан – ин сифати шоистаи инсон аст”. Омӯзгор дар назди ҳамаи синф хонандагонро оштӣ дода, пешниҳод мекунад, ки ба якдигар даст диҳанд. Ӯ мегӯяд: “Бачаҳо, салом додан ва дасти якдигарро фишор додан маънои онро дорад, ки дар миёни шумо сулҳу оштӣ барқарор шудааст”. Ҳамин тавр, омӯзгор хонандагонро ба мавзуи дарси “Одоби салом” омода намуда, матнро мехонад.

“Салом додан - ин алифбои одоб аст, салом маънии сулҳу саломатӣ ва оштӣ хостан аст. Маънои дигари салом – ин табрику таҳният мебошад. Салом кардан – ин воситаи дӯстии самимӣ аст, бинобар ин ҳеҷ гоҳ ба якдигар салом доданро фаромӯш накунед. Аммо салом додан одоби худро дорад. Масалан, ҳамеша аввал хурдсолон салом медиҳанд. Шумо бояд ҳамеша пеш аз калонсолон салом диҳед. Аммо ҳангоми салом додан саъй накунед, ки ба

ҳама даст дароз кунед. Сабр кунед, агар шахси калонсол аввал ба шумо даст дароз кунад, он гоҳ шумо ҳам барои салом кардан ба ӯ даст дароз кунед. Бо дасту рӯйи ношуста ҳеҷгоҳ салом накунед".

Пагоҳирӯзӣ, баъди бедор шудан аз хоб, бояд дасту рӯйро бишӯед. Баъд аз он ба аъзои оила салом диҳед. Баъзе шахсон фақат ба дӯстон ва хешу таборонашон салом медиҳанд. Ин кори мутлақо ғалат аст. Салом додан ба одаме, ки аз назди шумо мегузарад сифати шоистаи инсонӣ мебошад. Агар бо одамони ношинос салом диҳед, онҳо ба саломи шумо ҷавоб гуфта боз тарбияи шуморо бо хитобаҳои "Офарин", "Боракаллоҳ" таҳсин мегӯянд. Албатта, шумо ин суханонро шунида, хушҳол мешавед ва эҳсоси қаноатмандӣ мекунед. Охир, ин барои шумо мукофоти бузург аст. (Ҳоҷӣ Содиқ).

Дар ин матн фақат калимаи "Боракалло" – хитоби таҳсин эзоҳ мехоҳад. Ҳар як сархатро омӯзгор тавзеҳ дода, ба хонандагон басаҳнагузории матнро дар шакли бозӣ ташкил намуда, ба он муколамаро ворид менамояд. Масалан, Аҳмад нақши мӯйсафед ва Акрам нақши писарбачаро иҷро мекунанд. Онҳо дар рӯ ба рӯйи ҳамдигар ҳаракат мекунанд, хонандагон бояд муайян намоянд, ки аввал бояд кӣ салом диҳад. Ё ки яке нақши омӯзгор ва дигаре нақши хонандаро иҷро мекунанд. Ин ҳар ду бояд саломдиҳиро намоиш диҳанд, мушоҳидакунандагон, яъне хонандагон бояд муайян кунанд, ки оё онҳо ҳангоми саломдиҳӣ дуруст рафтор мекунанд ё нодуруст.

Саволҳои ҷамъбасткунанда метавонанд ин гуна бошанд:

1. Калимаи "салом" чи маънӣ дорад?

2. Аз рӯйи кадом қоидаҳо одамон ба якдигар салом медиҳанд?

Дар мавзуи "Оид ба одоби салом додан" мубоҳиса гузаронида мешавад. Албатта, саволҳо чандон душвор нестанд, бинобар ин, хонандагон бояд худашон ҷавоб диҳанд. Сипас ба кӯдакон шеър хонда мешавад ва дар бораи сулҳ, таҳаммулпазирӣ ва набудани ҷанг суҳбат гузаронида мешавад.

Ватани мо - ин диёри сулҳу амният, сарчашмаи дастовардҳо ва дӯстии халқҳо мебошад. Халқи мо тарафдори ҷанг нест. Мо барои сулҳ дар тамоми

ҷаҳон мубориза мебарем. Ҳамаи халқҳо бо як овоз ҳамроҳи мо барои сулҳ мубориза мебаранд. Дар тамоми дунё созмонҳое ташкил шудаанд, ки барои сулҳ мубориза мебаранд. Мо бояд ҳомии сулҳ бошем, хуб таҳсил намоем, дар хона ва дар таълимгоҳ кор кунем, ба одамони солхӯрда ёрӣ расонем, табиат ва маҳалли истиқомати худро ободу зебо созем, бо бачагони маҳаллаҳои дигар дӯстӣ намоем. Якҷоя суруд мехонем, ки то суруд ба дилҳои бачагон роҳ ёфта, дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ ва сулҳпарвариро бедор намояд. Суруд "Суруди сулҳ" ном дорад ва муаллифи он Боқӣ Раҳимзода аст. Хонандагон онро мехонанд:

Хонаи умеди дунё кишварам,
Кишвари паҳновару бахтоварам,
З-ин саодат сар ба гардунҳо барам,
Ҳофизи озодии баҳру барам.
Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.
Сулҳ чун хуршеди тобон ҳар саҳар,
Мешавад аз кишвари ман ҷилвагар,
Ҷумла оламро диҳад ӯ зебу фар,
Нур пошад бар сари навъи башар.
Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.
Баҳри олам сулҳ даркор аст, сулҳ,
Насли одамро нигаҳдор аст, сулҳ,
Чун шифои ҷони бемор аст, сулҳ,
Модаронро бахти бедор аст, сулҳ.
Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.

Кор бо луғатҳо:

Фалак – осмон.

Шукӯҳ - ҳашамат, бо каруфар.

Ин суруди пурмазмун дар муҳтавои дарси 138 “Забони модарӣ” дар синфи сеюм оварда шудааст. Дар суруд зарурати муҳофизати сулҳ барои ҳифзи табиати Ватан ва хушбахтии насли наврас тасвир карда мешавад. Дар ин суруд сулҳ бо офтоби тобон ташбеҳ дода мешавад. Тамоми зебоии сайёра ба сулҳ вобастагӣ дорад. Сулҳ ба мисли офтоб моро гарм мекунад. Сулҳ барои Коинот лозим аст. Насли инсон аз некуаҳволӣ ва сулҳ афзоиш мекунад.

Чун шифои ҷони бемор аст, сулҳ,
Модаронро бахти бедор аст, сулҳ.
Месароям сулҳро дар сози сулҳ,
То шавад дунё пур аз овози сулҳ.

Ин сурудро аксаран овозхони маъруфи ҷумҳурӣ Баҳодур Неъматов аз тариқи радио ва телевизион мехонад. Дар ин дарс суруд метавонад ба тариқи сабт шунавонида шавад. Ин суруд ба мавзуи дарс мувофиқат мекунад. Чунин методикаи гузаронидани дарс дар кӯдакон тафаккур ва тасаввурро дар бораи сулҳ, аҳамияти он, сабаби арзишманд будани он, дастархони пурнозу неъмат, ҳифзи замину об ва ободии ватани азиз рушд медиҳад.

Метавон назарияи ҷангро, ки муқобили сулҳ аст, тафсир намуд. Ҷанг-ин қаҳтӣ, гуруснагӣ, бадбахтӣ,талафоти зиёд барои инсоният аст. Ҷанг насли башарро нобуд месозад, ба модарон бадбахтӣ меоварад. Фарзандони онҳоро нобуд месозад. Дар замони ҷанг гуруснагӣ ва харобӣ дар ҷаҳон ҳукмронӣ мекунад. Вақте ки хонандагон бо даҳшат ва бадбахтиҳои ҷанг ошно мешаванд, худашон тарафдори сулҳ мегарданд.

Аз 1 сентябри соли 1986 бо қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ дар МТМУ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин дарси оғози соли нави таҳсил “дарси сулҳ” гузаронида мешавад. Ин дарсро метавон дар асоси маводи китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи чорум гузаронид.

Хуб мешуд, пеш аз оғози дарс синфро оро дода, дар тахтаи синф якчанд мисраъҳои пурмазмун дар васфи сулҳ навишта шавад. Метавон аз ҳикматҳои Саъдии Шерозӣ ё даъвату шиорҳои “Мо толиби сулҳем”, “Мо-муҳофизони сулҳ”, “Сулҳ мисли обу ҳаво лозим аст”!-ро навишт. Ҳамаи ин ифодаю иборахо ба кӯдакон ошно мебошанд ва онҳоро аз ёд медонанд. Аммо мазмун ва маънои ин иборахо на ба ҳамаи онҳо фаҳмо мебошанд.

Метавон аз сабти овози сурудҳои ба сулҳ бахшидашуда истифода намуд: хонандагон ба синф таҳти садои суруди сулҳ дохил мешаванд, чунки мусиқӣ ба хонандагон таъсири мусбат мерасонад.Сипас овози мусиқиро каме паст карда, аз хонандагон савол мекунад: “Сулҳ чист”. Хонандаи синфи чорум, ки дар муддати чор соли таҳсил ин калимаро борҳо шунидааст, метавонад дар бораи сулҳ якчанд ҷумла тартиб диҳанд. Омӯзгор метавонад илова намояд, ки сулҳ – ин осмони софу беғубор аст, вақте ки офтоб нур мепошад, садои хандаи кӯдакон ба гӯш мерасад, мурғон нағмасароӣ мекунанд. Сулҳ- дастархони пур аз нозу неъмат аст. Ба туфайли сулҳ, шумо кӯдакон таҳсил карда метавонед. Вақте ки мо калимаи “ҷанг”-ро ба забон меоварем, дар пеши назар манзараҳои даҳшатовари сӯхтори биноҳо, киштзорҳо ва боғу роғҳои валангоргардида, шаҳру деҳаҳои харобшуда, ҷасадҳои калонсолон ва кӯдакони қурбонгардида зоҳир мегарданд.

Минбаъд кӯдакон метавонанд воқеаҳои ҷангро нақл кунанд, аз рӯйи ин ҳикояҳо метавон саҳначае тартиб дод.Дар саҳна духтарон ба сарашон рӯймол партофта, нақши модарони сарбозони дар ҷабҳабударо бозӣ мекунанд. Ва инак, писарбачае бо либоси сарбозӣ дар тан давида ба саҳна баромада, муждаро эълон мекунад: “Ҷанг тамом шуд! Ҷанг ба охир расид!”. Сарбозон аз ҷабҳа бармегарданд. Дар ин лаҳза модарон ба пешвози писаронашон давида мебароянд. Хонандае, ки нақши модари дар ҷанг фарзандгумкардаро иҷро мекунад, бо нигоҳҳои пуризтироб акси писарашро ба ҳамаи сарбозон нишон дода, аз онҳо суроғи писарашро мепурсад. Ба саволи модар касе ҷавоб намедиҳад, ҳама хомӯшанд.

Модар мефаҳмад, ки писараш дар ҷанг ҳалок шудааст, ӯ бо чашмони ашкбор ҳамаи сарбозонро ба оғӯш мекашад. Пардаи саҳна пӯшида мешавад.

Албатта, ин ҳама саҳнаҳо бояд таҳти садои мусиқии маҳзун сурат бигиранд. Баъди хотимаи намоишнома омӯзгор ба хонандагон рӯ оварда мегӯяд: “Мо тарафдори сулҳем ва бояд сулҳро ҳифз кунем, то ки он ҳолате, ки мо ва шумо дар саҳна дидем, такрор нашавад. Барои тантанаи сулҳ мо бояд дар сулҳу амонӣ зиндагӣ карда, ҳеҷ гоҳ якдигарро наранҷонем”. Ҳамин тавр, дарс ба охир мерасад.

Дар қисми дуюми китоби “Забони модарӣ” барои синфи чорум матне бо номи “Зинда бод сулҳ” мавҷуд аст.

“Боре Фарҳод, ҳамдеҳаи ман, дар лаби ҷарӣ аз сангчаҳои рангоранг номи худро навишт. Ин ҳама барои мо хеле шавқовар буд. Мо ҳам ба мисли ӯ сангчаҳо ҷамъ карда, номҳоямонро навиштем. Дар як лаҳза лаби ҷар аз номҳо пур шуд”. Камол гуфт: “Ин тавр намешавад, биёед, ба ҷойи номҳои худамон ягон чизи ҷолиб менависем”. “Дуруст аст”- гуфт Фарҳод. Азиз аввалин шуда гуфт: “Биёед, “Зинда бод сулҳ”- менависем”. Ҳама ӯро тарафдорӣ карданд.

Дар суҳбат аз рӯйи матн мумкин аст саволҳо дода шаванд: Шумо чи фикр доред, чаро ҳама пешниҳоди Азизро тарафдорӣ карданд? Агар шумо ба сари кӯҳ бароед, чи кор мекунед? Ҳамин тавр? Чаро? Аз рӯйи посухҳо метавон муайян намуд, ки чи қадар ғояҳои сулҳдӯстиро кӯдакон қабул мекунанд.

Дар матни “Заррина” муҳтавои дарси 28 дар китоби дарсии “Забони модарӣ” барои синфи чорум ҳам мавзуи сулҳ ва ризоият таҳлил карда мешавад. Омӯзгор матнро ба кӯдакон хонда, мазмунашро нақл менамояд

“Дар замонҳои хеле қадим ба қабилаҳои аҷдодони мо занҳо роҳбарӣ мекарданд. Дар бораи ин таърихнигорон навиштаанд. Яке аз муаррихони Юнони Қадим, ки 2400 сол пеш аз ин умр ба сар мебурд, китобе навиштааст, ки дар он воқеаҳои ҳаёти аҷдоди мо – тоҷикон равшан тасвир карда шудаанд. Дар ин китоб инчунин маълумот дар бораи ҳаёти занон ҳам оварда шудааст. Яке аз шуҷоътарин занони он давра Заррина будааст. Заррина ягона духтари

хонавода будааст. Ба ӯ дар аспсаворӣ, шамшерзанӣ, найзапартоию тирандозӣ мардон баробар шуда наметавонистанд. Ӯ тирандози беҳамто буд.

Вақте ки падари ӯ, ки подшоҳ буд, вафот мекунад, Заррина ба ҷойи падар ба тахти подшоҳӣ менишинад ва то охири умр ба халқи худ хизмат менамояд ва ҳамеша дар сарзамини ӯ сулҳу амният ҳукмрон буд.

Дар замони салтанати Заррина қаламрави ӯ ободу сабзу хуррам гардид. Халқи кишвараш ӯро дӯст медошт ва эҳтиром мекард. Дар китобҳо навишта шудааст, ки Заррина ин ҷаҳони фониро тарк намуд ва ӯро бо тамоми иззату икром ба хок супурданд. Болои қабри ӯ мақбараи хеле бузургу зебо бунёд карданд, ки маҳалли зиёратгоҳи мухлисону дӯстдоронаш гардид".

Баъд аз шиносоӣ бо муҳтавои матн хонандагон ба саволҳои зерин посух медиҳанд:

1. Мавқеи зан дар ҷомеа дар замонҳои қадим чи гуна буд?
2. Дар бораи шуҷоатмандии Заррина нақл намоед.
3. Сифатҳои ахлоқии ӯро нависед ва ба матн савол гузоред.

Пас аз он мавзуи дарс бори дигар мустаҳкам карда мешавад. Азбаски Заррина шуҷоъ ва одил буд, халқ дар сулҳу осоиштагӣ зиндагӣ мекард. Барои ин халқ ӯро дӯст медошт ва эҳтиром мекард. Тимсоли подшоҳи хирадмандро омӯзгор метавонад бо тимсоли Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон  ташбеҳ.

Инак, 31 сол аст, ки Ҷаноби олӣ ба халқи худ бо ростКорию садоқатмандона хизмат мекунанд. Метавон ба таври мисол чунин суханони Пешвои миллатро овард: "Ман ба шумо сулҳу амният меоварам". Ҳамаи дастовардҳои давлат – ин неъмати сулҳ аст, бинобар ин кишвари мо рӯз то рӯз зеботару дилработар мегардад. Ин ҳама ба туфайли роҳбари хирадманди кишвари мо Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аст.

Ҳамин тавр дарсҳое ташкил карда мешаванд, ки дар асоси онҳо матнҳои дорои аҳамияти тарбиявидошта қарор мегиранд. Дар ҳамин ҳол, агар имкони гузаронидани муқоисаҳо бо воқеиятҳои кунунӣ вуҷуд дошта бошад, гузаронидани чунин муқоисаҳо дар дарсҳо манфиатовар мебуд.

Омӯзгорон илова бар матнҳои китобҳои дарсии фанни “Забони модарӣ” дар синфҳои ибтидоӣ метавонанд аз дигар матнҳое, ки ба талаботи дидактикӣ мувофиқат мекунанд, истифода намоянд. Вазифаи асосӣ дар ин маврид дар зеҳн ва қалби кӯдакон бедор кардани меҳру муҳаббат ба дӯстӣ, дарки ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром, сабру таҳаммул, дарки мафҳуми ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва дигар сифатҳои мусбати ахлоқӣ мебошад. Хонандагон бояд ба пуррагӣ дарк намоянд, ки ҷанг – ин роҳи нодурусти ҳалли мунокишаҳо мебошад. Дар тамоми давру замонҳо муноқишаҳо бо роҳи сулҳу оштӣ ҳаллу фасл мешуданд. Ниёгони мо ба такрор ин нуқтаи назарро баён кардаанд. Масалан, Фирдавсӣ ин андешаро чунин ифода менамояд:

Ғайр аз оштӣ набинем чизи дигар,
Ҷангҷӯро набошад эҳтиром.

Барои омӯхтани мавзуи сулҳ ва сулҳпарварӣ омӯзгор метавонад ба таври илова якчанд матнҳо оид ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро истифода намояд.

Ба сифати мисол истифода намудани шеъри Мирсаид Миршакар “Овози халқ” ба мақсад мувофиқ мебошад:

Дар оғӯши модарони дилбанд.
Барои таҳкими сулҳ кӯшо бош,
Сулҳу амониро мехоҳад Ватан
Замин ҳам хоҳони сулҳ аст,
Сулҳро бихоҳанд халқони ҷаҳон,
Сулҳ лозим асту оромӣ зарур,
Сулҳ барои халқ чун обу ҳаво
Фахр дорам ватанам пирӯз аст.
Барои таҳкими сулҳ кӯшоям,
Диҳам овози худро бо ҳама баҳри сулҳ  [272, с.250].

Шеъри Мирзо Турсунзода “Ситоиши сулҳ” низ аз аҳамияти тарбиявӣ бархӯрдор мебошад ва воситаи тарбияи сулҳпарварӣ ба шумор меравад.

Бо ифтихору хушҳолӣ диҳам хабар,
Ки дар деҳи дурдасти кӯҳистон,
Ватан муҳофизонро дорад.
Одамони мубориzu сулҳдӯст,
Дӯстдори саодат ва ҳаёти беҳтари мардум
Мубориzони зидди ҷангу вайрониҳо,
Онҳое, ки ошиқи истиқлоланд.
Сарпарастони бахту иқболанд,
Дар қалбҳои мубориzон ишқ чун савганд,
Мустаҳкам гардид ба рағми душманон,
Зеро ки ҷанг тасхир гардид, дар иҳотаи дӯстон,
Қувваи сулҳ боз ҳам қавитар гардид [414.с.52].

Шеърҳои мазкур ба муборизаи зидди ҷанг, мубориза барои сулҳ бахшида шудаанд. Омӯзгорон метавонанд ин матнҳо ва ҳамин гуна матнҳоро дар синфи чорум истифода намоянд, зеро онҳо ба синну соли кӯдакон мувофиқат мекунанд ва дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нақши муҳим доранд. Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ на танҳо дар раванди дарсҳо, балки дар фурсатҳои фориғ аз дарс низ бояд гузаронида шаванд.

Ноил шудан ба ин ҳадафҳо ба истеъдод ва аз маҳорати омӯзгор вобастагии калон дорад.

### 3.3. Фаъолияти роҳбари синф оид ба тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Вақти фориғ аз дарс – ин шакли ҷамъиятии кори беруназсинфии хонандагон мебошад. Агар бихоҳем, ки  муассисаи таълимӣ маркази ҳаёти

фарҳангии маҳалла ё ноҳия гардад, кори беруназсинфӣ дар муассисаи таълимӣ бояд дар сатҳи баланд ба роҳ монда шавад. Дар ин кор нақши асосиро роҳбари синф мебозад. Фаъолияти роҳбари синф дар синфҳои ибтидоӣ гуногунҷиҳат мебошад. Он чунин вижагиҳои худро дорад:

1) гузаштан аз вазифаҳои оддитарини тарбиявӣ ба шаклҳои мураккаби он, бо ҷалби доираи васеи хонандагон ба корҳои беруназсинфӣ, албатта, бо такя ба вижагиҳои фардии кӯдакон;

2) иштироки хонандагон дар чорабиниҳои муассисаи таълимӣ, ҷамъиятӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ.

Муҳимтарин ҳадафи кори беруназсинфӣ – ҷалби хонандагон ба меҳнат, фаъолияти зеҳнӣ ва фаъолноксозии захираи эҷодии онҳо мебошад. Мутобиқи он роҳбари синф бояд вазифаҳои зеринро амалӣ намояд:

а) такмил додани донишҳо аз рӯйи фанҳои дар муассисаи таълимӣ омӯхташаванда, тавсеа бахшидани андешаҳои илмии хонандагон, аз ҷумла оид ба проблемаҳои тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ;

б) рушд додани шавқу рағбати хонандагон ба таҳсил, тақвия додани талаботи онҳо ба дониш ва илм, такмил бахшидани қобилиятҳои эҷодии хонандагони хурдсол ва бо меҳнати фаъол ва эҷодӣ пур кардани ҳаёти онҳо мавриди корҳои беруназсинфӣ;

в) фаъолнокии меҳнати фоиданоки ҷамъиятии хонандагон, ки дар кори тарбия нақши муҳимро иҷро мекунад;

г) такмил додани тарбияи ғоявӣ, эстетикӣ ва ахлоқии хонандагон.

Кори беруназсинфӣ, пеш аз ҳама, ба усули умумидидактикӣ, яъне илмӣ будан, дастрас будан такя мекунад, аммо усули махсуси худро ҳам дорад, масалан, асли баробарии ҳуқуқи хонандаи қавӣ ва заиф, асли худихтиёрӣ. Ҳамаи намудҳои кори беруназсинфӣ ба фанҳои таълимӣ иртиботдошта ва ба фанҳои таълимӣ иртиботнадошта тақсим мешаванд. Самарабахшии корҳои беруназсинфӣ аз рӯйи ин ё он фан ба риояи руҳияи сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди тарбия вобаста мебошад.

Агар дар дарс ҳузур доштан барои хонандагон ҳатмӣ бошад, пас дар корҳои беруназзинфӣ онҳо аз рӯйи хоҳиш ва қобилиятҳои худ иштирок мекунанд,бинобар ин, шумораи хонандагон дар машғулиятҳои беруназзинфӣ номуайян мебошад. Шумораи мазкур метавонад тағйир ёбад, аммо вазифа аз он иборат аст, ки шумораи хонандагон ҳар дафъа афзоиш дошта бошад.

Фароғати хонанда – ин асосан кори амалӣ мебошад. Бинобар ин,кори беруназзинфӣ ва кори синфӣ бисёр ҷиҳатҳои муштарак доранд. Дар раванди фароғат,яъне дар вақти фориғ будан аз дарсҳо дар хонандагон бояд эътиқодоти ғоявӣ, сиёсӣ ва эстетикӣ ташаккул ёбанд.

Намудҳои корҳои беруназзинфии бо фанҳои таълимӣ иртиботдошта, инҳо чорабиниҳое мебошанд, ки дар заминаи илмӣ мутобиқи асли аз сода ба мураккаб, масалан, аз суҳбати эвристикӣ ба мулоҳизаронӣ ва мубоҳиса омода карда мешаванд. Асли аёният, асли илмӣ будан ва асли дастрас будан дар ташкили кори беруназзинфӣ нақши калон доранд. Ҳамаи аслҳо бо ҳам иртибот доранд, ки барои расидан ба ҳадаф дар раванди ташкили чорабинии беруназзинфӣ мусоидат менамояд.

Намудҳо ва шаклҳои кори беруназзинфӣ, ки дар вақти фориғ аз дарсҳо гузаронида мешавад, аз рӯйи мухтаво, ҳадафҳо, вазифаҳо ва шаклҳои методӣ ба маҳфилҳо ва дигар шаклҳои кори беруназзинфӣ, бо шумули ҳаллу фасли масъалаҳои тарбияи ахлоқии хонандагон берун аз раванди машғулиятҳои таълимӣ: соатҳои тарбиявӣ; маҷаллаи шифоҳӣ; маҷлисҳои пагоҳирӯзӣ, осорхонаи муассисаи таълимӣ; бозиҳои драматикӣ бо иҷрои нақшҳо (намоишномаҳои театри худфаъолиятӣ); бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ, рӯзномаҳои деворӣ ва ғайра тақсим мешаванд.

Маҳфилҳо, ки шакли асосии машғулиятҳои беруназзинфӣ мебошанд, метавонанд дар таълиму тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нақши назаррас дошта бошанд. Масалан, клуби “Манзили ободи ман” ё ки маҳфили “Мо – ватандӯстони ҷавони меҳанем”. Ба ин метавонад кори инфиродӣ бо волидон низ шомил гардад.

Мо ҳама хуб медонем, сарзамине, ки сулҳу оштӣ тамом шуд, дар он ҷо ҷанг оғоз мегардад. Сулҳ меҳру муҳаббат ва ризоият меоварад, ҷанг бошад, сабаби пайдоиши нафрат мегардад. Мо ҳама бояд дар шароити сулҳу оромӣ зиндагӣ намоем, бояд бидонем, ки халқҳои дигар чи гуна зиндагӣ доранд ва аз онҳо беҳтарин сифатҳо ва донишҳоро қабул карда гирем. Ҳама бояд дарк намоянд, ки ҷанг бозӣ нест.Ҷанг даҳшаттарин рӯйдод, фалокатест, ки ба ҳама бадбахтӣ меоварад. Аз ҷанг танҳо фурӯшандагони яроқу аслиҳа манфиат мебаранд, сармоя ҷамъоварӣ мекунанд, аз ҳисоби ҳалокати одамон сарватманд мешаванд.

Мо метавонем сулҳро танҳо бо роҳи ҳамдигарфаҳмӣ, дӯстӣ ва меҳру муҳаббат муҳофизат намоем. Сулҳро бо самимияти худ ҳимоя мекунем. Сулҳ барои рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва зиндагии мутавозини халқ зарур мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои анъанаҳо ва урфу одатҳои шоиста ва пурғановат мебошад. Дар кишвар таҷрибаи калони таълиму тарбиявӣ вуҷуд дорад, вале дар шароити кунунӣ мо бояд ин ҳамаро ба фаъолият табдил диҳем ва барои тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар ҳамаи муассисаҳои таҳсилотӣ бахусус хонандагони хурдсол истифода намоем.

Дар МТМУ –ии ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таълими ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ таҷрибаи калон андухта ва истифода мегардад. Барои тарбияи эҳсосоти ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ соатҳои тарбиявӣ, суҳбатҳо, конференсияҳо, мубоҳисаҳо, машқҳои ботантанаи пагоҳирӯзӣ, ҷашнҳо, бозиҳо бо иҷрои нақшҳои гуногун, мусобиқаҳои варзишӣ, намоишномаҳо, озмунҳои гуногун барои расми беҳтарин дар бораи сулҳ, аз ҷумла дар болои асфалт кашидани расм, расмҳо болои лавҳаҳо, тасвири суробу ангораҳо баргузор мегарданд. Ҳамчунин вохӯриҳо бо хонандагон аз кишварҳои хориҷӣ, мукотибаи хонандагон, истифодаи маводи осорхонаи муассисаи таълимӣ, тухфаҳои хотиравӣ, намоишҳои телевизионӣ, намоишҳои театрӣ, намоишномаҳои театри лӯхтак,

озмунҳои маҳфили мусиқии муассисаи таълимӣ ва бисёр дигар чорабиниҳо ташкил карда мешаванд.

Масъалаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар соатҳои тарбиявӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.Ҳамаи шаклҳои номбаршудаи корҳои берунazсинфиро омӯзгор барои муттаҳиду якпорча намудани коллективи хонандагон истифода мебарад. Ҳар куҷо, ки дар бораи ҳаёт сухан меравад ва суҳбат ҷолибу дастрас мегузарад, хонандагон мекӯшанд, ки ба саволҳои мавриди алоқаи худ ҷавоб пайдо намоянд. Дар соатҳои тарбиявӣ, муҳимтар аз ҳама, таъмин намудани фазои озод мебошад, то ки ҳар як хонанда тавонад нуқтаи назари худро дар бораи масъалаи муҳокимашаванда баён намояд ва кӯдакон проблемаро дарк карда, дастгирӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ дошта бошанд.

Мавзуи чунин соатҳои тарбиявӣ дар ҷумҳурӣ гуногун мебошанд: "Ояндаи ҷумҳурии мо – дар дӯстии халқҳост", "Дӯстӣ аз синф оғоз меёбад", "Дӯстии интернатсионалӣ дар коллектив", "Бе дӯстон наметавон зист", "Дар бораи дӯстӣ бо падару модарон", "Дӯстӣ - қосиди сулҳ", "Мо сулҳ мехоҳем", "Мо сулҳро санохонем", "Сулҳро ба хотири ободии кишвар тараннум мекунам", "Сулҳ ва осмони софро мехоҳем", "Сулҳ ва сайёраи мо", " Сулҳ – ваҳдати халқ аст", "Мавзуи сулҳ дар эҷодиёти Мирзо Турсунзода", "Сулҳпарварӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо дар байни хонандагон", "Ҷанг бадбахтӣ ва фоҷеа меоварад", "Тоҷикистон–диёри ман", "Ҳамдигарфаҳмӣ ба чи асос меёбад", "Садои дили кӯдакон", "Ватандӯстӣ - хислати хоси инсони ҳақиқӣ", "Масъулияти шахсиро ман чи гуна мефаҳмам", "Инсон барои худаш таваллуд нашудааст" ва ба монанди инҳо.

Соати тарбиявӣ дар мавзуи "Сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо дар миёни хонандагон" дар синфи чоруми М. Мамадбекова омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 шаҳри Душанбе чунин гузаронида шуд.

Пеш аз оғози дарс синф бо лавҳаҳои аёнӣ ва шиору овезаҳои гуногуни бахшида ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ороиш ёфтааст.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ меҳмонони даъватшударо бо руҳи болида пешвоз гирифтанд. Вақте ки мо вориди синф шудем, синф тозаю муроттаб ва бо айёниятҳои гуногун оро дода шуда буд. Хонандагон бодиққат ва бо меҳмонон меҳрубон буданд. Онҳо ба мавзуи дарс ва эҳсоси ватандӯстона шавқу рағбат доштанд. Пеш аз дарс дар тахтаи синф мавзуи дарс навишта шуда буд.

Омӯзгор чунин савол дод: “Шумо калимаи сулҳро чӣ тавр мефаҳмед?” Хонандагон ин тавр чавоб доданд: “Сулҳ- ин калимаи муқаддас аст ва ба он бояд муносибати муқаддас дошт: сулҳ – ин маънои бо атрофиён дӯстона, мушфиқона ва дар ҳамдигарфаҳмӣ зиндагӣ карданро дорад. Сулҳ – ин хушбахтӣ аст ва мо мехоҳем, ки ҳамаи одамони сайёраи мо дар сулҳу амонӣ зиндагӣ намоянд. Барои хушбахтӣ дар шароити сулҳу оромӣ бояд зист.” Ба саволи “Одамон бояд чи кор кунанд, ки дар сулҳу оромӣ умр ба сар баранд?”- хонандагон посуххои гуногун доданд. Масалан: “Мо бояд ба мисли додару хоҳар дӯстӣ дошта бошем”,”Бо ҳаёт бо назари оқилона бояд нигарист, бадкина набояд буд”, “Бояд якдигарро бахшид, рафтори ношоиста набояд кард”, Ба саволи дигар бошад: “Шумо ҳолати низоъоварро чи гуна тасаввур мекунед?” – хонандагон ҷавобҳои мушаххас дода натавонистанд. Он гоҳ хонандагон худашон савол доданд, ки худи низоъ чист? Омӯзгор чунин таърифро ба хонандагон пешниҳод намуд: “Низоъ – ин ҷанг, баҳсу мунокиша, бархӯрди манфиатҳо, хусумати андеша ва мавқеъҳо дар робитаҳои инсонҳо, бесарусомонӣ ба маънои психологӣ бо вуҷуди вазъияти ғайриинтизорӣ ва хатарноки тасаввуршаванда”. Омӯзгор илова мекунад:- “Ҳамзамон бо ин мо набояд бо якдигар нобоварона рафтор кунем, баҳси дағалонаро дар муносибати худ дур созем ва дар робитаҳо аз мавқеи душманона гурезем. Одамонро набояд аз рӯйи аломатҳои миллӣ ҷудо намуда, дар миёни онҳо ихтилоф ангезем”. Пас аз ин омӯзгор маънои мафҳуми низоъро фаҳмонида, ин мафҳумро ба хонандагон шарҳу тавзеҳ дода, якчанд мисолҳои дар ҳаёт ҷойдоштаро овард. Сипас омӯзгор аз хонандагон хоҳиш намуд, ки тасаввуроти худро оид ба ин масъала ба шакли

хаттӣ пешниҳод намоянд. Хонандагон ба ин савол ба таври хаттӣ ҷавоб доданд, ки одамон бояд чигуна низоъҳоро ҳаллу фасл намоянд. Онҳо ин тавр посух доданд: “Низоъ ва ҳолатҳои низоъангез бояд дар асоси ҳамдигарфаҳмӣ, бо назардошти манфиатҳои тарафайн ҳаллу фасл гарданд, лозим аст, ки одамон битавонанд андешаҳои ҳамдигарро ба оромӣ бишнаванд. Низоъ танҳо бо роҳи сулҳу ризоият дуруст ҳал мегардад, дар ғайри ин ҳолати низоӣ ба тадриҷ афзоиш ёфта, бо он мушкилоту ихтилофҳои нав илова мегардад ва ба ҷанг бурда мерасонад. Ин бошад хеле бад аст, зеро ҷанг маргу ҳалокати одамон ва харобиҳо меоварад”.

Бо гирифтани чунин ҷавобҳо метавон муайян намуд, ки кӯдакон мефаҳманд, ки низоъро бо роҳи гуфтушунидҳои сулҳомез, бо роҳи ба ҳисоб гирифтани манфиатҳои тарафайн, ба роҳи созишҳо метавон ҳаллу фасл намуд. Ба саволи “Шумо таҳти мафҳуми дӯстӣ чиро мефаҳмед?” – чунин ҷавобҳои гуногуни хонандагон пешниҳод гардиданд, аммо ҳамаи онҳо нишон медиҳанд, ки кӯдакон дар ин масъала мулоҳизаҳои дуруст доранд. “Дӯстӣ – ин пеш аз ҳама эҳтиром, дастгирии якдигар, махсусан дар лаҳзаҳои душвор, то ки дӯст дар паҳлуи дӯст бошад ва дар бартараф кардани мушкилиҳо такягоҳи ҷиддӣ бошад”.Ҳамин тавр, хонандагон моҳияти дӯстиро дарк мекунанд ва ба эҳтироми ин эҳсос оғоз мекунанд.

Дар дарсҳо ва дар чорабиниҳои беруназсинфӣ намудҳои гуногуни корҳо оид ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ба кор бурда мешаванд. Аз рӯйи мушоҳидаҳо метавон муайян намуд, ки дар муассисаи таълимӣ чунин кор ба таври мунтазам гузаронида мешавад ва он ба ҳукми анъана даромадааст. Ҳар соли таҳсил бо “Рӯзи дониш” бо суханону гуфтор дар бораи сулҳ оғоз меёбад. Яъне “Рузи дониш” бо “Дарси сулҳ”оғоз меёбад.

Баромади директори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 шаҳри Душанбе дар чорабинии бахшида ба оғози соли таҳсили як навъ даъвати “Хушбахтии халқ – ин сулҳаст ва мо бояд онро эҳтиёт намоем” гардид. Дар хотимаи суханронӣ директор коллективи муассисаи таълимиро

даъват намуд, ки ҳар як дарс бо гуфтор дар бораи сулҳ оғоз шавад ва бо он анҷом ёбад.

Коллективи педагогии МТМУ № 35 дар гузаронидани дарсҳои сулҳ таҷрибаи калон дорад. Ин бо мавҷуд будани он дар амалияи мавзуъҳои зерини дарсҳо дар синфҳои таҷрибавии муассиса исбот мегардад:

1. “Одамон аз дӯстӣ ёбанд бахт” – синфи 4б – омӯзгор Худойдодова М.

2.“Мо хоҳони сулҳем” – синфи 3а – омӯзгор Назархудоева Д.

3.“Президенти мо – рамзи сулҳу амният”-синфи 4 в-омӯзгор Бобоева С.

4.“Сулҳ - оғоз ва анҷоми ҳаёти мо”- синфи 2 в – омӯзгор Темурова М.

5.“Сулҳу ризоият бо мусиқӣ”- синфи 1а – омӯзгор Иматшоева И. ва ғайра.

Коллективи муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35-и шаҳри Душанбе дар тарбияи эҳсоси шаъну ифтихор рамзҳои давлатии кишварамонро истифода менамояд. Воқеан ҳам, рамзҳои давлатӣ муҳтавои ғоявӣ доранд. Ҳар як рамз – ин нишонаи давлати соҳибистиқлол мебошад.

Ба ақидаи омӯзгорони синфҳои таҷрибавии муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 шаҳри Душанбе кӯдакон саъй мекунанд, ки на танҳо рамзҳо, балки маънои ҳар як рамзро бидонанд. Якчанд нафар хонандагони синфҳои болоӣ гурӯҳи ташаббускорро ташкил намудаанд, ки бо хонандагони синфҳои поёнӣ вохӯриҳо гузаронида, атрофи рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро саволу ҷавоб мекунанд.

Ба андешаи омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 Худойназарова М. дар раванди ҳикоя ва мулоҳизаҳо дар бораи рамзҳо дар кӯдакон эҳсоси дӯстӣ пайдо шуда, он мафҳум ташаккул меёбад, ки мо бояд барои ободии ватанамон сарфи назар аз миллат ва муносибат ба дин меҳнат намоем.

Дар кори тарбиявии вобаста ба рамзҳои кишвар мо ду самтро бояд муайян намоем:

1) шарҳ ва тавзеҳи унсурҳои муқаддасоти миллӣ ва риояи урфу одатҳо;

2) тарбияи эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ .

Бо хонандагон бояд корҳои фаҳмондадиҳиро аз он нуқтаи назар бояд роҳандозӣ намуд, ки одамон бояд рамзҳоро муқаддас ҳисоб карда, эҳсоси эҳтиром ва фидокорӣ нисбат ба Ватан-Ҷумҳурии Тоҷикистонро ифода намоянд.

Зарур аст, хонандагонро бо ашёе, ки дар онҳо Нишони давлатии ҷумҳурӣ тасвир шудааст, ошно намоем. Дар он аз тарафи рост хӯшаи гандум, аз тарафи чап ниҳоли пахта тасвир шудаанд. Пахта ва гандум сарвати асосии кишвар мебошанд, ки эҳтиёҷоти ҷумҳуриро таъмин намуда,зиндагии моро ба сатҳи нисбатан баланд фароҳам месозад. Китоби кушода Конститутсияи ҷумҳурии Тоҷикистон мустақилиятӣ, демократӣ ва соҳибистиқлолии давлати тоҷиконро инъикос мекунад. Конститутсия қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва шаҳрвандони кишвар бояд ҳамаи меъёрҳои дар он пешбинишударо риоя намоянд, тибқи қисми якуми моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни мазкур бевосита амал мекунад ва аз лиҳози эътибори ҳуқуқии худ, ҳатто аз дигар қонунҳо баландтар ва қавитар мебошад. Шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар назди қонун баробаранд ва дар назди виҷдони худ масъулият доранд, онҳо бояд тибқи талаботи манфиати давлатӣ ва ҷамъиятӣ кор ва зиндагӣ намоянд.

Дар маркази Нишон шуоҳои офтоби тулуъкунанда аз паси кӯҳҳо, ки ҳама ҷоро равшан мекунанд, намоён аст. Ин маънои онро дорад, ки таърихи бостонии кишвари мо равшан мегардад.Тоҷ ва ҳафт ситора дар болои он сарвати маънавӣ ва мероси фарҳангии моро нишон медиҳад.

Чунин дарки Нишон ба муҳтавои Суруди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад. Дар Суруди миллии ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳру муҳаббат ба Ватан, ифтихори миллӣ барои озодӣ ва истиқлолияти Ватан омода будан тасвири шукуфонии он гуфта мешавад. Ташкили суҳбатҳо дар мавзуи “Нишони давлатии мо – рамзи сулҳ ва меҳнат”.

Эҳтироми рамзҳои ҷумҳурӣ ба эҳтироми худ ва ифодаи меҳру муҳаббат ба Суруди миллӣ иртибот дорад. Кӯдакон бояд Ватани худ ва

муқаддасоти миллии онро шиносанд ва эҳтиром гузоранд. То ин ки донишҳои хонандагони синфҳои ибтидоӣ атрофи ватани хеш, муқаддасоти миллӣ ва сарватҳои он, табиати он мустаҳкам шаванд, ба коллективи хонандагон вазифаҳои лоиҳавӣ - тартиб додани албом бо рамзҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарватҳо ва табиати он нақшагирӣ карда мешавад.

Ба кори ҷамъоварии мавод барои тартиб додани албом тибқи дарсҳои беруназсинфии тарбиявӣ ҳамаи хонандагон ҷалб карда мешаванд. Дар вақти омодагӣ ба ин кор, пеш аз ҳама, имкониятҳои хонандагон ба назар гирифта мешавад. Метавон ҳар як саҳифаи албомро бо шеърҳо, овардани иқтибосҳо аз суханони бузургон ва аёният ороиш дод. Мавзуи албом метавонад гуногун бошад ва онро метавон марҳила ба марҳила ороиш дода мавриди истифода қарор диҳанд. Ҳангоми омодасозии саҳифаҳои албом кӯдакон дар гурӯҳҳо муттаҳид мешаванд. Шумораи аъзои гурӯҳҳо вобаста ба он аст, ки онҳо кадом саҳифаи албомро баровардан мехоҳанд. Дар омодасозии албом ва гузаронидани чорабинии шифоҳӣ оид ба албом метавонанд волидони хонандагон низ иштирок намоянд.

Маҷаллаи шифоҳӣ, ки ба сифати таҷриба дар муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 шаҳри Душанбе аз тарафи омӯзгор Худойдодова М. мураттаб гардида буд ба мавзуи "Сулҳ баҳор оварад" бахшида шуда, аз чунин саҳифаҳо иборат буд:

1.Сулҳ ба мисли обу ҳаво лозим аст.

2.Бигзор ҳамеша бошад хуршед!

3.Мо, кӯдакон, хушбахтӣ мехоҳем, Тоҷикистони азиз!

4.Мо чи гуна дӯстӣ мекунем?

5.Некӣ бар бадӣ пирӯз хоҳад шуд (саҳнача).

Мақсади баргузор намудани маҷаллаи шифоҳӣ дар ин мавзуъ дар он мебошад, ки ба хонандагон амиқтар фаҳмонда шавад, ки сулҳ сарвати бебаҳост. Ба онҳо бояд тавзеҳ намуд, ки чи бояд кард, ки дар сулҳу амонӣ умр ба сар барем. Бо ин мақсад мо бояд хонандагонро одоби гуфтор ва ҳусни баёнро омӯзонем, то ки хонандагон дарк намоянл, ки дар хона, дар ҳавлӣ, дар

синф, бо ҳамсоягон ва намояндагони миллатҳои дигар дар сулҳу ризоият зиндагӣ намоянд.

Ҳангоми баргузор намудани маҷаллаи шифоҳӣ дар синф дар мизи назди тахтаи синф албоми калоне гузошта шудааст, ки онҳо саҳифаҳои маҷалла мебошанд. Китоби мусаввар пур аз маводи мавзуӣ, тасвирҳои аз тарафи кӯдакон таҳияшуда мебошанд. Дар ороиши маҷалла инчунин падару модарон ёрӣ мерасонанд. Саҳифаи якум таҳти унвони “Сулҳ мисли обу ҳаво лозим аст” бо сухбат дар ин хусус оғоз мегардад. Дар бораи манфиати сулҳ дар Конститутсияи ҷумҳурии Тоҷикистон сухан меравад. Нишони Тоҷикистон – рамзи дӯстӣ мебошад. Дар суҳбат бо хонандагон дар бораи сиёсати сулҳдӯстонаи давлати мустақили мо сухан меравад. Дар суҳбат хонандагон дар бораи дастовардҳои истиқлолият мулоҳизаронӣ мекунанд.

Хонандагон ба хулоса омаданд, ки сулҳ барои ҳамаи сокинони рӯйи замин, махсусан, кӯдакон зарур аст, то ки онҳо хушбахтона зиндагӣ карда, дӯстону рафиқон ва волидони худро аз даст надиҳанд. Озмуни “Бигзор ҳамеша офтоб бошад!” эълон карда шуд. Ба хонандагон пешниҳод гардид, ки мушоҳидаҳои худро дар ин маврид тасвир намоянд. Ғайр аз ин лозим буд, ки ҳар як хонанда расми кашидаашро шарҳу эзоҳ диҳад. Озмун дар саҳифаи дуюм чоп шуда буд.

Саҳифаи сеюм – ин “Мо кӯдакони Тоҷикистони азиз хушбахтем” буд. Бо ҳамин суханон баромади яке аз волидоне,ки дар ҳукумати шаҳри Душанбе кор мекард, оғоз гардид. Дар баромади худ ӯ гуфт:“Ҳаракат бо роҳи демократия дар шароити кунунӣ – ин зарурат аст. Мустақилият ва соҳибихтиёрии ҷумҳурӣ, бухрони иқтисодӣ, ҷанги шаҳрвандие, ки гузашт калонсолону хурдсолон, ҳамаи намояндагони миллатҳои гуногуни сокини Тоҷикистонро водор месозад ки дӯстӣ ва ҳамдигарфаҳмиро қадр намоянд. Ҳама дар бораи харобиҳои ҷанг, қатлу ғоратгариҳо шунидаанд, ҳатто баъзе ҳозирон шоҳид ҳам будаанд. Ин ҳама ба психологияи кӯдакон таъсири манфӣ расонид. Кӯдакии хушбахтона фақат дар шароити сулҳу амонӣ имконпазир аст. Лозим аст, ки ҳатман дар кӯдакон эҳсоси эҳтиром ба фарҳанг ва ба

сарватҳои тамомнашавандаи маънавии халқи мо ва эҳтиром ба дигар халқҳо иншо гардад. Аз ин рӯ, зарур аст, ҳар гуна мунокиша бо роҳи сулҳу оштӣ ҳал карда шавад".

Барои баргузории маҷаллаи шифоҳӣ озмуни беҳтарин лавҳа ва расм эълон карда шуд. Дар расмҳо хонандагон бояд тасвир намоянд, ки кӯдакии хушбахтонаи худро чи гуна дидан мехоҳанд. Ҳангоми баргузории чорабинӣ натиҷаи озмун эълон карда мешавад ва ғолибон муайян карда мешаванд.

Собиқадори ҷанг ва меҳнат Аҳмад Содиқов нақл намуд, ки ӯ чи гуна ба ободӣ ва шукуфоии ҷумҳурӣ саҳм гузоштааст: "Мо ҳама кушиш ба харҷ бурдем, то ки фарзандони мо зиндагии хушбахтона дошта бошанд" – гуфт дар хотимаи суханронии худ собиқадори Ҷанги бузурги ватанӣ.

Дар хотимаи чорабинӣ ашъори шоирони бузурги тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Лоиқ Шералӣ, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Гулназар Келдӣ, Сайдалӣ Ализода бахшида ба сулҳу дӯстӣ ва бародарӣ қироат шуданд.

Дар саҳифаи чоруми маҷалла мавзуи "Мо чӣ тавр дӯстӣ мекунем" ҷой дода шудааст. Ин саҳифа ба кӯдакон дар муайян кардани моҳияти дӯстӣ ва манфиати он дар зиндагии инсон кумак мерасонад. Кӯдакон мисолҳои худро дар бораи дӯстӣ оварданд ва муайян карданд, ки дӯстӣ – ин эътимод, ростӣ, воқеият аст. Хонандагон ба ин мавзуъ пешакӣ омода шудаанд, зеро мисолҳои онҳо дар бораи дӯстон на танҳо аз синф, балки аз кӯчаю деҳа ва шаҳр, низ будаанд.

Онҳо худашон саҳифаҳои "Қонуни дӯстӣ", "Дӯстиро ҷустуҷӯ намо, пайдо, ки кардӣ эҳтиёт намо!", "Дӯстӣ кардан, пас рост гуфтан", "Дӯстро дар мушкилӣ тарк накун!", "Саъй намо, ки ба дӯстат чеҳраи воқеии худро нишон диҳӣ" ва ғайраро ба вуҷуд оварданд. Хонандагон дар мавзуи "Дӯсти ман" иншо навиштанд, ки дар он сабаби дӯстиашонро бо дӯстонашон нишон доданд. Ҳадафии асосӣ аз он иборат буд, ки онҳо маънӣ ва моҳияти зарбулмасали "Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст, дар парешонҳолию дармондагӣ "- сарфаҳм раванд.

Саҳифаи панҷуми маҷалла – ин саҳначаи “Хайр бар Шар пирӯз мешавад” буд. Дар сахна ду писарбача буданд: яке Хайр ва дигаре Шар. Саҳнача ба ҳозирон таъсири мусбат расонид.

Маҷалла (албом) яке аз шаклҳои кори берунāзсинфӣ аст, ки дар кӯдакон шавқу рағбатро зоҳир намуда, дар кори тарбиявӣ ёрӣ мерасонад. Дар муассисаи таълимии номбурда ҷамъомадҳои пагоҳирӯзӣ оид ба ин ё он мавзуъ дар ҳар рӯзи душанбе гузаронида мешавад. Дар ин чорабинӣ мавзуъҳои гуногун баррасӣ карда мешаванд, аз қабили “Дар бораи дӯстӣ ва дӯстон”, “Созмонҳои байналмилалӣ ва ёрии онҳо ба ҷумҳурӣ”, “Сулҳдӯстӣ ва ҳалли мусолиматомези низоъҳо” ва ғайра.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ва Кӯлоб мавзуи чорабиниҳои тарбиявӣ пешакӣ тақсим ва ба ҳама эълон карда мешавад. Омӯзгорон ва хонанлагон ба ҳар як мавзуъ омодагӣ мегиранд.

Дар муҳокимаи ин мавзуъҳо метавонанд волидон ва хоҳишмандон иштирок намоянд. Омӯзгорон саъй мекунанд, ки хонандагон дар муҳокимаҳо иштирок карда, андешаҳои худро баён намоянд. Дар ин кор ба хонандагони хурдсол хонандагони синфҳои болоӣ кумак мекунанд. Мисолҳо асосан аз ҳаёти муассисаи таълимӣ оварда мешаванд. Мавзуъҳо тақрибан чунинанд: “Дар бораи дӯстӣ ва дӯстон”, “Мо ҳама аъзои як оила”, “Чӣ хуб асту чӣ бад”, “Дар бораи дӯстии писарон ва духтарон”,“Гул кун ҳамеша Ватанам Тоҷикистон!”,“Мо хоҳони сулҳем”ва ғайра. Кӯдакон на танҳо дар муҳокимаи мавзуъ иштирок мекунанд, инчунин маслиҳатҳои муфид ҳам медиҳанд. Баъзан барои кушода додани хислатҳои мусбат ва манфии хулқу атвор тимсолҳои қаҳрамонони афсона ва ҳикояҳо истифода мешаванд. Дар ин чорабиниҳо шеърҳо, сурудҳои ба дӯстӣ, сулҳ ва ҳамдигарфаҳмӣ бахшидашуда садо медиҳанд. Ин шакл ва методи таълим, махсусан, ба хонандагон дар баён ва ифода намудани андешаҳояшон оид ба ин ё он масъала ва шунидани ақидаҳои дигарон мусоидат менамояд.

Таъсис додани осорхонаҳо дар муассисаи таълимӣ ҳам тарзи ташаккул додани ахлоқи ҳар як шахсият мегардад. Осорхонаҳои муассисаҳои таълимӣ

бо ёрии омӯзгорон, хонандагон, инчунин падару модарон ташкил карда мешаванд. Осорхона - ин на танҳо маводи арзишманд, хотираи гузашта, балки маркази фаъолияти ҷамъиятӣ мебошад, ки робитаҳои миёни гузашта ва имрӯзаро мустаҳкам менамояд, ин таърихи деҳа, ноҳия, вилоят ва ҷумҳурӣ мебошад. Фаъолияти осорхона ба раванди таълиму тарбия, фаъолияти созмонҳои ҷамъиятӣ ва шахсони алоҳидаи ба омӯзиши таърихи диёри худ машғулбуда вобастагӣ дорад. Он шароити кори дастаҷамъӣ ва инфиродиро таъмин менамояд. Ин кор ба тамоми ҷараёни ташаккули шахсияти хонандаи синфҳои ибтидоӣ таъсири мусбат мерасонад. Кушода шудани осорхона ба такмилёбии мавод тавассути сайру саёҳатҳои илмии ҷустуҷӯии кишваршиносӣ таҳти шиори “Тоҷикистон – диёри азизи ман”, ки таҳти роҳбарии Пажӯҳишгоҳи таърихӣ, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳо, инчунин Осорхонаи миллии Тоҷикистон, осорхонаи маориф ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ, созмон ёфта буд, мусоидат намуд.

Маводи хотиравии осорхона ба хонандагон кумак мерасонад, ки зиндагии замони гузаштаро бо шароити имрӯза қиёс намуда, тафовути онро тасаввур кунанд. Ин ҳама кумак мекунад, ки хонандагон дар руҳияи эҳтиром ба анъана ва урфу одатҳои халқӣ, ба дастовардҳои кунунӣ тарбия шаванд. Хонандагон дар мисоли қаҳрамонони замони мо панд гирифта, корномаҳои қаҳрамононаи онҳо барои ҷавонон намунаи ибрат мешаванд. Кӯдакон бартараф кардани душвориҳоро ёд мегиранд, интизомнокӣ, дӯстӣ ва садоқатро меомӯзанд. Хонандагон дар бораи корномаҳои бузурги замони гузашта бисёр маълумот доранд, аммо дар зиндагӣ онҳо наметавонанд фаъолияти одамони наздики худро, ки барои онҳо воқеан намунаи ибрат аст, арзёбӣ намоянд. Зеро хонандагони хурдсол мавриди арзёбӣ душворӣ мекашанд.

Ҷанги бародаркуш дар сарзамини мо таконе барои ташкили осорхонаҳои хотиравӣ гардид. Маводи осорхона маҳз барои ҳамин мақсад истифода мешуд. Маводи мазкур дар тарбияи хонандагон дар руҳияи

ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва эҳтиром нисбат ба ҳамаи халқҳо сарфи назар аз ақидаҳо ва эътиқодоти динии онҳо мусоидат менамуд. Чунончи, дар шаҳри Кӯлоб осорхонаҳои бахшида ба тарбиятгирандагони МТМУ №5 – ба номи Лангарӣ Лангариев, МТМУ № 42 – ба номи Хуршед Қосимов, МТМУ № 13- ба номи Амиршо Самадов ташкил карда шудаанд. Бо қарори ҳукумати шаҳр муассисаҳои таълимии мазкур ба номи қаҳрамонони номбурда гузошта шудаанд. Дар ташкили ин осорхонаҳо омӯзгорону хонандагон, инчунин баъзе сокинони шаҳр иштирок намуданд.

Лангарӣ Лангариев, Хуршед Қосимов ва Амиршо Самадов дорои сифатҳои волои инсонӣ буданд. Онҳо ҳамеша дорои эҳсоси қарз дар назди Ватан, садоқат ба кори ҷамъиятӣ, муносибати башардӯстона нисбат ба одамон ва масъулият ба рӯйдодҳои кишвар буданд. Онҳо орзӯ доштанд, ки халқи тоҷик дар сулҳу ризоият зиндагӣ дошта бошанд. Лаҳзае, ки Ватан ба ҳифзу дифоъ эҳтиёҷ пайдо кард, онҳо ҳаёти худро дареғ надоштанд ва ба ҳимояи давлатдорӣ, шаъну шараф, озодӣ ва истиқлолияти кишвари худ бархостанд.

Маводи осорхона ба бинандагон ҳушдор медиҳад, ки хиёнат ба халқу Ватан, ҳал карда натавонистани низоъҳо ба фалокат оварда мерасонад. Сулҳу амнияти мамлакатро хароб месозад. Мақсади ташкили чунин осорхонаҳо дар он аст, ки дар хонандагон эҳсоси дӯстӣ ва меҳру муҳаббат ба Ватан тарбия карда шавад. Дар осорхонаи Лангарӣ Лангариев чунин мавзуъҳо мавҷуданд: “Мо дар як оила зиндагӣ мекунем”, “Урфу одат ва анъанаҳо ва нақши онҳо дар тарбияи хонандагон”,“Хонандагонро дар руҳияи сулҳдӯстӣ тарбия мекунем” ва ғайра. Дар осорхона соатҳои тарбиявӣ, суҳбат ва вохӯриҳо гузаронида мешаванд.

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ таҳти унвони “Мо бо ҳамаи халқҳо ва сокинони ҷумҳурӣ дар як оила зиндагӣ мекунем” иштирок намуданд. Барои суҳбату баҳсҳо мавзуъҳои сулҳдӯстӣ ва сулҳпарварӣ дар ҷамъомади пагоҳирӯзӣ ва чорабиниҳои умумимактабӣ интихоб карда мешаванд. Дар ин чорабиниҳо хондани маърӯзаю шеъру суруд

дар бораи дӯстию рафоқат, садоқат ба халқу ватан, сулҳу осоиштагӣ ва беҳтарин роҳи ҳалли низоъҳо садо дод.

Ҳадафи баргузории чунин чорабиниҳо нишон додани зарурати сулҳу оромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ дар оила, дар муассисаи таълимӣ, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар ин хусус ҳар сол 10 январ дар рӯзи хотира ва 9 июл дар зодрӯзи Лангарӣ Лангариев дар муассисаи таълимӣ чорабиниҳо гузаронида мешаванд. Дар ин рӯзҳо дар назди хонандагон ҳамсинфони қаҳрамон, намояндагони ҳукумат суханронӣ мекунанд. Дар суханрониҳои онҳо оид ба нигоҳ доштани фазои сулҳу оромӣ, эҳтироми муқаддасоти Ватан нафрат ба ҷангу ҷидол садо медиҳанд. Даъват карда мешавад, ки ҳамаи муаммоҳо ва низоъҳо бо роҳи осоишта ҳаллу фасл карда шаванд. Ҷустуҷӯи нигораҳо ва кори осорхона имкон медиҳад, ки рафтори қаҳрамононаи одамони наздик эҳсос гардад, дар бораи пайванди дирӯз ва имрӯз тасаввурот ҳосил гардад.

Дар осорхона хонандагон аз ҷаҳонбинии шахсоне огоҳ мегарданд, ки пеш аз нишон додани корнамоӣ дар зодгоҳи онҳо зиндагӣ карда, дар ин муассисаи таълимӣ таҳсил кардаанд.Тарбияи ахлоқӣ ва меҳнатии хонандагон дар намунаи ибрати қаҳрамонон аз аҳамияти мусбат бархӯрдор мебошад. Тавассути ҳамин гуна чорабиниҳо хонандагон имконияти тарбия гирифтан дар руҳияи эҳтиром ба калонсолон, қадр намудан ва идома додани анъанаҳо ва урфу одатҳои халқӣ тоҷик, омӯхтан ва дӯст доштани зиндагӣ дар шароити сулҳу оромӣ, қадр намудани кори росту дуруст фароҳам мегардад. Ҳар як рӯйдоди қаҳрамонона бо ёрии омӯзгор баррасӣ мегардад, то ки ҳар чи дар гузашта будааст, дар хотираи кӯдакон нақш бандад, то ки онҳо ҳақиқатро аз дурӯғ фарқ карда тавонанд.

Аммо на танҳо боздиди осорхонаҳо ё ҷамъоварии нигораҳо барои осорхонаҳо ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро инкишоф медиҳад, нақши тарбиявиро метавонанд бозиҳои серҳаракати анъанавии миллӣ, ки дорои унсурҳои тарбияи ҷисмонии халқи тоҷик мебошанд, иҷро намоянд.

Қобили қайд аст, тарбияи ҷисмонӣ дар байни халқи тоҷик аз замонҳои қадим маълум буд. Бозиҳои серҳаракати миллӣ ва саргармиҳо ҳамчун як бахши тарбияи ҷисмонӣ дар миёни халқи тоҷик аз қадимтарин замонҳо вуҷуд доштанд. Дар ин бора ёдгориҳои бостоншиносию мардумшиносӣ ва таърихӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар миёни мардумони сокини Осиёи Марказӣ ҳанӯз то солшумории мо машқҳои гуногуни ҷисмонӣ маъмул будаанд.

Машғул шудан ба тарбияи ҷисмонӣ на танҳо ба мустаҳкам шудани саломатии кӯдакон, балки ба хушахлоқии онҳо, мустаҳкам гаштани дӯстии байни онҳо, низ мусоидат менамояд. Дар замонҳои қадимтарин машқҳои ҷисмонӣ ба аҷдоди мо барои ба даст овардани ғизо ҷиҳати ҳаётгузаронӣ дар ҷамъияти ибтидоӣ мусоидат мекарданд. Фарҳанги Эрони бостон, ки ба фарҳанги тоҷикон хеле наздик аст, таъсири бузург расонидааст. Аммо фарҳанги тоҷикон аз ин раванд аҳамияти худро аз даст надодааст.

Бозиҳои серҳаракати шарқӣ шомили машқҳои гуногуни ҷисмонӣ мебошанд, ки варзишҳои давидан, роҳпаймоӣ, гуштин, ҷаҳидан ва дигар машқҳоро дар бар мегирифт. Дар байни бозиҳои серҳаракати мо мусобиқаи гуштингирӣ мақоми махсус дошт. Ҳамчунин машқҳои гурзандозӣ барои расондан ба ҳадаф маъмул буданд. Ин бозиҳо дар кӯдакон тоқату бурдборӣ, росткорӣ, боадолатиро тарбия намуда, сифатҳои ахлоқии онҳоро дар руҳияи таҳаммулпазирӣ, сулҳпарварӣ ва ватандӯстӣ баланд мебардорад. Бозиҳои серҳаракати миллӣ дар кӯдакон солимии ҷисмашонро мустаҳкам менамоянд.

Мутафаккирони гузаштаи мо низ ба саломатии инсон таваҷҷуҳ доштаанд. Чунончи, шоири бузурги асри XII Абулмаҷд Саноӣ, чунин ҳисоб мекард, ки риояи ҳадди эътидол, яъне муътадилӣ дар ҳама кору амал ба саломатӣ манфиати бузург дорад. Шоири мутафаккир навишта буд, ки барои инсон аз ҳама чиз муҳимтар саломатӣ аст, бинобар ин зарур аст, ки ҳамеша дар бораи он ғамхорӣ намоем: “Аз тамоми неъматҳо дар ин дунё ҳеҷ чиз ба саломатии шумо қиёс намешавад. Ин ҳамон вақт тасдиқ мегардад, ки шумо аз бемор мепурсед, ки куҷояш дард мекунад. Агар дар корҳо ба мушкилӣ гирифтор шудӣ, ғам махӯр, агар сиҳату саломат бошӣ”.

Бозиҳои серҳаракати миллӣ дорои хусусиятҳое мебошанд, ки имкон медиҳанд, анъанаҳои тарбияи ҷисмонии миллӣ бо замони ҳозира ва вазифаҳои баланд бардоштани самаранокии тарбияи ҷисмонии кӯдакон дар замони мо ҳамоҳанг карда шаванд. Дар бозиҳои тоҷикӣ (дар муқоиса бо бозиҳои русӣ, украинӣ, белорусӣ, қазоқӣ) асосан машқҳои тавонмандӣ бартарӣ доранд.

Педагог, профессор Ш.А. Сафаров зимни таҳқиқоти хеш дар масъалаи истифодаи бозиҳои миллӣ ақидаи хешро чунин иброз намудааст: “Бозиҳои серҳаракати миллӣ ба низоми марказии асаби хонандагони хурдсол таъсири мусоид мерасонанд. Дар натиҷаи машғулиятҳои доимӣ ба бозиҳои серҳаракати миллии тоҷикӣ дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҷисми онҳо такмил ёфта, ҳолатҳои асосии бадан тасҳеҳ мегардад ва саломатӣ беҳбудӣ меёбад” [366, с.125].

Албата ин ҳама дар замони мо амри зарурист. Бозиҳои серҳаракати миллӣ ба равандҳои сершумори тафаккурӣ, ки қодиранд ба қобилияти қабули қарорҳои таъҷилии хонандагони хурдсол дар шароити зуд тағйирёбанда таъсир расонанд, мусоидат мекунанд. Дар натиҷаи ин чолокии вокунишҳои ҳаракатӣ, ки сифати асосии ҷисмонӣ мебошад, ба даст оварда мешавад.

Ҳатман бояд ба назар гирифт, ки рушди чунин сифатҳои бозиҳои серҳаракат аз қабили чолокӣ, суръатнокӣ, нишонгирӣ, бурдборӣ ва нерумандӣ дар хонандагони хурдсол ҳамзамон бо таъминшавии амалҳои ҳаракатӣ дар дарс ва дар вақти берун аз дарс афзоиш меёбад.

Варзиш-қосиди сулҳ аст. Аз ин рӯ бозиҳои серҳаракати миллии тоҷикӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳалли низоъҳо ва ихтилофҳо нақши муайян доранд. Дар чунин бозиҳо асосҳои ахлоқӣ ва табиӣ омезиш ёфтаанд. Дар баъзе бозиҳои серҳаракат барои вазнбардорӣ ва бандкашии байни гурӯҳҳои иштирокдорон неруи ҷисмонӣ лозим мешавад.

Бозиҳои серҳаракат ба инсон таъсири мусбат мерасонанд. Ҳангоми бозӣ манфиатҳои бозингарон ба ҳам бармехӯранд. Ин бозиҳо қоидаҳои худро доранд. Дар раванди бозиҳои серҳаракат, тадриҷан, идроки бозӣ рушд

менамояд ва бозингар бояд дар лаҳзаи зарурӣ рафтори худро тағйир диҳад, ин маънои онро дорад, ки бо ҳариф мувофиқа намояд.

Бозиҳои серҳаракати миллӣ дар кӯдакон нобоварӣ ва тарсро бартараф менамояд. Ин шакли бозиҳо дар кӯдакон тарбия намудани интизомнокӣ, шуҷоат, масъулият, коллективизм, ахлоқ, устуворӣ, худидоракунӣ, росткорӣ ва хоксорӣ мусоидат менамоянд. Ин сифатҳо, махсусан, дар бозиҳое аз қабили гуштингирӣ, бузкашӣ, бандкашӣ, чиликбозӣ, тирандозӣ, футбол, мусобиқаи давидан муҳиму бориз мебошанд. Бозиҳо имкон медиҳанд, ки ҳамеша барои истифодаи сифатҳои мазкур хонандагон омодагӣ дошта бошанд. Хосиятҳои мусбати бозиҳои серҳаракати миллӣ дар он аст, ки дар лаҳзаи даркорӣ кӯдак бояд неруи худро истифода намояд, инчунин интизомро риоя намояд, дағалӣ накунад, ба сухани роҳбар (сардори даста) ва маслиҳатҳои дӯстон гӯш диҳад. Ҳамин сифатҳо махсусан дар ҷараёни бозии “Сафедчӯбак” ифода меёбанд, вақте ки кӯдакон пештозак мекунанд. Ин бозӣ эҳсоси дастаҷамъӣ ва мутаҳиддии кӯдаконро ташаккул медиҳад.

Бозиҳои миллӣ, инчунин ҳамдигарфаҳмиро тарбия менамоянд. Кӯдакон дар вақти бозии “Дурра дар мех” ва “Даврагир” кӯшиш мекунанд муттаҳид шаванд, дастаи пурқувватро ташкил диҳанд ва ғалабаро дар  мутаҳиддӣ бояд ба даст оранд, на дар алоҳидагӣ.

Ҳангоми бозӣ мумкин аст байни бачаҳо низоъҳо пайдо шаванд, аммо омӯзгор уҳдадор аст ба кумаки онҳо расад ва низоъҳоро бо роҳи мусолиматомез ҳал намуда, маслиҳат диҳад. Бояд тавзеҳ дод, ки дар бозӣ бояд ба сулҳ ва таҳаммулпазирӣ такя намуд ва танҳо ҳамин тавр ба пирӯзӣ метавон расид. Масалан, бозии “Давидан бо ҷаҳиштанобҳо”. Ҷойи бозӣ: варзишгоҳ, майдончаи холӣ. Якчанд ҷаҳиштаноб лозим аст. Бозингарон ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд. Аз як тараф, хатти оғоз дар тарафи дигар, хатти анҷом кашида мешавад. Дастаҳо дар муқобили ҳамдигар дар фосилаи 5-6 метр қарор мегиранд. Доварон иборат аз ду нафар интихоб мешаванд. Бо фармони роҳбар иштирокдорони бозӣ ба дасти худ ҷаҳиштанобҳоро мегиранд. Сипас яке аз аъзои даста бо ҷаҳиштаноб то хатти оғоз медавад,

бармегардад ва дубора дар охир истода, чаҳиштанобро ба дигар узви даста медиҳад. Ҳамон дастае пирӯз мешавад, ки давидан бо чаҳиштанобро барвақттар аз дастаи дигар ба анҷом мерасонад. Қоидаҳои бозӣ:

1. Масофа барои давидан ба синнусоли кӯдакон ҳатман мувофиқат намояд.

2. Бозӣ бояд зуд тамом шавад.

3. Ба якдигар набояд халал расонид.

4. Чаҳиштанобро бояд аз даст ба даст дод, набояд ба замин андохт.

Дар синфҳои ибтидоӣ ба ғайр аз бозиҳои серҳаракати миллӣ, инчунин бозиҳои зеҳнӣ истифода мешаванд, ки дар он ҷо амалҳо бо иҷрои нақшҳои муайян танзим мегардад, дар зимн кӯдакон иттилоотро дар бораи сулҳпарварӣ ва ҳалли ҳолатҳои низоъӣ ба даст меоваранд. Ҳангоми бозӣ кӯдакон усули фаъолияти мустақилонаро азхуд мекунанд, кори гурӯҳиро меомӯзанд. Дар бозиҳои гурӯҳӣ, аз ҷумла бо калонсолон кӯдакон метавонанд мустақилона қарор қабул карда, бозӣ ва меҳнатро тавъам созанд.

Рафтори кӯдак ҳангоми бозӣ бо қоидаҳо танзим мегардад ва кӯдак ба худ таъсири босамари педагогиро эҳсос менамояд. Ин таъсирро на танҳо иштирокдорони бозӣ, балки тамошогарон ҳам дар худ эҳсос мекунанд. Масалан, дар МТМУ №35 дар синфи таҷрибавии 3”г” бозие бо номи “Биёед, мулоҳизаронӣ намоем!” гузаронида шуд. Ҳадафи баргузории ин бозӣ - барқарорсозии робитаҳои дӯстӣ бо якдигар, бартараф намудани бадбинӣ, кумак дар пайвастшавӣ ва барқарорсозии дӯстии байни коллективи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ мебошад.

Қоидаи бозӣ:

1.Баранда бо навбат ба кӯдакон савол медиҳад: “Дар бораи ........ чи андеша доред?”

2.Ба хонандагон барои фикр кардан, мулоҳиза рондан дар бораи ин вазифа вақт дода мешавад.

3.Синф ҷавоби худро ба муаммо интихоб мекунад, ба гурӯҳҳо тақсим мешавад ва хонандагон дар гурӯҳҳо ба ифода намудани нуқтаи назарҳои худ иқдом мекунанд.

4.Ба ҳар як гурӯҳ имконият дода мешавад, ки мулоҳизаҳои худро асоснок намояд ва ба саволҳои гурӯҳи ҳариф ҷавоб диҳад.

Саволҳои кумакӣ аз қабили “Мушаххастар ва равшантар ифода намоед”, “Дар асоси чи шумо ба чунин хулоса омадед?”, “Кадоме беҳтар аст?” ва ғайра дода мешаванд.

Бозии “Меҳмон”. Ҳадафи бозӣ: ба хонандагон омӯзонидани робитаҳои дӯстона бо одамони ношинос, такмил додани малакаҳои муошират.

Қоидаи бозӣ: 2 – 3 нафар хонанда бо хоҳиши худ ба кӯча мебароянд. Онҳо худашон муайян мекунанд, аз куҷо омадаанд: аз ҷумҳурии дигар, вилояти дигар, ҳатто метавонанд аз сайёраи дигар омада бошанд. Онҳое, ки дар синф ҳастанд, ба мулоқот ва омадани меҳмонон омодагӣ мегиранд. Меҳмонон ворид мешаванд ва гуфтор дар бораи зиндагии онҳо оғоз мегардад. Онҳо дар бораи зиндагии кӯдакон, дар бораи муассисаи таълимӣ, дар бораи ҷумҳурӣ ё кишваре, ки меҳмон ба он ҷо ташриф овардааст, мепурсанд. Хонандагон саъй мекунанд, ки рӯйдодҳои он давлатро таҳлилу баррасӣ намоянд.

Бозии “Суҳбат”. Ҳадафи бозӣ: рушди малакаҳои дарки одамони дигар ҳангоми муошират.

Қоидаи бозӣ: Ҳар як иштироккунанда дар нақши рӯзноманигор баромад мекунад ва бо ҳама суҳбат мекунад. Саволҳо бояд гуногун бошанд. Масалан, “Дар инсон бештар аз ҳама чиро қадр мекунед?”, “Муносибати шумо ба ҷанг?”, “Таҳти мафҳуми “сулҳдӯстӣ” шумо чиро мефаҳмед?”, ” Чи кор бояд кард, ки низоъ ва ихтилофот рӯй надиҳанд?”

Шартҳои асосӣ: Дар ҳама ҳолат саволҳо бояд ошкоро бошанд.

Аз хӯрдсоли бояд бачаро ба хондан ва дӯст доштани китоб оддат кунонид. Зеро инсон тамоми илму донишро аз хондани китоб ба даст меорад. Омӯзгори ботаҷрибаи муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35 шаҳри

Душанбе М. Маҳмадбекова чунин ҳисоб мекунад, ки дар ҳар як оила дар Тоҷикистон дар зодрӯзи кӯдакон, баъди тамом шудани дарсҳо ё дар дигар рӯзҳои идҳо ба хонандагон китоб бояд ҳадя намуд. Китоб туҳфаи беҳтарин аст, зеро он манбаи дониш мебошад. Хонанда бояд ҷевони начандон калони китоб дошта бошад ва ӯ бояд китобҳоро дӯст дорад. Бояд қайд намуд, ки ҳар як китоби нав барои ӯ хариди матлуб бошад. Хонандагони синфҳои ибтидоиро дар руҳияи муносибати эҳтиёткорона нисбат ба китоб бояд тарбия намуд. Бигзор хонандагон бидонанд, ки барои нашри ҳар як китоб чи қадар меҳнат ва вақт сарф мешавад.

Омӯзгори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №13 шаҳри Кӯлоб М.Қурбонова бештар ба кӯдакон мегӯяд, ки китоб дар натиҷаи меҳнати дастаҷамъона офарида мешавад ва ҳар як китобро шумораи зиёди одамон мутолиа мекунанд, яъне китоб ба бисёр одамон хизмат мерасонад, бинобар ин ҳамчун моликияти ҷамъиятӣ ба он эҳтиёткорона муносибат намуд. М Қурбонова дар синфи чорум дар мавзуи “Китоб –манбаи дониш” дарси тарбиявӣ гузаронид, зеро зарур аст, ки нисбат ба китоб ҳамчун сарчашмаи дониш, дӯсти боэътимод ва босадоқат дар зиндагӣ муносибат карда шавад. Ҳамчунин омӯзгор чунин ҳисоб мекунад, ки дар оила бояд анъанаи китобхонӣ бо овози баланд маъмул бошад, дар бораи китобҳои хондашуда суҳбатҳо барпо гарданд, ки ин дараҷаи фарҳанги оиларо тавсиф менамояд.

Омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35-и шаҳри Душанбе М.Худойдодова қайд мекунад, ки манзараи матлуби оила – ин падару модар ва фарзандони китобхон мебошанд. Омӯзгор ҳамчунин мегӯяд, ки аз китоб хонандагони хурдсол мафҳумҳои ахлоқии ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, муносибати таҳаммулпазирона нисбат ба атрофиён ва ғайраро меомӯзанд, ки ахлоқи онҳоро баланд мебардорад. Дар бобати талқини китобхонии хонандагони хурдсол,бешубҳа, нақши кормандони китобхонаҳои бачагона бояд бузург бошад. Китобдори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35 шаҳри Душанбе А. Назаров ба хонандагон оид ба интихоби китобҳо маслиҳатҳо медиҳад. Китобҳое, ки хонандагон интихоб мекунанд,

бояд ба синнусоли онҳо мувофиқ бошанд, қаҳрамонони онҳо сифатҳои башардӯстона ва ахлоқи ҳамидаро таҷассум намоянд. Китобҳо бояд хонандагонро ба ватандӯстӣ талқин намуда, сифатҳои ахлоқии онҳо сулҳпарварӣ, бародарӣ, муносибати таҳаммулпазирона ба атрофиёнро баланд бардорад.

Омӯзгори МТМУ №35-и шаҳри Душанбе С.Бобоева ба волидони хонандагони синфи чорум маслиҳат дод, ки беҳтар мешуд, агар падару модарон бо тавсияи кормандони китобхона барои фарзандонашон китоб интихоб кунанд ва пеш аз ба фарзандон барои хондан вогузор намудан худашон бихонанд ва ба фарзандон муҳтавои китобро баррасӣ намоянд. Нақши китобхонаи муассисаи таълимӣ ва кормандони он дар шавқманд намудани хонандагон ба хондани китоб бояд хеле муҳим ва бузург бошад.

Маҳз дар кӯдакӣ бояд хонандагонро ба китобхонӣ ва меҳру муҳаббат ба китоб одат кунонид, саъй намуд, ки дар хонандагон чунин эҳсос пайдо шавад, ки рӯзе ки ақаллан, чанд саҳифа китоб нахонда бошанд, он рӯз комилиёр нест. Саъю кӯшиш ба китобхонӣ бояд нахуст дар оила ва баъдан дар муассисаи таълимӣ одат кунонида шавад.Агар дар кӯдак то ба  муассисаи таълимӣ рафтан ба китобхонӣ шавқу рағбат пайдо шуда бошад, пас дар муассисаи таълимӣ меҳру муҳаббат нисбат ба китоб ба осонӣ рушд хоҳад ёфт. Дар китоби тасвирдори хуб ороишёфта кӯдак метавонад бисёр чизҳои хуб, қаҳрамонони ҷолиброро пайдо намояд: чунин китоб шавқу рағбати хонандаро ба вуҷуд меоварад. Бинобар ин, ба волидон зарур аст, ки чунин таконро хомӯш накарда, аз хоҳишҳои кӯдакон истиқбол намоянд, зеро ин ҳам омили муҳими таълиму тарбия, рушди тафаккур, тахайюл ва хотираи кӯдак ба шумор меравад.

Китобхонӣ ба рушду болоравии ахлоқии хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат мекунад. Қобили қайд аст, ки хонандагон баъди хондани китоб дар бораи қаҳрамонони ин асар рафтору кирдори онҳо мулоҳизаронӣ мекунанд, муносибати худро бо қаҳрамонон муайян мекунанд онҳоро меписанданд ё муносибати манфӣ баён

мекунанд. Дар таърихи халқи тоҷик ба ғояи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ аҳамияти фавқулода ва ҷиддӣ дода мешуд, ки дар ин бора ҳамосаи Абулқосими Фирдавсӣ “Шоҳнома”- шоҳасари назми тоҷик ва ифтихори фарҳанги ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад.

Ғояи асосии “Шоҳнома” - ин меҳру муҳаббат ба Ватан, тарбияи меҳнатдӯстӣ, даъват ба сулҳу оштӣ, муттаҳидшавии парокандагон, мубориза ба муқобили неруҳои зидди ҳукумати мутамарказ, пайкор бо ишғолгарони хориҷӣ, бунёд намудани давлати ободд, ки дар он ҳокимону оммаи халқ зиндагии хушбахтона дошта бошанд.Муҳимтарин сифати шахс, ки Фирдавсӣ дар эҷодиёти худ тавсиф менамояд, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ, меҳнатдӯстӣ ва меҳру муҳаббати бепоён ба Ватан, омодагӣ барои дифои он мебошад.

Ашъори шоири маъруфи тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ дар баланд бардоштани эътиқодоти маънавию ахлоқии халқ, дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нақши басо муҳим дорад.

Агар бидонӣ, ту беҳтарини касон,
Бишнав овози виҷдони худ,
Аз беҳон нахуст он бошад,
Ки бувад ҳимоятгари халқи худ.

Дар ҷойи дигар шоир менависад:

Решаи некӣ бувад абадӣ дар ҷаҳон.
Биёварад ҳадя самари фаровон…
Ҳар ки дар қалб бо қарин маҳбуб,
Бувад ӯ дӯсти содиқу бародари инсон [ 3, с.157].

Аз амалияи педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ метавон оилаеро ба хотир овард, ки дар он бо овози баланд хондани китоб дар рӯзҳои

истироҳат ҳамроҳи кӯдакон ба ҳукми анъана даромада буд. Модар бо маслиҳати китобдори китобхонаи шаҳрии Кӯлоб китобҳои басо муносибу мувофиқро барои хондани афсона ва ривоятҳо интихоб мекунад. Ба кӯдакон, махсусан, ҳамаи мавзуъҳои ба шуҷоат ва қаҳрамонӣ бахшидашуда писанд меомад.

Хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ китобҳоеро бо шавқу рағбати хос мутолиа мекунанд, ки дар онҳо муборизаи байни сарватмандон ва фақирон нишон дода мешаванд, кӯдакон аз пирӯзии мазлумон бар золимон, некӣ бар бадӣ хушнуд мешаванд. Вазифаи тарбиявии адабиёти тоҷик аз он иборат аст, ки он муҳаббати беандозаро ба Ватан, модар, зодгоҳ, омодагӣ барои муҳофизати Ватан аз душманон ва ватандӯсти воқеӣ буданро ташаккул медиҳад.

Афсонаҳои халқи тоҷик ба ғояҳои мубориза бо истисморгарон бахшида шуда, хонандаро ба меҳнати озод даъват мекунад, масалан, "Шерак -паҳлавон" ё "Музаффар ва аспи ӯ", ки дар онҳо қаҳрамонони шуҷоъ бар беадолатӣ ва бадӣ пирӯз мешаванд. Неруи тарбиявии афсонаҳои халқи тоҷик хеле бузург мебошанд, зеро дар онҳо нерумандӣ ва меҳнатқаринии халқи тоҷик васф карда мешавад, қаҳрамонони афсонаҳо Ватани худро дӯст медоранд. Онҳо омодаанд ватанро дар ҳама лаҳза аз душман ҳимоя намоянд. Инчунин барои хушбахти ва саодатмандии халқи худ мубориза баранд. Бо мухтавои худ афсонаҳои халқи тоҷик дар кӯдакон тақвияи неруро боис гардида, онҳоро барои мубориза барои ҳақиқат, адолат, озодӣ ва муҳофизати Ватан омода менамоянд. Кӯдакон ва наврасон қаҳрамонони адабии худро доранд, ки саъй мекунанд бо онҳо баробар шаванд.

Дар оила ба кор бурдани равише, ки омӯзгорони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №35-и шаҳри Душанбе М. Маҳмадбекова, М. Худойдодова М., Ч. Назархудоева ва С. Бобоева аз он бомуваффақият истифода мекунанд басо муфид аст. Онҳо барои дар хонандагон бедор намудани шавқу завқи хондани ин ё он китоби судманд китобро то ҷойи шавқовари он бо овози баланд мехонанд ва баъд хонданро қатъ мекунанд. Хонандагон аз сужети

ҷолиби китоб шавқманд гардида, барои донистани тақдири минбаъдаи қаҳрамонони асар китобро ҳатман то охир мехонанд.

Назорат кардан аз болои он, ки хонандагон кадом китобҳоро мустақилона мехонанд, бо назардошти синнусоли онҳо хеле муҳим мебошад.Вазифаи падару модарон аз ҳар ҷиҳат ҳавасманд кардани фарзандон барои хондани китобҳои хубе мебошад, ки онҳоро ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва дӯстӣ ҳидоят намоянд. Ҳавасманд кардани хонандагон дар рӯҳияи китобхонӣ - ин маънои зоҳир намудани эҳтиром ва таваҷҷуҳ ба кӯдаки китобхонро дорад.

**Хулосаи боби сеюм**

Дар боби сеюми рисолаи илмӣ усули методӣ ва равишҳое, ки дар боби мазкур ба кор бурда шудаанд, инчунин тарбияи сифатҳои асосии шахсии фарогири асоси хушахлоқӣ - ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар мухтавои машғулиятҳои синфӣ (дар дарсҳои фанҳои гуногун) ва машғулиятҳои беруназсинфӣ (дар маҳфилҳо, боздиди осорхона, дар раванди хондани адабиёти бадеӣ ва ғайра) мебошад. Сифатҳои мазкур барои шаҳрванди оянда басо муҳим аст, чунки дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти бозорӣ дар Чумҳурии Тоҷикистон мавҷуд будани буҳрони амиқи иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ дар натиҷаи ҷанги бародаркуши охири солҳои 90-уми асри XX дар кишвар ба вуқуъ омад. Буҳрон, дар навбати худ, боиси тағйирёбии мафҳумҳои ахлоқӣ ва ивазшавии самтгириҳои иҷтимоӣ гардид. Бисёр аъзои ҷомеа танҳо некуаҳволии моддию молиявиро ҳадафи асосии худ интихоб намуданд. Ақидаҳои мазкур ба равандҳои тарбияи насли наврас таъсир нарасонда наметавонистанд, зеро дар вазъияти хеле мураккаби ахлоқию маънавӣ тарбияи кӯдакон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар сатҳи нокифоя қарор дошт. Дар илми педагогика, ба ҳар ҳол, эҳсосоти шаҳрвандии мазкур, ки сифатҳои асосии шахсӣ мебошанд, дар тамоми давру замонҳо муҳимтарин ба ҳисоб мерафтанд. Ба тарбияи онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ бояд намуд, то ки фарзандони

мо дорои сифатҳои волои инсонӣ гарданд ва балоғати маънавӣ дошта бошанд.

Барои расидан ба натиҷаҳои зарурӣ дар тарбияи сифатҳои ахлоқию маънавии шахсӣ, бояд аз тамоми воситаҳои мавҷудаи тарбия – муҳтавои таълим дар дарсҳо амалишаванда, аз ҷумла, дарсҳои фанҳои давраи гуманитарӣ (дар дарсҳои забони модарӣ, таърих, сурудхонӣ, расмкашӣ), инчунин ҳамаи воситаҳои мавҷудаи тарбияи беруназсинфӣ истифада намуд. Дар боби мазкур имконоти баргузории кори тарбиявӣ дар асоси омӯзиши санадҳои давлатии ҳалкунандаи сарнавишти халқ: Конститутсия, нишони давлатӣ, суруди миллӣ, парчами давлатӣ, ки сарчашмаҳои муҳимтарини тарбияи ахлоқию маънавии хонандагон мебошанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи маориф" самтҳои гуногуни таҳсилоти умумӣ ва амалисозии таълиму тарбияи насли наврасро дар шароити ҷомеаи демократӣ муайян намуд. Консепсияҳои миллии таҳсилот ва Консепсияҳои миллии тарбия низ ба танзими шароити таҳсил ва тарбияи маънавии хонандагон мусоидат намуданд.

Дар боби мазкур ба масъалаҳои тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таҳсил дар асоси асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс ва анъанаҳои халқи тоҷик бештар таваҷҷуҳ карда шудааст. Мавзуи сулҳ, таҳаммулпазирӣ, ваҳдат ва оромӣ – ин муҳимтарин ҷузъи таркибии сиёсати кунунии кишвари мо мебошад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад: “Тоҷикистон сиёсати сулҳдӯстонаро нигоҳ дошта, соҳибихтиёрӣ ва истиқлолияти давлатҳои дигарро эҳтиром намуда, сиёсати хориҷии худро дар асоси меъёрҳои байналмилалӣ муайян менамояд” [182, с.47].

Проблемаи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва башардӯстӣ, ичунин дар санадҳои дигар низ инъикос меёбад. Махсусан. дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад: “Таҳсилот бояд шуурнокии маънавии инсонро таъмин намояд. Бояд донишҳои зарурӣ ва

арзишҳои миллӣ ва умумибашариро таълим диҳад, хонандагонро ба ҳимояи Ватан, миллат, фарҳанг ва забон омода намояд.

Эҳтиром ба фарҳанг, анъанаҳои миллӣ, забонҳои халқҳои дигар ин тарбияро ба иҷро мерасонад” [183, с.38].

Проблемаи тарбия дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, бешубҳа дар маркази таваҷҷуҳи барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ қарор дорад. Одатан, барномаҳо якчанд мавзуъҳои ба масъалаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мансуббударо дар бар мегиранд – ин бахш “Сулҳ” ном дорад.

Дар бахши мазкур кори беруназсинфӣ ва фаъолияти роҳбари синф дар ҷиҳати тарбияи асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ, муфассалан, тавсиф шудааст.

Вақти фориғ аз дарс – ин шакли ҷамъиятии кори беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мебошад. Он ду намуди фаъолиятро фарогир мебошад, ки иҷрои вазифаҳои дахлдорро дар бар мегиранд:

1) кори беруназсинфӣ вобаста ба таълими фанҳои муассисаи таълимӣ, рушди рағбати фаннӣ ва амиқшавии донишҳо оид ба фанҳои таълимӣ. Ин маҳфили математика, маҳфили забони модарӣ, олимпиадаҳои фаннӣ ва ғайра;

2) ҷалб намудани хонандагон ба чорабиниҳои муассисаи таълимӣ, ҷамъиятӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ бо мақсади такмили тарбияи меҳнатӣ ва фаъолсозии фаъолияти эҷодии хонандагон, такмили тарбияи ғоявӣ, эстетикӣ ва ахлоқӣ.

Кори беруназсинфӣ дар асоси усули умумидидактикӣ (илмӣ будан, аёният, дастрас будан ва ғ.) баргузор мешавад, аммо он дорои усули вижаи худ (асли ҳуқуқи баробари хонандагони қавӣ ва заиф, асли ихтиёрӣ) мебошад.

Кори беруназсинфӣ барои ташаккули имконоти сершумори сифатҳои асосии ахлоқии шахсии хонанда: баргузории соатҳои тарбиявӣ, тамринҳо, ҷашнвораҳои бахшида ба санаҳои хотиравӣ, таъсиси осорхонаи муассисаи

таълимӣ, сайру саёҳатҳои илмӣ, мубоҳисаҳо, боздиди осорхонаҳо, хондани адабиёти бадеӣ дар бораи диёри худ, қаҳрамонон, ватандӯстон ва башардӯстон имконоти сершумор дорад.

Ҳамаи шаклҳои номбаршудаи баргузории кори тарбиявии беруназсинфӣ дар хонандагони хурдсол арзишҳои миллӣ ва умумибашариро талқин менамояд, онҳоро ба муҳофизони воқеии Ватан, фарҳанги миллӣ ва забон омода сохта, эҳтиромро ба фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва забони халқҳои дигар тарбия менамояд [2-А, с.9].

Дар кори тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ осори классикони адабиёти тоҷику форс ва эҷодиёти шифоҳии халқӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Таҳаммулпазирӣ ва самимияти хонандагон имкон медиҳад, ки дар онҳо муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия карда шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар кори озмоишӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳоди тавсияҳои муаллифи он натиҷабахшии раванди таълиму тарбияро баланд намуданд. Бинобар ин, дар ҳар як дарс омӯзгор уҳдадор аст, ки шавқу рағбати хонандагонро ба муҳтавои маводи таълимӣ бедор намуда, дар таълим эҷодкорона иштирок намояд.

Бо тавсияи муаллифи таҳқиқот омӯзгорони синфҳои таҷрибавӣ нишон доданд, ки ҳангоми гузариш аз як бахши китоби дарсӣ ба қисми дигари он метавон дар назди хонандагон вазифаҳои нави ба тарбияи сифатҳои ахлоқии дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидаткунанда гузошт.

Натиҷаоварии технологияи таҳсили фаъолона дар раванди таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, равандҳои маърифати кӯдакон, тафаккур ва тахайюли онҳоро фаъол гардонида, шавқу рағбатро ба фанни таълимӣ, амалан, дар ҳамаи хонандагон дар раванди таълим баланд мебардорад.

Дар боби мазкур таҳлили назариявӣ нишон дод, ки омилҳои дидактикӣ ва методии аз тарафи омӯзгорон истифодашаванда заминаҳои заруриро барои тарбия ва рушди сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ пурра ба вуҷуд намеоваранд.

Дар ҳоли ҳозир зарур аст, ки ба воситаи тарбияи сифатҳои ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ қобилиятҳои маърифатии онҳоро ба проблемаҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ инкишоф дод.

# БОБИ 4. ҲАМКОРИИ ҶОМЕА, МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ВА ОИЛА ДАР ТАРБИЯИ ВАТАНДӮСТӢ, СУЛҲПАРВАРӢ ВА ТАҲАММУЛПАЗИРИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

## 4.1. Аҳаммияти муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

Тарбияи тавсифоти шахсии насли наврас дар ҷомеаи кунунӣ, дар шароити навсозии иқтисодию сиёсӣ ба вуқуъ меояд, ки бо сабаби он ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа ба таври назаррас дигаргун шудаанд. Тағйироти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодие, ки ҳамакнун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараён доранд, ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳаёт ва фаъолияти насли наврас таъсири ҷиддӣ мегузоранд. Муқаррарот ва арзишҳои нав ташаккул меёбанд, меъёрҳои нави арзёбии равандҳо ва падидаҳои гуногун дар кишвар зуҳур намуданд, ки боиси тағйироти самтгириҳои арзишии насли ҷавон, таҳаввулоти ақидаҳои қаблан мавҷудбуда гардидаанд.

Сабабҳои  пайдоиши проблемаи мазкур дар мафҳумҳои зеррин дида мешавад:

- ба таври қобили мулоҳиза заиф гардидани нақши муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар раванди тарбиявӣ  бахусус тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ;

- вайроншавии ҳаёти оилаҳои тоҷикон дар натиҷаи ба қишрҳо ҷудо шудани ҷомеа, набудани шуғлу кор, хароб шудани ахлоқи ташаккулёфта ва анъанаҳои миллӣ дар оила. Ин ҳама боиси коста гардидани вазифаи тарбиявии оила ва аз тарбияи ахлоқии фарзандон худканорагирии қисми зиёди падару модарон гардид;

- шумораи наврасони бепарастор афзоиш ёфта буд, сатҳи ҷинояткории наврасон ба мушоҳида мерасид, дар байни кӯдакон ва наврасон одатҳои аз

лиҳози иҷтимоӣ ва барои саломатӣ зараровари нашъамандӣ, тамокукашӣ ва ғайра паҳн гардиданд;

- дар шароити дастрасии осони иттилоот тавассути матбуот, телевизион ва интернет кӯдакон ба селаи маҳсулоти иттилоотии пастсифат мувоҷеҳ мешаванд, ки дар он зӯргӯӣ, ҷиноятқорӣ, инчунин нашъамандӣ таблиғ мегардад;

- аз иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва аз низоми ягонаи тарбия хориҷ шудани наврасон ба вуқуъ меомад;

- дастрасии китобхонаҳо, театрҳо, осорхонаҳо, иншооти варзишӣ ва дигар муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ чандин маротиба коҳиш ёфта, дар зимн, қисми зиёди муассисаҳои фароғати кӯдакон дар асоси тиҷоратӣ фаъолият мекарданд, дар ин робита онҳо, аксаран, ба гурӯҳҳои аҳолие хизмат мерасонданд, ки соҳиби даромади молии калон буданд;

- ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, тарбияи ахлоқӣ ва шаҳрвандӣ дар низоми нави муносибатҳо дар он рӯзҳои мудҳиш ҷойгоҳи мувофиқ пайдо накарда буданд.

Ба ҳар сурат, тарбияи кӯдакон дар ташаккули иҷтимоӣ ва рушди маънавии шахсияти онҳо нақши муҳимро дар ҳама вақту замон иҷро мекард ва хоҳад намуд. Ахлоқ ба сифати омили асосии ҷаҳонбинӣ, худшиносии миллии инсон мебошад. Ахлоқ фарогири шумораи зиёди хислатҳои матлуби ҷомеа буда, дар давраи барвақти хурдсолӣ дар оила, инчунин дар марҳилаи таҳсили синни хурди мактабӣ ташаккул меёбад. Дарои ташаккулёбии ахлоқ дар давраи мактабӣ марҳилаи синфҳои ибтидоӣ - синфҳои I-IV ба шумор меравад. Ин давраест, ки истеъдод ва маҳорати инсон рушд ва ташаккул меёбад [2-А,с.32].

Баъзе аз кӯдакони замони муосир намояндагони дигар фарҳанги экранию клипӣ ба шумор мераванд, ки ба шуури онҳо ба туфайли кор бо компютери шахсӣ, техникаи муосири самъию басарӣ (аудиоӣ ва видеоӣ), низоми алоқаи шабакавӣ ва васоити иртибототи муосир нуфуз менамояд. Ин қабил кӯдакон ба воситаи китобхонӣ тарбия нашудаанд, мероси ғании

гузаштагонро наомӯхтаанд ва ба мухтавои онҳо тавассути хулосаҳои мухтасар ва бозгӯии онҳо, дар беҳтарин ҳолат ба воситаи басаҳнагузорӣ ва порчаҳои мухтасари асарҳо ошно шудаанд. Ҷаҳони эҳсосоти отифавии наврас, махсусан навраси хурдсол хеле маҳдуд аст ва ба тавсеаи отифавӣ, тақвияи асосии маънойӣ эҳтиёҷ дорад. Мо ҳанӯз аз ҳамаи пайомадҳои инқилоби экранию клипӣ, "интернетишавӣ"-и тамоми ҷаҳон хабар надорем, аммо ин воқеияти имрӯза аст, ки наметавон онро нодида гирифт.

Яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои беруназмактабӣ расондани кумак ба кӯдакон, аз ҷумла ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад ва лозим аст, ки қобилиятҳои эҷодии онҳо тақвият ва инкишоф дода шавад. Моҳияти тарбияи ахлоқӣ маҳз дар ҳамин аст. Пас бояд тавассути фарҳанг зарур аст, ки дар қалб ва зеҳни хонандагон эҳсоси ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, ҳамдардӣ, меҳрубонӣ, садоқатмандӣ ва бурдборӣ талқин карда шуда, инчунин қобилиятҳои эҷодии онҳо мавриди дастгирӣ қарор дода шавад. Дар натиҷаи тарбияи ахлоқии кӯдакон дар онҳо меҳру муҳаббат нисбат ба кишвари худ мустаҳкам гардида, эҳсоси масъулият ба хотири шукуфонии онҳо ва ҳифозати арзишҳои моддӣ зоҳир мегардад.

Муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи сифатҳои ахлоқии кӯдакон саҳми бузург доранд. Мушкилоте, ки дар соҳаи таҳсилот ва тарбияи кӯдакон пайдо мешаванд, чунин муассисаҳоро бетараф гузошта наметавонанд. Имрӯз вазифаи муассисаҳои беруназмактабӣ тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мебошад, ки барои ҷомеаи мо хеле муҳим аст.

Гурӯҳҳои худфаъолиятӣ дар муассисаҳои беруназмактабӣ дар тарбияи ахлоқии кӯдакон ҷойгоҳи асосиро ишғол мекунанд, зеро кӯдакон вобаста ба хоҳишу рағбатҳояшон ба ин ё он намуди худфаъолиятӣ машғул мешаванд, истеъдоди худро такмил медиҳанд ва талаботи эҷодӣ ва маънавии худро қонеъ мегардонанд. Гурӯҳҳои худфаъолияти бадеӣ дар соҳаи кори равшаннамоӣ дар тарбияи насли наврас, истироҳати маданӣ ва иштироки бевоситаи наврасон дар корҳои ҷамъиятию сиёсӣ таҷрибаи калон ба даст

овардаанд. Худфаъолиятии бадеӣ қисми таркибии ҳаёти фарҳангӣ, рушди қобилиятҳо, завқи зебоишиносӣ ва рушди мавзуни кӯдакон мебошад.

Дар гурӯҳҳои худфаъолиятии бадеӣ кори маърифатомӯзӣ ва тарбия, қонеъгардонӣ ва рушди шавқу рағбатҳои кӯдакон дар асоси фаъолият, эҷодиёт ва ташаббуси худи онҳо амалӣ мегардад. Ҳадафмандӣ ва натиҷаоварии кори гурӯҳҳои худфаъолиятии бадеӣ бо он муайян карда мешавад, ки дар ҳолати мазкур кӯдакони хурдсол на танҳо объекти тарбия мегарданд, инчунин онҳо ба сифати иштирокдорони чорабинӣ таъсири дигаронро ба худ эҳсос мекунанд ва ҳамзамон ба дигарон худашон таъсир мерасонанд. Фаъолияти гуногунҷанбаи гурӯҳҳои худфаъолиятӣ ба рушди ҳаматарафаи шахс мусоидат менамоянд. Гурӯҳҳои худфаъолиятӣ маҷмуи вазифаҳои таблиғотӣ ва тарбиявиро иҷро намуда, қобилиятҳои эҷодии насли наврасро инкишоф медиҳанд, истироҳати пурмазмун ва ҷолиби гурӯҳҳои гуногуни кӯдаконро таъмин менамоянд [5-А, с.5].

Вазифаҳои асосии гурӯҳҳои худфаъолиятии бадеӣ аз он иборат аст, ки худи онҳо бо чорабиниҳои муассисаи таълимӣ ва самаранок гузаронидани вақти фориғ аз дарси хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат карда, ба онҳо шароитро барои фароғати муфид таъмин менамоянд.

Арзишҳои шахс дар оила ва дигар ҷамъиятҳои ғайрирасмӣ тарбия карда мешавад. Аммо рушд ва тарбияи шахс дар соҳаи таҳсилот ва фарҳанг бештар бонизом, муттасил ва амиқ сурат мегирад. Омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35 шаҳри Душанбе М.Худойдодова дар маҷлиси падару модарони хонандагон ба волидон иброз дошт, ки муассисаҳои фарҳангӣ дар тарбияи арзишҳои ахлоқии хонандагон дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ саҳми назаррас доранд. Аммо дар ин раванд бисёр мушкилот мавҷуд аст ва мураккабиҳо дар миёни омӯзгорон ва падару модарон мебошад. Сарфи назар аз ин, зарур аст, ки хонандагон ба китобхона ва ба театр раванд, дар шаҳр сайру гашт карда, аз ҷойҳои ҷолибу дидании шаҳр боздид намоянд. Чунин чорабиниҳо дар

кӯдакон сифатҳои ахлоқиро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ташаккул медиҳанд.

Мураккабӣ ва норавшанӣ дар фаъолияти фароғатии кӯдакон – ин вуҷуд надоштани ақидаҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва сарчашмаҳои моддӣ барои ташкили эҷодиёти хонандагон мебошад. Омилҳои мазкур таъсири манфии худро ба вазифагузорӣ ва амалисозии фаъолияти фароғатию фарҳангии хонандагон мегузоранд.

Фароғат аз рӯйи моҳият ин вақти аз машғулият озод аст, ки дар он талаботи фарҳангии инсон қонеъ гардонда мешавад. Бо мафҳуми “фароғат” мафҳуми “фарҳанг” иртибот дорад. Вожаи “фарҳанг” маҷмуи дастовардҳои моддию маънавии одамон мебошад, ки дар раванди рушди таърихии насли башар ба вуҷуд оварда шудааст. Ҳамчунин фаъолияти ҳар гуна инсон, ки барои ноил шудан ба ҳадаф ва вазифаҳои дар наздаш гузошта шудааст, низ фарҳанг номида мешавад.

Инсон ба воя расида, хоҳ – нохоҳ на танҳо дар бораи кишвари худ ва миллати худ, балки дар бораи зиндагии инсоният низ андеша менамояд. Чунин андешаҳо ба идроки боз ҳам мукаммали фарҳанг аз тарафи инсон мусоидат менамояд. Яке аз шаклҳои ташаккули ахлоқии инсон дар ҷомеа аз тарафи ӯ ба даст оварда шудани таҷрибаи ҳаётӣ, аксаран таҷрибаи ҳаётии дигарон мебошад. Бинобар ин, бояд кӯдаконро тавре тарбия намуд, ки онҳо нисбат ба нуқтаи назари ҳамсолонашон бетафовут набошанд. Онҳо бояд ақлу хирад ва некусириштӣ омӯхта, анъанаҳо ва мероси мутафаккирони халқи тоҷикро идрок намоянд. Кӯдаконро ба тамошои театр, барномаҳои консертӣ, ки доираи ҷаҳонбиниро васеъ карда, аз аҳамияти тарбиявӣ бархӯрдоранд, ҷалб намудан зарур аст. Баъди тамом шудани чунин чорабиниҳо бояд суҳбатҳо гузаронида, рафтору кирдори қаҳрамонони мусбат ва манфӣ мавриди таҳлил қарор дода шаванд. Кӯдакон бояд аз қаҳрамонони мусбат барои худ чизи нав биёмӯзанд. Барои он ки кӯдакон қобилиятҳои зеҳнӣ ва тафаккури худро баланд бардоранд, мо бояд онҳоро ба чунин муҳит одат кунонем, ки ба даст қаламу коғаз гирифта, чизҳои барои худ нав ва

далелҳоро ёддошт намоянд. Яъне онҳо бояд худомӯзӣ ва барои такмили дониши худ кор кунанд.

Кӯдаконро ба он бояд водор намуд, ки онҳо вақти фароғати худро ба нақша гиранд ва яке аз моҳияти тарбияи ахлоқии кӯдакон дар ҳамин аст. Ҳамаи методҳое, ки дар фаъолияти муассисаҳои беруназмактабӣ истифода мешаванд, ба хотири он аст, ки наврасон сатҳи дониш, ҷаҳонбинӣ ва дараҷаи тафаккури худро баланд бардошта, битавонад ҳамаи монеаҳои зиндагиро ба осонӣ бартараф намояд. Ҷолибу дилнишин баргузор шудани чорабиниҳои фарҳангӣ ба мавзуъ ва мазмуни онҳо вобастагӣ дорад. Ҳар қадар, ки чорабинии баргузоршаванда ҷолибтар бошад, ҳамон қадар бештар дар он муаммоҳои мубрами рӯз баррасӣ гардида, он тамошобоб ва боиси баланд шудани ҷаҳонбинии наврасон мегардад. Чорабинӣ ҳамон вақт ба кӯдакон ва наврасон таъсири мусбат мерасонад, ки дар он худи кӯдакон иштирок мекунанд.

Имрӯз кӯдакон бо шавқу завқи беандоза дар чорабиниҳое иштирок мекунанд, ки мавзуъ ва мазмуни ҷолиб дошта бошанд. Кӯдакон бо шавқу завқи беандоза дар гурӯҳҳои худфаъолияти бадеӣ иштирок мекунанд. Аз ин рӯ, ба муассисаҳои беруназмактабӣ зарур аст, ки имконоти худро барои ҷалб намудани ин гуна хонандагон ба студияҳо, клубҳо густариш диҳанд, зеро дар ин давра раванди худшиносӣ ба вуқуъ меояд ва кӯдак роҳи ояндаи худро муайян мекунад.

Муассисаҳои беруназмактабии фарҳангӣ хонандагонро ба арзишҳои умумибашарӣ ошно месозанд, ба нишон додани рафтори мусбат ва худдорӣ аз амалҳои ғайримақбул ва зарарнок барои ҷомеа водор менамояд. Онҳо фарҳанги инсонро ҳамчун шахс ташаккул дода, ба ташаккули ахлоқ, аз ҷумла ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат мекунад. Инсон ба рафтори фарҳангӣ ва сифатҳои ахлоқӣ узви комилиёри ҷомеа мегардад, иштироки ӯ дар ҳаёти ҷомеа бошуурона ва арзишмандтар мегардад. Хосияти муҳими дигари фарҳанг – аз тарафи инсон шинохтани маънии ҳаёт мебошад

Дар синну соли наврасӣ дар назди инсон саволҳое аз қабили: Чи бояд кард?, Кӣ бояд шуд?, Дар охир кадом натиҷаро ба даст овард?. Ҳар як инсон худро рушд медиҳад, нақшаҳои стратегӣ тартиб медиҳад ва аз рӯйи он амалҳои ҳаррӯзаи худро танзим менамояд. Иштирок дар фаъолияти фароғатии дуруст созмонёфта ба кӯдак кумак мерасонад, ки қобилият ва рағбатҳои худро муайян намояд.

Ҳоли ҳозир ҷойи нисбатан дастрас барои кӯдакон бо мақсади ҷалби онҳо ба фарҳанг муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ кохи кӯдакон ва наврасон мебошад, ки дар он ҷо бисёр маҳфилҳо тибқи рағбати кӯдакон мавҷуданд, ҳамчунин маҷмаъаҳои варзишӣ ва клубҳо мебошанд. Танҳо дар ин ҷо наврасону ҷавонон метавонанд имконоти фарҳангию фароғатии худро ба кор баранд, метавонанд бо дастовардҳои фарҳанги ватанӣ ва хориҷӣ ошноӣ пайдо намоянд, ки ба тарбияи ҳамаҷонибаи арзишҳои ахлоқии онҳо, аз ҷумла ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат кунад.

Фаъолият дар муассисаҳои фарҳангӣ, фаъолияти дастаҷамъии кӯдакон бо хислатҳои хоси онҳо мебошад, ки дар шаклҳои гуногун зоҳир мешаванд. Дар муассисаҳои фарҳангӣ воқеияти ягонагии дастаҷамъӣ ва инфиродӣ дар азхудкунии фарҳанг ва ҳамдигарфаҳмии байни хонандагони хурдсол ифода меёбад. Дар равандиислоҳоти мавҷудаи иқтисодӣ, мо дигаргуниҳои амиқи сифатии ахлоқии дар муассисаҳои фарҳангӣ рӯйдодаро эътироф кардем. Кори муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, аз ҷумла фаъолияти китобхонаҳои кишвар бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯз то рӯз ҷоннок гардида истодааст.

Китобхонаҳо муассисаҳои иттилоотию маърифатӣ ба ҳисоб мераванд, ки дар он ҷо техникаи ҳозиразамон, инчунин дигар методҳои идоракунии кори китобдорӣ истифода мешавад. Мо метавонем дар мисоли муҷаҳҳазии китобхонаи нав дар пайтахти кишварамон шаҳри Душанбе, ки бо таҷҳизоти ҳозиразамони ҷавобгӯ ба талаботи кунунӣ мебошад, инро бубинем. Барои ҷалб намудани хонандагон, махсусан, хонандагони синфҳои ибтидоӣ, дар ин

китобхона бояд методҳо ва равишҳои гуногуни кор мавриди истифода қарор дода шаванд.

Дар бисёр китобхонаҳо вуҷуд доштани шароити лозимӣ барои хонандагони дорои нуқсонҳои ҷисмонӣ (маъюбон, нобиноён ва ғ.) – ин шароитҳо имрӯзҳо дар тамоми китобхонаҳои кишвар ҳалли худро ёфтааст, ки боиси  мутолиаи шумораи зиёди хонандагон мегардад. Ифтитоҳ гардидани толорҳои махсус, таъмин намудани имтиёзҳои моддию маънавӣ барои гурӯҳи номбурдаи хонандагон талаботи замони нав мебошад. Аз рӯйи маълумоти овардашуда маълум мегардад, ки аҳолии ҷумҳурӣ, аз ҷумла кӯдакону наврасон солҳои охир беш аз пеш ба китобхонаҳо мераванд. Ин бори дигар тасдиқ мекунад, ки мардуми мо аз замонҳои қадим ҳаводори фарҳанг ва нигоҳдорандаи анъанаҳо ва арзишҳои миллӣ мебошанд. Агар дар замонҳои пеш китобхонаҳо танҳо маҳалли хондани китоб, мутолиаи рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо бошанд, имрӯз вазифаи китобхонаҳо тавсеа ёфта, китобхона ҷойгоҳи қонеъ гардонидани талаботи маънавии одамон гардидааст.

Ба омилҳои мусбат метавон онро мансуб донист, ки муассисаҳои фарҳангӣ дар тамоми маҳалҳо пурра фаъолият доранд. Бояд қайд намуд, ки клубҳо, осорхонаҳо, китобхонаҳо, коллективҳои маҳфилҳои худфаъолиятӣ барои тарбияи насли наврас ва калонсолон тавре фаъолият мекунанд, ки қонеъкунанда ба ҳисоб мераванд.

Бояд фаромуш насозем, ки солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бисёр муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва бошишгоҳҳои варзишӣ ба дасти гурӯҳҳои ҷинояткор афтода буданд. Нуқтаҳои мазкур ба маҳалли баргузории баҳсу munoқишаҳо, ҷойи истеъмоли машруботи алкулӣ, маҷлисгоҳҳои гурӯҳҳо ва дастаҳои ҷинояткор ва тавзеъгоҳи маводи нашъаовар мубаддал шуда буданд. Дар биноҳои муассисаҳои фарҳангӣ, дискотекаҳо – маҳалли ҷамъшавии нашъамандон, майзадагон ва гурӯҳҳои ҷиноятпеша ташкил мешуданд, ки он як навъ тақлид ба фарҳанги ғарб ба ҳисоб мерафт. Раванди мазкур зарбаи назаррас ба арзишҳои миллӣ ва ахлоқи маънавии насли наврас ва насли ҷавон буд.

Аммо баъди бартараф гардидани оқибатҳои ҷанги бародаркуш ҳадафҳо ва вазифаҳои муассисаҳои фарҳангӣ мазмун ва таъйиноти комилан нав пайдо намуданд. Дар шароити кунунӣ ин муассисаҳо маҳалли тавсифи арзишҳои миллӣ, равшанӣ андохтан ба таърих, фарҳанг, анъанаҳо ва урфу одатҳои мардумӣ гардиданд. Вижагии асосӣ аз он иборат аст, ки акнун имкони пешбурди фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ба забони давлатӣ фароҳам гардидааст. Дар муассисаҳои номбурда ҷашнҳои миллӣ аз қабили Сада, Наврӯз, Меҳргон, Тиргон, Маликаи тирамоҳӣ,Сайри гули Лола ва Сад ранги чакан  баргузор карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола сохтмони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ босуръат амалӣ шуда истодааст. Муассисаҳои нави  таҳсилоти олӣ таъсис ёфта, осорхонаҳо, театрҳо, китобхонаҳо, боғҳои истироҳати бунёд гардида, иншооти инъикоскунандаи мероси фарҳангии халқ барқарор ва азнавсозӣ шуда истодааст.

Солҳои охир муассисаҳои фарҳангии кишвари мо як силсила чорабиниҳоро оид ба баланд бардоштани маънавиёти наврасон иҷро намуданд. Ҳамасола дар кишвари мо ҷашнвораҳо ва озмунҳои “Парасту” ва “Андалеб” баргузор мегарданд, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 3000-солагии Ҳисор, 90-солагии шаҳри Душанбе таҷлил гардиданд. Дар муассисаҳои беруназмактабии фарҳангӣ дар ҳоли ҳозир талабот ба муҳтавои фаъолияти онҳо сифатан тағйир ёфтаанд. Дар замони ҳозира одамон аз муассисаҳои фарҳангӣ на танҳо тарбияи маъмулӣ ва таълими иқтисодӣ, балки шароити мувофиқ барои истироҳатро интизор мебошанд Ҳамакнун барои тарбияи насли наврас ва баланд бардоштани эътиқодоти ахлоқии наврасон на танҳо тарбияи ҷамъиятӣ, инчунин худшиносии миллӣ ҳам, ба назар гирифта мешавад. Зеро имрӯзҳо дар тарбияи насли наврас муассисаҳои беруназмактабӣ нақши пешбаранда доранд.

Муассисаҳои беруназмактабӣ марказҳои таълиму тарбияи кӯдакон ва наврасон мебошанд. Ин захираи муҳими тарбияи шахс мебошад. Асоси методии муассисаҳои беруназмактабӣ ташкилоти касбиро пешбинӣ намуда,

ба вақти беруназдарсӣ, рағбат ба ҷомеа такя намуда, талаботро дар интихоби касб қонеъ мегардонад. Асоси кори созмони беруназмактабиро шавқу рағбати кӯдакон, робитаи хуб нисбат ба одамон ташкил медиҳад.

Маркази тарбиявии ноҳияи Кӯлоб имконоти бузурги худро дар рушди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ истифода менамояд, зеро аъзои маҳфил, аъзои клуб ва ситодҳо хонандагони синнусоли гуногуни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, мебошанд, ки шавқу рағбати гуногун доранд. Ин ҳама эҳсоси эҳтиром ба якдигарро рушд медиҳад ва робитаи байни хонандагони калонсолро ва хонандагони хурдсолро мустаҳкам менамояд. Омӯзгорони марказ ба густариши доираи муоширати байни хонандагони ноҳия кумак мерасонанд. Ҳамин тавр, дар миёни хонандагон ҳангоми баргузории мусобиқаҳои варзишӣ ва олимпиадаҳо муносибатҳои дӯстонаи таҳаммулпазирӣ мустаҳкам ва ҳамчунин ёрии байниҳамдигарӣ дар пойдории сулҳу салоҳ ва дӯстию бародарӣ тавсеа меёбад.

Кӯдаконро ба мусиқии миллӣ, ки дар тарбияи ахлоқии онҳо нақши бориз дорад, ошно сохтан хеле муҳим мебошад. Хонандагон дар ҳайати дастаи ҳунарии "Оҳангҳои халқӣ" аз рӯйи синну сол фарқ мекунанд, аммо онҳоро муҳаббат ба мусиқӣ ва кӯшиши мустақилона навохтани оҳанг ба ҳам пайваст менамояд. Роҳбари дастаи ҳунарӣ наврасонро бо оҳангсозон ва оҳангҳои халқии "Шашмақом", "Фалак", бо достони халқии "Гурӯғлӣ" ва таърихи он ва иҷрокунандагони он ошно месозад. Дар ҳар як оҳанг хушнудӣ ва ҳаёти воқеии халқи тоҷик ифода меёбад.

Дар бахши рақс низ кор гузаронида мешавад, то ки ба воситаи рақси халқӣ, либосҳо ва ороишот хулқу хислати халқ ифода гардад. Рақси халқӣ чандон мураккаб нест, аммо он таваҷҷуҳи махсус ба оҳангро талаб мекунад, зеро он хеле дилнишину назаррабост. Ҳар як баромади гурӯҳи ҳунарии кӯдакон бо рақси "Сулҳ" хотима меёбад. Кӯдакон бинандагонро бо рақси худ ошно намуда, ба онҳо олами зебоӣ ва назокатро ҳадя мекунанд.

Дар маҳфили "Дастони моҳир" наврасон маҳорати худро нишон медиҳанд. Хонандагон ба олами афсона ва ривоятҳо такя мекунанд. Онҳо

қаҳрамонони афсона ва ривоятҳоро тасвир мекунанд. Кӯдакон худашон саҳначаҳои гуногунро аз афсонаҳо ва ҳикоёти халқӣ тартиб медиҳанд. Онҳо мехоҳанд нишон диҳанд, ки низоъҳо ва ихтилофот ба чи мерасонанд ва чи гуна бояд онҳоро ҳаллу фасл намуд. Бо ин саҳначаҳои худ кӯдакон нишон медиҳанд, ки дар шароити сулҳу ризоият зистан чи қадар дилнишин аст. Хонандагони синфҳои ибтидоии мактабҳои ноҳия аъзои маҳфил мебошанд.

Дар миёни хонандагони синфҳои ибтидоии ноҳия ҳамчунин озмун таҳти унвони "Дунё аз нигоҳи кӯдакон" баргузор карда мешавад. Дар кӯча озмун бо номи "Мо хостори сулҳем! Нест бод ҷанг!" гузаронида мешавад. Натиҷаҳои озмун нишон медиҳанд, ки кӯдакон ҷангро дидан намехоҳанд, онҳо сулҳу оштиро тарафдорӣ мекунанд. Дар ҳар як чорабинӣ шеъри Мирзо Турсунзода "Суруди сулҳ" садо медиҳад. Дар матни суруд ҳамаи азобу машақати халқ дар натиҷаи ҷанг ва мубориза барои сулҳ ваояндаи дурахшони халқи тоҷик инъикос меёбад. Кормандони маркази тарбиявӣ саъй мекунанд, ки ҳамаи аъзои маҳфилро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия намоянд ва бо барномаҳои баргузоргардида ба ҳамаи хонандагони ноҳия таъсир расонанд.

Кормандони маркази ҷумҳуриявии техникҳои ҷавон, ки дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе воқеъ мебошад, маҳфили сайру саёҳатдӯстонро роҳандозӣ намудаанд. Онҳо чунин ҳисоб мекунанд, ки сайёҳӣ ва гардишгарӣ метавонанд ба ҷаҳоншиносӣ таъсир расонанд, агар кӯдакон ба шароити зиндагии инсонҳои дигар ошно шаванд. Ин дар навбати худ ба ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи онҳо таъсири мусоид мерасонад. Ҳадафи асосии сайёҳӣ, сайрҳои илмӣ ва роҳпаймоиҳо – ин бедор кардани меҳру муҳаббат ба Ватан, ба табиати он, кумак кардан ба кӯдакон дар ҷиҳати беҳтар омӯхтани таърихи диёри худ, инчунин бедор кардани меҳру муҳаббат, дӯстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, меҳнатдӯстӣ ва маҳорати бурунрафт аз ҳолатҳои душвор мебошад. Шароити табиии Тоҷикистон имкон медиҳанд, ки роҳпаймоиҳои оддиро дар атрофи деҳа, шаҳрак ё ноҳия, инчунин сафарҳои мураккабро дар хориҷи маҳалли истиқоматӣ роҳандозӣ намуд. Дар роҳпаймоиҳои мураккаб душвориҳо дучор

мешаванд, ки онҳоро метавонад танҳо коллективи муттаҳиду якпорча бартараф намояд. Одатан, гурӯҳи сайёҳон сермиллат мешаванд. Дар ҷараёни роҳпаймоӣ барои кӯдакон ин нукта муҳим нест. Дар чунин ҳолатҳо дар онҳо коллективизм ва ёрии байниҳамдигарӣ, интизом, дӯстӣ ва бурдборӣ рушд менамояд.

Ҳангоми сафар кӯдакон бисёр чизҳоро мебинанд ва эҳсос мекунанд ва ин ҳама ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат менамояд.Маркази мазкур аз соли 1994 чорабиниҳои гуногунро бо иштироки волидон баргузор менамояд ва кори он натиҷаҳои мусбат медиҳад. Дар роҳпаймоиҳо худи муҳити созгор метавонад, коллективро муттаҳиду якпорча месозад, аммо ихтилофҳо ҳам метавонад ҷой дошта бошад. Сайри илмии кишваршиносӣ таҳти унвони “Тоҷикистон - кишвари азизи ман”, ки кори худро дар соли 1990 оғоз намуд дар тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нақши хеле калон дошт.

Самтҳои он аз ин қарор буданд:

1) “Аз қаъри асрҳо ”;

2) “Асрори табиат”;

3) “Аз қаъри замин”;

4)”Ҳунар барои халқ”.

Ин самтҳо ба кӯдакон имкон медиҳад, ки бо ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ, бо фарҳанг ва сарватҳои табии Тоҷикистон аз наздик ошно шаванд.

Хонандагон сайру саёҳатҳои илмӣ бо меҳнати халқ ошно гардида, табиатро муҳофизат мекунанд, инчунин ҳамаи супоришҳои созмонҳои ҷамъиятии илмӣ ва МТМУ-ро иҷро мекунанд. Хонандагон бо иншооти таърихию бостоншиносӣ ошно мешаванд. Дар бораи таърих, фарҳанг, анъанаҳои ин ё он маҳал бо ҳаёти мардуми он шинос мешаванд Дар сайру саёҳатҳои илмӣ иштирок намуда, хонандагон қобилиятҳои гуногун пайдо мекунанд, дар гурӯҳҳо бо аҳолӣ муошират карда, ҳамдигарфаҳмиро ёд мегиранд.

Сайру саёҳатҳои илмӣ ба кори худ хотима бахшида, осорхонаҳои нав ё гӯшаҳои алоҳидаи нав дар мактабҳои худ ташкил мекунанд. Натиҷаҳои баргузории сайру саёҳатҳои илмӣ дар ҳамоишҳо эълон карда мешаванд, ки ба қаробати миллатҳои гуногун боис мегардад ва ин барои ҳамдигарфаҳмӣ хеле мусоидат менамояд.

Дар болоравии дастуроти ахлоқӣ барои хонандагони синфҳои ибтидоӣ дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нақши муҳим доранд. Дар ин кор саҳми назаррас ба мактабҳои варзишии кӯдакон, инчунин бахшҳои варзишии назди варзишгоҳҳо ва майдонҳои варзишии шаҳру ноҳияҳо тааллуқ дорад. Фаъолияти кумитаи олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аҳамияти калон бархӯрдор мебошад. Ба варзиш машғул шудани кӯдакон ин мустаҳкамшавии саломатӣ ва баландшавии сатҳи ахлоқии онҳо мебошад. Дигаргуниҳои дар соҳаи иҷтимоӣ ва дигар самтҳо бавуқуъомада, аз ҷумла дар сатҳи таҳсилот дар Тоҷикистони соҳибистиқлол, такмили раванди тарбияи наврасонро ба проблемаи мубрам мубаддал сохт.

Давраи наврасӣ синну соли рушди босуръати ҷисмонӣ ва психологӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади тарбия дар ин давраи синнусолӣ мустаҳкамшавии саломатии кӯдак, рушди қобилиятҳои ақлонӣ, ташаккулёбии хулқу атвор, сифатҳои мусбати шахс, омодагӣ ба таҳсили бонизомро дар назар дорад.

Дар ин кор ба тарбияи ҷисмонии насли наврас нақши назаррас дода мешавад. Ба кишвари мо одамони аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим ва неруманд лозиманд, ки ба манфиати Ватан кору фаъолият намуда, инчунин омода барои муҳофизати Ватан бошанд.

Роҳбарони ҷумҳурии мо, бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ--Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар мамлакат таваҷҷуҳи калон медиҳанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбари Кумитаи олимпии мамлакат мебошад, ки ин барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш такони иловагӣ медиҳад. Тарбияи ҷисмонии кӯдакон ва ҷавонон ҳамчун вазифаи бузурги давлатӣ баррасӣ мегардад. Тарбияи дурусти

ҷисмонии насли наврас ба мо имкон медиҳад, ки инсонҳои солиму неруманд ва обутобёфтаро ба воя расонем. Бо асосҳои тарбияи ҷисмонӣ кӯдакон ҳанӯз дар МТМУдар дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ ошно мешаванд.

Барои тарбияи ҷисмонии кӯдакон масъулияти на камтар ба ухдаи падару модарон вогузор аст. Қайд кардан бамаврид аст, волидоне низ ҳастанд, ки машғул шудан ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзишро ҳамчун вақтгузаронии беҳуда баррасӣ менамоянд. Онҳо ба нақши машқҳои ҷисмонӣ ва бозиҳо дар ташаккули организми кӯдакон, барои тарбияи ҳамаҷонибаи онҳо баҳо дода наметавонанд. Волидоне, ки иштироки фарзандонашонро дар коллективҳои варзишӣ ҳавасманд намуда, бо васоилу афзори зарурӣ таъмин мекунанд, дуруст рафтор мекунанд. Ба хонандагон машғул шудан ба чунин намудҳои варзиш аз кабили волейбол, футбол, баскетбол, гуштин, варзиши тан ба тан хеле судманд мебошад.

Бозиҳои серҳаракати миллӣ ҳам нақши муҳим доранд, албатта, дар сурате ки машғулият бо чунин намудҳои варзиш таҳти назорати табибон ҷараён дошта бошанд. Машғул шудан ба варзиш барои насли ҷавон имконоти муҳим фароҳам меоварад ва муносибати ҷиддӣ бо тамринҳои варзишӣ ҳатман натиҷаҳои мусбат ба бор хоҳад овард. Чунончи, варзишгари дзюдо Темур Раҳимов дар мусобиқаи кушодаи ҷоми Аврупо дар миёни ҷавонон, ки 5-6 апрели соли 2015 дар шаҳри Твер (Русия) баргузор гардида буд, медали тилоро ба даст овард, гуштингирони ҷавон бошанд, дар мусобиқаҳои бонуфуз дар шаҳрҳои Санкт – Петербург ва Москва нуҳ медали тило ба даст оварданд.

Қобили қайд аст, ки ҳамин варзишгарон на танҳо муваффақият ба даст оварданд, балки обрӯ ва эътибори кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ баланд бардоштанд. Варзишгарони ҷавон аз он ифтихор доштанд, ки парчами кишвари мо ба шарафи пирӯзии онҳо бардошта шуд ва қалбҳои онҳо аз фараҳ лабрез мегардад.. Баромади варзишгарони ҷавони мо дар мусобиқаҳои гуногуни байналмилалӣ, ба андозаи назаррас доираи ҷаҳоншиносии онҳоро

густариш медиҳад, онҳо дӯстони нав дар хориҷи кишвар пайдо мекунанд, дӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ дар миёни халқҳо мустаҳкам мегардад.

Ҳоли ҳозир тақрибан дар ҳамаи шаҳрҳои ҷумҳурӣ варзишгоҳҳо ва иншооти варзишӣ сохта шудаанд ё дар ҳоли бунёд ёфтан мебошанд, дар рушди варзиш на танҳо давлат, инчунин соҳибкорони хусусӣ саҳм мегузоранд, ин имкони бештар медиҳад, ки ҷавонон ба бахшҳои гуногуни варзиш ҷалб карда шаванд. Омӯзгорон ва волидон бояд машғулиятҳои варзишии кӯдакон ва дар бахшҳои варзишӣ иштирок намудани онҳоро ҳавасманд намоянд, то ки кӯдакон солиму ботаҳаммул ба воя расанд. Падару модарон бояд саъю кӯшиши фарзандони худро ҷиҳати машғул шудан ба варзиш дастгирӣ намоянд. Хушахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми баргузории ҷашнвораҳои варзишӣ, бозиҳои серҳаракати миллии тоҷикӣ, эстафетаҳо, баромадҳои оммавӣ, намоишҳои марказонидашуда, ки ба рушди малакаҳои ҳаракатнокӣ ва сифатҳои ҷисмонии хонандагон, инчунин ташаккулёбии эътиқодоти ахлоқии онҳо мусоидат мекунанд. Дар бахшҳои варзишии назди мактабҳои варзишӣ талаботи фарҳанги намуди зоҳирӣ, муносибати боадабона ва таҳаммулпазир бо рафиқон риоя карда мешавад. Имкони таъсиррасонии тарбиявӣ ба кӯдакон дар бозиҳои серҳаракати миллӣ дар муҳтавои онҳо муҳайё мебошад. Дар ин робита ба омӯзгор зарур аст, ки масъалаи ба кадом мақсад гузаронида шудани бозӣ ва кадом ҳадафро фаъолияти беруназсинфӣ дар назар дорад, биандешад.

Муваффақияти бозии серҳаракат, ҳалли самараноки масъалаҳои таълиму тарбиявие, ки мураббӣ дар машғулиятҳо пешниҳод менамояд, аз бисёр ҷиҳат аз ташаккулёбии дастаҳои мунтахаб, интихоби сарвари даста вобаста мебошад. Мураббӣ бояд қобилияти инфиродии ҳар як наврасеро, ки дар бозӣ иштирок мекунад, сатҳи омодагии ӯ ва ҷанбаи муносибатҳои дар коллектив ташаккулёфтаро бидонад ва ба назар бигирад.

Бозиҳои миллии тоҷикӣ анъанаҳои қадима доранд ва ҷойгоҳи сазоворро ҳамроҳ бо дигар воситаҳои тарбиявӣ – таълим, меҳнат ва муоширати таҳаммулгароёна ишғол мекунанд.

Бозии миллии тоҷикӣ ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти кӯдакон, махсусан, дар синфҳои ибтидоӣ мебошад, он на танҳо фароғати хонандагони хурдсолро ташкил медиҳад, балки онҳоро интизомнок намуда, талаботи онҳоро дар муошират, дарёфти иттилооти иловагӣ қонеъ мегардонад, ба онҳо сарбории ҷисмонӣ дода, кӯдаконро ба фаъолияти ақлонӣ ва ҷисмонӣ одат мекунонад. Мутафаккирони халқи тоҷик, ки дар замонҳои гузашта умр ба сар бурдаанд, аз қабили Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Ҷомӣ ва педагогҳои муосир таъсири судманди бозиҳои серҳаракати халқиро дар ташаккули отифа, вазъи равонӣ ва ахлоқии кӯдакон ва тарбияи онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва дигар сифатҳои мусбат қайд намудаанд.

Бозиҳои серҳаракати миллии тоҷикӣ дар насли наврас ҷисмро такмил дода, саломатии хонандагонро мустаҳкам ва обутоб медиҳанд. Ҳангоми ташкил намудани бозиҳои серҳаракати миллии тоҷикӣ дар хонандагон эҳсоси дӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, ёрии байниҳамдигарӣ, коллективизм ташаккул меёбанд. Рафтори ахлоқии кӯдакони ба варзиш машғулбуда як қисми фарҳанги умумии шахсии инфиродӣ мебошад, ки дар шароити фаъолияти таълимӣ ва тамринӣ тавассути фаъолияти муташаккилонаи серҳаракатӣ ба таъсири идорашаванда марбут мебошад.

Яке аз омилҳои баланд бардоштани аҳамияти муассисаҳои беруназмактабии варзишӣ ва тақвияи таъсиррасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш истифодаи пурраи захираи муҳтавоию методӣ ва маънавӣ барои тарбияи ахлоқӣ ва рушди хонандагони синфҳои ибтидоӣ мебошад.

Дар ҳоли ҳозир дар ҷомеа ҳолати буҳронии иҷтимоию психологӣ ва педагогӣ дар миён аст, ки он бо аз байн рафтани арзишҳои пешина ва ҷустуҷӯи самтгириҳои нав иртибот дорад. Имрӯз дар Тоҷикистон дар назди ҳамаи низоми таҳсилот, чун дар тамоми фазои пасошуравӣ проблемаи вобаста ба эҳёи анъанаҳои халқӣ, вижагиҳои миллӣ ва арзишҳои маънавӣ, аз ҷумла тавассути тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, дар ҳолати мо бошад,- ба воситаи бозиҳои серҳаракати миллӣ, ки ба мо аз ниёгон расидаанд, матраҳ мебошад. Бозиҳои миллии тоҷикӣ барои ташаккулёбӣ ва такмили фуксияҳои

ҳаракатии кӯдак шароити хуб фароҳам оварда, ба рушди онҳо мусоидат мекунанд, инчунин сифатҳоеро аз қабили шуҷоат, боадабӣ, эҳсоси иззати нафс, муҳаббат ба Ватан, таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстиро тарбия менамояд.

Дар ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия нақши муҳим ба урдугоҳҳо ва майдончаҳои тобистона, ки дар давраи таътилот ташкил карда мешаванд, тааллуқ дорад. Он имкон медиҳад, ки дар хонандагон дастур ҷиҳати нигоҳдории саломатии худро бидуни воситаҳои доруӣ ташаккул дода, инчунин савияи донишҳоро баланд бардошта, ба меҳнат кардан омода менамояд, дар кӯдакон сифатҳои ахлоқиро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳдӯстӣ ва таҳаммулпазирӣ тарбия мекунад. Ҳамакнун раванди таҳсилоти иловагӣ бояд дар робитаи ногусастанӣ бо раванди тандурустӣ баррасӣ гардад, зеро тарбияи шахсияти ҳаматарафа рушдёфта ҳамзамон бо амалисозии захираи зеҳнӣ, ташаккулёбии маънавиёт ва ахлоқи хонандагонро дар назар дорад. Бинобар ин, дар ин таҳқиқот мақсад гузошта шуда буд, ки вижагиҳои ташкили кори урдугоҳҳо ва майдончаҳои тобистона мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар ин асос самаранокии ин навъи фаъолият бо хонандагон дар мактабҳои ҷумҳурӣ баланд бардошта шавад.

Дар кори коллективи омӯзгорон дар урдугоҳи тобистона рушди ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва ҷисмонии хонанда амалӣ гардида, ҷаҳонбинӣ, тарзи зиндагии солим, ахлоқ, ирода, хулқу атвор, сифатҳои маънавию ахлоқии кӯдак ташаккул меёбанд. Муассисаи таълимии иловагии урдугоҳи тобистона хонандагонро аз лиҳози психологӣ ва амалӣ ба меҳнат ва худхизматрасонӣ омода сохта, дар онҳо дигар сифатҳои судмандро низ ташаккул медиҳад. Дар урдугоҳҳои тобистонаи назди МТМУ хонандагон дар зимни истироҳат фаъолияти амалии ҷамъиятии фоиданокро меомӯзанд, дар ин ҳол нақши пешбар ба тарбияи меҳнатӣ тааллуқ мегирад, ки вазифаҳои асосии он аз инҳо иборат мебошанд:

а) дар хонандагон тарбия намудани меҳнатдӯстӣ, фарҳанги меҳнат ва маҳорати истифодаи ин малакаҳо дар фаъолияти амалӣ;

б) дар наврасон тарбия кардани сифатҳои ахлоқие аз қабили сулҳдӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, масъулият барои кори супоридашуда, муносибати эҳтиёткорона ба амволи ҷамъиятӣ, маҳорати зиндагӣ ва кор карда тавонистан дар коллектив, риоя кардани интизоми меҳнат.

Омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35-и шаҳри Душанбе Ч.Назархудоева чунин ҳисоб мекунад, ки яке аз маъмултарин методҳои тарбияи меҳнатӣ гузаронидани суҳбатҳо дар бораи аҳамияти меҳнат ва касбу кор мебошад. Мавзуъҳои суҳбатҳоро ӯ ба таври зайл интихоб мекунад: “Ман аз кӯдакӣ дар меҳнат зистаам”, “Ман мехоҳам .....бошам”, “Меҳнати ҳамсоягон ва волидон”, “Дарахтони сабзро эҳтиёт бояд намуд”, “Чӣ тавр бояд зист?”, “Чунин меҳисобем, ки ҳар гуна меҳнат ифтихор аст ” ва ғ.

Омӯзгорони муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35-и шаҳри Душанбе Ч.Назархудоева ва С.Бобоева машғулиятҳои тарбиявиро дар майдончаи тобистонаи наздимактабӣ дар мавзуъҳои “Касбу кори гуногун”, “Касбу кори омӯзгор ва табиб”, “Олами касбу кор”, “Кори асосии ман дар оянда”,“Солҳои умри ман мегузаранд”,“Ҳамаи касбу кор хубанд, кадомашро, ки мехоҳӣ интихоб намо”, “Одамро меҳнат шуҳратмад месозад” ва ғайраро мегузаронанд. Ин машғулиятҳо бо унсурҳои фаъолияти амалӣ мегузаранд, онҳо дар самтгирии касбии хонандагон нақши муҳим дошта, ба тавсеаи донишҳои онҳо оид ба олами касбу кор мусоидат мекунад ва тасаввуроти онҳоро дар бораи дунё ва ҳаёт амиқ мегардонад. Истифодаи аёниятҳо, маводи бозӣ (кроссвордҳо, чистонҳои миллии тоҷикӣ, зарбулмасалҳо, мақолҳо ва викторинаҳо), инчунин унсурҳои шавқангезӣ ва мусобиқавӣ (озмунҳо, мусобиқаҳо) барои дар хонандагон ба вуҷуд овардани таассуроти гуногун мусоидат мекунанд. Ҳамин тавр, хонандагон олами касбу корро фаро мегиранд ва самтгирии касбии онҳо ба амал меояд.

Ба андешаи омӯзгорон Ч. Назархудоева ва С.Бобоева дар тарбияи хонандагон сайру саёҳатҳои илмӣ дар мавзуъҳои “Кӣ дар мо меҳнат мекунад?”, “Касбҳое, ки мо интихоб мекунем” аз аҳамияти калон

бархӯрдоранд, ки дар он ҷо кӯдакон ба аҳамияти меҳнати поквиҷдононаи муфид ва омили хушнудию эҳтироми инсон будани он итминон ҳосил мекунанд. Кор дар маҳфилҳои “Дастони моҳир”, “Сӯзани сеҳрнок”, ”Нақшсӯзонии болои чӯб”, “Кашидадӯзӣ” ба хонандагон барои омодагӣ ба фаъолияти меҳнатии мустақилона мусоидат менамояд.

Омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35-и шаҳри Душанбе С.Бобоева бо хонандагони синфи 4-ум дар табиат сайри илмӣ баргузор менамояд. Ба андешаи ӯ рушди ҳамаҷонибаи хонандагони хурдсол, инчунин дар раванди кор бо маводи табиӣ ба амал меояд. Ин кор дорои имконоти калони наздикшавии хонанда бо табиати диёри зодгоҳи худ, тарбияи муносибати эҳтиёткорона ба табиат ва ташаккулёбии малакаҳои меҳнатӣ мебошад. Тайёр кардани ҳар гуна дасткориҳо аз маводи табиӣ – меҳнати диққатталаб, ҷолиб ва хеле дилчасп мебошад. Чунин меҳнатро кӯдакон меписанданд ва аз дастсохтаҳои худ хушнуд мешаванд. Барои он ки кӯдакон бо шавқу завқ ба ин кор машғул шаванд, бояд эҳсосоти нек, тахайюлот, чолокӣ дар кор ва муносибати таҳаммулпазирона инкишоф дода шавад.

Дар раванди тайёр кардани дастсохтаҳои майдаи тоҷикӣ, тадриҷан низоми маҳорату малакаҳо ташаккул меёбанд, ки дар зиндагии минбаъдаи хонандагон лозим мешаванд. Кор бо маводи табиӣ ба рушди зеҳнии хонандагон, ба рушди тафаккур ва тахайюли онҳо таъсири назаррас расонида, ба инкишофи шахсияти кӯдак, тарбияи хулқу атвори ӯ ва баланд шудани сифатҳои ахлоқии ӯ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии ӯ мусоидат менамояд. Тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар урдугоҳи тобистонаи солимгардонии назди муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии № 35-и шаҳри Душанбе ва дигар майдончаҳои наздимактабӣ дар корҳои гуногуни дастаи хонандагон амалӣ карда мешавад, ки мухтавои онҳо ба ҷалби кӯдакон ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятии барои онҳо дастрас, ташаккули малакаҳо ва маҳоратҳои меҳнатӣ ва тарбияи меҳнатдӯстӣ нигаронида шудааст.

Омӯзгор дар дарсҳои меҳнат, дар раванди кори фоиданоки ҷамъиятӣ чунин вазифаҳоро иҷро мекунад:

- дар хонандагон тарбия намудани меҳнатдӯстӣ, муносибати эҳтиёткорона ба табиат;
- тарбия намудани асосҳои омодасозии хонандагон оид ба масъалаҳои банақшагирӣ, ташкил ва назорати меҳнати худ;
- ошно сохтани хонандагон бо касбу кори барои онҳо дастрасбуда;
- таъсиррасонӣ ба рушди зеҳнӣ, ахлоқӣ, ҷисмонӣ ва тарбияи хонандагон.

Ба андешаи омӯзгор барои рушди мустақилияти хонандагон мувофиқи мақсад аст, ки ба онҳо нақшаи омодаи кор дода нашавад, балки он тавассути саволҳои ёридиҳанда аз қабили “Беҳтар аст, ки кор аз чӣ оғоз карда шавад?”, “Дар ибтидо бояд чӣ кор кард ва минбаъд чӣ?” ва ғайра муҳокима карда шавад. Ҳамин тавр, омӯзгор хонандагонро ба идроки мустақилонаи муттасилии муайяни мантиқии амалҳои меҳнатӣ одат мекунонад.

Омӯзгор аз нахустин рӯзҳои истироҳат дар урдугоҳи солимгардонӣ хонандагонро ба намудҳои гуногуни меҳнат одат мекунонад, муҳаббат ба меҳнатро тарбия мекунад. Дар гурӯҳи хурдсолон наздиктарин ёварони омӯзгор хонандагоне мебошанд, ки супоришҳои роҳбарони гурӯҳҳоро ба машғулиятҳои меҳнат, расмкашӣ иҷро карда, риояи тартибро дар ҷевон ва покизагии ҷойи корро назорат мекунанд.

Мураббӣ ба он нуқта таваҷҷуҳ мекунад, ки хонандагон чи гуна ба худхизматрасонӣ дар урдугоҳ машғуланд, ки ин кор нигоҳубини либос, ба тартиб овардани бистар, одитарин тармими либос ва ғайра, иҷрои супоришҳои хоҷагӣ: рӯбучин, инчунин нигоҳубини гулҳо ва ниҳолҳо дар қитъаи замини урдугоҳро дар бар мегирад. Дар ҷамъомади “Мо ёварон дар даста” сухан дар бораи уҳдадориҳои дастаҷамъии меҳнатӣ, оид ба иштирок дар машғулиятҳои меҳнатии гурӯҳ, дар хусуси иҷрои реҷаи рӯз ва интизом меравад.

Омӯзгор доимо дар хотир дорад, ки муваффақият хушнуд месозад ва ба кӯшишҳои нави меҳнатӣ водор месозад, меҳру муҳаббат ба меҳнат бошад, танҳо дар раванди меҳнат ба вуҷуд омада, мустаҳкам мегардад. Дар ибтидо эҳсоси шӯру шавқ аз он пайдо мешавад, ки кори ҷолиб аҳлона иҷро шуда, аз раванди фаъолияти якҷоя хушнудӣ ба миён меояд. Бояд қайд намуд, ки тадриҷан, бо гузашти замон, вақте ки робитаҳои дастаҷамъӣ афзоиш меёбад, хонандагон сабаби муваффақиятро дар иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ таҳлил мекунанд ва кӯдакон ба хулосае меоянд, ки хуб аст, вақте ки ҳама ба якдигар ёрӣ мерасонанд. Ин эҳсосот муносибати таҳаммулкоронаро нисбат ба якдигар мустаҳкам менамояд. Бинобар ин, эҳсосоти мусбат, ки дар ибтидо дарк намешавад, хонандагонро водор месозад, ки дар бораи сабаби муваффақият андеша намоянд. Нақши мусбатро дар раванди тарбиявӣ ҷашнҳои ба рӯзи волидон бахшидашуда иҷро мекунанд.

Омӯзгорон чунин ҳисоб мекунанд, ки омодагӣ ба ҷашн кори хеле калон, ҷолиб ва муштарак аст, зеро ҳар як хонанда на танҳо тuҳфа гирифтан, балки ҳадя доданро ҳам дӯст медорад. Хонандагону тарбиятгирандагон боре тасмим гирифтанд, ки барои ба модарон туҳфа кардан гулҳои хонагиро парвариш намоянд.

Барои донистани он ки модарон кадом гулҳоро меписанданд, дар байни падару модарон пурсиш гузаронида шуд, ки аз се савол иборат буд:

1. Оё шумо гулҳои хонагиро меписандед?

2. Гулҳои хонагӣ чи фоида доранд?

3. Оё шумо мехостед, ки ба шумо гулҳои хонагиро ҳадя намоянд?

Ба саволҳои якум ва сеюм ҳамаи модарон ҷавоби “бале” –ро доданд. Дар бораи фоидаи гулҳо иброз гардид, ки онҳо дар хона ҳузуру ҳаловатро ба вуҷуд меоваранд, гази карбонро фуру мебаранд ва оксигенро хориҷ мекунанд, хонаро оро медиҳанд, ҳаворо тоза мекунанд, инсонҳоро муолиҷа мекунанд. Бисёр модарон мехостанд гули анҷибар дошта бошанд. Дар миёни хонандагон гурӯҳҳо аз рӯйи шавқу рағбат: “ботаникҳо”, “ ороишдиҳандагон”, “китобдӯстон”, аз рӯйи самти худ кор мекарданд: ҷустуҷӯ ва омӯзиши

адабиёт дар бораи растаниҳои хонагӣ, омӯхтани гулҳои хонагие, ки барои парвариш дар шароити мо мувофиқ мебошанд, ҷамъоварии ҷавонаҳои гули бунафша, коштани он ва нигоҳубини онҳо. Муаррифии натиҷаҳои кор нишон дод, ки ҳамаи хонандагон дар ин кор фаъолона иштирок доштанд. Модарон гулҳои мавриди писандашонро гирифтанд. Инчунин намоиши расмҳо ташкил шуда буд, шеърҳои бахшидашуда ба гулҳо, тобистон ва дӯстӣ хонда шуданд.

Бозӣ – ин мактаби ба худ хоси ба ҳаёт омодасозӣ мебошад, зеро он мутамарказшавии таваҷҷуҳ, дар баъзе ҳолатҳо вокуниши дақиқ, маҳорати зоҳир намудани муташаккилии маълумро тақозо менамояд. Дар бозиҳо тадриҷан, доираи хеле калони ҳаракатҳо ва амалҳо коркард карда мешавад.

Ба ҳамнавоии отифавӣ шаклҳои бозӣ дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, ҷашнҳои меҳнатӣ, бозӣ-сафарҳо, шанбегиҳо, мусобиқаҳо, намоишгоҳҳо мусоидат мекунад. Бо кумаки сужети шакли бозӣ метавон ба ҳикоя ва суҳбат ташкили фаъолияти амалии хонандагонро дод. Ворид намудани нақшҳо маънои онро дорад, ки худи хонандагон ба “сайёҳон”, “ронандагон”, “бинокорон” ва ғайра мубаддал мешаванд. Вазъияти бозӣ заминаи мусбати отифавӣ ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, ки ба таври номаълум кӯшиши хонандагон аз амали ғайриихтиёрӣ ба ихтиёрӣ гузаронида шавад.

Дар бозӣ дастур ба бурд, аксаран, ба бозӣ шакли мусобиқаро медиҳад: “Кӣ зудтар?”, “Кӣ бештар?”, “Кӣ дақиқтар?” ва ғайра. Мусобиқа метавонад инфиродӣ ва гурӯҳӣ бошад. Хонандагони бурдкарда ҳавасманд карда мешаванд, яъне ба кори онҳо баҳо дода мешавад.

Омӯзгор бо такя ба талаботи муосир корро оид ба ташаккули унсурҳои донишҳои иқтисодӣ, рушди тафаккури кунунии иқтисодӣ, саъй менамояд дар раванди таълим намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоию иқтисодиро ворид созад (рафтор дар ошхона, меҳнат дар қитъаи замини мактаб, кӯмак ба волидон дар ҷиҳати пешбурди кори хоҷагӣ дар хона, иштирок дар шанбегиҳо, меҳнат оид ба худхизматрасонӣ ва ғайра).

Бо иштироки фаъолонаи масъулони самти тарбия дар гурӯҳҳои хонандагон ба таври доимӣ амалиёти “ Об – ин ҳаёт”, “Қатраи ҷонбахш”,

”Нон аз ҳама муҳимтар”, озмунҳо барои беҳтарин лавҳаҳои худсохт аз рӯйи мавзуъҳои додашуда гузаронида мешавад. Дар мавзуъҳои “ Замин чи медиҳад?”,“То кай ин ройгон аст?”, “Чӣ метавонад бисабзад?”, “Буҷети хонавода”, “Дар бораи сохтори хароҷоти буҷети оила”, “Музди кор чист?” ва ғайра суҳбат роҳандозӣ мегардад. Дар раванди фаъолияти меҳнатӣ хонандагон метавонанд ба бозиҳо машғул шаванд, зеро бе бозӣ меҳнат набошад.

Бозии “Офарин!” коллективи иштирокдорони гуногунсинусолро якпорча сохта, онҳоро ба як ҳадафи бурдани бозӣ муттаҳид месозад. Намоиши телевизионии бозии варзишии “Офарин” дар телевизиони “Баҳористон”, инчунин ташкил ва баргузории он дар маҳалҳо дар рушди варзиши оммавии кӯдакону наврасон саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Барои рушд ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бозӣ аз аҳаммияти калон бархӯрдор аст, зеро он ҳамчун воситаи муҳими азхудкунӣ ва маърифати воқеъияти атроф боқӣ монда, барои амалисозии робита бо зиндагӣ кумак мерасонад заминаҳоро ҷиҳати рушди фаъолнокӣ ва мустақилияти хонандагон фароҳам меоварад.

Бозӣ доираи ҷаҳоншиносии хонандагон, фаъолияти маърифатӣ, тахайюлот, эҷодиёт, мустақилии онҳоро тавсеа мебахшад, ҷиҳати иртиботи коллективи хонандагон бо воқеияти атроф кумак мерасонад, имконоти васеъро барои ошно намудани хонандагон бо таърихи кишвар, марзу бум ва сарватҳои он, бо одамон ва меҳнати онҳо муҳайё менамояд, барои ошноӣ бо маҳалҳои ҷолиби таваҷҷуҳ ва таърихии шаҳрак, ноҳия ва шаҳри худ имкон фароҳам месозад. Ин ҳама сифати маънавию ахлоқии ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии онҳоро баланд мебардорад. Ҳангоми кор бо хонандагон вижагиҳои фардии онҳо, шавқу рағбати онҳо ба назар гирифта шуда, омӯзгор барои дар бозӣ фаъолона иштирок намудани ҳар як хонанда кӯшиш менамояд. Хонандагони хурдсол қоидаҳои бозиҳои серҳаракати миллии тоҷикиро аз даҳон ба даҳон нақл карда, онҳоро дар байни ҳамсоягон, хешовандон, ҳамсинфон ва дӯстони худ таблиғ менамоянд.

Ба муносибати таҷлили санаи муҳими 27-солагии истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгорон чорабинии “Сафар ба диёри азиз” созмон доданд. Чорабинии мазкур имкон дод, ки хонандагон ба шаҳри Душанбе, ки зодгоҳи онҳо буда, дар он камол меёбанд ошно шаванд, таърихи онро омӯзанд ва бидонанд, ки дар замони 30 соли истиқлол кадом дигаргуниҳо ба вуқуъ омадаанд. Ҳангоми ташкил намудани чорабинӣ шавқу рағбати хонандагон ба назар гирифта шуда, омӯзгор қобилиятҳои инфиродии хонандагонро бо ҳадафи рушди онҳо ҳавасманд менамуд.

Оғози бозӣ – сафар ба 1-уми июл рост омад, яъне дар рӯзи ифтитоҳи урдугоҳ, бо сафороии тантанавӣ, ки ба Рӯзи истиқлоли кишвари азизамон бахшида шуда буд. Ҳамроҳи хонандагон масири мувофиқ интихоб карда шуд. Дар ҳамин ҳол, омӯзгорон саъй намуданд, ки хонандагон ғайрифаъол набошанд ва чизҳои навро ёд гиранд, кӯшиш намоянд, ки мустақилона амал кунанд, то ки дар онҳо рағбати бештар донистан мустаҳкам гардад.

Ҳамаи марҳилаҳои масир ба “истгоҳҳо”-маҷмуаҳои мавзуӣ тақсим карда шуда буд. Чунин истгоҳҳо дар масир ба хонандагон кумак намуд, ки дар бораи пойтахти ҷумҳурӣ бисёр чизҳои навро бидонанд. Дар хонандагон эҳсоси ифтихор аз Ватани худ пайдо шуд ва онҳо донистанд, ки шукуфонии ояндаи он ба онҳо вобастааст.

Ба ифтихори 30-солагии истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбатҳо дар мавзуъҳои “Ман дар куҷо зиндагӣ дорам?”, “Ман шаҳрванди ватани худ ҳастам”, “Шаҳри Душанбе – ифтихори ман аст!”гузаронида шуданд. Дар хотимаи давраи басти урдугоҳ соати назму шеърхонӣ барпо гардид ва расми “Ватани мо Тоҷикистон аз куҷо сар мешавад” намоиш дода шуд.

Дар амалисозии вазифаҳои таълиму тарбиявии урдугоҳҳои тобистонӣ нақши муҳим ба тарбияи меҳнатӣ ва болоравии ахлоқи хонандагон тааллуқ дошт.Дар урдугоҳҳои тобистонӣ истифодаи амалӣ ва мустаҳкамкунии малака ва маҳоратҳои бадастовардашуда бартарӣ доранд. Дар раванди меҳнат дар коллектив рушди ақлонӣ, ахлоқӣ, зебоишиносӣ ва ҷисмонии хонандагон

амалӣ гардида, сифатҳои ахлоқии онҳо хулқу атвор, инчунин эҳсосоти маънавии ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ташаккул меёбад.

Машғулиятҳо дар фароғатгоҳ хонандагонро ба худхизматрасонӣ, меҳнат ва кори фоиданоки ҷамъиятӣ омода месозанд. Дар онҳо ба хонандагон фаъолияти фоиданоки ҷамъиятиро меомӯзонанд, ки нақши асосӣ ба баланд бардоштани сифатҳои ахлоқӣ ва тарбияи ҳисси ватандӯстӣ дода мешавад.

Дар давраи таътили тобистона машғулиятҳои тарбиявӣ дар фароғатгоҳ бо унсурҳои фаъолияти амалӣ дар самтгирии касбии хонандагон нақши хеле муҳим доранд. Онҳо ба густариши донишҳо дар бораи ҷаҳон мусоидат намуда, тасаввуроти хонандагонро амиқ месозанд, дастуроти ахлоқии онҳоро баланд мебардоранд. Рушди хонандагон дар раванди кор бо маводи табиӣ ба вуқуъ меояд. Кори мазкур дорои бисёр имконоти назарраси ба табиат наздик намудани хонандагон, дар онҳо тарбия намудани муносибати ғамхорона ва эҳтиёткорона ба табиат ва ташаккулёбии маҳоратҳои меҳнатӣ мебошад. Хонандагон аз маводи табиӣ сохтани ҳар гуна дастсохтаҳоро меписанданд. Ин кори бодиққат, ҷолиб ва хеле дилчасп аст. Барои он ки хонандагони хурдсол ба ин кор бо шавқу завқ машғул шаванд лозим аст, ки дар онҳо эҳсосоти нек ва чолокӣ дар кор омӯзонда шавад. Ҳар гуна меҳнат ба рушди эҳсосу ҳаракат, мувофиқат дар кор ва такмили ҳамоҳангсозии ҳаракатҳо, чолокӣ, дақиқии иҷрои функсияҳои гуногун мусоидат менамояд. Дар ҷараёни тайёр кардани дастсохтаҳо татриҷан низоми маҳоратҳои махсус ба вуҷуд меояд.

Мурабиёни фароғатгоҳ ҳамеша дар хотир дорад, ки муваффақият хушнуд сохта ба саъю кӯшишҳои нав водор менамояд, муҳаббат ба меҳнат бошад, пайдо ва мустаҳкам мегардад. Раванди кори коллективона ба хонандагон қаноатмандӣ, рӯҳбаландӣ, тифоқӣ ва илҳом мебахшад. Дар хонандагон эҳсоси он пайдо мешавад, ки кори ҷолиб аҳлона иҷро карда шавад, хушнудӣ аз раванди фаъолияти муштарак падид меояд. Бо мурури замон, вақте ки таҷрибаи муносибатҳои коллективӣ афзоиш меёбад,

хонандагон сабаби муваффақиятро дар иҷрои супоришҳои меҳнатӣ таҳлил намуда, ба хулоса меоянд, ки хуб аст, вақте ки ҳама ба якдигар кумак мерасонанд. Эҳсосоти мусбат, ки дар ибтидо дарк нашудаанд, дар хонандагон андешаи онро бедор мекунад, дар болои сабабҳои муваффақияти муштарак дар ҳама гуна кор мулоҳизаронӣ намоянд.

Ғайр аз ин, дар давраи тобистон бояд ба бозӣ таваҷҷуҳи бештар дода шавад. Бозӣ як навъ мактаби ба худ хоси дӯстию рафоқат аст, зеро он мутамарказии таваҷҷуҳ дар баъзе ҳолатҳо вокуниши дақиқ, маҳорати зоҳир намудани муташаккилиро талаб менамояд. Бозиҳо инчунин тадриҷан дар доираи хеле калони ҳаракатҳо ва амалҳо коркард карда мешавад. Ба хонандагон шаклҳои бозӣ дар меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, ҷашнҳои меҳнатӣ, бозӣ-сафарҳо, шанбегиҳо, мусобиқаҳо, намоишгоҳҳо мусоидат мекунад. Вазъияти бозӣ заминаи мусбати отифавӣ ба вуҷуд оварда, имкон медиҳад, ки ба таври номаълум кӯшиши хонандагон аз амали ғайриихтиёрӣ ба ихтиёрӣ гузаронида шавад. Дар бозӣ дастур ба бурд, аксаран ба бозӣ шакли мусобиқаро медиҳад: “Кӣ зудтар?”, “Кӣ бештар?”, “Кӣ дақиқтар?” ва ғайра. Мусобиқа метавонад фардӣ ва гурӯҳӣ бошад. Хонандагони бурдкарда ҳавасманд карда мешаванд, яъне ба кори онҳо баҳо дода мешавад.

Омӯзгор бо такя ба талаботи муосир корро оид ба ташаккули унсурҳои донишҳои иқтисодӣ, рушди тафаккури кунунии иқтисодӣ, саъй менамояд, дар раванди таълим намудҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоию иқтисодиро ворид созад (рафтор дар ошхона, меҳнат дар қитъаи замини мактаб, кумак ба волидон дар ҷиҳати пешбурди кори хоҷагӣ дар хона, иштирок дар шанбегиҳо, меҳнат оид ба худхизматрасонӣ ва ғайра).

Коллективҳои педагогии ҷумҳурӣ ба тарбияи ватандӯстии таълимгирандагон таваҷҷуҳи доимӣ медиҳанд, ки дар он нақши осорхонаҳо ва фаъолияти сайру саёҳатҳои илмӣ хеле муҳим мебошад. Маҳз дар фасли тобистон, вақте ки хонандагон вақти зиёди холӣ доранд, метавон шавқу рағбати маърифатии онҳоро рушд дода, донишҳои онҳоро оид ба Ватан, дар бораи таърихи диёри зодгоҳашон такмил бахшид. Дар осорхона хонандагон

бо фарҳанг, бозёфтҳои таърихӣ, осори санъат ва олоти қадимии меҳнат рӯ ба рӯ шуда, зиндагии ниёгонро меомӯзанд ва он барои кори тахайюлот заминаи пурғановат фароҳам меоварад. Хонандагон бо тарҷумаи ҳоли классикони адабиёти тоҷику форс ва саҳми онҳо дар ганҷинаи таърихи халқи тоҷик ошноӣ пайдо мекунанд. Воридшавӣ ба олами осорхона аз хонанда талоши руҳонӣ, дар баъзе ҳолатҳо бошад, бартарафкунии баъзе монеаҳои ботиниро талаб менамояд. Осорхона, дар навбати худ, на танҳо ба хонандагон ҳаҷми калони иттилоотро таъмин менамояд, балки ҷаҳонбинӣ, шавқу рағбат, ва саргармии наврасро густарда месозад.

Вазифаи осорхонаҳо танҳо бо ҷамъоварии мавод, арзишҳои ахлоқӣ маҳдуд намешавад, илова бар ин дар осорхонаҳо кори мунтазам дар самти рушди маърифатомӯзӣ ва таҳсилотии аҳолӣ роҳандозӣ мегардад. Осорхонаҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии ҳар як кишвар вазифаи шуҳратмандсозӣ ва оммавигардонии таърихи халқ ва фарҳанги онро амалӣ месозанд, инчунин онҳо муассисаҳои илмию фарҳангӣ ба шумор мераванд. Вобаста ба самти фаъолияти худ осорхонаҳо ба якчанд навъҳо тақсим карда мешаванд, аз қабили таърихӣ, кишваршиносӣ, илмӣ, санъатшиносӣ, соҳавӣ ва ғайра.

Осорхона маҷмуаи ашёе мебошад, ки таърихи Ватан ва башариятро муаррифӣ менамояд. Осорхонаҳои халқӣ дар баъзе нуқтаҳои аҳолинишин дар ҳолати начандон хуб қарор доранд. Нигораҳои дар онҳо ҷамъоваригардида ба мо дар бораи таърихи пуршарафи диёр, корхонаҳо, коллективҳои меҳнатии шуҳратманд ва меҳнаткашони солҳои гузашта нақл мекунанд. Ин гуна осорхонаҳо дар таблиғи таърихи гузашта ва имрӯза, фарҳанги миллӣ, анъанаҳо, урфу одатҳо ва маросими халқи тоҷик нақши хеле муҳимро мебозад. Вазифаи дигари осорхонаҳо ба вуҷуд овардани ифтихори кишвари азиз, гузаштаи он ва ба ҳифозати он омода кардан мебошад.

Дар фаъолияти осорхонаҳо пешбурди корҳои таҳсилотию маърифатомӯзӣ ҷойгоҳи махсус дорад, ки дар шакли баргузории маърузаҳо, сайрҳои илмӣ, ташкили намоишгоҳҳо, рӯнамоии адабиёт ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Дар чаҳорчӯбаи амалисозии тарбияи ватандӯстии хонандагон коллективҳои педагогӣ бо бисёр осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва дигар осорхонаҳои ҷумҳурӣ ҳамкориҳои наздик доранд. Дар Осорхонаи миллӣ хонандагон метавонанд бо таърихи халқи тоҷик ошно шаванд, дар бораи таърихи кишвари худ, қаҳрамонони он, ба монанди Шерак, Муқаннаъ, Спитамен, Деваштич, Темурмалик, ки ба муқобили душманони Ватан пайкор намудаанд, маълумот дастрас намоянд. Бисёр нигораҳо ва расмҳо дар бораи муборизаи халқи тоҷик бар зидди душманон, дар бораи ба масири сулҳу осоиштагӣ ва ризоияти миллиро интихоб намудани ҷумҳурӣ нақл мекунанд. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд: “Дар муттаҳидӣ ва ягонагии мо аҳамияти таърихи мо, ки инъикосгари руҳияи баланди миллӣ ва саҳифаҳои ҳодисаҳои номусоиди гузашта мебошанд, назаррас аст. Хатари таҳдидкунанда ба миллат бори дигар аз мо тоҷикон идроку эҳтироми ниёгон ва аҷдоди худро талаб менамояд. Яке аз сабабҳои ҷанги шаҳрвандӣ маҳз дар қисман аз даст додани фарҳанги пурғановати гузаштагонамон ва бепарвоии мо буд” [339, с.420].

Осорхона дар ҷомеаи муосири тоҷик маркази фарҳанг мебошад, ки вазифаҳои рушд ва тарбияи шахсро иҷро менамояд. Осорхона ва нигораҳои он ба соҳаи отифавии шахсияти наврасон таъсир мерасонад. Осорхона дар хонандагон эҳсоси алоқадорӣ ба ҳамаи он чи ки дар олами атроф мегузарад, хоҳиши иштирок намудан дар рӯйдодҳои муҳиме, ки дар Тоҷикистон ба вуқуъ меоянд, ташаккул медиҳад. Он дар наврасон эҳсоси эҳтиром ба собиқадорони ҷангу меҳнатро бедор мекунад ва дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватанро тарбия менамояд. Дар осорхонаҳо имконоти зиёд барои ҳаллу фасли масъалаҳои тарбияи ватандӯстонаи хонандагон ва баланд бардоштани сифатҳои ахлоқии онҳо мавҷуд мебошад.

Дар тарбияи ватандӯстонаи хонандагон нақши вижа ба таърихи Тоҷикистон, ба корномаҳои халқи тоҷик ошно намудани хонандагон ба онҳо тааллуқ дорад. Дар кори тарбияи ватандӯстонаи хонандагон муҷтамаи

шарафи ҷангии боғи Ғалаба дар шаҳри Душанбе пойтахти кишвари азизамон аз аҳаммияти хеле бузург бархӯрдор мебошад. Дар боғи Ғалаба хонандагон дар бораи ҷанговарони тоҷикистонӣ, ки Ватанро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ муҳофизат намуда буданд, огоҳ мешаванд ва дарк мекунанд, ки ғалаба ба халқи мо бо кадом қимат насиб гардид. Дар ин ҷо хонандагон ба эҳсоси ифтихори миллӣ дар бораи шуҷоат, далерӣ ва садоқат ба Ватан, ки халқи тоҷик дар он рӯзҳои душвор зоҳир намуданд, огоҳии пурра пайдо мекунанд. Хонандагон симоҳои одамонеро, ки ифтихори кишвари мо мебошанд-собиқадорони ҷанг ва меҳнат, навоварони истеҳсолотро мебинанд.

Агар сухан дар бораи тарбияи ватандӯстӣ ҳамчун ҷузъи муҳими таркибии тарбияи ахлоқии насли наврас мерафта бошад, лозим аст махсусан қайд карда шавад, ки барои хонандагон бояд бе дареғ доштани неру ва воситаҳо бояд пайкор намуд. Он чи ки мо имрӯз барои тарбияи хонандагон масраф мекунем, дар оянда натиҷаи матлуб хоҳад дод. Зарур аст, ки инсонҳои ватандӯст, таҳсилкарда ва солиму тандурустро тарбия намоем, он гоҳ мо аз ҷиҳати рушд ва ташаккули ҷомеаи босуботу устувор мутмаин хоҳем гардид. Охирояндаи кишвари мо дар дасти насли наврас мебошад.

Дар ҷараёни таҳқиқоти худ мо ба хулосае омадем, ки дар раванди тарбияи ахлоқӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии насли наврас дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ истифодаи анъанаҳои мардумӣ, маросим ва урфу одатҳо самаранокии кори мазкурро баланд мебардорад. Тахти мафҳуми анъанаҳо ва урфу одатҳо мо инҳоро дар назар дорем:

- эҷодиёти шифоҳии халқ, ки аз суханони пандомез, достонҳо, ривоятҳо, афсонаҳо, латифаҳо, сурудҳои таърихӣ, зарбулмасалҳо ва мақолҳо иборатанд;
- маросим, урфу одатҳо ва анъанаҳои мардумӣ;
- ҳамосаҳои халқӣ;
- бозиҳои серҳаракати тоҷикӣ;
- ҳунарҳои бадеии халқӣ;

- сурудҳои халқӣ ва мусиқӣ;

- санъати рақсии халқӣ;

- ёдгориҳои таърихӣ.

Дар эҷодиёти шифоҳии халқии тоҷик хислат ва анъанаҳои миллӣ, арзишҳои ба он хосбудаи ахлоқӣ: тасаввурот дар бораи дӯстӣ, сулҳдӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, садоқат, некӣ ва муҳаббат ба модар ва Ватан ҳифз шудаанд.

Дар зарбулмасалҳо ва мақолҳои тоҷикӣ лаҳзаҳои гуногуни ҳаётӣ хеле нишонрас тавсиф гардида, камбудию нуқсонҳои одамон мавриди истеҳзо қарор дода шуда, сифатҳои мусбати инсонӣ ситоиш мешаванд. Дар осори эҷодиёти шифоҳии халқ муносибати боэҳтиромона нисбат ба меҳнат, шавқу завқ ба маҳорати инсонҳо мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Ба туфайли ҳамин асарҳои фолклорӣ ғанитарин сарчашмаи таърихӣ, инчунин рушди маърифатию ахлоқии насли наврас дар руҳияи ватандӯстӣ ва муҳаббат ба диёри зодгоҳи худ мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки раванди тарбияи ахлоқии хонандагон ва наврасон ҳангоми риоя намудани ҷашнҳои миллӣ  Наврӯз, Меҳргон, Тиргон, Сада ва ғайра амалӣ мегардад. Дар арафаи ҷашнҳои мазкур тамоми халқ ба рӯбучини кӯчаю ҳавлиҳо ва маҳаллаҳо баромада, ба сари марқади хешовандону наздикон мераванд, гирду атрофи қабрҳоро ба тартиб медароранд. Дар рӯзҳои арафаи иду ҷашнҳо маъмул шудааст, ки ба оилаҳои камбизоат, шахсони танҳо ва бесаробон, инчунин маъюбону беморон кумакҳои моддӣ расонида мешавад. Ин гуна иқдомот дар хонандагон ва наврасон эҳсосоти инсондӯстона, ҳамдардӣ ва некукориро бедор менамояд.

Ин рафторҳои мусбат намунаи хуби ибрат барои дигарон, махсусан хонандагон мегарданд. Тавре ки Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ соли 2017 қайд намуданд: “Ба мо зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилотии санъат, осорхонаҳо ва китобхонаҳо, театрҳо ва марказҳои фарҳангиро беҳтар намоем, аҳли ҷомеаро бештар ба ин муассисаҳо ҷалб намуда, бад-ин тартиб барои баланд бардоштани фарҳанг ва ахлоқи ҷомеа махсусан ҷавонон, яъне

ба наслҳои бунёдкори миллат ва умуман ба рушди фарҳанги миллӣ такони ҷиддӣ диҳем”.

### 4.2. Таъсири ҷомеа, муассисаи таълимӣ ва оила ба тарбияи сифатҳои асосии ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ зимни ҷараёни тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ

Дар Эъломия дар бораи ҳуқуқи кӯдак, ки Ассамблеяи Генералии 44-уми СММ соли 1989 қабул намуда буд, ҳуқуқҳои кӯдакон хеле равшану возеҳ инъикос ёфтаанд. “Беҳтарин таъмини манфиатҳои кӯдак бояд асли роҳбарикунанда барои касоне бошад, ки ба онҳо масъулият барои таҳсилот ва таълим вогузор гардидааст; ин масъулият пеш аз ҳама бар уҳдаи волидони кӯдак аст” [179. с.2].

Барои рушди пурра ва ҳамаҷонибаи кӯдак оила лозим аст. Маҳз дар оила ӯ нахустин мафҳумҳоро дар бораи чи будани ҳақиқат, дурӯғ, бадахлоқӣ, бурдборӣ, адолат ва ғайра фаро мегирад.

Дар тарбияи ҷаҳонбинӣ ва ахлоқ на танҳо гуфтор, балки мушоҳида ҳам нақши асоситарин дорад. Хонанда муносибатҳои байниҳамдигарии ҳамарӯзаи аъзои хонаводаро мушоҳида менамояд ва ҳама гуна лаҳзаҳои хушбахтӣ ва ҷанҷолу ихтилофҳои оилавӣ ба тарбияи ӯ таъсир мерасонанд. Эҳсоси ҳамдигарфаҳмӣ ва ризоият дар байни одамон, таҳаммулпазирӣ, ҳамдардӣ, мусолиматӣ, навозиш ва дигар эҳсосоти руҳонӣ ба фарзанд тавассути волидон дар хонавода интиқол мегардад. Тарбияи оилавӣ ҷиҳатҳои мусбати худро дорад, ки наметавон онро бо тарбияи ҷамъиятӣ иваз намуд. Фаъолнокии фарзанд, ҷаҳонбинии ӯ маҳз дар оила ташаккул меёбад.

Дар хонаводаи фарҳангӣ ва таҳсилдида нисбат ба оилае, ки дар он сатҳи фарҳанг ва таҳсилоти падару модар паст бошад, имконоти тарбиявӣ хеле баландтар аст. Дар оила таҳкурсии шахсияти фарзанд гузошта мешавад ва тарбияи минбаъда ба муассисаи таълимӣ вогузор карда мешавад. Маҳз бо ҳамин сабаб комиёбиҳои оила ва робитаҳои ҳасана ва неки байниҳамдигарии

аъзои оила дар тарбияи фарзанд аз аҳаммияти бузург бархӯрдоранд. Роҳбари синф зимни омӯзиши шахсияти хонанда бояд бидонад, ки ӯ дар чи гуна шароит дар хона зиндагӣ ба сар мебарад ва табиист, ки аз тамоми ҷиҳатҳои тарбияи оилавӣ огоҳӣ дошта бошад. Аммо на ҳамаи хонавода намунавианд ва на дар ҳамаи оилаҳо ба таълиму тарбияи фарзанд таваҷҷуҳи хоса дода мешавад, бинобар ин, ба хотири беҳбудии хонанда омӯзгор маҷбур мешавад, ки ба волидони хонандагони синфи худ таъсири педагогӣ расонад. Беҳуда нест, ки В.А. Сухомлинский қайд намуда буд, ки бидуни мактаби волидон ӯ тарбияи инсони комилро бе ҳамкории якҷояи оилаю мактаб ва ҷомеаи муосир тасаввур намекунад [196, с.46].

Дар мактаби ӯ омӯзгорон мунтазам барои падару модарон маърузаҳо хонда, ба онҳо тарбияи дурусти фарзандонро меомӯзонданд.

Барои омӯзгор робитаи мустаҳкам бо оилаи хонанда муҳим аст, зеро бояд талаботи оила ва муассисаи таълимӣ дар тарбияи хонанда бо ҳам мувофиқат дошта бошанд. То ки оила вазифаи асосии худро дар тарбия иҷро намояд, ба он бояд кӯмак кард, ҳарчанд ки нақши тарбия, асосан, ба муассисаи таълимӣ ва омӯзгор вогузор мегардад. Ҳамаи муваффақиятҳо, тамоми рушди ҷисмонӣ ва зеҳнии фарзанд ба уҳдаи падару модар гузошта мешавад.

Дар вақтҳои охир фаъолнокии асосии коллективи педагогӣ - ин кор бо волидон аст, ки ду вазифаро дар бар мегирад:

- робитаҳои фардӣ;
- истифодаи методҳои инфиродии таъсиррасонӣ ба волидон.

Дар ҳоли ҳозир дар ҷумҳурӣ баъзе методҳои нигаронидашуда ба ташаккулёбӣ ва тарбияи иҷтимоии хонандагон истифода мешаванд, ки онҳо самараи мусбат доранд. Чунончи, омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35 шаҳри Душанбе М.Маҳмадбекова ба кори инфиродӣ бо падару модарон таваҷҷуҳи махсус ҷудо мекунад. Ба андешаи омӯзгор ӯ ҳар қадар бо хонаводаи хонанда беҳтар ошноӣ дошта бошад, метавонад ҳамон қадар беҳтар ба тарбияи хонанда таъсири мусбат расонад.

Бинобар ин, ӯ ихтилофи миёни оилаҳои Солеҳовҳо ва Раҳимовҳоро, ки бо сабаби рафтори фарзандонашон пайдо шуда буд, ба осонӣ ҳаллу фасл намуд. Дар натиҷа, хонандагон оштӣ карданд ва низоъ аз байн бардошта шуд. Вақте ки омӯзгор ба қабули хонандагони синфҳои якум оғоз мекунад, ӯ саъй мекунад, ки бо волидони онҳо тамос ва робита барқарор намояд, то ки ба мактаб ҳам хонандагон ва ҳам волидони онҳоро ҷалб намояд. Дар ҳолатҳои мушкилии ҳаёти коллективи синф нахустин ёварони омӯзгор аъзои кумитаи падару модарон мегардад.

Кумитаи падару модарон дар бартарафсозии низоъҳои дар оилаи хонандагон бавуҷудомада кумак мерасонад. Омӯзгори синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35 шаҳри Душанбе М.Маҳмадбекова, маъмулан, дар оғози соли таҳсил шабнишиниҳои дӯстона ташкил мекунад. Дар ин чорабиниҳо волидон дар шароити озодона бо ҳамдигар ошно мешаванд, дар озмуни донистани урфу одат ва анъанаҳои халқи тоҷик фарзандони онҳо иштирок мекунанд. Омӯзгор саъй мекунад, ки ҳамаи чорабиниҳое ки дар муассисаи таълимӣ ва дар синф ӯ ташкил ва баргузор мекунад, бо иштироки волидони хонандагон гузаранд.

Дар давоми соли таҳсил кумитаи падару модарон дар чорчӯбаи мизи мудаввар якчанд мулоқот ва суҳбат барпо мекунад, ки дар онҳо масъалаҳое ба монанди “Роҳи ҳалли низоъ дар оила”, “Оилаи таҳсилкарда – кафолати ризоият”,“Нақши хонавода дар тарбияи фарзандон”, “Сулҳ ва таҳаммулпазирӣ” ва ғайра. Бояд дар назар дошт, ки хонанда иттилооти аввалия дар бораи қоидаҳои рафторро маҳз дар оила ба даст меоварад. Таҳти таъсири волидон хонанда эҳтиром ба калонсолон, ба бародарону хоҳарон ва дигар аъзои калонсоли хонаводаро ёд мегирад, яъне нисбат ба инсонҳои дигар таҳаммулпазирӣ зоҳир менамояд. Волидон ҳам ба мисли муассисаи таълимӣ уҳдадоранд, ки рафтори хонандагонро риоя ва назорат намоянд, ба тарбияи ҷисмонӣ ва ақлонии онҳо таваҷҷуҳ дошта бошанд. Онҳо дар лаҳзаҳои гуногун мисолҳои мусбат меоваранд ва хонандагонро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия мекунанд.

Ҳаёти кӯдак дар давраи мактабхони – ин яке аз давраҳои асосӣ ва пурмасъулият дар зиндагии хонанда ба шумор меравад. Маҳз дар муассисаи таълимӣ робитаи мутақобил бо ҷаҳони беруна ташаккул ёфта, дар ҳаёти кӯдакон тағйироти ҷиддӣ ба амал меояд. То давраи мактабравӣ машғулияти асосии кӯдак аз бозӣ иборат буд, дар мактаб бошад, ба ҷойи бозӣ хониш ва меҳнат машғулияти асосӣ мегардад. Волидон бояд бидонанд, ки давраи гузариш аз бозӣ ба таҳсил барои хонанда хеле ҳассос мебошад. Дар ин давра ивазшавии мавқеъҳо ва арзишҳо ба вуҷуд меояд, низоми зиндагии кӯдак тағйир ёфта, вазъи иҷтимоии ӯ дигаргун мешавад. Дар давраи таҳсили хонанда дар синфҳои ибтидоӣ омӯзгор ва оила бояд якҷоя амал кунанд.

Оила омӯзгорро мавриди дастгирӣ қарор дода, бояд ба шавқу рағбат ва талаботи хонанда таваҷҷуҳ намуда, эҳтиёҷоти ӯро фароҳам оварад, ки дар оянда яке аз шароити асосии рушди шахсияти хонанда хоҳад гардид. Рушди шахсият- ин кори муштараки муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеаи муосир мебошад. Бидуни ёрии мактаб оила наметавонад ахлоқро тарбия намояд.

Аммо бояд дар назар дошт, ки дар оғози ҳаёт ба кӯдак таъсири оила назаррас мебошад. Тавре ки А.С.Макаренко муътақид буд: “асоси тарбияи ахлоқӣ ҳанӯз то 5-солагӣ амалӣ мегардад” [258, с.59].

Тарбияи хонанда - ин вазифаи муштараки оила ва ҷомеа мебошад. Оила ва ҷомеа вазифаи худро на танҳо дар таъмини талабот, инчунин дар чигунагии иҷрои ин талабот бидонанд. Дар ин раванд асоситарин нақш ба муассисаи таълимӣ тааллуқ дорад. А.С.Макаренко дар ин бора чунин навишта буд: “Оилаҳои хуб ва инчунин нохуб ҳам ҳастанд. Бо хонавода набояд умед баст, ки вай метавонад кӯдакро дуруст тарбия мекунад. Мо бояд тарбияи оилавиро ташкил намоем ва ташкилотчии он бояд намояндаи давлат бошад. Ва ин намоянда – муассисаи таълимӣ аст” [258, с.78].

Коллективи педагогӣ пешниҳоди ташкили клуби “Хонаи ободи ман”-ро ба миён гузошт, чунки падару модарони хонандагони синфҳои ибтидоӣ, асосан, оилаҳои ҷавон мебошанд. Дар ин клуб волидони хонандагон дар шароити озодона мушкилиҳои таълиму тарбияи хонандагонро ҳаллу фасл

менамоянд. Аъзои клуб намояндагони ҳамаи синфҳои ибтидоӣ мебошанд. Роҳбари клуб омӯзгори синфҳои ибтидоӣ Муҳаррам Худойдодова интихоб шудааст. Шиори клуб чунин аст: “Хонаи ман равшантару ободтар ва гармтар мешавад, агар дар он падару модарон, хушбахтона, дар сулҳу ризоият зиндагӣ намоянд”. Машғулиятҳои клуб таҳти садои мусиқӣ баргузор мешаванд.

Барои баромад кардан дар назди падару модарон омӯзгорони ботаҷриба, ҳуқуқшиносон ва табибон даъват карда мешаванд. Дар фаъолияти клуб, пеш аз ҳама, ба робитаи байниҳамдигарии хонандагон ва волидони онҳо, ташаккулёбии муносибати боэҳтиромонаи фарзандон бо падару модарон ва калонсолон, дар хонандагон тарбия намудани усули башардӯстонаи рафтор, муносибати таҳаммулпазирона ба ҳамаи одамон, сарфи назар аз миллат ва маҳалли зист таваҷҷуҳ дода мешавад. Ба волидони ҷавон тавзеҳ мекунанд, ки низоъҳо ва ҳолатҳои ихтилофнок дар хонавода мешаванд, аммо ҳамсарон дар ин ҳол бояд мутавозин ва хештандор бошанд, то ки сари вақт битавонанд ҷанҷолро бартараф намоянд, то ки хонанда шоҳиди munoқишаи байни падару модар набошад ва осеби ахлоқӣ нагирад ва аз падару модар муоширát ва муносибати боэҳтиромона нисбат ба якдигарро омӯзад. Лозим аст, ки мушкилиҳо ва низоъҳо бо созиш ҳаллу фасл шаванд ва дар хонавода фазои солиму самимона вуҷуд дошта бошад. Дар клуб падару модарони ҷавон маслиҳатҳои муфид мегиранд, дар мавзуъҳои гуногуни мубрам мубоҳиса мекунанд.

Ҳар як чорабиние, ки дар клуб мегузарад, баъди изҳори андешаю мулоҳизаҳо бо консерти иштирокдорон хотима меёбад. Чорабинӣ-консерт таҳти унвони “Модар, падар ва ман - оилаи тифоқ” ба якпорчагии хонавода мусоидат мекунад. Натиҷаҳои озмун бо баҳоҳои мувофиқ аз тарафи иштирокдорон арзёбӣ карда мешавад. Дар озмун ҳар як оила мехоҳад фаъолона баромад намояд ва қобилияти худро нишон диҳад, кроссворду ребусҳо ва чистону муаммоҳоро мекушоянд. Оилаҳо, инчунин истеъдоди худро дар хондани сурудҳо намоиш медиҳанд. Дар озмуни варзиш бошад,

ҳамон иштирокдорон ғолиб баромаданд, ки дар тӯббозӣ ва бандкашӣ истъдод нишон доданд. Он волидоне, ки ғолиби озмун шудаанд, медалҳои аз тарафи омӯзгорон ва  мутахассисони дигар мукофот гирифтанд.

Чорабиниҳои дар клуб гузаронидашаванда ба наздикшавии оилаҳо ва ҳамдигарфаҳмии онҳо мусоидат мекунанд, инчунин барои пайдо кардани посуххо ба саволҳои омӯзгорон ва дигар мутахассисон дар бораи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ кумак мерасонанд. Таҷриба нишон дод, ки барои ба даст овардани натиҷаҳои мусбат дар тарбияи сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, дар ҳалли вазъиятҳои низоӣ дар миёни хонандагон набояд фақат ба дарс умед баст. Дар ин кор, инчунин кори беруназсинфӣ, соатҳои тарбиявӣ, мубоҳисаҳо нақши муассир доранд.

Дар замони ҳозира бояд мушовири асоситарин хирадмандӣ, фарҳанги баланди муоширaт, таҳаммулпазирӣ ва хушахлоқӣ бошад. Акнун инсонҳо бояд ҳамаи чораҳоро андешанд, ки халқ дар шароити сулҳу оштӣ, таҳаммулпазирӣ ва эҳтироми байниҳамдигарӣ зиндагӣ намоянд. Ҳама бояд якҷоя ҳал кардани  ин масъаларо яъне дар сулҳу оштӣ зистанро ёд гиранд. Барои ин бояд таънаю маломат, ранҷиш ва қасосро бартараф намоянд. Маҳз дар ҳамин давру замон ҳамдигарфаҳмӣ хеле муҳим аст.

Омӯзгорон бояд ба хонандагон талқин намоянд, ки онҳо дар замони пурмасъулият умр ба сар мебаранд ва онҳо барои таҳкими сулҳ масъуланд, бинобар ин, таҳаммулпазирӣ на танҳо дар кишвари худ, балки дар миқёси ҷаҳон зарур мебошад. Сарнавишти ҷаҳон вобаста бар он аст, ки насли наврас онро чи гуна идора хоҳад намуд. Зероояндаи мо дар дасти онҳо мебошад. Шоири бузурги тоҷику форс Умари Хайём ғояи ахлоқро ба дараҷаи баланд бардоштааст. Шоир дар рубоиҳои худ хубиро дар муносибати байни инсонҳо васф кардааст. Ӯ хушнудиро тавсиф намуда, ба ҷавонон эҳсоси хушбинӣ ва муҳаббат ба зиндагиро талқин мекард.

Эй кош, ки ҷойи орамидан будӣ
Ё ин раҳро ба сар расидан будӣ,

Кош аз пайи сад ҳазор сол аз дили хок,
Чун сабза умеди бардамидан будӣ [443,с.142].

Шоири бузург Абулқосим Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” чунин афкори педагогӣ аз қабили тарбияи сифатҳои ахлоқии сулҳпарварӣ, ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, омодасозии насли наврасро ба ҳаёти осоишта тараннум намудааст.

Ба андешаи Фирдавсӣ хирад дар зиндагии инсон нақши муҳим дорад ва асоси рушди ғояҳои педагогӣ ба шумор меравад. Ба эътиқоди шоир хирад беҳтарин ҳадяест, ки табиат ба инсон додааст. Агар хирад бошад, он гоҳ инсон ҳамеша меомӯзад, дараҷаи дониш ва таҷрибаи худро баланд бардошта, дар соҳаҳои гуногун таҳсили илму дониш мекунад. Дар ҳамин ҳол хирад метавонад инсонро аз ҳама гуна фалокатҳо эмин дорад. Дар оғози достони Сиёвуш дар бораи нақши сифатҳои маънавию ахлоқӣ мегӯяд:

Ҷаҳон сар ба сар ҳикмату ибрат аст,
Чаро баҳраи мо ҳама ғафлат аст,
Ту чанги фузунӣ задӣ дар ҷаҳон,
Гузаштанд аз ту басе ҳамраҳон [7, с.97].

Фирдавсӣ одамони накукорро бузург меномад. Ба ақидаи ӯ бузург он аст, ки ғайр аз тухми некӣ дигар чиз накошт. Ҳаёти ӯ пур аз шодию нишот аст. Халқ чунин инсонро эҳтиром намуда хирадманд мехонад.

Хирадманди доно надонад фусун,
Ки аз чанбари ӯ сар орад бурун.
Бад-ин донишу ин дили ҳушманд,
Бад-ин бурзу болову рои баланд [7, с.97].

Бояд қайд намуд, ки оила дар ҷомеа дар тарбияи хонанда мавқеи вижа дорад ва дар тарбияи ҷаҳонбинӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ нақши асосиро иҷро мекунад.

Оила воҳиди ҷомеа ва ҳамчунин воҳиди кишвар ба ҳисоб меравад. Кори муштараки муассисаи таълимӣ ва оила иборат аз фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд ва камолоти бачагон мебошад. Вазифаи асосии омӯзгор дар ташкили ҳамкорӣ бо падару модарон – ин фаъолноксозии кори педагогӣ ва тарбиявии хонаводаи хонанда мебошад. Кори ҳамаи иштирокдорони раванди таълиму тарбия иборат аз намунаҳои мусбати ҳаётӣ ва арзишҳои маънавӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мебошад, ки ба ташаккули шахсият мусоидат мекунад. Муошırати ҳадафмандона ва наздики омӯзгор бо оилаи хонанда дорои аҳаммияти иҷтимоӣ мебошад. Кори муштараки муассисаи таълимӣ ва оила бояд инфиродӣ бошад ва омӯзгор дар ҳолати мушаххас, бо такя бо назардошти шароити тарбияи хонанда амал намояд. Омӯзгор уҳдадор аст, бидонад, ки хонанда бо кӣ дар оила зиндагӣ мекунад, шароити ӯ барои тайёр кардани дарсҳо дар хона чи гуна аст. Дар тарбияи хонандагон тавсияҳо, дастурамалҳо ва коркардҳои методии умумӣ қобили қабул нест. Тавсияҳои барои як оила додашударо наметавон дар хонаводаи дигар мавриди истифода қарор дод. Дар чунин ҳолатҳо маслиҳатҳои дигарон низ қобили қабул нест. Бояд қайд намуд, ки уҳдадории муассисаи таҳсилотии миёнаи умумӣ иттилоърасонӣ, дастгирии хонандагон ва волидон аст. Дар навбати худ оила ҳам ба онҳо кумак мерасонад. Дар оила тарбия бо муҳаббат, бо таҷриба, анъанаҳои халқии тоҷикон ва мисоли шахсӣ аз замони кӯдакӣ асос меёбад. Чунин ҳамкорӣ муошırати педагогии омӯзгорони муассисаи таълимиро муайян карда, ба омӯзгор имкони пайдо кардани суханони зарурӣ дар гуфтугӯ бо волидонро муҳайё менамояд. Падару модарон набояд дар бораи фарзанди худ сухани бад гуфта, ӯро инҷиқ, суханношунав, бадрафтор муаррифӣ кунанд. Бояд ба волидон талқин намуд, ки дар фарзанди худ ин ё он ҷиҳати хуби ӯро пайдо кунанд. Шарти муҳими ҳамкории муассисаи таълимӣ бо оила – тасаввуроти пурра дар бораи вазифаҳо ва муҳтавои фаъолият мебошад. Муассисаи таълимӣ ва оила бояд хусни тафоҳум дошта бошанд ва дар бораи имконоти тарбиявӣ тасаввурот дошта бошанд, бояд

амалҳои воқеии ёрии байниҳамдигариро анҷом дода, масъулиятро эҳсос намоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки баъзан оила тарбияи фарзандро ба муассисаи таълимӣ вогузор намуда, аз раванди тарбияи хонанда канораҷӯӣ мекунад. Дар тарбияи кӯдак бояд ҳар ду тараф дар фазои ҳусни тафоҳум ва ҳамкории пурра иштирок намоянд.

Тарбияи оилавӣ дар оилаи тоҷик отифаро дар робитаҳо ворид менамояд, муҳаббати волидонро ба фарзандон ва ҳамин гуна эҳсосоти фарзандонро дар назар дорад. Муносибатҳои хуб дар оила, фазои муътадили хонаводагӣ хонандаро ба идроки мусбати қоидаҳо ва одоби рафтор ва ақидаҳои дар оила маъмулбударо ҳавасманд менамояд.

Барои он ки оила аз уҳдаи тарбияи хонанда бомуваффақият барояд, падару модар бояд аз талаботи асосии педагогӣ огоҳ бошанд ва шароити заруриро дар оила барои тарбияи фарзанд фароҳам намоянд. Ин ҳамон фазои хонаводагӣ аст, ки ҳар яке аз волидон ва аъзои хонавода масъулияташонро барои тарбияи фарзандон ва таълими онҳо дарк мекунанд. Шароити зарурии тарбияи оилавӣ – ин пеш аз ҳама реҷаи ба таври маъқул ташкилгардидаи зиндагӣ дар оила мебошад. Қайд кардан зарур аст, он ормоне, ки оила, муассисаи таълимӣ ва ҷомеаи муосир барои он саъю кӯшиш мекунанд, инсони ҳаматарафа рушдёфта, таҳсилкарда, аз лиҳози ахлоқӣ ва ҷисмонӣ солим, ватандӯст, меҳнатдӯст, сулҳпарвар, таҳаммулпазир ба одамони атроф меҳрубон мебошад. Дар робита бо ин вазифаҳои асосии омӯзгорони мактабҳо ва волидони хонандагон аз инҳо иборат мебошад:

- маърифатноккунии ҳамаҷонибаи педагогии падару модарон, ошно сохтани онҳо бо асосҳои донишҳои назариявӣ бо амалияи кори ҳаммактабон;

- ҷалб намудани падару модарон ба иштироки фаъолона дар раванди таълиму тарбия, дар волидон ташаккул додани талабот ба худомӯзӣ, ошно намудани омӯзгорони фаннӣ бо методҳои гуногуни тарбияи хонаводагӣ, интихоб ва ҷамъбасти таҷрибаи дар амалия мавҷудбуда;

Дар кори оила ва муассисаи таълимӣ зарур аст, ки проблемаҳои муайян ба назар гирифта шаванд:

- тарбия дар оилае, ки як нафар фарзанд дорад;

- вижагии таъсиррасонии оилаи нопурра ба фарзанд;

-ислоҳоти муоширати волидон бо фарзандон дар робита бо машғулияти волидон.

Кори омӯзгорон дар муассисаи таҳсилотии миёнаи умумӣ бо падару модарон дар самтҳои зерин роҳандозӣ мешавад: бо ҳамаи коллективи волидон, бо гурӯҳ ё ба таври инфиродӣ. Ҳамкории мактаб ва оила дар тарбия зарур аст, зеро падару модарон мехоҳанд фарзандони худро шаҳрвандони сазовори ҷомеа бинанд, онҳо ватандӯст, сулҳпарвар ва таҳаммулпазир бошанд. Бидуни кумаки оила мактаб наметавонад натиҷаҳои баландро дар тарбияи хонандагон таъмин намояд.

Бояд таъкид намуд, ки оила ба хонанда дар раванди тарбия ҳамарӯза таъсир мерасонад, зеро дар ташаккули сифатҳои шахсӣ ва маънавӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ аз имконоти тақрибан номаҳдуд бархӯрдор аст. Бо падару модарон роҳандозӣ намудани тамосҳои муфид хеле осонтар сурат мегирад, агар омӯзгор муоширатро ҳадафмандона, бо назардошти вазъияти мавҷуда пешакӣ на танҳо дар мавзуи суҳбат, балки гунаҳои мухталифи онро пешбинӣ намояд. Мавриди додани маслиҳатҳо, ворид намудани ислоҳу тасҳеҳот ба таъсиррасонии волидон ба хонанда бояд дар хотир дошт, ки дахолати бевоситаи беназокатона ба корҳои дохилии хонавода метавонад боиси эътирози падару модар гардад. Бояд қайд намуд, ки ҳар як падару модар фарзандашро бо истифода аз таҷриба, маҳорат ва эҳсосоти худ тавре тарбия мекунад, ки ҳамон тавр лозим медонад. Ба хоҳишу дархостҳои волидон бояд бодиққат рафтор намуд, ҳамон вақт аз иҷрои онҳо худдорӣ намуд, ки агар иҷрои он ба хонанда хеле зараровар бошад. Муоширати инфиродӣ на танҳо ба омӯзгор имкони таъсиррасонӣ ба волидонро фароҳам меоварад, балки ба ӯ барои интихоби тарзи муносибат ба хонанда аксаран кумак мерасонад.

Барои кори бомуваффақияти муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбия, лозим аст, ки падару модарон, рафтор ва кирдори фарзандони худро таҳлил

карда тавонанд. Аз ин рӯ бояд муҳтаво ва методикаи маърифатноксозии волидонро бо назардошти омодагии онҳо ба тарбияи ахлоқии фарзандон таҳия намуд; дар волидон чи гуна рағбати тарбиявиро ба раванди худомӯзӣ дар соҳаи донишҳои махсуси педагогӣ бедор намуд; эҳтиёҷоти робитаҳои байниҳамдигарии волидонро бо фарзандон ва омӯзгорон такмил дода, соҳаи фаъолияти муштарак муоширати онҳоро тавсеа намуд. Агар дар байни роҳбари синф ва падару модарон муносибатҳои эътимодбахш мавҷуд бошанд, он гоҳ омӯзгор метавонад хоҳиши баён намудани натиҷаҳои мушоҳидаҳоро матраҳ намояд ва дар он вақт ягонагии талаботи муассисаи таълимӣ ва оила дар тарбияи кӯдак таъмин хоҳад гардид.

Дигаргунсозиҳои демократие, ки дар ҳаёти ҷомеаи мо ба вуқуъ меоянд, боиси тағйирот дар парадигмаҳои таҳсилотӣ низ гардиданд. Рағбати илми педагогика ба ташаккулёбии шахсият ба амалияи таълиму тарбияи насли наврас ислоҳот ворид менамоянд. Равишҳои башардӯстона ва шахсиятӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ дар педагогика мубрамии махсус пайдо мекунанд.

Албата, ин тамоюлот тағйиротро дар методҳо, шаклҳо ва воситаҳои таълими навъҳои гуногуни фаъолияти маърифатӣ талаб мекунанд. Ба андешаи коллективи омӯзгорони муассисаи таълимӣ тақвия бахшидани вазифаи тарбиявии муассисаи таҳсилотӣ ба зарурати такмили шаклҳо ва равишҳои ҳамкории муассисаи таълимӣ ва оила вобастагӣ дорад. Бинобар ин, тақвия бахшидани ҳамкорӣ бо оила вазифаи афзалиятнок мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки падару модарон ба иштирок дар ташкили раванди таълиму тарбия – роҳбарии маҳфилҳо, баромад дар назди волидон ва хонандагон, омодасозӣ ва иштирок дар роҳандозии корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ ҷалб карда мешаванд. Кори инфиродии муассисаи таълимӣ бо падару модарон ва дигар аъзои калонсоли оила мураккаб ва гуногунҷанба мебошад.

Бояд таъкид намуд, бартарии кори инфиродӣ дар он аст, ки дар танҳоӣ бо омӯзгор падару модарон дар бораи мушкилоти дохилихонаводагӣ ошкоро

сухан мегӯянд, дар ҳоле ки дар назди одамони дигар ҳеҷ гоҳ дар ин маврид чизе намегуфтанд. Ҳангоми суҳбатҳои инфиродӣ бояд қоидаи асосӣ риоя гардад: муҳтавои суҳбати инфиродӣ бояд дар назди мусоҳибон монад ва набояд фош карда шавад. Бисёр чизҳо дар муносибати байни  муассисаи таълимӣ ва оила аз вохӯрии аввал вобастагӣ дорад. Дар вохӯрии нахустин бо волидон набояд дар бораи душвориҳои кор бо хонандагон сухан ба забон овард. Бояд саъй кард, то ки дар  волидон эътимоду итминон пайдо шавад, ки фарзандони онҳоро омӯзгороне таълиму тарбия хоҳанд намуд, ки тамоми шароитро доранд. Қобили зикр аст, ки дар шакли баргузории суҳбати инфиродӣ хеле муҳим аст ва ҳар як мусоҳиб истимоъ карда тавонад. Ҳангоми шинос шудани омӯзгорон бо волидон бояд ин қоида риоя карда шавад. Ҳамчунин барои иҷрои чунин корҳо бо волидон имконоти васеъ мавҷуданд: иттилооти густардаи педагогӣ ва таҳсилотӣ; дар баъзе ҳолатҳо ба вуҷуд овардани афкори ҷамъиятӣ; ҷалб намудани падару модарон барои иштирок дар ҳаёти муассисаи таълимӣ. Ин кор дар ду самт иҷро карда мешавад: баланд бардоштани фарҳанги педагогии волидон ва дар ин робита мукаммалтар иҷро карда шудани уҳдадориҳои онҳо оид ба тарбияи фарзандонашон; муттаҳидсозии падару модарон дар коллективи амалкунанда, ки кори он ба баланд бардоштани кори таълиму тарбия бо ҳамаи хонандагон нигаронида шудааст.

Шакли муҳими кор бо коллективи волидон – ин маҷлиси падару модарон мебошад. Он маъмулан ҳар моҳ як бор дар сурати зарурат бештар баргузор мегардад. Бояд қайд намуд, ки маҷлисҳои падару модарон омӯзгорон ва волидонро хеле бо ҳам қарин мегардонад, оиларо бо  муассисаи таълимӣ наздик месозад, дар кори пайдо намудани роҳҳои муносибтари таъсиррасонӣ ба тарбияи хонанда мусоидат менамояд. Дар маҷлисҳо падару модарон бо ҳадафҳо ва вазифаҳо, муҳтавои таълиму тарбияи хонандагон дар оила ва дар  муассисаи таълимӣ ошно карда мешаванд.

Маҷлисҳои падарону модаронро метавон бо усулҳои гуногун гузаронд ва қисми асосии он – ба иттилоъ расонидани донишҳои педагогӣ метавонад

ба таври маъруза, гузориш ва суҳбат ифода гардад. Инчунин мумкин аст машғулияти семинарӣ, тамошо ва муҳокимаи кинофилм, бозиҳои кории миёни омӯзгорон ва волидон роҳандозӣ карда шавад. Баргузории хондани мақолаҳои алоҳида, иқтибосот аз асарҳои классикони адабиёти педагогӣ, ба миён гузоштани ҳолатҳои проблемавӣ низ мувофиқи мақсад мебошад.

Яке аз шаклҳои кори тарбиявӣ гузаронидани маҷлисҳои ҳамзамони мувозӣ, яъне барои волидони ҳамаи хонандагони синфҳои якум ва алоҳида барои волидони синфҳои дуюм мебошад. Таъкид кардан зарур аст, ки маҷлисҳои падару модарон ҷиҳати муайян кадани ҳадафҳо, имконоти волидон дар масъалаҳои тарбия, мусоидат дар ҳалли проблемаҳо, пайдо кардани роҳҳои тағйирот ва такомулот тавассути ҷустуҷӯи муштарак кумак мерасонанд.

Баромади падару модарон дар назди хонандагон басо ҷолиб мебошад ва ин метавонад ҳикоя дар бораи фаъолияти касбии худ бошад. Қобили таъкид аст, ки чунин баромадҳо хеле дақиқ омода карда мешаванд, шакл ва муҳтавои он бояд ба хонандагон дастрас бошанд. Маврид ба зикр аст, ки ҷалб намудани падару модарон барои иҷрои супоришҳои гуногун ва кумаки хайрхоҳона ба муассисаи таълимӣ – кори муҳим ва воҷиби омӯзгор бо оила мебошад. Боз яке аз шаклҳои муҳими кор бо волидони хонандагон омода кардани лавҳаҳо ва гӯшаҳо барои падару модарон мебошад. Чунин гӯшаҳо барои кӯмак ба омӯзгор ҷиҳати роҳандозии таълими умумии педагогии волидон оид ба баланд бардоштани фарҳанги педагогии онҳо мебошад. Мусбат хоҳад буд, вақте ки муҳтавои мавод дар гӯшаҳо бо он мавзуе, ки падару модаронро ба он шинос мекунанд, мувофиқат дошта, он имкон медиҳад, ки донишҳо амиқ гардида, бори дигар ба сари мавзуи гузашта баргашта, матлаби даркорӣ такрор ва таъкид карда шавад. Дар лавҳаҳо низ мавзуи мустақил кушода мешавад. Омӯзгор метавонад ба таври ҷудогона бо кумитаи падару модарони синф кор карда, конференсияҳои гуногуни волидонро баргузор намояд. Баргузории конференсияҳо дар мавзуъҳои “Дар муассисаи таълимӣ ва дар хона чӣ тавр бояд рафтор кард”, “Методҳои

тарбиявии фаъолияти волидон” ва ғайра дар муассисаи таълимӣ ба ҳукми анъана даромадааст.

Вазифаи асосии конференсияи волидон табодули таҷриба, паҳнкунӣ ва татбиқи таҷрибаи беҳтарин мебошад. Аъзои кумитаи падару модарон дар якҷоягӣ бо омӯзгор гузориш омода намуда, дар конференсия баромад мекунанд. Ҳамчунин метавон анҷуманҳои педагогӣ ташкил намуда, бо якҷоягӣ бо падару модарон соатҳои синфӣ, чорабиниҳои МТМУ, шабнишиниҳои солинавӣ, Рӯзи модар, таҷлили ҷашнҳои миллии Наврӯз, Меҳргон, Тиргон ва Саддаро баргузор намуд. Дар анҷуманҳо метавон мавзуъҳои зеринро баррасӣ намуд: “Маишати фарзандонро дар оила чӣ тавр бояд ташкил намуд”, “Хондани асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс”, “Бо хонандагон чи гуна азёд кардани шеър, шунидани мусиқӣ, ҳаллу фасли ҳолатҳои мушкил, тарзи бартараф намудани онҳо” ва ғайраро роҳандозӣ намуд. Омӯзгорон ин корро ташкил намуда падару модаронро ба раванди таълиму тарбия ҷалб мекунанд.

Дар нақшаи кори ҳар як омӯзгор намудҳои гуногуни фаъолияти муштараки муассисаи таълимӣ ва оила, аз қабили ташкили саёҳатҳои илмӣ ба корхонаҳои маҳалли кори падару модарон пешбинӣ шудааст. Ташкили саёҳатҳои илмӣ ва сайру гаштҳо дар шаҳр ва берун аз шаҳр, баргузории суҳбатҳо оид ба касбу кор, манфиати онҳо барои одамон, мулоқот бо собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, иштирокдорони адои қарзи интернатсионалӣ дар Афғонистон, иштирокдорони бартарафсозии оқибатҳои садамаи Неругоҳи атомии Чернобил дар нақшаи кори омӯзгорон пешбинӣ шудааст. Бояд қайд намуд, ки шаклҳо ва методҳои кор бо падару модарон гуногунанд, аммо зарур аст, ки омӯзгор бо дарназардошти ҳамаи вижагиҳои кори омӯзгорон бо коллективи волидон, интихоби дурустро роҳандозӣ намояд.

Бояд зикр кард, ки ҷалб намудани  падару модарон ба таҳлили дараҷаи тарбияи хонандагон на танҳо равиши боз ҳам амиқи аз тарафи онҳо шинохта шудани фарзандони онҳо, балки ангезаи худомӯзии худи падару модарон

мебошад. Дар ҳамаи волидон эҳтиёҷ ба густариши донишҳои худ, фарогирии методҳои барои онҳо номаълуми таълиму тарбия бо миён меояд. Баргузор намудани маҷлисҳои  муассисаи таълимӣ, ташкили лавҳаҳо, гӯшаҳо барои волидон ва конференсияҳои падару модарон шаклҳои хеле босамари ҳамкории оила бо  муассисаи таълимӣ ба шумор меравanд.

Бинобар ин, зарурати баланд бардоштани маълумоти педагогии волидон дар миён аст, ки онро метавон тавассути ҳамкории падару модарон ва омӯзгорон амалӣ намуд. Роҳбарии педагогӣ ба тарбияи оилавӣ дар шароити муносибати маҷмуӣ ба тарбия, таъмини ҳамоҳангии талошҳо дар ҳамаи самтҳои тарбия, масалан, ғоявию сиёсӣ, меҳнатӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ имконпазир аст. Ҳамкориҳои муташаккилонаи омӯзгорон ва падару модарон, ки ба таври марҳилавӣ амалӣ гардида ва вазифаи ташаккули мавқеи фаъоли педагогии волидон, аз тарафи онҳо дарки қарзи шаҳрвандии худ барои таълиму тарбияи хонандагонро дорад, басо муҳим аст.

Муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумӣ ба таҷрибаи мусбати тарбияи оилавӣ такя мекунанд, онро дар раванди тарбия барои тақвияи тамоюлоти мусбат истифода менамоянд. Шарти муҳим ва ҳалкунандаи ба таври мусбат нигаронидашудаи ҳамкориҳо муносибатҳои эътимодноки ҳамшарикии байни омӯзгорон ва волидон мебошад. Робитаи падару модарон ва омӯзгорон тавре роҳандозӣ мегардад, ки дар волидон рағбат ба раванди тарбия, эҳтиёҷ ба ноилшавӣ ба муваффақият ба миён ояд.

Чунин ҳамкориҳои педагогӣ ин иштироки бахши фаъоли падару модарон дар тарбияи на танҳо фарзанди худ, балки синфи ӯ ба шумор меравад. Корҳои дастаҷамъии муассисаи таълимӣ, ки дар онҳо падару модарон иштирок мекунанд, самараи калон мебахшанд. Қобили қайд аст, ки шаклҳо ва равишҳои ташкили машғулиятҳо гуногунанд, инҳо маърузаҳо, суҳбатҳо, конференсияҳо барои падару модарон, инчунин мубоҳисаҳои педагогӣ дар мавзуъҳои гуногун мебошанд. Ба чунин кор на танҳо омӯзгорони муассисаи таълимӣ, балки кормандони хадамоти иҷтимоӣ низ

ҷалб карда мешаванд. Машғулиятҳо аз рӯйи синну соли мувозӣ ташкил карда мешаванд.

То замони ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил шудани кӯдак мо ба омодасозии волидон ва хонандагони ба мавқеи нави онҳо оғоз менамоем. Барои падару модарон машғулиятҳои рӯзҳои истироҳат ташкил карда мешаванд. Ба машғулиятҳо волидон бо фарзандони худ меоянд. Падару модарон бо омӯзгорон ва психологҳо суҳбат мекунанд, кӯдакон бошанд, дар якчанд самти озод ба дарсхонӣ машғул мешаванд. Дар ин ҳолат, падару модарон бо мактаб ошно гардида, бо анъанаҳои он шиносоӣ пайдо намуда, дар кори  муассисаи таълимӣ ёвари омӯзгорон мегарданд.

Барои ташкили дурусти раванди таълиму тарбия донишҳо дар бораи вазъияти оила, кумаки касбӣ ба падару модарон ва ҳамкории педагогӣ бо онҳо дар тарбияи кӯдак зарур мебошад. Бояд таъкид намуд, ки ташкили ҳамкории ичтимоии коллективи педагогии муассисаи таълимӣ бо оила якчанд омилҳоро дар назар дорад. Машваратҳои инфиродӣ, боздиди оила дар хона, баргузории маҷлисҳои ҳармоҳаи падару модарон шаклҳои босамартарини кор бо оила ба шумор меравад. Дар кори  муассисаи таълимӣ волидонро дар мақоми худидоракунии муассисаи таълимӣ, шурои муассисаи таълимӣ, комиссияи ҳамкории муассисаи таълимӣ  бо оила ҷалб мекунанд ва волидон ба ин мақомот роҳбари мекунанд.

Падару модарони хонандагон ба кори бомуваффақияти муассисаи таълимӣ  манфиатдор мебошанд. Аз гуфтаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки ҳалли масъалаи ичтимоигардонии шахсияти хонанда бидуни ҳамкории муассисаи таълимӣ  ва падару модарон имконнопазир аст.

Тарбияи фарзандон дар оила беш аз пеш, мубрамтар мегардад. Ба проблемаи мазкур бисёр таҳқиқот дар илми педагогика бахшида шудааст. Дар шароити кунунӣ, ки ба он самтгирӣ ба ҳаёти ҷамъиятии башардӯстона хос мебошад, проблемаи тарбияи хонандагон мубрамии вижа пайдо менамояд. Зарур аст, ки захираи эҷодии хонандагон, маҳорати самтёбӣ дар

гуногуншаклии азими иттилоот ва коркарди он, бо назардошти эҳтиёҷоти худ ва имконоти мавҷуда дар шароити кунунӣ такмил дода шавад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ моҳи декабри соли 2018 ба масъалаҳои таҳсилот таваҷҷуҳи махсус намуда буданд.

Дар Паёми мазкур ҳамчунин қайд карда шуд, ки: “ ... дар шароити муосир сармояи инсонӣ, ҳамчун нишондиҳандаи тавоно ба рушди инноватсияҳо ва технологияҳои нав, зарур аст, ки наврасонро ба азхудкунии илмҳо, амалисозии лоиҳаҳои инноватсионӣ, дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ва таҳқиқоти масъалаҳои иқтисодиёти рақамӣ водор намуд. Рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъсири шаҳрнишинӣ ва пешрафти илмию техникӣ ба маҳдудшавии муайяни нақши педагогикаи оилавӣ дар тарбияи фарзандон оварда расонд. Дар робита бо ин, равишҳо ва шароити иҷтимоию педагогии тарбияи фарзандон дар оила ва муассисаи таълимӣ, ҳамкории зичи онҳо дар раванди таълиму тарбия иваз мешаванд” (Паёми Президенти Ҷ.Т аз 18 ноябри соли 2018).

Дар низоми тарбияи оилавӣ ҷойгоҳи муҳими пурмасъул ба тарбияи меҳнатии хонандагон тааллуқ мегирад. Хонандагон аз кӯдакӣ маъмулан, онҳо ба қадри имконоти худ саъй мекунанд, ки дар иҷрои корҳои хона иштирок карда, ба калонсолон ёрӣ расонанд, онҳо дар бозиҳои худ ба намудҳои гуногуни меҳнат тақлид менамоянд. Вазифаи муҳими волидон халал ворид накардан ба шавқу рағбати фарзандон нисбат ба машғулиятҳои меҳнатӣ мебошад, бояд онҳоро дар ин кор ҳавасманд намуда, ҳама гуна мусоидатро дареғ надошт.

Бо касбу кор ошно намудани хонандагон, ҳавасмандии онҳо ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ – ин ҳама барои омодасозии коргари бовиҷдон, ки қобилияти дар оянда таъмини худ ва оилаи худро дошта, ба ҷомеа манфиат оварад, басо муҳим мебошад. Дар миёни самтҳои мушаххаси рушди ҳамаҷонибаи шахсияти хонанда дар шароити оилаи муосири тоҷикӣ, тарбияи

эстетикӣ, ки ба дигар ҷанбаҳои тарбия иртибот дорад, аз нақши муҳим бархӯрдор аст.

Вазифаи оила – тарбия намудани на танҳо истеъмолкунандагон, муроқибони зебоӣ, балки иштирокдорони фаъоли бунёдкунандаи он дар тамоми самт ва соҳаҳои имконпазир мебошад. Волидон ба сифати мураббиён коре аз дасташон сохта нахоҳад буд, агар аз вижагиҳои фарзанди худ огоҳ набошанд. Зеро ҳар як инсон, чанд сол, ки надошта бошад,- ӯ шахсияти мушаххаси худвижа мебошад. Бинобар ин, падару модар набояд бо тасаввуроти маъмулӣ дар бораи фарзанди худ қаноатманд бошанд. Бо мақсади тарбия омӯзиши доимӣ ва амиқи кӯдак, донистани шавқу завқ, рағбат, хостаҳо, саргармиҳо, майлу қобилият, бартарӣ ва камбудиҳо, хислатҳои мусбату манфии ӯ лозим мебошад.

Тарбияи хонанда ва ташкил намудани тарзи ҳаётӣ солим, пеш аз ҳама, аз тарбияи худ, ташкили зиндагии хонавода, бунёди робитаҳои баландахлоқи дохилиоилавӣ, ки микроиқлими солимро таъмин мекунад, оғоз меёбад. Оила –ин мактаби эҳсосоти хонанда мебошад. Хонанда муносибатҳои калонсолон, вокунишҳои отифавии онҳоро мушоҳида намуда, дар худ зуҳуроти гуногуни эҳсосотро нисбат ба шахсони наздики худ ҳис карда, таҷрибаи ахлоқию отифавиро ба даст меоварад, ки барояш зарур мебошад. Наврас аз рӯйи табиати худ фаъол ва кунҷков аст, ӯ ба осонӣ ҳама чизеро, ки дар атроф мебинад ва мешунавад, ҷазб мекунад, ба ӯ ҳолати руҳии калонсолон интиқол меёбад. Барои ӯ муҳим аст, ки чи гуна таассуроти отифавӣ дарёфт менамояд: мусбат ё манфӣ. Кадом зуҳуроти калонсолонро ӯ мушоҳида менамояд: самимият, ғамхорӣ, мусолиматӣ, чеҳраҳои хандон, лаҳни ором, мазҳака, ташвиш, оташинӣ.

Самаранокии тарбияи фарзандон дар оила аз ягонагии талаботи падару модар ва омӯзгорон нисбат ба онҳо вобаста мебошад. Ҳамкории оила ва муассисаи таълимӣ - муҳимтарин шарти муваффақият дар тарбияи фарзандон аст, аммо он дар ҳамон ҳолат имконпазир аст, ки агар омӯзгорон ва волидон ҳамақида бошанд, қодир ба сари вақт ошкор ва бартараф намудани сабаби

рафтори ташвишовари хонанда бишаванд: пайдо намудани воситаи самараноки ворид сохтани ӯ ба фаъолияти аз аҳамияти шахсӣ ва ҷамъияти бархӯрдор буда, ки рушди неруҳои дохилӣ ва ташаккули ахлоқии инсони ба камол расандаро таъмин менамояд.

Донистани тамоюлоти рушди оила ва омилҳои таъсиррасон ба иҷтимоигардонии шахс дар оила ба омӯзгор ба мисли донишҳо дар соҳаи педагогикаи иҷтимоӣ барои коркарди стратегия ва тактикаи таъсиррасонии дурусти педагогӣ ба оилаи мушаххас, ба он расонидани ёрии тахассусии психологию педагогӣ ва иҷтимоӣ зарур мебошанд.

Бояд қайд намуд, ки дар кишвар қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак” рӯйдоди муҳим гардид. Қонуни мазкур масъулияти омӯзгорон ва волидонро барои тарбияи  кӯдакон, таҳсили онҳо дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ, эҳтиром нисбат ба арзишҳои миллӣ ва умумибашарии фарҳангӣ, инчунин ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон баланд мебардорад.

Шикоятҳои сершумори падару модарон ба ақибмонӣ дар таҳсил ва рафтори манфии хонандагон барои волидон ғайричашмдошт гардиданд, охир падару модарон ва фарзандони онҳо ба муассисаи таълимӣ ба умеди он меоянд, ки фарзанди онҳо танҳо бо баҳои аъло таҳсил хоҳад намуд. Таҳти мафҳуми он, ки фарзандон таҳсили хуб надоранд, на ҳамеша баҳоҳои ду фаҳмида мешавад, барои бисёр падару модарон ҳатто баҳои се (базан, ҳатто баҳои чор) фоҷеа мебошад.

Тавре ки омӯзгори муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35-и шаҳри Душанбе М.Худойдодова қайд намуд, омӯзгор ба модари кӯдак ҳанӯз ҳангоми сабти номи кӯдак ба  муассисаи таълимӣ таваҷҷуҳ мекунад, вақте ки миёни омӯзгор ва кӯдак суҳбат барпо мегардад. Албатта, модар ҷавобҳои фарзандашро шунида, хеле ба ҳаяҷон меояд: ба чашмони омӯзгор таваҷҷуҳ мекунад, ки ӯ чи гуна ба ҷавобҳои кӯдак вокуниш нишон медиҳад. Аммо ин тамаллуқ метавонад ба серталабӣ ва ҳатто ба дағалӣ аз тарафи модар табдил

ёбад, агар ӯ чунин ҳисоб кунад, ки омӯзгор бидуни таваҷҷуҳи кофӣ ба кӯдак муносибат намудааст ва кӯдак бояд ҳар чиро ки метавонад, бояд нишон диҳад. Дар ин ҳол аст, ки модар исрор мекунад: “Шумо ӯро бипурсед, охир ӯ ҳама чизро медонад. Бигзор, кӯдаки ман боз ҳисоб кунад, ӯ то сад ва аз он ҳам зиёдро ҳисоб карда метавонад. Шумо ҳамчун омӯзгор муваззаф ҳастед, ки фарзанди маро аз наздик бидонед, шумо мутмаин хоҳед шуд, ки ӯ бисёр доно аст ва хеле қобил аст”. Қобили зикр аст, ки кор то дағалӣ камтар мерасад. Аммо модари хонандаи ояндаи ба ақидаи модар хушсалиқа мехоҳад бо эҳтироми бештар бо омӯзгор муошират дошта бошад. Омӯзгорон дар чунин волидон ёвари худро дар шахси раиси кумитаи падару модарон мебинанд, ки уҳдадориҳои худро ба хубӣ иҷро мекунад. Дар бисёр ҳолатҳо дар ин асос иттиҳоди омӯзгору модар баста мешавад ва ба хонанда воқеан ҳолати камобеш беҳтар нисбат ба дигар хонандагон таъмин карда мешавад.

Дар ҳамин ҳолат ҳолати истисноии кӯдак на аз рӯйи хизматҳои ӯ, балки аз рӯйи фаъолнокӣ ва хизматгузории модари хонанда таъмин гардида, маҳорати таҳсили хуб дигар аҳамият пайдо намекунад. Вазъияте боз ҳам мураккабтар вақте ба миён меояд, ки модар ақида дорад, фарзанди ӯ хеле қобилиятнок аст, зеро бо ӯ хеле машғулияти зиёд гузаронидаанд. Дар натиҷа чунин хонанда баҳоҳои аъло мегирад. Дар ҳолате ки хонандаро ба муассисаи таълимӣ хеле ҷиддӣ омода мекунанд, волидон аз ӯ дар раванди таҳсил муваффақиятҳои калон чашмдор хоҳанд буд.

Аммо ҳар як хонанда ба иштибоҳҳои дар натиҷаи ноуҳдабароии мутамарказ намудани диққат дар дарсҳо дар ибтидо дучор мегардад. Агар ба иштибоҳҳо таваҷҷуҳи фавқулода дода шавад ва талаботро ғайримаъқул нисбат ба хонандаи синфи якум пурзӯр намояд, метавон танҳо ба он ноил шуд, ки изтироби ӯ тақвия мeёбад ва ин дар навбати худ қобилияти ӯро ба идроки маводи нав дар раванди таҳсил душвор месозад. Махсусан, хонандаи синфи якум дар ҳолати нобарориҳои аввалин дар муассисаи таълимӣ эҳсос мекунад, ки акнун наметавонад меҳру муҳаббати волидон, тамоси отифавӣ бо падару модарро баргардонад, акнун барои онҳо на ӯ, балки танҳо таҳсили

хубаш зарур мебошад. Хонанда аз иштибоҳ кардан метарсад, ҳаяҷону изтироби доимӣ боиси афзудани иштибоҳҳо мегардад, интизории озурдагии падару модарон ҳолати ӯро боз ҳам табоҳтар месозад.

Талаботи баланди беасоси волидон сабаби пайдоиши баҳоҳои ду, се, рафтори бад, дағалӣ ё баракс, нозу нуз ва худдории хонанда аз тамоси наздик бо волидон мегардад. Мушкилӣ на дар он, ки хонанда камақл ё якрав аст, балки дар он аст, ки волидон ҳамеша интизори баҳоҳои аъло, таъриф аз тарафи омӯзгорон мебошанд ва талаботи онҳо ба кӯдак барзиёд мебошад. Барои ислоҳ намудани вазъият волидон бояд дар ин ҳолат ба фарзандони хеш итминон бахшанд, ки ҳама корҳои ӯ хубанд, ҳамроҳи ӯ хушнудӣ намоянд, ки як саҳифаи пурраи дафтар бидуни хатогӣ навишта шудааст ва мисолҳои математикаро хонанда мустақилона ҳал кардааст. Вақте ки ҳамаи таваҷҷуҳи волидон фақат ба баҳоҳо нигаронида шуда бошад, хатари он дар миён аст, ки онҳо ба хушҳолиҳо ва озурдагиҳои азхудкунии хонанда иртибот дошта, рағбат зоҳир намекунанд. Ин маънои онро дорад, ки дар оила мумкин аст тамоси отифавӣ хароб гардад ва он дар оянда метавонад боиси проблемаҳои ҷиддӣ дар тарбия гардад.

Волидон метавонанд таҳсили хонандаро танҳо то замоне идора намоянд, ки бо онҳо аз лиҳози отифавӣ иртибот дошта бошанд. Аммо азбаски волидон бо муносибати худ ба хонанда тамоси отифавиро қатъ менамоянд, чунин ҳолат дер давом намекунад. Вақте ки хонанда ба нохушии модар бо сабаби баҳои се гирифтани ӯ вокуниш намекунад, ошкор мегардад, ки ӯ дигар ангеза барои таҳсили мусбати худ надорад. Хонанда нисбат ба муассисаи таълимӣ бетафовутӣ ва нафрат пайдо мекунад. Баъди аз байн рафтани ангезаи отифавӣ талаботи бештар табиию маърифатӣ ба таҳсил ба вуҷуд намеояд. Аз ин рӯ, барои хонанда раванди таҳсил бемақсад мегардад. То синфи 4-ум аксарияти хонандагон шавқу рағбати худро ба муассисаи таълимӣ ва таҳсил аз даст медиҳанд, аммо ба ҳар сурат, беҳтар мешуд, ки чунин кор сурат намегирифт.

Барои бисёр кӯдакон дар муассисаи таълимӣ нисбат ба дарсҳо дигар машғулиятҳо – муошират, бозиҳо, саёҳатҳои илмӣ, навбатдорӣ дар синф ҷолибтар мебошанд, яъне маҳз ҳамон машғулиятҳое дар кӯдакистон барои онҳо ошно ва маъмул буданд, аз қабили расмкашӣ, аппликатсия, дасткорӣ, сурудхонӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва ғайра. Дар дарсҳои меҳнат, расмкашӣ, тарбияи ҷисмонӣ онҳо худро мутмаинтар эҳсос карда, аз он ки ҳама чизро медонанд ва ҳоҷати чизи навро омӯхтан нест, лаззат мебаранд. Ин нуқтаи назари маъмулии таҳсилоти томактабӣ мебошад. Барои онҳо дилгиркунанда ва душвор аст, ки саъю талош намуда, азхуд кардани чизи наверо ёд гиранд. Барои онҳо комилан кофист, ҳамон чизе, ки метавонанд, эҳтиёҷот ва хоҳиши тавсеа додани соҳаҳои маҳорат ва донишҳои худро надоранд, ҳатто агар онҳо шуморо мутмаин созанд, ки дар муассисаи таълимӣ хеле хоҳиши таҳсил кардан доранд. Аз ин рафтори кӯдак чунин бармеояд, ки маънии калимаи “хондан”-ро на ба он тарзе мефаҳманд, ки шумо мефаҳмед. Ин маънои онро дорад, ки барои онҳо муҳим аст бо либоси мактабӣ ва кулбори китобу дафтар ҳар рӯз дар пеши назари кӯдакони боғча ва ҳамсояҳо ба муассисаи таълимӣ рафта, баргарданд. Шояд барои хонанда муҳим он бошад, ки омӯзгор барои пироҳани сафедаш, дар дарс ором нишастанаш, ба зудӣ ношто хӯрданаш ва ғайра ӯро таъриф кардааст. Ба хонандагон имкони даст боло кардан, аз ҷой бархоста, чизе гуфтан ва муҳим нест, ки он ҷавоб ба саволи омӯзгор буд ё не, ҳатмӣ нест; аксаран чунин хонандагон бо хушнудӣ дар бораи чизҳое нақл мекунанд, ки комилан ба савол иртибот надорад. Масалан, ба саволи “Дар вожаи “гург”чанд ҳарф ҳаст?”, мумкин аст чунин ҷавоб дода шавад: “Ман дар таътили тобистона дар ҷангали деҳа будам, он ҷо гургро надидам, аммо харгӯшакеро дидам”.

Ин гуна хонандагон ҳанӯз ба мактаб одат накардаанд ва ангезаҳои онҳо ҷанбаи томактабии равшан ифодашуда доранд. Аммо ин маънои онро надорад, ки онҳо нодон ё ношуд ҳастанд, онҳо ҳанӯз пурра то ба он дараҷа рушд накардаанд, ки қадами нахустинро ба ҳаёти калонсолӣ гузоранд.. Шитоб набояд кард, ки кӯдакро аз синни шашсолагӣ ба мактаб диҳӣ. Агар ин

корро кардед, пас ба ӯ кумак расонед. Ба таҳсил омода намудани чунин кӯдак кори як - дурӯза нест, ин аз омӯзгор ва падару модар кори дарозмуддати ҳадафмандонаро талаб мекунад.

Оила дар иттифоқ бо муассисаи таълимӣ шаҳрвандони ояндаи кишвар ва бунёдкорони фаъол ва бошуурро тарбия мекунад. Инҳо ҳадафҳои баланди шаҳрвандӣ ва ҷамъиятии тарбияи оилавӣ буда, бо ғояҳои ватандӯстӣ созанда мебошанд ва ба падару модарон масъулияти бузургро дар назди тамоми мардум, дар назди Ватан барои фарзандони тарбиядида вогузор менамояд.

Ҳамаи оилаҳо мехоҳанд, ки дар хонаводa ҳама ором ва фарзандон хушбахт бошанд. Аз ҳамин сабаб, ба падару модарон лозим аст, ки дар зиндагӣ муташаккил бошанд, то ки рафтори фарзандонро идора ва назорат карда тавонанд. Бояд қайд намуд, ки ҳар як инсон дар оила, дар доираи хонавода бояд ба фарзандон танҳо таъсири мусбат расонад. Ҳамин тавр, ҳар ки соҳиби фарзанд аст, бояд дар хона рафоҳ ва самимиятро таъмин намояд, то ки кӯдак бидонад, ки дар хона ӯро инсонҳои меҳрубону мушфиқ интизоранд. Хона бояд кӯчаро иваз намояд ва оина барои фарзандон бошад.

Дар амалисозии ин ҳадафҳои тарбияи оилавӣ шарти ҳалкунанда иҷрои фаъолона, доимӣ ва пурмасъулияти қарзи худи падару модарон дар назди кишвари худ, дар назди халқе мебошад, ки бунёди давлати демократии дунявиро амалӣ менамояд.

Волидон ва омӯзгорон ҳамроҳ, даст ба дасти ҳамдигар дода, масъалаҳои мураккаб ва боифтихори тарбияи инсони дорои руҳияи баланд ва ормонҳои волои ватандӯст ва башардӯсти воқеиро иҷро мекунад. Фарзандони мо ҳам, воқеан, инсонҳое таҳти таъсири файзбахши тамоми тарзи зиндагӣ дар ҷумҳурӣ ба камол мерасанд.

Бисёре аз мо фарзандони худро дар шароити иҷтимоии комилан дигаргуна тарбия мекунанд, ки аз шароити тарбиягирифтаи наслҳои мо фарқ мекунанд. Фарзандони имрӯза камол ёфта, ба худ натиҷаҳои таъсири он ҳаракатнокиеро эҳсос мекунанд, ки онҳо дар назди намояндагони қишрҳои

гуногуни ҷомеа зиндагӣ карда, бевосита ё бавосита бо тарзи зиндагии бисёр одамон дучор мешаванд.

Афзоишёбии миқдори талоқҳо, инчунин болоравии нисбатан зиёди шумораи оилаҳои нопурра аз таконҳои амиқи иҷтимоие шаҳодат медиҳанд, ки имрӯз оилаи тоҷик ба он мувоҷеҳ аст. Мулоҳизаи волидон, ки:- “Моро ҳам ҳамин тавр тарбия кардаанд” - воситаи беэътимоди тарбияи оилавӣ мегардад. Вокуниши маъмулии кӯдаки имрӯза чунин аст: -“Аҳамият надорад, ки шуморо он вақт чи гуна тарбия кардаанд. Имрӯз – ҳама чиз дигар аст”.

Қобили зикр аст, ки мазмуни ҳамкории педагогии  муассисаи таълимӣ, оила ва ҷомеаи муосир иборат аз фароҳамоварии шароити муайян барои зиндагии мусбати кӯдак (мураффаҳ, хушҳолона ва хушбахтона) барои рушди фардияти ӯ дар хонаи умумии “мактаб-оила” мебошад.

Дар радифи шаклҳои анъанавии кор бо падару модарон шаклҳои ғайрианъанавии он ҳам мавҷуд мебошад. Ба шаклҳои ғайрианъанавии кор бо волидон инҳо мансуб мебошанд:

1. Машваратҳо - ба машваратҳои инфиродӣ метавон волидонро бо ташаббуси худ,яъне баъди омӯхтани натиҷаҳои таҳсили хонанда ё бо тавсияи омӯзгорони фаннӣ даъват намуд. Беҳтар аст суҳбатро бо мақсадҳои пешгирии ҳолатҳои низоӣ, барои муътадилсозии муносибатҳои байниҳамдигарии падару модарон ва фарзандон, байни омӯзгорони алоҳида ва оилаҳо роҳандозӣ намуд.

2. Хонишҳои падару модарон – шакли ба худ хеле хоси кор бо волидон аст, ки имкон медиҳад на танҳо маърузаи омӯзгоронро шунаванд, балки худашон адабиётро дар ҳамин маврид омӯзанд. Дар ҷараёни хонишҳои падару модарон ташаккул додани фарҳанги волидон, ҷаҳонбинӣ дар чорчӯбаи проблемаи мазкур бамаврид мебошад.

3. Шабнишиниҳои волидонро бояд замоне баргузор намуд, ки омӯзгор ба ташкилдиҳии коллективи падару модарони синф оғоз намояд, яъне замоне ки кӯдакон ба остонаи мактаб қадам гузоштанд. Шабнишинии волидон ин ҷашни муошират бо волидони рафиқони фарзанди шумо, ҷашни

бахотироварии кӯдакии худ, ин ҷустуҷӯи ҷавоб ба саволҳое мебошад, ки зиндагӣ дар назди падару модарон мегузорад.

4. Тамринҳои падару модарон – ин шакли фаъоли кор бо он волидоне, ки вазъиятҳои проблемавиро дар оила идрок мекунанд ва мехоҳанд ҳамкории худро бо фарзанди худ тағйир диҳанд, ин ҳамкориро ошкортару муътамадтар намоянд, онҳо зарурати ба даст овардани донишҳо ва маҳоратҳои навро дар тарбияи фарзанди худ дарк мекунанд.

5. Баҳси волидон – яке аз шаклҳои мубоҳисавии муоширати падару модарон ва ташаккулёбии коллективи волидон мебошад. Баҳси волидон дар шакли ҷавобҳо ба мубрамтарин саволҳои илми педагогика ва психология омода карда мешавад.

Ҳамчунин бояд марҳилаҳои маҷлиси волидонро ҷудо кардан зарур мебошад.

Марҳилаи якум - ташкили маҷлиси падару модарон мебошад, ки дар он рӯзномаи маҷлис ва даъвати ҳамаи иштирокдорон муайян карда мешавад.

Марҳилаи дуюм - омодасозии сенария ва баргузории маҷлис мебошад. Маҷлис бояд аз 5 ҷузъи ҳатмӣ иборат бошад:

- таҳлили дастовардҳои таҳсилии хонандагони синф;
- ошно шудани падару модарон бо ҳолати иқлими иҷтимоию отифавӣ дар синф;
- маърифатомӯзии психологию педагогӣ;
- баррасии масъалаҳои ташкилӣ;
- суҳбатҳои шахсӣ бо падару модарон.

Марҳилаи сеюм - иборат аз мулоҳизаронии ҷамъбасти маҷлиси падару модарон мебошад. Муҳим он аст, ки муносибати волидон ба маҷлиси баргузоргардида муайян карда шавад. Ба ин мақсад варақаҳои пурсишӣ барои қайдҳо ва дархостҳои падару модарон таҳия карда мешавад, ки ин ҳама минбаъд мавзуи мулоҳизаю андешаҳо мегардад.

Ба мақсади такмили раванди педагогӣ, ба андешаи мо зарур аст, ки чунин тавсияҳои амалӣ иҷро карда шаванд:

1) қатъи вокуниши отифавии манфӣ ба амалҳои густохонаи хонанда, муқовимати ӯ ба далелҳои маъкули калонсолон;

2) танҳо бо методи эътимодбахшӣ амал карда, аз маҷбуркунӣ худдорӣ кардан;

3) бо исрор барои ба мақсад расидан кӯшидан, то замони ҳал гардидани проблема саъю кӯшиш намудан.

Ба назари падару модарон чунин мерасад, ки фарзандон чизеро аз онҳо пинҳон мекунанд, аксаран вақтро дар берун аз хона мегузаронанд, аз муошират бо онҳо худдорӣ мекунанд. Пеш аз ҳама, қайд менамоем, ки дамдуздии наврасон, канорачӯӣ ва дур будани онҳо аз калонсолон – ин падидаи хеле зиёд зуҳуркунанда аст, ҳарчанд ки падидаи муътадил ба шумор намеравад. Ба ҳар ҳол, он набояд боиси ташвишу изтироби махсуси волидон гардад.

Барои наврасон, умуман, бо сабаби шавқу рағбатҳои синнусолӣ рағбати бештари муошират бо ҳамсолон аст, аммо на бо калонсолон. Дар доираи ҳамсолон онҳо, маъмулан, ҳамон масъалаҳоеро баррасӣ менамоянд, ки мавриди таваҷҷуҳи онҳо мебошад ва он масъалаҳо ба завқи калонсолон созгор нест. Ба ин маънӣ дамдуздии наврасон иқдоми комилан табиӣ ва маҷбурӣ мебошад, ки ҷанбаи синнусолӣ ва муваққатӣ дорад. Ин падида аз кунҷковӣ ва афзоиши иҷтимоию психологии наврас, аз гузариши ӯ аз кӯдакӣ ба калонсолӣ шаҳодат медиҳад.

Барои раванди бомуваффақияти таълиму тарбия донишҳо дар бораи оила зарур мебошанд, бояд ёрии касбӣ ба падару модарон ва ҳамкорӣ бо онҳо дар тарбияи хонандаи синфҳои ибтидоӣ расонида шавад. Ташкил намудани ҳамкории иҷтимоии коллективи омӯзгорони  муассисаи таълимӣ бо оила як қатор омилҳоро дар назар дорад.

Шаклҳои мусбати кор машваратҳои инфиродӣ, боздиди оила дар манзил, баргузории маҷлисҳои падару модарон мебошанд. Волидонро бояд ба низоми кори муассисаи таълимӣ ва мақомоти худидоракунии муассисаи таълимӣ ҷалб намуд, дар ҳар як муассисаи таълимӣ  ташкил додани шурои

муассисаи таълимӣ, комиссияи мусоидати оила ва муассисаи таълимӣ зарур аст. Волидон бояд ба мақомоти худидоракунӣ роҳбарӣ намоянд.

Самаранокии тарбияи хонандагони синни хурди мактабӣ дар оила аз ягонагии талабот ба хонанда аз тарафи падару модарон ва омӯзгорон вобаста аст. Ҳамкории оила муҳимтарин шарти муваффақият дар тарбияи хонандагони хурдсол аст, аммо он дар сурате имконпазир аст, ки волидон ва омӯзгорон қодиранд, саривақт сабабҳои рафтори манфии кӯдакро ошкор ва бартараф намоянд, воситаҳои самараноки воридсозии онҳоро ба фаъолияти аҳаммияти шахсӣ ва ҷамъиятидошта, ки рушди неруҳои дохилӣ ва ташаккули ахлоқии инсони камолёбандаро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар назар дорад, таъмин намояд.

### 4.3. Ҷамъбасти корҳои таҳқиқотию озмоишӣ

Қайд кардан зарур аст, ки кори таҷрибавию озмоишӣ аз рӯйи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар давоми тамоми давраи таълифи диссертатсия аз соли 2015 то соли 2024 гузаронида мешуд.

Аз рӯйи ҷамъбасти соли таҳсили 2016-2017 омӯзиши натиҷаҳои фосилавии марҳилаи барасмиятдарории кори таҷрибавӣ дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб анҷом дода шуд. Сатҳи рушди мафҳумҳои асосии ахлоқӣ – ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии синфҳои таҷрибавии муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35 дар муқоиса бо синфҳои назоратии муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии №№ 15, 27, 55, 79 шаҳри Душанбе ва №13 ва №5 шаҳри Кӯлоб ба таври назаррас афзоиш доштааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва таҷриба бо чунин нишондиҳандаҳо тавсиф мешаванд.

Ҷадвали 7. Муқоисаи натиҷаҳои фосилавии кори таҷрибавӣ

| Саволҳо ва вазифаҳои назоратӣ | Синфҳои озмоишӣ | Миқдор бо % | Синфҳои назоратӣ | Миқдор бо % |
|---|---|---|---|---|
| Шарҳу тавзеҳи калимаҳои “сулҳ” ва “таҳаммулпазирӣ” | синфҳои IV | 70 | синфҳои IV | 50 |
| Муқоисаи мафҳумҳои “сулҳ” ва “ҷанг” | синфҳои III | 75 | III классы | 54 |
| Азёд кардани шеърҳо дар бораи сулҳ | синфҳои II | **70** | II классы | **52** |
| Барои баркарории сулҳ чи бояд кард? | синфҳои IV | **73** | синфҳои IV | **51** |
| Киро сарпарасти сулҳ меноманд? | синфҳои IV | **72** | синфҳои IV | **50** |
| Кадои гурӯҳи одамон тарафдори сулҳ нестанд? | синфҳои IV | **70** | синфҳои IV | **50** |
| “Мо ҳамеша сулҳро посбонем”- маънии ин суханонро шарҳ диҳед. | синфҳои IV | **70** | синфҳои IV | **50** |
| Кадом паранда рамзи сулҳ аст? | синфҳои I | **72** | синфҳои I | **53** |
| Кадом мавзуъҳо оид ба сулҳ дар фанни “Забони модарӣ” мавҷуданд ва ба кӣ бахшида шудаанд? | синфҳои IV | **70** | синфҳои IV | **50** |
| Ибораи “кабутари сулҳ” чӣ маънӣ дорад? | синфҳои III | **72** | синфҳои III | **51** |
| Шумо калимаи “ватандӯстӣ”-ро чӣ тавр мефаҳмед? | синфҳои IV | **73** | синфҳои IV | **52** |
| “Тарзи ҳаёти солим” чист? | синфҳои IV | **70** | синфҳои IV | **50** |
| Мафҳуми ахлоқ чи мазмунро ифода мекунад? | синфҳои IV | **71** | синфҳои IV | **51** |
| Калимаи “дӯстӣ” барои шумо чи маънӣ дорад? | синфҳои I-III | **70** | синфҳои I-III | **50** |
| | Қимати миёна | **71,3** | Қимати миёна | **51,0** |




**Диаграммаи 2**

Муқоисаи арзёбии миёнаи нишондиҳандаҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки ташаккулёбии сифатҳои асосии ахлоқ мафҳумҳои пешбари ахлоқӣ ва тасаввуроти хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар бораи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар синфҳои таҷрибавӣ ба андозаи 20, 3% нисбат ба синфҳои назоратӣ баландтар аст.

Барои ташкили бомуваффақияти раванди таҳсилот ба омӯзгорон донишҳои зарурӣ дар бораи вазъи оила, кумаки касбӣ ба падару модарон ва кор бо ҷоеаи муосир ва ҳамкорӣ бо онҳо дар тарбияи хонанда лозим омадааст. Ташкили ҳамкории иҷтимоии коллективи педагогии муассисаи таълимии дар синфҳои ибтидоии таҷрибавӣ бо волидон якчанд шаклҳоро дар назар дошт. Шаклҳои самараноки кор машваратҳои инфиродии мавзуӣ, боздиди оила дар манзил, баргузории маҷлисҳои падару модарон гардиданд.

Дар низоми кори муассисаи таълимӣ ва дар мақомоти худидоракунии муассисаи таълимӣ волидони хонандагон ҷалб карда шудаанд, шурои муассисаи таълимӣ ва комиссияи мусоидати муассисаи таълимӣ ва оила ташкил гардидааст. Волидон ба мақомоти худидоракунӣ роҳбарӣ мекунанд, ки дар он ба падару модарон ёрии касбӣ расонида мешавад ва ҳамкорӣ бо онҳо дар тарбияи кӯдак амалӣ карда мешавад.

Аз рӯйи ҷамъбасти соли таҳсили 2017-2019 мо санҷиши ҷамъбастии натиҷаҳои таҷрибаи гузаронидашударо, ки ба такмили тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ – ташаккулёбии мафҳумҳои асосии ахлоқӣ - ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар мухтавои таълим дар синфҳои таҷрибавии муассисаи таҳсилотии миёнаи умумии №35 дар муқоиса бо синфҳои назоратии муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии №№ 15, 27, 55, 79 шаҳри Душанбе ва №№13, 5 шаҳри Кӯлоб анҷом додем. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур ва таҷриба бо чунин нишондиҳандаҳо тавсиф мешаванд.

Ҷадвали 8. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои марҳилаи мукарраркунандаи кори таҷрибавӣ ва ҷамъбасти буриши назоратӣ дар синфҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо %.

| Синфҳо | Натиҷаҳои таҳқиқот дар синфҳои таҷрибавӣ (ГО) | | Натиҷаҳои таҳқиқот дар синфҳои назоратӣ (ГН) | |
|---|---|---|---|---|
| | Марҳилаи мукарраркунанда | Гурӯҳи озмоишӣ | Марҳилаи мукарраркунанда | Гурӯҳи назоратӣ |
| IV | 38 | 78 | 38 | 57 |
| III | 38 | 76 | 34 | 56 |
| II | 34 | 75 | 32 | 54 |
| IV | 32 | 78 | 28 | 57 |
| IV | 36 | 78 | 27 | 57 |
| I | 32 | 74 | 37 | 55 |
| Қимати миёна | 35,0 | 76,5 | 32,7 | 56,0 |

Дар ҷадвали мазкур натиҷаи ниҳоии таҳқиқот дар гурӯҳҳоии озмоишӣ ва назоратӣ нишон дода шудааст. Яъне дар ҷамъбасти ниҳоии таҳқиқот зимни тарбияи ахлоқӣ дар рӯҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар гурӯҳи озмоишӣ 76,5 % ва дар гурӯҳи назоратӣ 56,0 % ро ташкил намуд. Яъне муаллиф бар он асар аст, ки азхудкунии гурӯҳҳои озмоишӣ назар ба гурӯҳҳои назоратӣ барзиёд нишон медиҳад.

Дар диаграммаи зер фоизнокии азхудкунии хонандагон дар оғози таҳқиқот бо ранги кабуд ва дар ҷамъбасти ниҳоии таҳқиқот фоизнокӣ бо ранги сурх нишон дода шудааст, ки натиҷабахш будани озмоишро бараъло нишон медиҳад.




**Диаграммаи 2**

Аз маълумоти овардашудаи оморӣ дида мешавад, ки дар натиҷаи ташкили таъсиррасонии ҳадафмандонаи педагогӣ сатҳи ташаккулёбии сифатҳои асосии ахлоқӣ (дарки ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулгароӣ) дар хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ба таври назаррас баланд гардидааст (ба андозаи 41,5%). Дар синфҳои назоратӣ бошад, нишондиҳандаи ташаккулёбӣ дар давраи баргузории кори таҷрибавӣ танҳо ба андозаи 23,3% баланд шудааст.

Мушоҳидаҳо ва таҳлили раванди ҳадафмандонаи педагогӣ нишон доданд, ки сабабҳои афзудани нишондиҳандаҳои ташаккулёбии сифатҳои ахлоқӣ дар синфҳои таҷрибавӣ омилҳои зерин ба ҳисоб меравindependent:

1) такмилёбии раванди таълиму тарбияи ифодашаванда дар шавқу рағбати хонандагон ба амсилаҳои таҳсилотӣ, инноватсияҳо, технологияҳо ва методҳои педагогӣ, ки имкони ба ҳадди аксар фаъолсозии фаъолияти таълимии хонандагони хурдсолро фароҳам меоваранд;

2) идрок ва фаҳмиши моҳияти фарогирии таҳсилот ва нақши худ дар бадастоварии донишҳои нав аз тарафи хонадагони синфҳои ибтидоӣ.

Тавре ки натиҷаҳои марҳилаи ташаккулдиҳандаи кори таҷрибавии дар синфҳои таҷрибавӣ гузаронидашуда нишон доданд, хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба фаъолияти таълимие, ки ба фарогирии донишҳо ҳидоят мекунанд, эҳтиёҷмандиро эҳсос мекунанд. Онҳо медонанд, ки бидуни дониш наметавон зиндагиро ташкил намуда, дуруст фикр ва амал намуд. Дар ин ҳол, истифодаи методҳои педагогии ҷавобгӯ ба шароити муосир ва равишҳои дигари инноватсионию дидактикӣ дар раванди таълим заминаҳоро барои ҳалли бисёр проблемаҳои мубрами амалияи педагогӣ фароҳам менамояд.

Раванди рушди таҳсилоти муосир корбурди амсилаҳои гуногуни таълим-таълими фаъоли рушдкунандаро талаб менамояд ва кори таҷрибавию таҳқиқотии мо бар мабнои он роҳандозӣ шуда буд. Бинобар ин, дар раванди таълим фароҳам овардани шароит барои таҳлили мустақилонаи падидаҳои ҷамъиятӣ аз мавқеъҳои илмӣ зарур мебошад. Дар ҳамин ҳол, роҳҳо ва воситаҳои ташаккули муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва

таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар ҷараёни таълими ҳамаҷониба ба муҳтавои таълим, фан ва дониши хонандагон вобаста мебошад.

Барои он ки муҳтавои таҳсилот таъсири рушдкунандаи худро расонад, он бояд аз тарафи хонандагони синфҳои ибтидоӣ азхуд карда шавад. Ин пеш аз ҳама, ба фанни "Забони модарӣ" мансуб аст, чунки дар радифи дигар фанҳои таълимӣ омӯзиши забони модарӣ заминаро барои болоравии сатҳи рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ фароҳам меоварад.

Бо такя ба таҳқиқоти назариявии роҳҳо ва воситаҳои ташаккули ахлоқии хонандагон дар раванди таълиму тарбия, инчунин бо назардошти қобилиятҳои зарурӣ барои омӯхтани забони модарӣ муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ кори оид ба рушди сифатҳои ахлоқии арзишманди ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро аз рӯйи самтҳои зерин ба нақша гирифтааст:

1. Рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси бозгӯии илмии натиҷаҳои таҳқиқот оид ба забони модарӣ, таърих ва фанҳои дигар. Ин вазифа ғояҳои асосии матнро ҷудо мекунад: дуруст ва пурра мулоҳиза намудани муҳтавои матн, ба хотир гирифтани далелҳои асосӣ; бозгӯ намудани донишҳои бадастовардашуда.

2. Рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим бо роҳи аз тарафи онҳо мустақилона омӯхтани забони модарӣ ва фанҳои дигар.

3. Рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бо роҳи интиқол додани донишҳо дар раванди таълими хонандагони дигар. Инҳо унсурҳои таълими мутақобила дар асоси чунин супоришҳо, аз қабили банақшагирии мустақилонаи тезисҳо аз рӯйи мавзуи додашуда, барқарорсозӣ ва тамос бо синф ва методҳои фаъоли таълим мебошанд.

Дар натиҷаи аз тарафи омӯзгорон дар фаъолияти таҷрибавии педагогӣ истифода намудани тавсияҳои таҳиянамудани муаллиф дар синфҳои таҷрибавӣ раванди ташаккули самараноктар ва рушди пешравандаи муносибати мусбат нисбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ.

Ҳангоми истифода намудани тавсияҳои методии муаллиф, ки бевосита дар баргузории таҷриба дар муассисаҳои таҳсилотии миёнаи умумии шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб иштирок доштааст ва дар натиҷаи таҳқиқоти баррасишаванда хонандагон, таъҷилан, андеша кардан, таҳлил намудани ҳолатҳои ҳаётӣ, коркарди қарорҳои мустақилона қабулшаванда, кӯтоҳ ва дақиқ ифода кардани андешаҳои худро ёд гирифтанд. Фаъолнокӣ ва шавқу рағбати онҳо ба таҳсил баланд гардид. Маводи дарсии омӯхташаванда беҳтар азхуд карда мешуд ва инро болоравии нишондиҳандаҳо ҳангоми баргузории корҳои назоратӣ дар синфҳои таҷрибавӣ ҳам тасдиқ мекунанд. Масалан, дар синфҳои IV азхудкунӣ - аз 38% то 78%, дар синфҳои III - аз 35% то 76%, дар синфҳои II - аз 33% то 75%, дар синфҳои I - аз 32% то 74% баланд шудааст, дар синфҳои назоратӣ ҳам нишондиҳандаҳо афзоиш доштанд, вале он чандон баланд набуд ва ба ҳисоби миёна аз 34 % то 56%- ро ташкил медод.

Истифодаи тавсияҳои муаллифи таҳқиқоти баррасишаванда дар синфҳои таҷрибавӣ ба рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат намуда, боиси он гардид, ки:

- фаъолнокии хонандагон ҳангоми омӯхтан ва мустаҳкам кардани маводи дарсӣ баланд гардид;

- сатҳи дониши хонандагон ба таври назаррас баланд гардид;

- қобилияти бошуурона асосноккунии гуфтори хонандагон баланд гардид;

- мустақилият ҳангоми иҷрои амалии кор ва супоришҳо падидор шуд;

- хонандагон интихоб ва ҷамъбаст кардани маводи заруриро ёд гирифтанд;

- ахлоқи хонандагон ба таври назаррас баланд гардид, ки он яке аз ҳадафҳои асосии таълиму тарбия ба шумор меравад.

Таҳлили натиҷаҳои кори озмоишию таҷрибавӣ нишон дод, ки истифода бурдани методҳои психологию педагогӣ дар раванди таълим мубрамии худро аз даст намедиҳад ва ба рушди ташаббускорӣ, фаъолнокӣ, тафаккури интиқодӣ, мустақилият, масъулият, дарки одамони дигар ва ҳамкориҳо мегардад.

Омили асосии объективии таъминкунандаи ташаккули муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар раванди таълим муҳтавои таҳсилот оид ба ҳамин мавзуъ ба шумор меравад.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоии таҷрибавӣ дар раванди таълим коркардҳои таҳқиқотро аз ҷумла, тамрин, диктанти ҳарфӣ, рақамӣ, ададӣ, басарӣ, саволномаҳо ва бозиҳои гуногунро истифода намуданд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти дидактикӣ, психологию педагогӣ, таҷрибаи омӯзгорони синфҳои таҷрибавӣ ва коркардҳои амалӣ мо роҳу равишҳои гуногун, инчунин талаботи асосӣ ба ташаккул ва рушди муносибатҳои мусбат ба ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоиро, махсусан, ҳангоми омӯхтани забони модарӣ муайян намудем. Аммо вазифаи асосии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ аз он иборат аст, ки дар раванди кори таълиму тарбия онҳо ба кори худ эҷодкорона муносибат намуда, ба таври доимӣ донишҳои худро такмил диҳанд. Рӯйдоди басо муҳим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули санади муҳим дар соҳаи таҳсилот Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи кӯдак” мебошад. Чунин ҳисоб мекунем, ки қабули қонуни мазкур саривақтӣ буда, он масъулият ва ҷавобгарии волидонро барои таълиму тарбияи кӯдак дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ пурзӯр намуда, дараҷаи талабот ва эҳтиромро ба арзишҳои фарҳангии миллӣ ва умумибашарӣ баланд мебардорад, ҳамчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакону наврасонро таъмин менамояд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳамеша лозим меояд, ки масъалаҳои кор бо кӯдакон ва наврасон мавриди муҳокима қарор дода шаванд. Ва аксаран, мо бо ақидаҳои комилан маъмулбуда рӯ ба рӯ мешавем: ҳуқуқвайронкунии ноболиғон бештар бо муносибати бемасъулиятонаи волидон ба уҳдадориҳои худ вабаста аст, таъсиррасонии муассисаи таълимӣ ва аҳли ҷомеаи муосир ба падару модарон кори осон нест. Суҳбат бо ин гуна волидон, одатан, ҳеҷ таассурот намебахшад, бо роҳи дигар бо онҳо рафтор кардан ғайриимкон аст. Оила дар ин ҳол кадом як қалъае тасаввур мешавад, ки амалан дастнорас мебошад, ҳатто дар ҳолате ки падару модарон ошкоро бо фарзандон нодуруст рафтор мекунанд. Бо он нуқта, ки камбудиҳои тарбияи оилавӣ дар рафтори наврасон манфӣ инъикос мегардад, наметавон розӣ нашуд. Аммо андешае, ки ба волидони бемасъулият таъсир расондан имконнопазир аст, пеш аз ҳама, ба надонистани қонунгузории амалкунанда иртибот дорад. Қонун чораҳои гуногуни таъсиррасонӣ, ки онҳоро метавон ва бояд танҳо дар ҳолатҳои ноилоҷӣ истифода намуд, яъне дар ҳолатҳое, ки аз тарафи наврас ин ё он ҳуқуқвайронкунӣ содир шудааст, аммо боз пеш аз он, ки тарбияи нодуруст дар оила оқибати манфӣ дошта бошад.

Маълум аст, ки инсонро тарбия намудан, нисбат ба ӯ илм ва ё касб омӯзонидан ба маротиб душвортар аст. Тамоми низоми хонавода, тарзи он ба рафтори фарзанд таъсири ҳалкунанда мерасонад. Маҳз дар оила таҳкурсии тасаввуроти ҷамъиятӣ, ахлоқӣ ва эстетикии наврас гузошта мешавад. Дар ин маврид педагоги барҷастаи замони шуравӣ А.С.Макаренко хеле дақиқ гуфтааст: “Фикр накунед, ки шумо кӯдакро танҳо дар мавриде, ки бо ӯ гуфтугӯ доред, ё панд медиҳед ва ё ба ӯ фармон медиҳед, тарбия мекунед. Шумо ӯро дар ҳар як лаҳзаи ҳаёти худ, ҳатто вақте ки дар хона набошед ҳам, тарбия мекунед. Чӣ тавр либос мепӯшед, бо мусоҳибон дар бораи дигарон чи гуна гуфтугӯ мекунед, чи гуна хушҳолӣ мекунед, чи гуна андуҳгин мешавед, бо дӯстон ва душманон чи гуна муроҷиат мекунед, чи гуна механдед, рӯзнома мехонед, ин ҳама барои кӯдак аҳаммияти калон дорад. Камтарин тағйирот дар оҳанги гуфторро кӯдак мебинад ва эҳсос мекунад, ҳамаи

гардишҳои андешаи шумо бо роҳҳои ноаён ба ӯ рафта мерасанд, ки шумо онро намебинед ” [259, с.125].

Он чи ки падару модарон ба ақлу зеҳни кӯдак ворид кардаанд, аксаран ба тамоми ҳаёти минбаъдаи ӯ таъсир мерасонад. Албатта, фарзандон танҳо дар оила тарбия намешаванд. Андешаҳои онҳоро аз бисёр ҷиҳат муассисаи таълимӣ, клубҳои гуногун, бахшҳои варзишӣ, шабакаи интернет ва ниҳоят кӯча ташаккул медиҳад, вале таъсири оиларо наметавон нодида гирифт.

Масалан, агар наврас ба нақлиёти умумӣ одамони дар навбат бударо ба ҳар тараф тела дода, ворид гардад, агар ба калонсолон ҷойи худро надиҳад, падару модар бошанд, дар ин ҳол ба наврас маслиҳат диҳанд, ки ба эроди атрофиён эътибор надиҳад, он гоҳ волидон на танҳо ба таври ғайрипедагогӣ рафтор мекунанд, балки амалан, талаботи қонунро нодида мегиранд. Худи онҳо оддитарин меъёрҳои ахлоқро вайрон мекунанд ва ҳамзамон фарзанди худро дар руҳияи эътибор надодан ба қонун тарбия менамоянд.

Надонистани уҳдадориҳои падару модар метавонад бо нотавонии педагогӣ, фарҳанги пасти умумӣ, муносибати беддиқатона ба масъалаҳои тарбия робита дошта бошад. Гоҳе чунин мешавад, ки ин ба диққати ғайрикофӣ ба кӯдакон ва баъзан таваҷҷуҳи фавқулодда ба онҳо, дар чашмпӯшӣ ба нозу нузи кӯдакона, кӯшиши коре кардан, ки ба ҳар қимате шуда, ҳама чиз “на бадтар аз дигарон” бошад.

Бисёр вақт, дар ин ҳол, волидон бо ниятҳои нек, бехабар аз он, ки як фарди худбин, худпарастро, ки дар бораи бо кадом мушкилӣ муҳайё шудани воситаҳои аз тарафи волидон барои қонеъ шудани хоҳишҳои ӯ андеша намекунад, тарбия мекунанд.

Чунин муҳаббати фавқулода кӯтоҳбинӣ мебошад Шаҳрванди ояндаро наметавон ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, бидуни тарбияи ӯ дар руҳияи одат кунонидан ба меҳнати доимӣ ва эхтиёҷ ба он омода намуд.

Аммо волидони навъи дигар ҳам ҳастанд, ки фарзандонро ба ҷойи ба таҳсил ба муассисаи таълимӣ фиристодан, ба кор кардан маҷбур мекунанд.

Дар ҳолати чунин тарбия дар хулқу одати наврас хислатҳои манфӣ ниҳода мешавад, ки аз онҳо дар синни калонсолӣ халос шудан мушкил мебошад.

Бояд дар хотир дошт, ки ноуҳдабароии педагогӣ, чун қоида бо бераѓбатӣ дар ҷудо кардани неру ва вақт барои тарбияи фарзанд иртибот дорад. Ҳолате мешавад, ки падар пас аз кор мехоҳад тамоми шаб дар назди телевизион биншинад, ҳатто дар бораи он фикр намекунад, ки дар ин вақт писар ё духтари ӯ дар куҷоянд. Ин нуқтаи беаҳаммият нест, агар он далелро ба назар гирем, ки тақрибан нисфи ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи наврасон баъди соати 22 вақте ки падару модарон дар хона мебошанд, содир карда мешаванд. Маълум аст, ки барои писарбачаҳо намунаи падар аз аҳаммияти вижа бархӯрдор мебошад. Ҳатто ҳангоми бомасъулият муносибат кардани модар ба тарбияи фарзандон рафтори бадахлоқонаи падар метавонад тамоми саъю кӯшиши модарро барбод диҳад. Махсусан, суиистеъмоли нӯшокиҳои алкулӣ ва истифодаи маводҳои нашъадор бахусус тамоку аз тарафи калонсолон дар оила метавонад ба фарзандон таъсири фалокатбор расонад.

Бо мурури замон, чунин тарзи зиндагӣ барои наврасон ба меъёри рафтор мубаддал мегардад.

Ҳолатҳое мешавад, ки волидон усули тарбияи ғайриахлоқӣ ва зиддиҳуқуқии таҳқиркунандаи эътибори инсон - задукӯб ва таҳқирро ба кор мебаранд. Бо бераҳмию сангдилӣ наметавон некӯӣ, башардӯстӣ, муносибати боэҳтиромона ба инсонро тарбия намуд. Ғайр аз ин, чунин тарбия дар хонавода вазъияти тезутундро ба вуҷуд меоварад, боиси пайдоиши кинаю адовати фарзандон ба калонсолон мегардад. Фарзандон бо мақсади халос шудан аз фармонравоии чунин волидон ба оворагардӣ одат мекунанд. Муносибатҳои номуътадили ихтилофнокии фарзандон ва волидон, аксаран, сабаби аз хона фирор кардани кӯдакон мегардад.

Қонунгузории амалкунанда барои дар ҳар гуна ҳолат таъмин намудани тарбияи дурусти кӯдакон ва наврасон имкониятҳои васеъро фароҳам овардааст.

Қайд кардан зарур аст, ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки дар кори тарбия бисёр чизҳо ба фаъолнокии омӯзгорон, шаҳрвандон, муассисаҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ, волидон вобастагӣ дорад, зеро онҳо бояд ҳуқуқи кӯдаконро ҳимоя намоянд сифатҳои ахлоқии онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ баланд бардоранд.

Дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти дидактикӣ, психологию педагогӣ ва таҷрибаи омӯзгорони синфҳои таҷрибавӣ, инчунин коркардҳои амалӣ дар бобати аз тарафи таҳқиқотчӣ муайян карда шудани маҷмуи муайяни ғояҳои бунёдӣ, инчунин талаботи асосӣ ба тарбия ва рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ тасвияҳо пешниҳод шудааст, ки дар зер ифода мегарданд:

- тарбияи қобилият ба таҳсилоти бефосила, худтарбиякунӣ ва ҳадафи маънавию ахлоқии “беҳтар гардидан”;

- ба вуҷуд овардани фазои меҳру муҳаббат, ҳамдигарфаҳмӣ ва ёрии байниҳамдигарӣ дар байни хонандагон ва омӯзгорон дар муассисаи таълимӣ;

- рушди шуури фаъоли фарҳангӣ ва рафтори хушахлоқонаи кӯдакон;

- тарбия кардани шахсе, ки ба таърихи халқи худ эҳтиром мегузорад ва қодир ба ҳамкории таҳаммулпазирона бо воқеияти атроф мебошад;

- самтгирӣ намудани оила ба тарбияи ахлоқии фарзандон, мустаҳкам намудани обрӯи оила;

- дар синф ташаккул додани муҳити ахлоқии аз ҷиҳати отифавӣ  ки ба рушд ва худамалисозии ҳар як хонандаи синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунад;

- ҷалби падару модарон ба раванди тарбия барои ошкорсозӣ ва рушди сифатҳои арзишманд дар кӯдакон, ки барои худмуайянкунӣ ва худамалисозӣ лозим мебошанд;

- ташаккулдиҳии коллективи синф, рушди худидоракунии хонандагон дар синф.

Ҳангоми таҳияи консепсияи нави таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки дар он тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур зикргардида ворид карда шаванд.

## Хулосаи боби чорум

Тарбияи ахлоқии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ на танҳо вазифаи марказии назарияи педагогика ва яке аз муҳимтарин вазифаҳои илми педагогика, балки муҳимтарин проблемаи иҷтимоии ҷомеа низ ба шумор меравад. Маҳз ба ҳамин сабаб, барои амалисозии ин вазифа якпорчагии оила, муассисаи таълимӣ ва ҳамаи ҷомеа муҳим мебошад. Аммо дар ин якпорчагӣ нақши муҳимро омӯзгор, роҳбари синф иҷро мекунад, маҳз ӯ бояд соҳибкасб ва инсони хирадманд бошад, ки барои ӯ ҳеҷ як аз истисно аз меъёри рафтори хонанда пинҳон намонад, ӯ бояд барои тарбияи хонанда мубориза намояд ва дар ин мубориза волидон ва ҷомеаро низ ҷалб намояд.

Вазифаи асосии омӯзгор дар ташкили ҳамкорӣ бо падару модарон аст, ки ин маънои фаъолноксозии фаъолияти педагогӣ ва тарбиявии оила, ба он додани ҷанбаи ҳадафмандона ва аз лиҳози ҷамъиятӣ аҳаммиятнокро дорад. Муносибати байниҳамдигарии иштирокдорони раванди таълиму тарбия, мисолҳои мусбати ҳаётӣ ва арзишҳои маънавӣ ҳам, ба ташаккули шахсият мусоидат мекунанд. Муоширати ҳадафмандона бо оила аз аҳаммияти калони иҷтимоӣ бархӯрдор мебошад.

Раванди рушди таҳсилоти муосир корбурди амсилаҳои гуногуни таълим, аз ҷумла - таълими фаъоли рушддиҳандаро талаб менамояд, ки кори таҳқиқотӣ ва таҷрибавии мо дар асоси он роҳандозӣ мегардад. Бинобар ин, дар раванди таълим, махсусан, таълими забони модарӣ барои таҳлили мустақилонаи падидаҳои ҷамъиятӣ аз мавқеъҳои илмӣ бояд шароит фароҳам оварда шавад. Дар ҳамин ҳол, роҳу воситаҳои муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ

дар ҷараёни таълим, махсусан, таълими забони модарӣ, таърих ва фанҳои дигар ба муҳтавои маводи таълимии фанҳо ва ба салоҳиятнокии касбии омӯзгорон ва донишҳои хонандагон вобастагӣ дорад.

Барои он ки муҳтавои таҳсилот таъсиррасонии ба қадри кофӣ муассири рушддиҳандаи худро амалӣ созад, он бояд аз тарафи хонандагон азхуд карда шавад. Ин пеш аз ҳама, ба фанни забони модарӣ мансуб аст. Зеро дар радифи дигар фанҳои таълимӣ омӯхтани забони модарӣ заминаро барои баланд бардоштани сатҳи рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ фароҳам месозад.

Бо такя ба таҳқиқоти назариявии роҳҳо ва воситаҳои тарбияи ахлоқии хонандагон дар раванди кори таълиму тарбия, инчунин бо назардошти қобилиятҳо ва корҳои зарурӣ барои омӯхтани забони модарӣ ва дигар фанҳо мо кори ҳадафмандгардида ба рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро дар самтҳои зерин ба нақша гирифтем:

1. Рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар асоси бозгӯии натиҷаҳои таҳқиқот оид ба забони модарӣ (ҷудо намудани ғояҳои асосӣ дар матн; дуруст ва пурра дарк намудани муҳтавои матн; мустаҳкам ба хотир гирифтани далелҳои асосӣ; бозгӯ намудани донишҳои гирифташуда).

2. Рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ дар раванди таълим, махсусан, тавассути омӯзиши мустақилонаи забони модарӣ аз тарафи хонандагон.

3. Рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ бо роҳи интиқоли донишҳо дар раванди таълим, махсусан, оид ба забони модарӣ ба шахсони дигар (мустақилона тартиб додани нақша, тезисҳо, фишурдаи матни баромад аз рӯйи мавзуи додашуда, маҳорати барқарор намудан ва нигоҳдории тамос бо шунавандагон).

Дар натиҷаи истифодаи тавсияҳои таҳиянамудаи мо дар кори педагогии омӯзгорони синфҳои таҷрибавӣ ташаккули бештар самаранок ва рушди

пешравандаи муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ ҳам дар синфҳои таҷрибавӣ ва ҳам дар синфҳои назоратӣ оғоз гардид.

Ҳангоми истифодаи тавсияҳои методии пешниҳоднамудаи мо хонандагон фаврӣ андеша намудан, таҳлили вазъиятҳои ҳаётӣ, коркард намудани қарорҳои мустақил, кӯтоҳ ва дақиқ иброз намудани андешаҳои худро ёд гирифтанд. Фаъолнокӣ ва шавқу рағбатии хонандагон баланд гардид. Маводи дарсии омӯхташуда беҳтар азхуд карда шуд ва ин бо нишондиҳандаҳои хуб ҳангоми баргузории корҳои назоратӣ дар синфҳои таҷрибавӣ тасдиқ гардид. Аз рӯйи ҷамъбасти таҳқиқоти гузаронидашуда дар синфҳои тачрибавӣ сифати таълим ҳангоми гузаронидани корҳои назоратӣ хеле баланд шуда буд.

Истифодаи тавсияҳои дар боло зикршудаи мо ба рушди босамари муносибати хонандагон ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ мусоидат намуда, ба инҳо оварда расонид:

- фаъолнокии хонандагон ҳангоми омӯзиш ва мустаҳкамшавии маводи дарсӣ баланд гардид;

- сатҳи донишҳои хонандагон хеле баланд гардид;

- қобилияти хонандагон ҷиҳати асосноксозии маъқули гуфтаҳои худ баланд гардид;

- мустақилият ҳангоми иҷрои корҳо ва супоришҳои амалӣ ба вуҷуд омад;

- хонандагон интихоб ва ҷамъбаст кардани маводи заруриро ёд гирифтанд;

- сифати ахлоқии хонандагон ба таври назаррас баланд гардид, ки яке аз ҳадафҳои асосии таълиму тарбия мебошад.

Бояд қайд намуд, ки таҳлили натиҷаҳои кори озмоишию таҷрибавӣ нишон дод, ки истифодаи методҳои психологию педагогӣ ва равишҳои гуногун дар раванди таълим ва махсусан, омӯзиши забони модарӣ мубрамии худро аз даст надода ва ба рушди ташаббускорӣ, фаъолнокӣ, тафаккури

интиқодӣ, мустақилият, масъулиятнокӣ, дарки шахсони дигар ва ҳамкорӣ дар кори тарбиявӣ мусоидат менамояд.

Омӯзгорони синфҳои ибтидоии таҷрибавӣ дар раванди таълим коркардҳои моро аз қабили тамрин, диктантҳои ҳарфӣ, ададӣ, рақамӣ, басарӣ ва бозиҳои гуногунро мавриди истифода қарор доданд.

Таҳқиқоти дар муддати якчанд солҳо анҷомдодашуда моро мутмаин сохтанд, ки ҳатто тағйироти ҷузъӣ дар ташкили фаъолияти таълимӣ – ба вуҷуд овардани вазъиятҳои проблемавӣ, воридсозии лаҳзаҳои нав ва вазъиятҳои эҷодӣ ба хонандагони синфҳои ибтидоӣ таъсири мусоид мерасонад. Дар амалия мо итминон пайдо кардем, ки бозӣ ҳамчун равиши педагогӣ дорои имконоти бузурги захиравӣ ва бартарӣ дар тарбия ва рушди муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагон, махсусан дар раванди омӯзиши забони модарӣ мебошад.

Вазифаи асосии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар он аст, ки дар раванди таълиму тарбия онҳо ба кори худ эҷодкорона муносибат намуда, донишҳои худро ба нафъи шукуфонии Ватани азиз доимо такмил диҳанд. Омӯзгор бояд падару модаронро мутмаин созанд, ки барои онҳо низ доштани донишҳои педагогӣ зарур мебошад. Надонистани уҳдадориҳои волидон метавонад бо нотавонии педагогӣ, сатҳи пасти фарҳанги умумӣ, муносибати бедиққатона ба масъалаҳои тарбия иртибот дошта бошад.

Гоҳе чунин мешавад, ки нотавонии педагогӣ дар диққати ғайрикофӣ ба кӯдакон ва баъзан таваҷҷуҳи фавқулодда ба онҳо, дар чашмпӯшӣ ба инҷиқии кӯдакона, кӯшиши коре кардан, ки ба ҳар қимате шуда, ҳама чиз “на бадтар аз дигарон” бошад, ифода меёбад. Бисёр вақт, дар ин ҳолатҳо волидон бо ниятҳои нек, бехабар аз он, ки як фарди худбин ва худпарастро, ки дар бораи бо кадом мушкилӣ муҳайё шудани воситаҳои аз тарафи волидон барои қонеъ шудани хоҳишҳои ӯ андеша намекунад, тарбия мекунанд. Чунин муҳаббати фавқулода кӯтоҳбинӣ мебошад. Шаҳрванди ояндаро наметавон ба меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ, бидуни тарбияи ӯ дар руҳияи одат кунонидан ба меҳнати доимӣ ва эхтиёҷ ба он омода намуд.

Аммо волидони навъи дигар ҳам ҳастанд, ки фарзандонро ба ҷойи барои таҳсил ба муассисаи таълимӣ фиристодан, ба кор кардан маҷбур мекунанд. Дар ҳолати чунин тарбия дар хулқу хӯи наврас хислатҳои манфӣ гузошта мешавад, ки аз онҳо дар синни калонсолӣ халос шудан мушкил мебошад.

Бояд дар хотир дошт, ки ноуҳдабароии педагогӣ, чун қоида бо бераѓбатӣ дар ҷудо кардани неру ва вақт барои тарбияи фарзанд иртибот дорад. Ҳолате мешавад, ки падар пас аз кор мехоҳад тамоми шаб дар назди телевизион биншинад, ҳатто дар бораи он фикр намекунад, ки дар ин вақт писар ё духтари ӯ дар куҷоянд. Ин нуқтаи беаҳаммият нест, агар он далелро ба назар гирем, ки тақрибан нисфи ҳуқуқвайронкуниҳо аз тарафи наврасон баъди соат 22 вақте ки падару модарон дар хона мебошанд, содир карда мешаванд. Маълум аст, ки барои писарбачаҳо намунаи падар аз аҳаммияти вижа бархӯрдор мебошад. Ҳатто ҳангоми бомасъулият муносибат кардани модар ба тарбияи фарзандон рафтори бадахлоқонаи падар метавонад тамоми саъю кӯшиши модарро барбод диҳад.

Махсусан, истеъмоли нӯшокиҳои зараррасон аз тарафи калонсолон дар оила метавонад ба фарзандон таъсири фалокатбор расонад. Бо мурури замон чунин тарзи зиндагӣ барои наврасон ба меъёри рафтор мубаддал мегардад. Ҳолатҳое мешавад, ки волидон усули тарбияи ғайриахлоқӣ ва зиддиҳуқуқии таҳқиркунандаи эътибори инсон занукӯб ва таҳқирро ба кор мебаранд. Бо бераҳмию сангдилӣ наметавон некӯӣ, башардӯстӣ, муносибати боэҳтиромона ба инсонро тарбия намуд. Ғайр аз ин, чунин тарбия дар хонавода вазъияти тезутундро ба вуҷуд меоварад, боиси пайдоиши кинаю адовати кӯдакони хурдсол ба калонсолон мегардад. Дар натиҷа  кӯдакони хурдсол бо мақсади халос шудан аз фармонравоии чунин волидон ба оворагардӣ одат карда аз хона фирор мекунанд. Албата муносибатҳои номуътадили ихтилофноки падару модарон боиси тарк кардани хона ва фирор кардани кӯдакони хӯрдсол ва дури ҷустан аз оила мегардад. Ҳамаи ин падидаҳои манфӣ бояд дар

шароити раванди таълиму тарбия, на танҳо дар мактаб ва дар оила, инчунин дар ҷомеа ҳам бартараф карда шаванд.

Қонунгузории амалкунанда барои дар ҳар гуна ҳолат таъмин намудани тарбияи дурусти кӯдакон ва наврасон имкониятҳои васеъро фароҳам овардааст. Ҳамеша бояд дар хотир дошт, ки дар кори тарбия бисёр чизҳо ба фаъолнокии омӯзгорон, шаҳрвандон, муассисаҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ, волидон вобастагӣ дорад, зеро онҳо бояд ҳуқуқи кӯдаконро ҳимоя намоянд сифатҳои ахлоқии онҳоро дар руҳияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ баланд бардоранд.

## ХУЛОСА

1. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ошкор карда шуд, ки хонандагон таҷрибаи башарӣ, анъанаҳо ва эҷодиёти шифоҳии халқи тоҷикро азхуд намуда, асосҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазириро меомӯзанд. Аз ин рӯ муаллиф лозим донист, ки тарбияи ин сифатҳо дар машғулиятҳои синфӣ ва беруназсинфӣ бештар ба роҳ монда шавад, зеро ин ба рушди ҳавасмандии фаннӣ мусоидат мекунад [2-М].

2. Омӯзгорон бояд дар бораи сифатҳои ахлоқии хонандагон ва муносибати онҳо ба ҳаёт тасаввурот дошта бошанд. Аз ин лиҳоз муаллиф лозим медонад, ки омодагии хуби омӯзгорон барои истифодаи шаклҳо ва методҳои тарбияи муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ муҳим аст [4-М].

3. Тавассути вазифагузориҳои тарбиявӣ муносибати мусбатро ба ин сифатҳо тарбия намудан мумкин аст ва онҳоро дар раванди тарбия калидӣ ҳисоб кардан лозим аст. Вижагиҳои синнусолии хонандагон ба тарбияи бомуваффақият мусоидат мекунанд [12-М].

4. Тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бидуни роҳбарии омӯзгор ва ҷалби волидон ғайриимкон аст. Дар ин раванд муаллиф тавсия медиҳад, ки коллективи

педагогӣ бояд шаклҳои дастаҷамъии кор бо хонандагонро дар дохил ва беруни мактаб истифода барад ва ба оила таъсири мусбат расонад. Истифодаи равишҳои муосири психологию педагогӣ барои ташаккули муносибати мусбат ба ватандӯстӣ ва дигар сифатҳои ахлоқӣ муҳим аст [22-М].

5. Қонуниятҳои педагогӣ ба тарбияи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат мекунанд. Дар тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ, асарҳои классикони адабиёти тоҷику форс, фолклор ва анъанаҳои халқӣ нақши муҳим доранд, зеро онҳо ба тарбияи ҳувияти умумифарҳангӣ ва этникӣ мусоидат мекунанд [20-М].

6. Ташаккули муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ масъалаи пешбари сифати таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад [26-М].

7. Дар кишвар стандартҳои нави таҳсилот ҷорӣ шуда, масъалаи тарбияи ватандӯстӣ, фарҳанги сулҳ ва таҳаммулпазирӣ муҳим мегардад. Таҳқиқот дар мактабҳои шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб нишон дод, ки хонандагони синфҳои ибтидоӣ асосҳои таҷрибаи илмӣ, ахлоқӣ ва ғайраро азхуд мекунанд [27-М].

8. Ташаккули муносибати мусбат ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар хонандагон танҳо дар раванди ташкили ҳадафмандонаи таълиму тарбия имконпазир аст. Дар тарбияи сифатҳои калидии шахсӣ аҳамияти асосӣ ба кунҷковӣ ва эҷоди шавқу рағбат дода мешавад. Барои истифодаи шаклҳои гуногуни фаъолияти дастаҷамъӣ омодагии ҷиддии омӯзгорон зарур аст [2-М].

9. Ташкил ва гузаронидани дарс-бозиҳо ва корҳои мустақилонаи хонандагон низоми таълимиро фаро мегирад, ки сифатҳои ахлоқӣ ва қобилиятҳои маърифатии хонандагони синфҳои ибтидоиро рушд медиҳад. Ин нуқтаро муаллиф дар натиҷаҳои кори таҳқиқотию таҷрибавии солҳои 2017-2023 дар шаҳрҳои Душанбе ва Кӯлоб самаранокии тарбия ва рушди муносибати мусбати хонандагонро ба ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ исбот менамоянд [3-М].

